АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ
БА НОМИ А.М. БАҲОВАДДИНОВ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ - 340.1 (091)+321.01**
**ТКБ - 67.3+67.99 (2) 0**
**А - 51**

**АЛИНАЗАРОВА КИФОЯТ ҒУЛОМНАЗАРОВНА**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИҲОДҲОИ АМАЛИСОЗАНДАИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ – ҲУҚУҚӢ ДАР МИСОЛИ БАДАХШОН

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Буризода Эмомалӣ Бозор

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**................3
**МУҚАДДИМА**.........................................................................................................4-21
**БОБИ I. МАФҲУМИ АДОЛАТИ СУДӢ, ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ НИҲОДҲОИ АМАЛИСОЗАНДАИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**.........................................................................................................22
1.1. Мафҳум ва мазмуни адолати судӣ, ниҳодҳои амалисозандаи ҳокимияти судӣ.........................................................................................................22-36
1.2. Даврабандии таърихи пайдоиш ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон.........................................................................................................37-50
1.3. Сарчашмаҳои ҳуқуқии амалисозии адолати судӣ..................................................51-66
**БОБИ II. ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НИҲОДҲОИ АМАЛИСОЗАНДАИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР МИНТАҚАИ БАДАХШОНИ ТОҶИКИСТОН**.............67
2.1. Судя (қозӣ) ниҳоди давлатии амалисозандаи адолати судӣ дар Бадахшони тошуравӣ.........................................................................................................67-87
2.2. Ниҳодҳои ҷамъиятии ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ва амалисозандаи адолати судӣ дар ҳудуди Бадахшони тошуравӣ.........................................................................................................88-104
2.3. Ниҳодҳои анъанавии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон.......................105-115
2.4. Ниҳодҳои маъмурии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон.......................116-127
2.5. Ниҳодҳои мустамликавии ҳарбии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон128-136
**БОБИ III. ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ДАВРАИ ШУРАВӢ, ТОҶИКИСТОНИ МУСТАҚИЛ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН**...........................................................137
3.1. Ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии ВМКБ дар ҳайати ҶШС Тоҷикистон.........................................................................................................137-178
3.2. Масъалаҳои амалигардонии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дурнамои рушди он……………......…......…………...............................…..............179-200
**ХУЛОСА**……………………..………………..………..........................................201-207
**ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ**.........................................................................................................208-209
**РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**..................................................210-232
**ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДАР МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ**.........................................................................................................233-236

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМИТ** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**п.а.м –** пеш аз милод

**ВМКБ –** Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон

**КОА –** Комиссияи олии аттестатсионӣ

**КИМ –** Комиссияи иҷроияи марказӣ

**КФД –** Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ

**ҶШХБ –** Ҷумҳурии Шуравии Халқии Бухоро

**ҶШСБ –** Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Бухоро

**б)** – бюро

**ҶШФСР –** Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сосиалистии Россия

**ҶШСТ –** Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалисти

**ВАО –** Васоити ахбори омма

**ШО ҶШСТ** – Шурои олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ШКХ ҶМШС –** Шурои комиссариати халқии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як нуқтаи муҳимро мунтазам қайд мекунанд, ки «ба фарҳанги гузаштагон рӯй овардан набояд ба инкор кардани арзишҳои умумибашарӣ, ғурури ноҷо, кундфаҳмӣ, муқобилгузории фарҳангҳо, анъанаҳои дигар миллату қавмҳо, аз ҷумла муқобилгузории фарҳанги то исломӣ бо фарҳанги исломии халқи мо боис гардад» [1, с.172]. Ин ва дигар таъкидҳои Пешвои миллат заминаи устувори рӯ овардан ба фарҳанги миллӣ, махсусан фарҳанги ҳуқуқии миллати тоҷик гашта, дар баробари рушди самту соҳаҳои муосири илм, омӯзиши саҳифаҳои дурахшони таърихи давлатдорӣ ва ҳуқуқи ниёгонро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии ниҳодҳо ва масоили вобаста ба амалисозии адолати судӣ яке аз масоили мубрамми таҳқиқоти илми ватанӣ ба шумор меравад.

Таҳқиқи таърихи фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ аз давраи қадим то замони муосир масъалаи муҳими илмӣ маҳсуб ёфта, мубрамияти он аз фаъолияти рӯзмарраи ниҳодҳои судӣ ва нақши онҳо дар низоми ҳокимияти давлатӣ, ҳаёти инсон ва ҷомеа бармеояд. Омузиши масоили вобаста ба амалисозии адолати судӣ ва махсусан ниҳодҳои амалисозандаи он на танҳо барои донистани таърих, балки беҳтар намудани шароити фаъолияти ин ниҳодҳо, ташаккулу таҳкими мақоми ҳуқуқии онҳо, рушди сохтори ниҳодҳои мазкур ва қонунгузории амалкунанда бағоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти судҳои Тоҷикистон дар гузашта ва имрӯз дар амалисозии адолати судӣ на танҳо хусусияти функсионалии ниҳодҳои мазкурро инъикос мекунад, балки ҷанбаҳои мақоми ҳуқуқӣ, салоҳияти махсуси онҳоро ҳамчун субъекти асосии амалисозандаи адолати судӣ ошкор менамояд. Аз ҷониби дигар, вазъи ҳуқуқии ниҳодҳои судиро оид ба таъмини адолати судӣ таҳлил намуда, имрӯз нақши мақомоти мазкурро дар таъмину ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон

ва шаҳрванд бояд баррасӣ кард. Дар умум, баррасии масоили вобаста ба инъикоси таърихии фаъолияти мақомоти судӣ, адолати судӣ, ниҳодҳо ва зинаҳои гуногуни сохтори судҳо барои рушди ниҳодҳои давлатдорӣ хизмат намуда, яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масоили гузошташуда, таърихи ниҳодҳои татбиқи адолати судӣ, мурофиаи мубоҳисавӣ, баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиа бешубҳа мавзуи мубрами илмӣ буда, ҷанбаҳои таърихии фаъолияти судро дар ин самти илм ошкор менамояд.

Боиси қайд аст, ки оид ба фаъолияти ниҳодҳои адолати судӣ дар осори таърихиву ҳуқуқӣ, осори гузаштагони мо ва муҳаққиқони муосир андешаҳои судманд ва баҳодиҳиҳои объективона сурат гирифта, оид ба такмили онҳо пешниҳоду тавсияҳо дода шудаанд. Аз ин хотир андешаҳои муҳаққиқон дар мавзуи ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон ва махсусияти фаъолияти онҳо қисми муҳими таҳқиқоти ниҳодҳои адолати судӣ ва низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, аз ҷониби дигар, таҳқиқоти мо ташаккул ва рушди фаъолияти судҳоро дар таҷрибаи амалии ниҳодҳои судии ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Хусусияти масъалагузории мавзуи мазкур дар он аст, ки омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои судии Тоҷикистон марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва низомҳои гуногуни судиро дар бар гирифта, ки ҳар яке моҳият, сохтор ва усулҳои фаъолияти хоси худро дошта, аз ҷумла таҳлили фаъолияти судҳои қозӣ ниҳодҳои ҷамъиятии баррасии баҳсҳо, судҳои халқӣ (солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ), судҳои давраи Шуравӣ ва давраи Истиқлолият дар оянда метавонад барои ташаккулу такомули минбаъдаи фаъолияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон  хизмати арзанда намояд.

Мубрамияти мавзуъ махсусан ба доираи мавриди омӯзиши таърихи адолати судии Бадахшон низ алоқамандӣ дошта, таҳлилҳо баёнгари он мебошанд, ки як қатор махсусият на танҳо ба  ниҳодҳои судӣ, балки ба фаъолияти амали онҳо, ичунин иштирокчиёни мурофаи судӣ низ дар ин минтақа хос будааст. Ошкор намудани баъзе хусусияти ташкилӣ,

амалияву таҷрибаи судӣ, инчунин, ҳолати иҷроиши қарорҳои судӣ – робитаи байни назария ва амалияи қабули санадҳои судиро инъикос мекунад. Ошкор сохтани ин махсусият метавонад барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти судӣ, муқаррар ва мустаҳкам кардани салоҳияти онҳо дар давраҳои гуногуни рушди таърихӣ, баҳисобгирии таҷрибаи онҳо дар ташкили давлатдорӣ ва ҷомеаи ягонаи маданӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, таҳкими ваҳдату ягонагии халқу ниҳодҳои давлатӣ мусоидат намояд.

Ҳангоми пайдо намудани шиносоӣ бо вазъи амалисозии адолати судӣ дар минтақаҳои дурдасти Бадахшони тошуравӣ, ошкор гардид, ки дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Аморати Бухоро меъёрҳои динӣ - ахлоқӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсири бештар дошта, онҳо яке аз сарчашмаҳои асосии мурофиавӣ маҳсуб мешуданд. Омӯзиши равандҳои рушди ин муносибатҳо, ошкор намудани таносуби байни мақоми судӣ ва ниҳодҳои дигари ҷамъиятии машғул ба баррасии баҳсҳои гуногун, аз ҷумла баҳсҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа, омӯзиши дақиқи муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни ҷомеа дар муносибатҳои мурофиавӣ масъаларо боз ҳам мубрам мегардонад.

Мавзуи мазкур ҳамчунин вобаста ба афзоиши нақши низоми судӣ дар давлатдории муосири тоҷикон мубрам гардидааст, зеро ҳокимияти судӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, дар низоми ҳокимияти давлатии Тоҷикистон мақоми хоси худро ишғол мекунад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди мақомоти амалисозандаи адолати судӣ дар миқёси як минтақаи ҷумҳурӣ барои боз ҳам ғанӣ гардонидани илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, назарияи он, методологияи соҳавӣ ва таърихи рушди ниҳодҳои адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муайян хоҳад гузошт, зеро гуногунии таърихи рушди ниҳодҳо омӯзиши масъаларо ҷолиб гардонида, таҷрибаи гуногуни ҳалли масоили пешомадаро барои мо ошкор месозад, ки дар дурнамо истифодаи он метавонад мубрам гардад. Аз ҷониби дигар, ошкор гардидани камбудиҳои соҳа дар таърихи рушд ва то имрӯз барои

ислоҳ намудани вазъи он, бартараф кардан ва ё имкони истифодаи хусусиятҳои минтақавӣ дар фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ хизмат намуда, барои беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти онҳо роҳ мекушояд.

Бинобар ин зарур аст, ки моҳияти илмӣ-амалии низоми судӣ дар шароити ҷомеаи тошуравӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Вобаста ба ин муайянсозии шакл, усул ва услубҳои фаъолияти судҳо дар марҳилаҳои гуногуни давлатдории тоҷикон аҳамияти муҳими назариявӣ – таърихӣ дошта, таҳлили муқоисавии ду низоми таъмини адолати судӣ: судҳои Тоҷикистон аз давраи солҳои аввали давлатдории Шуравӣ ва давраи гузариш аз низоми суди қозӣ ба низоми нави суди шуравиро тақозо менамояд. Зарур аст, ки фаъолияти ҳуқуқии ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Бадахшон таҳлил шуда, давраҳо ва самти фаъолияти онҳо ва фарқияти кори ҳуқуқии онҳо аз қозиён мушаххас карда шавад.

Таҳқиқи мавзуъ на танҳо рушди суд дар марҳилаҳои гуногуни таърихи Тоҷикистон, балки мақомоти судӣ дар робита бо дигар мақомоти давлатиро бояд фаро гирад, ки ин тарзи омӯзиш барои баҳои объективӣ додан ба мавқеи мақомоти судии минтақаи Бадахшон имконият фароҳам меорад.

Дар илми ҳуқуқи ватанӣ ҷанбаҳои таърихӣ – ҳуқуқии ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон, бахусус махсусиятҳои минтақавии ин ниҳод ҳануз ба таври мукаммал мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст, ки ин омил асоси интихоби мавзуи мазкур ва далели аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани он барои илми ҳуқуқи муосири ватанӣ мебошад.

Таҳқиқи мавзуи зикргардида доктринаи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлатро ғанӣ намуда, холигиҳоро дар омӯзиши таъриху усулҳои фаъолияти ниҳодҳои судии Тоҷикистон дар ҳудуди Бадахшон ва дар маҷмуъ дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ пурра менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ:** Масоили вобаста ба ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон ба таври умумӣ аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик: Ф.Т.Тоҳиров [172-179], Э.Б.Буризода [63-71], Ф.М. Абдулхонов [202], Р.С. Одиназода [171, 241], Н.Д. Мирзозода [229], Х.Г. Мирзамонзода [90], мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтаанд.

Оид ба фаъолияти ниҳодҳои судии Бадахшони Тоҷикистон танҳо баъзе иттилооти маҳдуд дар таҳқиқотҳои илмӣ -соҳавии муҳаққиқон ва дар сарчашмаҳои илмӣ – оммавӣ дарҷ ёфтааст.

Аввалин маълумотҳо доир ба ниҳодҳои судии Бадахшони Тоҷикистон дар сарчашмаҳои мавҷуда ба асри XIX таалуқ доранд. Аз ҷумла, дар китоби муаллифон Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар бо унвони “Таърихи Бадахшон” оид ба тартиби идоракунии Бадахшон дар давраи асрҳои XVII-XIX маълумоти арзишманде оварда, фаъолияти шоҳигариҳои Бадахшон, фаъолияти қозиҳоро дар доираи низоми адолати иҷтимоӣ баррасӣ менамоянд [141, с. 105]. Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ дар дарбори ҳокими Бадахшон Муҳаммадшоҳ ибни Мир Султоншоҳ вазифаи мирзоиро ба уҳда дошта, воқеаҳои таърихӣ ва давлатиро бо назм баён намудааст. Муқаддимаи муфассал ва тавзеҳоти арзишмандро ба тарҷумаи китоби «Таърихи Бадахшон»-и шарқшиноси рус А.Н Болдирев навиштааст [58, с. 180]. Инчунин аз манбаҳои давраи асри XIX китоби «Қатаған ва Бадахшон»-и Бурҳониддини Кушкакиро бояд ёдрас шуд, ки нусхаи он дар Бойгонии таърихии ВМКБ қарор дорад [12]. Ҳамчунин воқеаҳои давраи асри XVII-XIX дар асари Шоҳфитур Муҳаббатшоҳзода ва Охон Сулаймон бо номи “Таърихи Бадахшон” баррасӣ гардидаанд. Дар ин китоб муаллифон сохти давлатдорӣ ва аз он ҷумла амали қонунро дар се давра: 1) дар давраи сарпарастии аморати Бухоро аз тарафи Руссия дар ҳудуди минтақаи Бадахшон ва давраи ҳокимияти Шуравӣ дар Бадахшони Тоҷикистон таҳлил намуданд [193, с. 65]; 2) дар давраи охири асри XIX,ки таҳқиқоти олимон ва сайёҳони рус ба сарзамини Бадахшон оғоз

гардида,дар натиҷаи он оид ба сохти ҳуқуқии минтақа иттилооти зиёд аз ҷониби олимони рус руйи кор омаданд [59, с. 30]. Асарҳои зикршуда барои таҳқиқоти мазкур аҳамияти муҳими илмӣ-таърихӣ доранд.

Иттилоот оид ба фаъолияти ниҳоди қозӣ ва салоҳияти ӯ, низоми маҳкама ва ҷазодиҳӣ дар китобҳои таҳқиқотчии машҳури таърихи халқи тоҷик А.А. Семёнов [236,с. 14] ва дигар олимони рус ҷамъоварӣ шудааст, ки бевосита барои таҳқиқоти мазкур аҳамияти методологӣ доранд. Оид ба вазифаҳои Қозикалон, мақоми ҳуқуқии ӯ, мансубияти авлодию хонаводагии қозикалонҳо, фаъолияти қозиҳо дар ҳамкорӣ бо мир, амлокдор, қушбегӣ, ақсақол ва муфтӣ, порахӯрии ин мансабдорон, шаклҳои ҷазо, таъини муфтиҳо ва вазифаҳои онҳо мардумшиноси маъруфи Шуравӣ Н. А. Кисляков дар осораш маълумоти пурарзиши илмӣ додааст [228,с.14-15].Таҷрибаи ҳаёти динӣ-ҳуқуқии мардуми Помирро дар мисоли мардуми водии Хуф муҳаққиқ М.С Андреев дар асарашон “Таджики долины Хуф” ба таври муфассал омӯхтааст [45, с. 450]. Фаъолияти пирон ва рӯҳониён дар самти таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар монографияи Ҳоҷибеков Э. дар шакли генеалогия ва таърихи институти пирҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст [189, с. 25].

Омӯзиши мавзуи қонунгузории давраи тошуравии Кӯҳистони Помир дар доираи таърихи низоми судии Тоҷикистон дар асарҳои ҳуқуқшиносон, академик Ф.Т. Тоҳиров [220, с. 161] ҳуқуқи тоисломӣ ва давраи Зардушт, ки боқимондаи он то ба имрӯз дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон мушоҳида мегардад, дар асарҳои илмии Э.Б.Буризода, [63, с. 188] ва А. Ғ. Холиқзода [185, с. 151] таҳқиқи илмӣ гардидааст.

Фаъолияти низоми судӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Шуравӣ аз тарафи олимони шинохтаи ватанӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ Г.С. Азизкулова [48, с. 96], З.М. Ализода [214, с. 21-28], У. А. Азизов [218, с. 22], И.Ҳ. Бобоҷонзода [203], Ҷ.М. Зоир [95], А.М. Диноршоҳ [94], С.И. Иброҳимов [225, с. 55], З.Ҳ. Искандаров [99, с. 136], М.А. Маҳмудзода [126], К.Д. Митюкова [127, с. 135], А.Р. Неъматов [204], Х.Ғ. Мирзамонзода [90], С.А. Раҷабов [153, с. 110], Ф.Т. Тоҳиров [205],

Р.Ш. Шарофзода [163, с. 32-38], А.Ғ. Холиқзода [185], Б.А. Сафарзода [206, с. 22], И.Д. Сафаров [237, с. 1-13], Н.Р. Шодиев [211], Ш.Разиқов [201], Р.С. Одиназода [146, с. 22], М.Н. Обидова [207] ва дигар олимон омӯхта шудаанд. Осори олимони Руссия, махсусан М.Н. Марченко мавриди зикр аст, ки мактабҳои мухталифи ҳуқуқи судиро дар мактабҳои мухталифи ҳуқуқӣ таҳлил намуда, адолати судиро аз нуқтаи назари судҳои замони муосир ба муҳокима мегузорад [128, с. 268].

Аз тарафи В.Г. Ярославсев ниҳоди судӣ дар доираи алоқамандии он бо дин, фалсафа ва назарияи ҳуқуқ таҳлил шудааст.Мавсуф аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии судҳоро муҳим мешуморад ва судяро ҳамчун «эҷодкор» муаррифӣ мекунад, ки чунин раванд судяро бо ниҳоди қонунбарор баробар мекунад [199]. Новобаста ба таҳқиқоти зиёди илмӣ дар масоили умумии амалисозии адолати судӣ, ин таҳқиқотҳо хусусиятҳои минтақавии ниҳодҳои судӣ дар давраҳои таърихӣ ва амалияи судӣ, бахусус дар минтақаи Бадахшонро фаро нагирифтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур дар доираи таҳқиқи ташаккул ва рушди низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар масири корҳои илмӣ ва таҳлилҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, як қисми муҳими барномаҳои илмии Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро дар мавзуи “Суннатҳои давлатдорӣ ва ҳуқуқии халқи тоҷик: таърих ва имрӯз (солҳои 2008-2012)”, «Фарҳанги ҳуқуқии ниёгон ва нақши он дар ташаккули ҳуқуқ ва давлатдории муосири тоҷикон» (барои солҳои 2023– 2027 ташкил медиҳад. Таҳқиқот инчунин дар заминаи мавзуи илмии таҳқиқотии шуъба таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**: Ҳадафи таҳқиқоти илмии мазкур омӯзишу таҳлили масоили таърихӣ-ҳуқуқии таъсисёбӣ ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистони тошуравӣ, шуравӣ ва

пасошуравӣ (дар мисол Бадахшон), муайян намудани хусусияти амали ниҳодҳои судӣ ва инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти амалии судҳо дар замони муосир мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амали намудани мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин дар назди муҳаққиқ гузошта шуданд:

– муайян намудани мафҳуми адолати судӣ, аз ҷумла бо назардошти ниҳодҳои баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар таърихи миллати тоҷик;

– даврабандӣ намудани таърихи таъсисёбӣ ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон ва ҳудуди Бадахшон;

– таҳлили фаъолияти судҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлатдории тоҷикон;

– ошкор намудани ҷанба ва хусусиятҳои хоси амали ниҳодҳои адолати судӣ дар ҳудуди Бадахшон, мақом ва мансабдороне, ки ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул буданд;

– таҳқиқи фаъолияти қозӣ ва ниҳодҳои дигари баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди Бадахшон;

– таҳлили низоми судии давраи шуравӣ ва марҳилаи истиқлолияти ҶТ;

– таҳия намудани пешниҳоду тавсияҳо барои тарғиби омӯзиши таърихи суд, ташаккули қонунгузорӣ ва таҳкими амалияи судӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба ташкилу фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ, махсусият ва мазмуни онҳо ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ ва баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди Бадахшон, хусусиятҳои танзими меъёрии фаъолияти онҳо, таъсиси судҳои тоинқилобӣ, шӯравӣ ва марҳилаи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур омӯзиши рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судиро дар

Тоҷикистон дар асоси қонунгузории навини Тоҷикистон дар бар гирифта аз марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоии диссертатсия, муҳокимаи он дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иборат мебошад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2012-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори илмии олимон – ҳуқуқшиносони ватанӣ: Г.С. Азизқулова, З.А. Азиззода, Э.Б. Буризода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Х.М. Мирзамонзода, Ҷ.М. Зоир, С.И. Иброҳимов, М.А. Маҳмудзода, Р.С. Одиназода, М. Д. Обидов, Ш. Розиқов, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, Р.Ш. Шарофзода, И.Р. Шодизода, С.А. Шоназаров, Н.Д. Мирзозода, А.Г. Холиқзода, З.М. Ярашев, Ф.М. Абдулхонов ва дигарон инчунин асарҳои назариячиёни ҳуқуқи рус В.П. Нажимов, В.И. Дал, О.В. Левченко, Б.Н. Топорин, А.В. Долгушин, И.Л. Петрухин, З.С. Лусегенова, Е.В. Рябцева, В.М. Борзов, В.Ю. Мельников, Л.В. Винницкий, О.А. Мядзелец ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ (диалектикӣ, сохторӣ-функсионалӣ ва зоҳирӣ-мантиқӣ) ва махсуси ҳуқуқӣ (муқоисавӣ ва ҳуқуқӣ-догматикӣ) ташкил мекунанд.

Усули диалектикӣ имкон дод, то рушди амалисозандаи ниҳодҳои адолати судӣ дар матни шаклҳои гуногуни фаҳмиши ҳуқуқӣ баррасӣ гарданд ва фарқияти онҳо аз ниҳодҳои дигари судӣ нишон дода шавад; унсурҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ дар мундариҷаи амалисозандаи адолати судӣ ошкор карда шаванд ва фаҳмиши назарӣ ва татбиқи амалии онҳо муқоиса гардида, тамоюлҳои умумӣ дар раванди амалисозии ниҳодҳои судӣ муайян карда шаванд.

Усули сохтори-функсионалӣ ҳангоми ташкили низоми ниҳодҳои судӣ ва асосноксозии нақши ҳар кадоми онҳо истифода гардид.

Усули зоҳирӣ-мантиқӣ ҳангоми таҳлили равишҳои гуногун дар дарки ниҳоди амалисозии адолати судӣ ба кор бурда шуд.

Усули муқоисавӣ дар ошкор сохтани вижагиҳои амалисозии адолти судӣ дар муносибаҳое, ки аз ҷониби соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ ба танзим даровардa мешаванд, истифода гардид.

Усулҳои ҳуқуқӣ-догматикӣ дар раванди омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари ифодаёбии ниҳодҳои судӣ ва бо далелҳои исботшуда дар онҳо мавриди истифода қарор гирифт.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории амалкунанда, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии амалкунанда ва таърихӣ, аз ҷумла одату анъанаҳои маҳал дар Бадахшон, маводи бойгонӣ, парвандаҳо ва қарору ҳукми судяҳои давраи таҳқиқ(1880-1991), ҳисоботи судҳо оид ба фаъолият(1926-1991), инчунин қонунгузории дигар давлатҳо ва таҷрибаи судӣ заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро ташкил доданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нахустин маротиба моҳият ва хусусиятҳои таърихӣ – ҳуқуқии ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Бадахшони Тоҷикистон ошкор шуда, он ҳамчун ниҳоди анъанавии адолати судӣ дар давраҳои таърихӣ бо амалияи ба худ хос дар баррасии баҳсҳои судӣ муайян гардидааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур таърихи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Бадахшон инъикоси пурраи худро пайдо намуда, вобаста ба хусусиятҳои хоси ҳар як давра хулосаҳои асосноки илмӣ пешниҳод шудааст. Бо такя ба манбаҳои таърихӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, аввалин маротиба кушиши таҳлилу мураттабсозии таърихи мукаммали фаъолияти судҳо дар Бадахшон анҷом дода шуда, таърихи рушди ниҳодҳои судӣ дар ин минтақаи Тоҷикистон даврабандӣ гардидааст. Дар таҳқиқот махсусияти амали ниҳодҳо ва сарчашмаҳои одатӣ, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи Шӯравӣ ва муосир, инчунин таносуби байниҳамдигарии онҳо дар мисоли амали онҳо дар Бадахшон ошкор карда шудааст.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот дарҷёфта, метавонанд барои такмили минбаъдаи доктринаи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар омузиши ниҳодҳои судии анъанавии Тоҷикистон, рушди ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи адолати судӣ мусоидат намоянд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои илмии зерин барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

1. Муайян карда шуд, ки дар минтақаи Бадахшони тошуравӣ, ниҳодҳои баррасии баҳсҳои судӣ аз ниҳодҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, динӣ, ҳарбӣ-мустамликавӣ иборат буданд ва ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии ин ниҳодҳо - меъёрҳои одатҳои маҳаллӣ, анъанаҳо, дар мавридҳои зарурӣ - меъёрҳои ҳуқуқи ислом, қонунгузории Русия мавриди истифода буданд. Таҳлили таносуб ва тазодҳои мавҷудаи амалисозии адолати судӣ аз ҷониби дастаи ҳарбии Россия, қозӣ ва маъмурияти амири Бухоро дар Бадахшон ва таҷрибаи амалисозии онҳо нишон дод, ки мақомоти ҳарбии Русия дар Бадахшон ба салоҳияти амалисозии адолати судӣ аз ҷониби судяи давлатӣ дахолат намуда, мустақилона баҳсҳои ҳуқуқиро баррасӣ менамуд.

Ошкор карда шуд, ки дар давраи тошуравӣ дар низоми адолати судӣ, мақоми аз ҳама бонуфузро ниҳодҳои қозӣ, руҳониёни маҳаллӣ (пир, халифа), сардори дастаи ҳарбии Россия дар Хоруғ ташкил медоданд, ки дар ҳалли баҳсу низоҳои гуногун иштирок мекарданд. Бо устувор гаштани ҳокимияти Аморати Бухоро дар ҳудуди Куҳистони Бадахшон баррасии баҳсҳои ҳуқуқиро асосан қозиҳо, ки аз ҷониби Амири Бухоро ба вазифа тайин мешуданд, амалӣ мекарданд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҷрибаи судии Тоҷикистони тошуравӣ ва минтақаи Бадахшон дефинитсияҳои “амалисозии адолати судӣ” ва “адолати судӣ” таҳия карда шудаанд, ки ба назари мо барои такмили дастгоҳи мафҳумии институти адолати судӣ муносибанд: “**Амалисозии адолати судӣ** - раванди ҳуқуқие мебошад, ки

марҳилаи тосудӣ, судӣ ва дигар марҳилаҳои шикоятиву назоратиро дар бар гирифта, моҳиятан аз ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои тарафҳои баҳс иборат мебошад”;**“Адолати судӣ** – фаъолияти ба муқаррарсозии ҳақиқат дар баҳсҳои ҳуқуқӣ ва моҳиятан ҳал намудани онҳо равонашуда аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони ваколатдор, дар баъзе мавридҳо ашхоси ваколатдорнашудаи маъмурӣ, динӣ ва ҳарбӣ, аз ҷумла шахсони муътабар аст, ки донандаи меъёрҳои ҳуқуқ, қонунгузорӣ, анъана ва одатҳои ҳуқуқии маҳал мебошанд”.

2. Чунин даврабандии рушди низоми адолати судӣ ва ниҳодҳои он дар ҳудуди минтақаи Бадахшон пешниҳод мегардад:

1) Марҳилаи пайдоиш ва рушди низоми судӣ, ки дараҷаи баланди он қабули Эъломияи Куруши Кабир (515 п.а.м.) буд, ки бори нахуст қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи инсон шакли зоҳирии маҷмуӣ ва хаттӣ гирифта дар асоси ҳамин адолати судӣ низ такмил ёфта, дорои принсипҳои муайяни ҳуқуқӣ гардид;

2) Марҳилаи мавриди амал гардидани меъёрҳои «Авесто» ва умуман ҳуқуқи зардуштӣ, ниҳодҳои судии ориёӣ-зардуштӣ дар минтақаи Осиёи Миёна ва Хуросон, то замони қонунҳои Деваштич ва ҳуҷуми арабҳо ба ин сарзамин (асри VIII) давом дошт ва дар ин давра адолати судӣ аз руи арзишҳои авастоӣ амалӣ мешуд, ки бевосита дар ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ ва қонунҳои Деваштич низ инъикос ёфта буд;

3) Марҳилаи амали низоми судии исломӣ;

4) Марҳилаи мавҷудияти ҳуқуқ ва низоми судии давраи гузариш.

5) Марҳилаи ҳуқуқ ва низоми судии Шуравӣ ва фаъолият дар асоси таълимоти оилаи ҳуқуқии романо - олмонӣ;

6) Давраи амали қонунгузорӣ ва ниҳодҳои судии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1991 то имрӯз.

Ниҳодҳои баррасикунандаи баҳсҳои ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои номбаршуда аз ҳамдигар фарқ дошта, махсусияти ба худ хосро доштанд. Як қатор махсусиятҳо дар фаъолияти мақомоти адолати судӣ дар ҳудуди Бадахшон мушоҳида мешуд. Дар марҳилаи дуюму сеюм – марҳилаи суди

қозӣ дар Бадахшон асосан суди анъанавӣ – суди пиру халифаҳо амал мекард. Махсусияти дигар, дар марҳилаи гузариши тошуравӣ, яке аз муҳимтарин субъектҳое, ки аҳолӣ барои баррасии баҳсҳои судӣ ба он мурочиат менамуданд, ин намояндагони артиши Россия дар Бадахшон (сардорони дастаҳои ҳарбӣ) буданд.

3. Таъсиси давлати Шуравӣ ва барпо шудани Ҷумҳурии мухтори шуравию сотсиалистии Тоҷикистон, минбаъд ҳамчун ҷумҳурии мустақил эътироф шудани он низоми нави сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодҳои нави адолати судиро ба вуҷуд овард. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ниҳодҳои нави судӣ декретҳо оид ба суд ва як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҳокимияти нави шуравӣ гардиданд. Дар ин марҳила то солҳои 1928-1929 қисман судҳои қозӣ баррасии баъзе аз намуди баҳсҳоро давом медоданд, ки сабаби он дертар дастрас шудани санадҳои ҳокимияти Шуравӣ ба ин минтақа буд ва танҳо соли 1929 дар ҳудуди Тоҷикистон ва вилоят судҳои қозигӣ барҳам дода шуда, суди шуравӣ ниҳоди ягонаи адолати судӣ дар ҳудуди вилоят гардид. Ба ин марҳилаи рушд ташкили суди нав (бо роҳи тайёр кардани кадрҳо, кушодани курсҳои таълимӣ дар судҳо, бо ивази алифбо, таълими алифбои нав, омӯзиши хусусиёти маҳал ва ҷиноятҳои дар Бадахшон), ислоҳоти судӣ (ислоҳот зинаҳои марказӣ - судҳои умумииттифоқӣ, Суди олии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии суди кишвар), ҳамкории мақомоти ҳизбӣ-мақомоти давлатӣ ва мақомоти судӣ дар такмил додани мақомоти судиро фаро мегирифт.

4. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон заминаи таҷдид ва ислоҳотҳои бузурги судӣ, аз ҷумла дар ҳудуди Тоҷикистони муосир ва ВМКБ гардида, дар заминаи рушди ҷомеа чор ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва воқеаҳои солҳои 90-ми асри XX боиси фалаҷ шудани низоми судии ҷумҳурӣ, бахусус тамоми сохторҳои давлатии Вилоятии Мухтори Куҳистони Бадахшон гардид. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки камбудиву норасоиҳо дар фаъолияти мақомоти судии Бадахшон, ки имрӯз вуҷуд

дорад, решаи амиқи таърихӣ дошта, дар марҳилаи шуравии рушд низ суди Бадахшон дар ҳолати ташаккулу такмил қарор дошт. Танҳо дар даҳсолаи охир фаъолияти судҳо дар ВМКБ ба таври муътадил ба роҳ монда мешавад. Таъсири манфии на танҳо воқеаҳои солҳои 90-ум, балки пештар аз он низ то имрӯз махсусан дар соҳаи ташкили кори суд, нарасидани судяҳои ботаҷриба, дар таъмини кафолату имкониятҳои фаъолияти судҳо эҳсос мегардад.

Омӯзиши ниҳодҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ махсусият ва қонунмандиҳои хоси рушди давлатдории тоҷиконро ошкор сохта, барои баҳои воқеӣ додан ба таърихи ҳокимияти давлатӣ ва мавқеи он дар масоили муҳими ҷомеа шароит фароҳам меоварад. Аз ин лиҳоз, ба назари мо зарур аст, ки таърихи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар кулли минтақаҳои кишвар ба таври комил ва бо фарогирии ҷанбаҳои гуногуни он мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шавад.

Бо назардошти таҷрибаи ниҳодҳои судӣ дар Бадахшони Тоҷикистон дар марҳилаҳои то истиқлолияти давлатии Тоҷикистон зарурати эҳё ва таъсиси институти судҳои анъанавӣ дар Тоҷикистон ва ба салоҳияти онҳо вогузор намудани ҳалли баъзе ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи хусусӣ ва оилавӣ, исбот карда мешавад. Дар робита ба ин, дар сатҳи қонунгузорӣ баррасӣ намудани масъалаи мазкур пешниҳод гардида, ба назари муаллиф институти судҳои анъанавӣ метавонад дар таъмини адолати судӣ саҳм гузошта, сарбории судҳо ва мушкилоти зиёди мавҷударо дар ҳалли баҳсҳо дар маҳаллҳо бартараф намояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назарии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки нуқтаҳои назариявӣ ва хулосаҳои баёнёфта як қатор фаслҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро рушд ва такмил медиҳанд, инчунин барои илмҳои соҳавии ҳуқуқшиносӣ ва дигар илмҳои башарӣ низ метавонанд ҳамчун асоси методологӣ хидмат намоянд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки тавсияҳои дар таҳқиқот пешниҳодгардида метавонанд татбиқи амалии худро дар фаъолияти минбаъдаи судҳо пайдо намоянд.Таҳқиқоти мазкур ҳамчун маводи дарсӣ барои донишҷуён дар соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, Фаъолияти судӣ, барои таҳқиқоти минбаъда дар мавзуи таърихи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи муҳим барои ғанӣ гардонидани донишҳои ҳуқуқӣ аз таърихи низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунад. Хулосаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар роҳи пешгирии ҷинояткорӣ ва қонуншиканӣ ҳамчун маводи таълимии ҳуқуқӣ истифода шуда метавонанд. Хулоса ва нуқтаҳои илмӣ ҳамчун сарчашмаи мубодилаи афкор ва таҳлили муқоисавии таҷрибаи судҳо, барои ташвиқ ва тарғиби фаъолияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити замони муосир метавонад истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар мақолаҳои илмии маҷаллаҳои тақризшаванда ва илмӣ нашр гардида, ҳамчунин дар маҷмӯаи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расида, дар заминаи далелу фактҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “ Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Куҳистони Бадахшон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти илмии ӯ, аз ҷумла таҳқиқоти таърихӣ – ҳуқуқӣ, нуқтаҳои илмии пешниҳодшуда ва хулосаҳо дастоварди муаллифи

диссертатсия буда, асосноккунӣ ва мубрамии худро дар мақолаҳои илмӣ, ҳисоботҳо, маърузаҳои дар чорабиниҳои илмӣ тасдиқи худро ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардида, дастовардҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзуъ дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва дигар чорабиниҳои илмӣ ба табъ расидаанд, аз ҷумла:

а) **байналмиллалӣ**

– Конференсияи илмии амалии байналмилалии «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар мавзуи «Таносуби низоми судӣ ва низоми мақомоти судӣ» ш. Душанбе,29 апрели соли 2023

– Конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ ва нақши он дар таъмини адолати судӣ». ш. Хоруғ, 13-14 июни соли 2023;

– Конференсияи байналмиллалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор», бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев дар мавзуи «Стратегияи сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самтиислоҳоти ҳуқуқӣ». – Хоруғ, 11-12 ноябри соли 2022.

– Конференсияи VI-уми байналмилалии илмӣ-назариявии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон», маърӯза дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд – вазифаи конститутсионии ҳокимияти судӣ». ш.Душанбе, 8 декабри соли 2023;

–Маводи VII- уми конференсияи илмӣ- назариявии байналмиллалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ” бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва эълон гардидани “Соли маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи

”Принсипи адолат дар Эъломияи ҳуқуқи башар”. ш.Душанбе, 10 декабри соли 2024.

– Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ - амалии бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими ҳокимияти судӣ”, маърӯза дар мавзуи “Конститутсияи асосии сиёсӣ-ҳуқуқии рушди давлатдории миллӣ” ш.Душанбе, 25 октябри соли 2024.

– Маводи IV-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар мавзуи “Масъалаҳои амалигардонии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол // ш. Душанбе, 18-уми апрели соли 2025. – Душанбе, 2025.

б) **ҷумҳуриявӣ**:

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалии «Рушди ВМКБ дар даврони истиқлоли давлатӣ» бахшида ба 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯза дар мавзуи «Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва ташаккули низоми судӣ» ш.Хоруғ,3-уми сентябри соли 2022;

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалии “Маърифати ҳуқуқӣ-омили тарбиявии ҷавонон дар ҷомеаи муосир” бахшида ба Эълон гардидани –соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи“Нақши маърифатии ҳуқуқии шаҳрвандон дар бунёди ҷомеаи адолатпарвар”.ш Хоруғ.–2024

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Истиқлолияти давлатӣ-заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд» бахшида ба 33 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маъруза дар мавзуи “Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва нақши калидии он дар таҳкими ҳокимияти судӣ”.  ш. Душанбе, 3 сентябри соли 2024;

– Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “ Фаъолияти ҳокимияти

судӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон . – Душанбе, 25-уми феврали соли 2025. – Душанбе, 2025.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**. Вобаста ба мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф 25 мақолаи илмӣ таҳия ва интишор карда шудааст, ки аз онҳо 14 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр гардиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Сохтори диссертатсия бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, аз ҷумла ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон мутобиқ карда шудааст. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 236 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

# БОБИ. I. МАФҲУМИ АДОЛАТИ СУДӢ, ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ НИҲОДҲОИ АМАЛИСОЗАНДАИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Мафҳум ва мазмуни адолати судӣ, ниҳодҳои амалисозандаи ҳокимияти судӣ

Масъалаи амалисозии адолати судӣ яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ маҳсуб ёфта, таҳқиқи он барои муайян намудани мавқеъ ва мақому мартабаи ниҳодҳои судӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва қонеъ намудани даъвои тарафҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Истилоҳи «адолат» дар забони тоҷикӣ аз вожаи «адл» ба вуҷуд омада, дар чунин мазмунҳо истифода мегардад: аз рӯи қонун ҳукм кардан, дуруст ҳукм кардан, тибқи ҳуқуқ ва қонун, тибқи талаботи виҷдон ва одоби мақбули ҷомеа амал кардан. Аммо барои шарҳи этимологии мафҳуми адолат мазмуну маъноҳои овардашуда кифоя нестанд, балки муҳим аст, ки мазмун, хусусият ва аҳаммияти ҳуқуқии он ошкор карда шавад.

Дар таърихи афкори сиёсӣ-ҳуқуқии тоҷикон ва мутафаккирони Шарқ мафҳуми адолат пеш аз ҳама бо адолати иҷтимоӣ алоқаманд буда, он дар навбати худ заминаи муҳим дар адолати судӣ дорад. Яъне дар таълимоти мутафаккирони тоҷик адолат як падидаи мустақил набуда, дар робита бо ҷамъият буда ва дар он ба вуҷуд омада, хусусияти меъёрӣ –ҳуқуқӣ дорад. Аз ин нуктаи назар, адолати иҷтимоӣ бо мақомоти давлатӣ пайвандӣ дорад. Аксиомаи ҳуқуқӣ аст, ки мақомоти давлатӣ ва мансабдорон тибқи принсипи адолати иҷтимоӣ вазифаҳо ва салоҳияти худро амалӣ месозанд, адолатро дар ҳаракатҳои худ риоя намуда, риояи талаботи онро аз дигарон талаб мекунанд. Дар робита бо ин, фаъолияти мансабдор ва мақомоти давлатӣ тибқи припсипи қонуният ба роҳ монда мешавад, ки сарчашмаи он низ қонунгузории давлатӣ мебошад, ки дар заминаи адолату баробарӣ таҳия ва амалӣ мегардад. Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки фаъолияти қонунӣ (тибқи адолат ба роҳ мондашуда)-и мансабдор ва мақомоти давлатӣ фаъолияти эътирофшуда

–рафтори маъмулӣ мебошад, аз ин лиҳоз, таҳлили махсус ба он равона карда намешавад. Танҳо дар сурати вайрон шудани муносибатҳои муқарраршуда аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқ, ва аз ҷумла мансабдор, ташкилоти ҷамъиятӣ ва ё давлатию байналмилалӣ талабот ба барқарор намудани адолати иҷтимоӣ бо роҳи амалисозии адолати судӣ ба миён меояд. Ягона мақомоти давлатии адолати судӣ – мақомоти суд мебошад, ки мақомотест, ки адолати судиро ба амал мебарорад. Аз ин сабаб, вобаста ба мубрамтарин будани масъалаи амалисозии адолати судӣ ҳамчун ҷанбаи мавҷудияти адолат дар таҳқиқот ҳамин ҷанбаи мавҷудияти адолат ҳадафи таҳлил мебошад. Аз ин нуқтаи назар, таърифи худи мафҳуми «адолат» калиди асосноккунии марҳилаҳои таърихии ташаккул ва рушди ҳокимияти судӣ, таҳаввули ниҳодҳои адолати судӣ мебошад.

Мафҳум ва моҳияти адолати судӣ бошад, дар он ифода меёбад, ки он сохтори функсионалии фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти судиро дар самти татбиқи адолат инъикос мекунад. Дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд танҳо аз ҷониби суд адолати судӣ ҳамчун муҳимтарин принсипи раванди мурофиавӣ амалӣ мешавад. Адолати судӣ бо роҳи баррасии парвандаҳои конститутсионӣ, маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад [142, с. 6]. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ба амал баровардани адолати судӣ танҳо яке аз ваколатҳои судӣ ба шумор рафта, ҳаммаъно эътироф гардидани он бо мафҳуми ҳокимияти судӣ дуруст нест. Зеро мафҳуми ҳокимияти судӣ нисбат ба мафҳуми адолати судӣ васеътар буда, дар як вақт фарогирандаи мафҳуми адолати судӣ ба шумор меравад. Адолати судӣ бошад, мафҳуми нисбатан маҳдудтар буда, яке аз зуҳуроти ба амал баровардани ҳокимияти судӣ мебошад [128, с. 20-21]. Принсипи мазкур гарави муҳими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ, кафили пешгирӣ аз қабули ҳукм бар бегуноҳ ва таъини ҷазои ноодилона аз ҷониби суд мебошад. Танҳо суд, ки мақомоти мустақил аст, метавонад дар бораи гунаҳкорӣ ё бегуноҳии

шахс дар содир кардани қонунвайронкунӣ қарори қонунӣ қабул карда, ҷазоро таъин намояд.

Оид ба мафҳуми адолати судӣ ва ҳудуди амали он нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Баъзе олимон истилоҳи «адолат»-ро ҳуқуқи «аз рӯи ҳақиқат, тибқи қонун, аз рӯи виҷдон» ҳукм кардан шуморида, онро вазифаи ягонаи ҳокимияти судӣ мешуморанд [135, с. 240]. Объекти адолати судиро баҳс ва низоъҳои ҳуқуқии дар ҷомеа бавуҷудомада ташкил медиҳанд, ки бо роҳи мурофиаи судӣ ҳал мешаванд [121, с. 67]. Дар Энсиклопедияи ҳуқуқӣ адолати судӣ ҳамчун як намуди махсуси фаъолияти давлатӣ (ҷамъиятӣ) муайян карда шудааст, ки мувофиқи он судҳо дар асоси қонун "баҳсҳои ҳуқуқӣ ва парвандаҳои марбут ба тобеияти худро баррасӣ ва ҳал мекунанд" [170,с. 621-622]. А.В. Долгушин адолати судиро ҳамчун фаъолияте муайян мекунад, ки "танҳо ба суди марҳилаи якум тааллуқ дорад" [208, с. 20]. И.Л. Петрухин ба нуқтаи назари муқобил пайравӣ мекунад, ки тибқи он адолат "фаъолияти мурофиавӣ мебошад, ки дар ҳама марҳилаҳои ин раванд амалӣ карда мешавад" [148, с. 45-46].

Ба ақидаи қисме аз ҳуқуқшиносон адолат фаъолияти нисбатан маҳдуди амалисозии салоҳияти судро мефаҳмонад, ки он аз қабули ҳукм (қарор) дар бораи имкон ва зарурати татбиқи маҷбурсозии давлатӣ нисбат ба шаҳрванди алоҳида ҳангоми муайян кардани гуноҳ дар содир кардани ҷиноят ё дар бораи зарурати маҷбур кардани шахс ба рафтори қонунӣ инъикос мешавад [209, с. 73].

Е.В. Рябтсева адолати судиро ҳамчун фаъолияти давлатӣ оид ба баррасии парванда, қабули қарор дар бораи гунаҳкор ё бегуноҳ донистани шахс, муқаррар намудани ҷазои одилона мефаҳмад [155, с. 261-265]. Ба андешаи И.Л. Петрухин "доираи субъектҳои адолати судӣ танҳо тавассути ниҳодҳои судӣ, мақоми ҳуқуқӣ, салоҳияти махсуси худи субъекти асосии адолати судӣ амалӣ мешавад. Ин принсип бо тамоми расмиёти мурофиаи ҷиноятӣ ва принсипҳои дигар дар шакли умум

истифода мегардад” [149, с. 71].

Мафҳуми адолати судиро инчунин фаъолияти судҳо дар ҳалли шикоятҳо, инчунин иҷозат додани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дар марҳилаҳои пеш аз мурофиа дар бар мегирад [62, с. 18]. Ба фикри мо, дар ин маврид сухан дар бораи ба амал баровардани назорати судӣ аз болои раванди амалисозии рафтори мурофиавӣ меравад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шахсро дар раванди судӣ маҳдуд мекунанд.

Ба андешаи В.Ю. Мелников «назорати судӣ фаъолияти мушаххаси мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, ки ба таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии иштирокчиёни мурофиаи судӣ, пешгирии вайронкунии ҳуқуқи онҳо, барқарор намудани ҳуқуқҳои конститутсионии беасос ва хилофи қонун поймолшуда, равона карда шудааст» [247].

Ба ақидаи Л.В. Винницкий ва Г. Русман «дар рафти амалисозии назорати судӣ вобаста ба масъалаи гунаҳкории шахс, мазмуни фаъолияти судро бештар тафтиши қонунӣ ва асоснокии маҳдудияти ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии шахс ташкил медиҳад» [83, с. 15]. О.А. Мядзелетс, назорати судиро дар рафти мурофиа ва то мурофиаи судӣ як шакли амалисозии адолат мешуморад, ки назорати судӣ ба аксари унсурҳои адолати судӣ хос аст ва он бо риояи тартиби хоси адолати судӣ сурат мегирад [130, с. 8]. Ҳамин тавр ду раванди мурофиаи судӣ – назорати судӣ ва адолати судӣ дар тамоми зинаҳои фаъолияти судӣ бо ҳам дар таносуби доимӣ қарор доранд. Тафовут байни назорати судӣ ва адолати судиро аз руи нуктаҳои зерин таҳлил кардан мумкин аст:

а) дар рафти назорати судӣ суд масъалаи гунаҳкорӣ ва масъулиятро ҳал намекунад. Мазмуни фаъолияти он аз санҷиши қонунӣ ва асоснокии маҳдудияти ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, ки аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ иҷозат дода шудааст, иборат мебошад;

б) судя вазифаи назорати судиро амалӣ намуда, қонунӣ ва асоснок будани қарорҳои марҳилаи тафтишоти пешакиро назорат мекунад.

Салоҳияти суд, ҳудуди тобеияти он, тартиби баррасӣ ва ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи қонун муайян карда мешавад ва бо салоҳдиди суд ё шахсони воқеӣ тайғир додани он мумкин нест. Баррасии парванда дар суд ва аз ҷониби судя маънои онро дорад, ки адолати судӣ оид ба парвандаҳо танҳо аз ҷониби судҳои тобеияти умумӣ, ки қисми низоми муқарраршудаи судӣ мебошанд, тибқи қоидаҳои тобеияти парвандаҳо баррасӣ мешавад.

Дар масъалаи таносуби мафҳумҳои «адолати судӣ» ва «мурофиаи судӣ» қайд намудан лозим аст, ки дар илми ҳуқуқи мурофиавӣ оид ба муносибати байни ин мафҳумҳо ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Баъзе олимон бар он ақидаанд, ки мурофиаи судӣ танҳо бо марҳилаҳои судии мурофиавӣ маҳдуд аст. Онҳо нуқтаи назари худро бо он асоснок мекунанд, ки мурофиаи судӣ дар асоси мубоҳиса ва баробарии тарафҳо сурат мегирад, бинобар ин, он танҳо дар зинаи марҳилаҳои судии мурофиавӣ амал мекунад [65, с. 49]. Мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар мурофиа ҳамчун принсипи мурофиавӣ муқаррар карда шудааст, ки онҳоро бояд ҳамчун принсипи асосӣ, ғояҳое, ки дар асоси онҳо мурофиа баргузор мегардад, эътироф намуд, чунки мубоҳиса ва баробарии тарафҳо на танҳо дар татбиқи адолати судӣ, балки дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал мекунад.

Тарафдорони нуқтаи назари дигар бар ин ақидаанд, ки адолат ва мурофиаи судӣ мафҳумҳои монанд (шабеҳ) мебошанд. Ҳамин тариқ И.Л. Петрухин чунин мешуморад, ки «ҳуқуқи судӣ, аз ҷиҳати институтсионалӣ аз низоми судӣ намояндагӣ карда, вазифаи адолатро амалӣ менамояд, ки бо мафҳуми пешбурди судӣ шабоҳат дорад» [169, с. 18].

Олимони соҳаи ҳуқуқшиносии ватанӣ Ф. Т. Тоҳиров [205] Р. Шарофзода, [163] Зоир Ҷ.М., [95] Э.Б. Буризода, [63] С. Иброҳимов, [225] А. Неъматов, З. Искандаров., М. Маҳмудзода., А.Ғ. Холиқзода [185]. И.Д. Сафаров, З. М. Ализода [237], У.А. Азиззода, А.М. Диноршоҳ [94], Х. Ғ.Мирзамонзода [90], И.Р. Шодизода [195], М.Н. Обидова [207] ва дигарон, доир ба масъалаҳои ҳуқуқии

таъмини фаъолияти ниҳодҳои судӣ таҳқиқоти илмии назаррасро анҷом додаанд, ки ба эҳёи афкори пешқадами иҷтимоӣ-ҳуқуқии миллӣ, такмили қонунгузории мурофиавии судӣ ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин ба таҳқиқотҳои нави илмӣ дар ҳамин самт мусоидат мекунад.

Вобаста ба амалисозии адолати судӣ дар давлат сатҳу сифати татбиқи қонун ва муносибат ба ҳуқуқу озодиҳои инсон муайян карда мешавад. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки ташаккули ниҳодҳои баррасии баҳсҳо ҳанӯз пеш аз таъсиси давлат пайдо шуда, ҳамчун падидаи муҳими иҷтимоӣ барои ҳалли низоъҳои ҷомеа, ки ба ҳама гуна муносибатҳо хос аст, мусоидат мекард. А.Н. Ведерников ба таври асоснок қайд мекунад, ки «ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс яке аз ҷанбаҳои зуҳуроти моҳияти ҳокимият буда, аз рӯи он суд тавассути қарорҳои судӣ ба рафтори шахсони мансабдор таъсир мерасонад» [81, с. 64].

Л.В. Головко таъкид мекунад, ки «ҳокимияти судӣ як шохаи ҳокимияти давлатии аз ҷониби қонун эътирофшуда мебошад. Ин ягона намуди мақомоти давлатӣ аст, ки бевосита тибқи меъёрҳои конститутсионӣ махсус барои амалинамоии адолати судӣ таъсис дода шудааст» [84, с. 192] . Ин меъёр ҳаракати бесобиқаро дар самти васеъ намудани доираи салоҳияти суд, ки он ҳалли баҳсҳо, мушкилот, низоъҳо ва ғайраро дар бар мегирад, аз ҷумлаи сабабҳои асосии зарурати беҳтар намудани фаъолияти судҳоро таъкид мекунад [85, с. 42].

Моҳияти адолат ва маънои ҳалномаи суд ҳамчун санади адолати судӣ метавонад аз ҳуқуқвайронкуниҳо, ки иштирокчиёни мурофиаи судиро аз имконияти татбиқи ҳуқуқҳои бо қонун дар мурофиаи судии одилона кафолатдодашуда, дар асоси принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо ё ба таври назаррас маҳрум сохтан, пешгирӣ намояд. Чунин қонуншиканиҳо, ки бечунучаро боиси тағйир ва ё бекор кардани қарори суд мешаванд, метавонанд ин қисматҳоро дар бар гиранд:

1) вайрон кардани махфияти машварати судяҳо ҳангоми қабули

ҳукм ё махфӣ будани маҷлиси судӣ ҳангоми қабули ҳукм;

2) набудани имзои судя ё яке аз судяҳо, дар ҳалномаи дахлдори суд, агар парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби суди коллегиалӣ баррасӣ шуда бошад;

3) набудани протоколи маҷлиси судӣ.

Чунин вайронкунии мурофиаи судӣ, ки ҳуқуқи прокурор, ҷабрдида ё намояндаи қонунии даъвогарро вайрон ё ҳуқуқи пешниҳоди далелҳоро маҳдуд карда, ба мазмуни саволҳои гузошташуда ё ба мазмуни ҷавобҳои додаи суд таъсир расонидааст, принсипҳои адолати судиро вайрон месозад [218, с. 125]. Дар ҳамин ҳолатҳо, суди болоӣ низ фаъолияти худро оид ба тафтиши қарорҳои судии дар шакли мурофиавӣ қабулшуда бо имкони қабули қарори нав аз рӯи моҳияти қарори қабулшуда амалӣ менамояд [217, с. 34-37].

Санадҳои судӣ, барои ба амал баровардани адолати судӣ кафолат намедиҳанд, зеро ба андешаи муҳаққиқон, ягона кафолате, ки дар асоси он ҷабрдида имкони эътирозро дорад танҳо аз иродаи ҷабрдида вобаста аст, ки бешубҳа, аз рӯи принсипи диспозитивӣ амалӣ мегардад. Ноодилона будани қарори суд аз нуқтаи назари Д.А. Туманов инчунин - аз он шаҳодат медиҳад, ки қонунгузор барои бекор кардани санади судӣ дар асоси эътирози прокурор пешбинӣ намудааст. Аз ин лиҳоз, ҳукми суд нисбат ба санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ устувор аст, зеро санади ғайрисудиро метавон тавассути суд бекор кард, аммо барои бекор кардани санади судӣ ғайриқонунӣ будани онро муқаррар кардан лозим аст [235, с. 13-20]. Аз рӯи хусусияти мурофиавӣ чунин ҳукм ба ҳукми ғоибона наздик аст, ки он низ бинобар содда шудани тафтишоти судӣ - набояд мухолифи қонун бошад [215, с. 30-35]. Қарори суд ҳамчун санади адолати судӣ дорои хосиятҳои муайяне мебошад, ки онҳоро қонун муқаррар карда, нодида гирифтани яке аз онҳо арзиши санади адолати судиро, ки танҳо аз ҷониби суд - дар шакли мурофиавӣ қабул шудааст, паст мекунад. Маҳз таъмини адолати судӣ вазифаи ҳукми судӣ аст ва ҳеҷ

як санади дигар масъалаи гуноҳро ҳал карда наметавонад.

Беғаразии судя ҳанӯз аз ҷониби Абуҳанифа таъкид шуда буд. Ба андешаи Абуҳанифа қозӣ ҳангоми ғамгинии зиёд, хушнудӣ ва ҳолатҳои дигар наметавонад ба муҳокимаи судӣ оғоз кунад. Принсипи мазкур имрӯз ҳамчун принсип дар Кодекси одоби судя муқаррар карда шудааст. Объективӣ ва беғаразии судя шарти муҳими татбиқи дурусти адолати судӣ мебошад. Судя ҳангоми иҷрои ваколатҳои худ ва берун аз муносибатҳои хизматӣ бояд барои нигоҳ доштани боварии ҷомеа ва иштирокчиёни раванди судӣ ба объективият ва беғаразии судя ва мақомоти судӣ мусоидат намояд.

Ҳукм ҳамчун санади ниҳоии адолати судӣ аз рӯи моҳияти ҳалли парванда, сарфи назар аз тартиби дифференсиалии ҳалли он, арзиши худро гум намекунад ва боиси оқибатҳои дахлдори ҳуқуқӣ мегардад. Оид ба беэътибор донистани ҳукми ғоибона бидуни тафтиши адолати судӣ метавон ба ҳамин монанд мавқеи дар боло зикргардидаро дар бораи ҳукми суд такрор кард. Ҳалли дигар баҳсҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби судҳо тибқи тартиби хоси адолати судӣ дар марҳилаҳои то мурофиаи судӣ ва дар мурофиаи судӣ амалӣ карда мешаванд, ба ақидаи баъзе олимон адолат ҳисобида намешавад [53, с. 148].

Адолати судӣ дар баъзе мавридҳо ба маънои васеъ шарҳ дода мешавад, яъне он на танҳо фаъолияти мурофиавии судиро дар бар мегирад, ки он метавонад на танҳо ҳангоми қабули қарори ниҳоӣ оид ба парванда, балки тибқи тартиби монанд ба ҳаллу фасли парванда амалӣ шуда, тамоми аломатҳои адолатро дарбар гирад. Масалан, қонуни мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо қабули ҳукм, балки фаъолияти судро чӣ дар марҳилаи то мурофиаи судӣ ва чӣ дар марҳилаи судӣ танзим менамояд.

Дар ҳолатҳое, ки ин фаъолият то андозае бо ҳалли баҳси ҳуқуқии тарафҳо (шахсони манфиатдор) алоқаманд бошад, он ҳамчун унсури амалисозии адолат эътироф карда мешавад. С.В. Максимов «адлро

объекти ҳифзи ҳуқуқ дониста, ба ин мафҳум бо ду равиш муносибат менамояд, ки мақсади асосии онҳо бо муайян кардани объекти ҳифзшаванда алоқаманд мебошад». Дар ин бобат ӯ дар мафҳуми адолати судӣ аввалан фаъолияти танҳо судиро мебинад ва дуввум ба маънои васеътар дигар намудҳои фаъолияти бевосита ба кори суд алоқамандро баррасӣ мекунад [230, с. 65-72].

Адолати судӣ бо баъзе хусусиятҳои худ аз дигар намудҳои фаъолияти давлат фарқ мекунад:

- адолати судиро танҳо суд амалӣ менамояд, ки он на танҳо дар сатҳи қонунгузории соҳавӣ, балки дар муқаррароти конститутсионӣ низ ифода ёфтааст [4].

- адолати судӣ танҳо бо роҳҳои муқаррарнамудаи қонун дар шакли мурофиавии танзимшаванда бо таъмини кафолатҳои мурофиавӣ амалӣ мешавад;

- адолат ҳамчун як намуди фаъолияти давлатӣ бо қабули санади адолати судӣ анҷом меёбад ва иҷро кардани он аз тарафи ҳамаи ниҳодҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад ва бо таҳдиди ҷавобгарӣ барои иҷро накардани он таъмин карда мешавад [72, с. 304].

- адолат хусусияти ташкилию техникӣ надошта, балки бо ҳукми қонун барои ҳалли баҳси мушаххаси ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, ҳангоми таъмини кафолати қонунии иштирокчиён нигаронида шудааст [227, с. 93-100].

Санадҳои қабулкардаи суд дар мурофиаи пешакӣ ё дар марҳилаи иҷрои ҳукм, ки бо усулҳои мурофиавӣ ба миён омадааст, зарур мебошанд. Таъмини дараҷаи олии ҳимоя, бо риояи қатъии тартиби муқаррарнамудаи қонун ва меъёрҳои мурофиаи судӣ, бояд ба меъёри пешбинишудаи ҳуқуқӣ ҷавобгӯ бошад, зеро натиҷаи ниҳоии амалисозии адолат набояд аз омилҳои субъективӣ, яъне шахсияти судя вобаста бошад [55].

Ҳокимияти судӣ ва ниҳодҳои ба он робитадоштаи мақомоти судӣ ягона татбиққунандаи адолати судӣ буда, фаъолияти он барои ҳалли низоъи мушаххас, бартараф намудани баҳси қонун, ки ҳамеша бо ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии поймолшуда ва баҳсшаванда робита дорад, равона карда шудааст. Бояд гуфт, ки вазифаҳои суд дар ҷаҳони муосир тағйир ёфта, категорияи «адолати судӣ» бо мазмуни нав такмил мешавад. Дарвоқеъ, адолати судӣ на танҳо шакли амалисозии ҳокимияти судӣ аст, балки мазмуни онро низ инъикос мекунад, зеро ҳукми баёншуда дар бораи қонун, ки бо санадҳои дахлдор аз рӯи натиҷаҳои ҷаласаи судӣ ифода шудааст, сарфи назар аз намудҳои мурофиаи судӣ, танҳо ба суд тааллуқ дорад.

Вобаста ба принсипи адолати судӣ, масъалаи таъмини адолати судӣ, инчунин масъалаи дастрасӣ ба адолати судиро низ бояд таҳлил намуд, ки он дар назарияи ҳуқуқ ба таври васеъ таҳқиқ мешавад. Мавҷуд набудани санади меъёриву ҳуқуқии ягона дар мавриди фаҳмиши дастрасӣ ба адолати судӣ ва моҳияти ҳуқуқии он, аз ҷумла, нуқтаи назар дар бораи зарурати таъмини адолати судӣ баҳсҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Масалан, Т.А. Топилина «мавҷуд набудани принсипи ҳуқуқ ба адолати судиро як ҳолати норасоӣ дар принсипи қонуният меҳисобад» [241,с. 49-58]. Зарурати дар қонунгузорӣ ҷорӣ намудани чунин категория, ба монанди дастрасӣ ба адолати судӣ ва муттаҳид кардани он бо мафҳуми «адолати судӣ» асоснок мебошад. Ҳамзамон, мавҷуд набудани он ҳамчун принсипи мурофиавии ҷиноятӣ имкон намедиҳад, ки он ба норасоии принсипи қонун нисбат дода шавад, зеро ин принсипҳо - кафолатҳое мебошанд, ки ҳуқуқи иштирокчиёни равандро барои дастрасӣ ба адолат таъмин мекунанд. Ба андешаи мо, ворид намудани принсипҳои нав оид ба таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ метавонад аз як тараф муҳимияти ин категорияро баррасӣ намояд, аммо аз тарафи дигар барои принсипҳои дигар дар шакли иловагӣ истифода шавад. Дастрасӣ ба адолати судиро аксарияти муаллифон танҳо ҳамчун

дастрасӣ ба фаъолияти суд оид ба барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи иштирокчиён маънидод мекунанд. Ҳамин тариқ, Т.Г. Бородинова «дастрасӣ ба адолати судиро ҳамчун имконияти шахсоне мефаҳмад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо вайрон карда шудаанд ё маҳдуд карда шудаанд ва онҳо наметавонанд озодона аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд» [74, с. 89-92].

Қисми дигари олимон муайян кардани ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судиро дар баробари мурочиат ба суд ва механизмҳои дигари татбиқи адолати судӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ёдовар мешаванд [221, с. 111-121] . Дар баробари ин мавқеъи ин муаллифон оид ба мурочиат ба суд, тамоми тартиби баррасии парванда, омилҳои ташкилию техникӣ, ки ба имконияти воқеии истифодаи ҳуқуқ ба ҳимояи судиро низ, дар бар мегирад [168].

Мушкилоти дигари дарки ҳуқуқ ба адолати судӣ маҳдуд кардани субъектҳои ин ҳуқуқ мебошад. Дар доираҳои илмӣ шумораи зиёди муаллифон ба омӯзиши масъалаи дастрасии ҳуқуқ ба адолати судӣ диққати калон медиҳанд, зеро дастрасӣ ба механизмҳои адолати судӣ дар илм ва амалияи ҳуқуқӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад [230, с. 224-228]. Бешубҳа, ҷабрдида субъекти асосие мебошад, ки дар навбати аввал ба ҳимоя, аз ҷумла ҳимояи судӣ ҳуқуқ дорад. Ҳамзамон, ҳамчун субъекти ягонаи ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судӣ ҷудо кардани ҷабрдида нодуруст аст, зеро дар раванди муносибатҳои ҳуқуқӣ тарафи дигар низ иштирок мекунад. Бешубҳа қонун гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҷабрдидаро барои ҳуқуқи дастрасӣ ба адолат дар ҷои аввал мегузорад, зеро дар ин ҳолат гумонбаршуда низ аз ҷониби мақомоти айбдоркунанда ва тафтишотӣ то баровардани ҳалнома гунаҳкор маҳсуб намешавад.

Доираи субъектҳои ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судӣ бо ҷабрдидагон маҳдуд намешавад ва таъмини ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ҳам барои қурбониёни ҷиноят ва ҳам шахсоне, ки қонуни ҷиноятиро вайрон

кардаанд, баробар амалӣ мешавад. Ҳамин тариқ, ҳам ҷабрдида ва ҳам гумонбаршуда (айбдоршаванда), судшаванда ҳуқуқ ба адолати судиро дар мурофиаи судӣ ба даст меоранд. Ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судӣ дар моделҳои англосаксонӣ ва романӣ-олмонӣ ҳамчун имкони таъмин намудани намоянда (адвокат) барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар парванда ба ҳисоб меравад [238]. Баъзе ҳуқуқшиносони хориҷӣ дастрасӣ ба адолати судиро дар робита бо дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ маҳдуд мекуанд.

Масъалаи дигар дар дастрасӣ ба адолати судӣ – лаҳзаи пайдоиши ҳуқуқ ба адолати судӣ мебошад. Ба фикри мо, аз рӯи қонун ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судӣ аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ба шахс додани мақоми мурофиавӣ ба миён меояд. Дарвоқеъ, ин ҳуқуқ аз лаҳзаи огаҳӣ пайдо кардани шахс дар бораи поймол шудани ҳуқуқаш бо амали ғайриқонунии шахси дигар, ҳангоме ки ӯ воқеан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат кардааст, яъне аз оғози санҷиши пешакӣ шурӯъ мегардад. Гарчанде мақомот муроҷиатро рад карда бошанд ҳам, шахсе, ки то ҳол мақоми мурофиавӣ нагирифтааст, ҳуқуқ дорад нисбат ба амал ё санади қабулнамуда шикоят намояд.

Дар ин ҳолат шикоят аз ҷониби прокурор ё мақомоти болоӣ баррасӣ карда мешавад. Тавре мебинем, қонунгузор ба суд муроҷиати истисноӣ муқаррар накардааст, ки ин бори дигар зарурати васеъ намудани доираи дастрасӣ ба адолати судиро барои ҳарду тарафи мурофиаи ҷиноятӣ тасдиқ мекунад. Ҳуқуқи дастрасии гумонбаршуда - (айбдоршаванда) ба адолати судӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ ва воқеиро муттаҳид мекунад, зеро он мутаносибан аз лаҳзаи додани мақоми мурофиавӣ, ҳангоме, ки гумонбаршуда мутобиқи моддаи мазкур дастгир карда мешавад, ба вуҷуд меояд ва маҳз аз ҳамин лаҳза муфаттиш ба шахс ҳуқуқҳои мурофиавии вайро мефаҳмонад ва барои ворид шудани ҳимоятгар ба ҷараён иҷозат дода мешавад, ки аз як ҷониб, тарафи айбдоркуниро дар шахси муфаттиш ва аз тарафи дигар, ҷонибдории

ҳимояро дар шахси ҳимоятгар таъмин намояд [201,с.20]. Ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судӣ дар заминаи мурофиаи ҷиноятӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад, аз ин сабаб шарҳи амиқи он масъалаи муҳим мебошад.

Марҳилаи қабл аз мурофиаи таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ, аз ҷумла, дар шакли мурофиавии ҷиноятии ҳаракати парвандаи ҷиноятӣ иборат буда, назорати фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ кафолати амалӣ намудани ҳуқуқ ба адолати судӣ мебошад. Ба фикри мо, мазмуни ҳуқуқ ба адолати судӣ ва моҳияти ҳуқуқии он асосан бо принципҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ кафолат дода мешавад. Иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани ин ӯҳдадорӣ, ки аз ҷумла, дар таъхири тӯлонии ҳалли масъалаи мавҷудияти асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, ва аз нав оғоз намудани тафтиши даъво дар бораи парвандаи ҷиноятӣ ифода меёбад, боиси вайрон кардани мӯҳлати оқилонаи баррасии парванда ва маҳдуд кардани дастрасии ҷабрдидагон ба адолати судӣ мегардад.

Дар фарҳанги ҳуқуқшиносӣ адолати судӣ ҳамчун шакли фаъолияти давлат, ки дар баррасии парвандаҳои ба салоҳияти суд мансуб буда дар бораи ҷиноятҳо, баҳсҳои шаҳрвандӣ ва ғайраҳо ифода меёбад, муайян карда мешавад [136]. Адолати судӣ ба тариқи муқаррарнамудаи тартиби мурофиавӣ ба амал бароварда мешавад. Дар дигар фарҳангҳои истилоҳоти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки адолати судӣ аз тарафи ҳокимияти судӣ амалӣ карда мешавад. Инчунин адолати судӣ ҳамчун баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, маданӣ ва маъмурӣ дар мурофиаҳои судӣ муайян карда мешавад [136].

Хулоса, амалисозии адолати судӣ раванди ҳуқуқие мебошад, ки марҳилаи тосудӣ, судӣ ва дигар марҳилаҳои шикоятиву назоратиро дар бар гирифта, моҳиятан аз ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои тарафҳои баҳс иборат мебошад. Муҳаққиқи таърихи ниҳодҳои адолати судӣ Э.Б. Буризода дар заминаи таҳлили вазъи субъектҳои адолати судӣ ва мақомоти амалисозандаи адолати судӣ дар

Тоҷикистони тошуравӣ адолати судиро чунин муайян кардаанд: «Адолати судӣ – фаъолияти барои муқаррарсозии ҳақиқат дар баҳсҳои ҳуқуқӣ ва моҳиятан ҳал намудани онҳо равонашуда аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони ваколатдор, дар баъзе мавридҳо ашхоси ваколатдорнашудаи маъмурӣ, динӣ ва дигар, аз ҷумла шахсони муътабар, ки меъёрҳои ҳуқуқ, қонунгузорӣ, анъана ва одатҳои ҳуқуқии маҳалро медонистанд, мебошад» [150, с. 27-28].

Нисбат ба таърихи адолати судӣ дар ҳудуди Бадахшони тошуравии Тоҷикистон як нуқтаи муҳимро бояд илова кард. Ин нуқта ба адолати судӣ машғул шудани мақомоти ҳарбии Россия дар ин ҳудуд мебошад. Афсарони дастаҳои ҳарбии Россия, асосан дастаҳои марзбонии Россия дар Хоруғ ва Лангари Ишкошим дар ҳудуди Бадахшон адолати судиро амалӣ мекарданд ва ҳатто аз қозиёне, ки давлати Аморати Бухоро тайин менамуд, қарорашон эътибори баландтар дошт. Афсарон метавонистанд бевосита баҳси ҳуқукиро баррасӣ намуда, қарори қабулкардаашонро ба қозӣ барои расмӣ кардани қарор ирсол намоянд. Дар қарори қабулнамудаи қозӣ мӯҳри қозӣ ва мӯҳри афсари артиши Россия гузошта мешуд, ки аз эътибори баланди ҳуқуқии мақоми ин ҳарбиёни Россия дарак медод.

Аз ин сабаб, мафҳуми адолати судиро, ки Буризода Э.Б. додааст ба кулли ба шароити Бадахшон рост меояд ва мо танҳо илова карданӣ ҳастем, ки ҳарбиён низ ба амалисозии адолати судӣ машғул буданд: Яъне адолати судӣ «Адолати судӣ – фаъолияти барои муқаррарсозии ҳақиқат дар баҳсҳои ҳуқуқӣ ва моҳиятан ҳал намудани онҳо равонашуда аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони ваколатдор, дар баъзе мавридҳо ашхоси ваколатдорнашудаи маъмурӣ, динӣ ва ҳарбӣ, аз ҷумла шахсони муътабар аст, ки донандагони меъёрҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, анъана ва одатҳои ҳуқуқии маҳал мебошанд». Ин гуна муайян кардани мафҳуми адолати судӣ пурра ба шароити Бадахшони тошуравӣ мувофиқат мекунад.

Хулоса, махсусияти фаъолияти мақомоти амалисозандаи адолати судӣ дар Бадахшон аз он иборат буд, ки мақоми асосии судӣ қозӣ эътироф гардад ҳам, ниҳодҳои гуногун ва аз ҷумла ниҳодҳои ҷамъиятие ба амалисозии адолати судӣ машғул буданд, ки дар дигар минтақаҳои Тоҷикистони тошуравӣ мушоҳида намешуданд. Дигар хусусияти хоси суъектҳои амалисозандаи адолати судӣ аз он иборат буд, ки намояндагони артиши Россия - ашхоси мансабдори ҳарбӣ низ ба фаъолияти амалисозии адолати судӣ дахолат намуда, баъзан қарору ҳукмро тайин мекарданд ва ба қозӣ барои расмиёт ирсол менамуданд. Аз ин сабаб, мансабдорони ҳарбии Россияро низ дар қатори ниҳодҳои баррасии баҳсҳои ҳуқуқи шомил намудан лозим аст, ки дар зербобҳои боби 2 ҳамин диссертатсия оид ба он муфассал таҳқиқот анҷом дода мешавад.

## 1.2.Даврабандии таърихи пайдоиш ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон

Даврабандии таърихи ҳуқуқ ва давлат, бахусус ниҳодҳои судӣ зарурати таҳлили амиқи махсусиятҳои объекти омӯзишро дар доираи рушди таърихӣ, тафовут ва хусусияти хоси ҳар як марҳилаи онро талаб мекунад. Таҳқиқоти низоми ниҳодҳои судии давлатдории тоҷикон дар шакли масоили назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ таҳлили муқоисавии ҳар як давраро тақозо мекунад, зеро бе тақсимбандии муназзам муайян кардани дараҷаи функсионалии амали ниҳодҳои судӣ ва вобастагии онҳо аз шароити сиёсӣ-маъмурӣ ғайриимкон мебошад.

Таърихи пайдоиш ва даврабандии ташаккули низоми ниҳодҳои судӣ ҳамчун таҳқиқоти илмӣ марҳилаҳои гуногуни фаъолияти судҳоро дар бар мегирад, ки решаҳои он ба давраҳои таърихи бостонии тоҷикон мепайвандад. Оғози фаъолияти ниҳодҳои судӣ дар минтақаҳои сарзамини Тоҷикон ба марҳилаи ориёӣ – зардуштии он рост меояд, зеро аз ҳамон давра таъмини адолат пояи асосии устувории ҷомеа ва минбаъд давлат мегардад. Ин ниҳодҳо аз давраи Пешдодиён то Ҳахоманишиҳо ва минбаъд низ мавқеи устувори давлатиро соҳиб гашта, ба принсипу ғояҳои нав ғанӣ гаштаанд. Масалан, дар давлати Суғди аҳди Деваштич ҳифзи шаҳрвандон бо принсипи баробарии зан ва мард комил мегардад. В. А. Лившитс дар китоби худ вобаста ба таҳлили ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ овардааст: дар шартномаи никоҳи ёфтшуда муқаррар карда шудааст, ки шавҳар барои зани худ ҷавобгар аст ва зан озод аст, ки дар сурати вайрон кардани шартнома аз тарафи шавҳар шартномаи никоҳро бекор намояд [122, с. 185] .Шартномаи никоҳи давраи Суғди қадим, ки аз қалъаи Муғ дарёфт шудааст, инчунин ваколати кафолатдиҳандагонро дар ҳамин шартномаи никоҳ инъикос мекунад [122, с. 186].

Ба андешаи мо далелҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва низоми ҳифзи ҳуқуқ дар давраи суғдиён дар сатҳи баланд қарор доштааст. Аммо бо забт шудани сарзамини тоҷикон аз тарафи арабҳо дар низоми ниҳодҳои судии минтақа тайғироти куллӣ

ворид гардид, зеро тамоми сарчашмаҳои ҳуқуқии суғдӣ, бохтарӣ ва дигар давлатҳои тоҷикони қадим бо қонунгузории дини ислом иваз шуданд [122, с. 186].

Ин хусусиятҳо дар фаъолият, муқаррароти ҳуқуқӣ, субъектҳои ба амал баровардани адолати судӣ, низоми баргузории мурофиа ва қабули санадҳои судӣ, барои даврабандии таърихи ташаккул ва рушди ниҳоди мазкур асоси воқеӣ гардид.

Ҳангоми даврабандии таърихи ниҳоди мазкур пеш аз ҳама бояд ба даврабандии таърихи ҳуқуқ ва давлатдории Тоҷикистон такя кард. Ба сифати ченаки даврабандӣ равиши сулолавӣ, тамаддунӣ, форматсионӣ, дараҷаи рушди давлатӣ-ҳуқуқӣ, рушди таълимоти ҳуқуқӣ, ташкил кардани мақомоти нави давлатӣ, таъсис додани механизми нави ҳокимияти давлатӣ, ислоҳоти давлатӣ, тағйиротҳои куллӣ ва як қатор ченакҳои дигар эътироф гардидаанд [69, с. 14-15]. Ҳар як ченаки номбаршуда вобаста ба имконоти илмии худ ҳамчун ғояи методологӣ ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар умум, категорияҳои гуногуни даврабандӣ албатта ҷанбаи мусбат ва баъзан норасоиҳо ба талаботи илмиро дошта метавонанд, чунки ҳар яки он вобаста ба замону макон, моҳият ва мазмуни масъала ҷанбаву паҳлуҳои мушаххаси масъаларо ошкор ва мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Аммо моҳиятан мубрамияти масъала дар он аст, ки ҳар яке аз ин ченакҳо ба омӯзиши марҳилаҳои муҳими таърихи давлатдории тоҷикон, дарбар гирифтани лаҳзаҳои дахлдори таърихи давлат ва ҳуқуқи халқи тоҷик равона гардида, метавонанд масоили гуногун ва роҳҳалҳои асосии онҳоро ошкор созанд. Агар яке аз ин ченакҳо бештар мақсади омӯзиши таърихи ҳуқуқ ва давлатро аз нуқтаи назари масоили умумӣ дошта бошад, пас таърихи рушди ниҳодҳои мушаххас аз доираи омӯзиш берун мемонад, дигар ченак метавонад барои баҳисобгирии марҳилаҳои муҳим, ҳодисаҳои муҳим дар таърихи ҳаёти халқ ё давлатдории он мусоидат намояд.

Баррасии ҳар яке аз ченакҳои даврабандӣ дар маҷмӯъ нишон медиҳад, ки новобаста аз гуногунӣ ва самтҳои он, дар доираи маводҳои

таърихӣ истифодаи ҳар яке аз онҳо барои ошкор намудани мавод ва муносибатҳои воқеӣ арзиши бузург доранд. Дар таърихи илми ҳуқуқи Тоҷикистон якчанд ченаки даврабандии таърихи ҳуқуқ ва давлат истифода бурда мешаванд, ки онро муҳаққиқон дар давраҳои гуногун барои омӯзиши таърихи ин ё он падидаву ниҳодҳои давлатдорӣ ва ҳуқуқи Тоҷикистон татбиқ менамоянд.

Ченаки аз ҳама қадимтарини даврабандӣ – даврабандии таърихӣ тибқи таърихи ҳукмронии сулолаи алоҳида мебошад. Ченаки (маҳак) мазкур дар давраи таърихи тошуравӣ ва дар илми таърихӣ – ҳуқуқии халқи тоҷик бениҳоят васеъ паҳн шуда, фаровон истифода мешуд [109, с. 137-143].

Ченаки мазкур моҳиятан асоси ба марҳилаҳо даврабандӣ кардани таърихи қадим, алалхусус дар байни муаррихон, файласуфон, ҳуқуқшиносони кишварҳои шарқӣ гардидааст. Ин муаррихон чунин мешуморанд, ки марҳилаи идоракунии ҳар як сулолаи нав аз давлатдории нав оғоз мегардад ва рушд мекунад. Ҳуқуқшиносон Буризода Э.Б. ва Одиназода Р.С. вобаста ба ин ченак таърихи давлат ва ҳуқуқро дар ҳудуди Тоҷикистон ба давраҳои зерин тақсимбандӣ намудаанд:

1. Пайдоиши давлатҳои аввалини тоҷикон. Давлати Пешдодиён
2. Давлат ва ҳуқуқи Каёниён;
3. Давлат ва ҳуқуқи Ҳахоманишиҳо;
4. Давлат ва ҳуқуқи Юнону Бохтарӣ (Мақдуния, Селевкиён, давлати Юнонӣ –бохтарӣ);
5. Давлат ва ҳуқуқи сулолаи Ашкониён (Парфия, Паҳлавиҳо);
6. Давлат ва ҳуқуқи сулолаи Сосониён ва Ҳайтолиён;
7. Давлат ва ҳуқуқи тоҷикон дар давраи футуҳоти арабу исломӣ;
8. Давлат ва ҳуқуқи Сомониён;
9. Давлат ва ҳуқуқи сулолаи Қарахониён;
10. Давлат ва ҳуқуки сулолаи Ғазнавиён;
11. Давлат ва хуқуқи Ғуриён;

12. Давлат ва ҳуқуқи Салчуқиён;

13. Давлат ва ҳуқуқи Хоразмшоҳиён;

14. Давлат ва ҳуқуқи тоҷикон дар давраи Чингизиён;

15. Давлат ва ҳуқуқи Темуриён;

16. Давлат ва ҳуқуқ дар давраи Шайбониён;

17. Давлат ва ҳуқуқ дар давраи Аштархониён;

18. Давлат ва ҳуқуқ дар давраи манғитиҳо то 2 сентябри соли 1920 давом ёфта, ин шакли идораи давлатӣ дар Тоҷикистон барҳам хӯрд [67, с. 76].

Вале қайд кардан ҷоиз аст, ки новобаста аз пайдарҳам тавзеҳ додани мавод ченаки сулолавӣ дар даврабандии таърихи давлат ва давлатдорӣ дорои норасоиҳои зиёд мебошад. Э.Б. Буризода камбудиҳои ченаки сулолавиро таҳлил намуда, андеша доранд, ки ченаки сулолавӣ:

а) имконият намедиҳад, ки тамоми давраҳои рушди таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, алалхусус ду садсолаи охир дар бар гирифта шаванд; б) инчунин баъзе аз ин сулолаҳо натавонистанд ҳокимияти устувори давлатиро ташкил созанд ва ба таври қатъӣ ба ҳаёти ҷомеъа тағйиротҳо ворид намоянд [67, с. 22].

Агар мо даврабандии таърихӣ гуфта, марҳилаҳоеро эътироф намоем, ки дар ҳаёти кишвар тағйироти ҷиддӣ ба амал омада бошад, пас норасоии зикршуда арзиши илмии ин ченакро коҳиш медиҳад.

Агар давраи шуравиро таҳлил намоем, дар илмҳои ҷомеашиносӣ мафҳуми форматсия пешниҳод гардид, ки ба сифати ченаки асосии даврабандии таърих ва аз ҷумла, таърихи давлат ва ҳуқуқ, истилоҳи «форматсия» қабул шуд. Мафҳуми форматсия, пеш аз ҳама, таносуби сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва низоми муносибатҳои истеҳсолиро инъикос мекард. Таълимоти марксизм – асосгузорони ин назария, истилоҳи форматсияро ҳамчун истилоҳи универсалии таърихи инсоният истифода мебурд, ки он ба таърихи кулли халқҳои ҷаҳон хос аст. Аммо, нисбат ба халқҳои Шарқ, махсусан ҳудуди Тоҷикистони муосир, баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла академики тоҷик Бобоҷон Ғафуров

ҳанӯз дар китоби «Тоҷикон» баъзе масоили баҳсталаби ин таълимотро ошкор ва барои хонандагон пешниҳод карда буд.

Илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва махсусан муаррихони ҳуқуқи муосири тоҷик равиши каме тағйирёфтаи даврабандии форматсиониро то ҳол истифода менамояд. Масалан, Абдураҳим Холиқзода ҳангоми даврабандии таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, онро ба се марҳилаи асосӣ тақсим намудааст: таърихи давлат ва ҳуқуқи пешазинқилобии Тоҷикистон (аз давраҳои қадим то солҳои 1917-1920); таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистони пас аз инқилоб (солҳои 1917-1920 то соли 1991); таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (замони нав) [186, с. 8]. Ин даврабандии аз ҳама васеътарин дар илмҳои таърихшиносии давлат ва ҳуқуқ аст, ки заминаи он таърихнигории муҳаққиқони шуравӣ буда, асосан таърихи тӯлонии миллатҳои шуравиро ба шуравӣ ва тошуравӣ ҷудо карда, бо ҳамдигар зид гузошта, бо ин роҳ сохтори давлатию ҷамъиятии шуроҳоро афзал мешумурданд. Азбаски барои сохтори муосири давлатҳои собиқ шуравӣ ин тақсимот мазмун ва моҳияти худро гум кардааст, мо низ аз он ҷонибдорӣ намекунем.

Дар адабиёти илмӣ даврабандии таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро аввалин маротиба Азизқулова Г.С. анҷом додааст. Ин муҳаққиқ даврабандии пешниҳодгардидаро ба 11 марҳилаи таърихӣ тақсимбандӣ намуданд [48,с.12-13]. Даврабандии пешниҳодшуда хусусиёти рушди давлат ва ҳуқуқи таърихи наврo дарбар мегирад. Вале дар он бештар ба таърихи навини давлат ва ҳуқуқи тоҷикон аҳаммият дода шуда, оид ба қонуниятҳои пайдоиш, ташаккулу рушди давлат ва падидаҳои ҳуқуқии марҳилаи бостон, асрҳои миёна маълумоти ҷузъи дода шудааст. Даврабандии мазкур – аввалин даврабандӣ дар таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон буда, хизмати муҳаққиқ дар гузориши масъалаи омӯзиши пай дар пай ва даврабандии масоили таърихӣ мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки методологияи даврабандии таърихӣ-ҳуқуқии предмети омӯзишро дар қатори Г.С. Азизиқулова, олим

Э.Б. Буризода давом дода, минбаъд ин методологияи илмиро ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимтарини таҳқиқотҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ дар илми тоҷик ҷорӣ намуд.

Инчунин Нӯъмон Неъматов даврабандии форматсиониро истифода бурда, таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷиконро ба шаш марҳилаи бузург тақсим намудаст [231, с. 8-11], Э.Б.Буризода– ҳафт марҳиларо пешниҳод намудааст[69,с.12-13], А.Ғ Холиқзода. дар осори минбаъдааш панҷ марҳилаи таърихиро асоснок кардааст [186, с. 8].

Ҳар яки ин даврабандиҳо вобаста ба ченак ва зерченакҳо пешниҳод ва таҳия гардида, заминаи асосии ба вуҷуд омадани усули даврабандӣ дар илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон гардидаанд. Таҳқиқоти илмии таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон имрӯз имконият медиҳад, ки дар баробари равиши форматсионӣ инчунин равиши тамаддуниро ҳамчун ченаки асосии даврабандии таърихи давлатдорӣ ва ҳуқуқи тоҷикон истифода намоем.

Агар истифодаи равиши тамаддуниро таҳлил намоем, Буризода Э.Б. вобаста ба равиши тамаддунӣ, рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро чунин даврабандӣ кардаанд:

1. Пайдоиши давлатдорӣ ва ҳуқуқ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ (ҳазорсолаҳои 5-3 пеш аз милодӣ).

2. Давлат ва ҳуқуқи давраи ориёӣ-зардуштии тоҷикон (ҳазорсолаи 3 пеш аз милод то ибтидои асри VIII милодӣ.

3. Давлат ва ҳуқуқи давраи исломии тоҷикон – ( асри VIII то солҳои 1868 ибтидои асри XX).

4. Таърихи давлатдории империӣ ва ҳуқуқи омехта – солҳои 1868-1917/1920 -1929.

5. Давлатдорӣ ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон - 1917/1920-1929-1991).

6. Давлатдории миллӣ ва ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол – аз соли 1991 то имрӯз [68, с. 21].

Буризода.Э.Б. марҳилаи чоруми даврабандии худро соли 1918-1929 нишон додаст. Ин як давраи гузариши бузург аз сохтори анъанавӣ ба типи аврупоии давлатдорӣ буда, сохторҳои давлатию ҳуқуқӣ, муносибатҳои параллелии сиёсии дугона ва ҳатто сегона дар амал ҷорӣ буд. Вобаста ба типи таърихӣ низ он ба давраи гузариш рост меояд. Вале аз сабаби он, ки махсусиятҳои худро дошт, ки ба марҳилаи пешина ва минбаъд шуравӣ хос набуд, мантиқан ҷудо кардани онро ба марҳилаи алоҳида мо низ дуруст мешуморем.

Дар доираи ҳамин даврабандӣ, ниҳодҳои судӣ тамоми таҷрибаи таърихиро дар худ таҷассум мекунанд ва низоми мукаммалеро доро мегарданд, ки он дастоварди ҳуқуқи миллӣ эътироф мешавад. Аммо чуноне, ки аз даврабандии БуризодаЭ.Б. бармеояд, даврабандии тамаддунӣ дар доираи ду марҳилаи асосӣ амалӣ мешавад: давраи дини зардуштӣ ва давраи дини Ислом.

Барои таҳлили даврабандии ташаккулёбии ниҳодҳои нави давлатдорӣ зарур аст, ки категорияҳои мактабҳои ҳуқуқиро низ дар назар дошта бошем, зеро таҷрибаи ҳуқуқи исломӣ нишон медиҳад, ки бо таъсири аломатҳои мазҳабӣ пайравони он ба ин ё он мактаби ҳуқуқӣ ҳамроҳ мешуданд, яънек дар ташаккули давлат ва ҳуқуқ динҳои алоҳида таъсири бузург гузоштаанд. Вале хислати ҷудо кардани низоми судӣ ҳамчун сохтори мустақил дар ҳама давру замон ба миён меомад, аммо бо сабаби низоми муттамаркази ҳокимияти подшоҳӣ баъзан амалӣ намешуд [80, с. 97].

Дар асари Шарофзода Р.Ш мактабҳои исломӣ ба мактабҳои сиёсӣ, назариявӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо карда шудаанд. Ҳанафия, ҳанбалия, шофеия, моликия ва ҷаъфария мактабҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд. Ташаккули мазҳаби ҷаъфарӣ бо номи Ҷаъфар ас-Содиқ робита дорад [164]. Холиқзода А.Ғ чунин мешуморад, ки дар байни мактабҳои ҳуқуқии шиа мактаби ҳуқуқии ҷаъфариён нисбатан такмилёфта ва либералӣ мебошад. Имом Ҷаъфар дар мубориза ҳои сиёсӣ барои ҳокимият иштирок накарда, ҳаёти худро ба таҳқиқоту омӯзиш бахшидааст [187,с.218]. Баъзе

муҳаққиқон даврабандии фаъолияти ниҳодҳои диниро таҳлил намуда, имконияти омӯзиши ниҳодҳои судии тоисломиро рад мекунанд, гарчанде ки дар таърихи то исломӣ низоми ҳуқуқии мукаммал ва низоми ниҳодҳои судӣ фаъолият мекард.

Шарофзода Р.Ш. дар таҳлили масоили давлат дар Шарқи мусулмонӣ бо истифодаи асосан се усули таҳқиқ ва таносубан дар доираи се тамоилро пешниҳод мекунад: 1) фалсафӣ ё фалсафӣ- ахлоқӣ, 2) исломӣ ё исломӣ-ҳуқуқӣ, 3) анъанавии омехта. Дар заминаи онҳо се назарияи асосии давлат ташаккулу рушд меёбанд: 1) назарияи фалсафӣ-ахлоқии давлат, 2) назарияи исломӣ- ҳуқуқии (исломӣ- меъёрии) давлат, 3) назарияи анъанавӣ- омехта ё сиёсӣ- ахлоқии давлат [161, с. 484].

Агар мо шакли даврабандии таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷиконро аз руи тамаддуни ориёӣ – зардуштӣ ба назар гирем, мушоҳида мекунем, ки он аз давраи сулолаи Пешдодиёну Каёниён оғоз шуда, дар давраи ҳуҷуми арабҳо ба охир мерасад, зеро дар ҳамин марҳила таърихи ҳуқуқи тамаддуни қадим ба итмом мерасад, ки қуллаи рушди он давлатдории ҳахоманишиҳо ва Сосониён буд. Аз ин хотир дар доираи анъанаҳои мардумӣ аломатҳои ҳуқуқии замони сулолаи Ҳахоманишиҳо ва Сосониён то имрӯз мушоҳида мешаванд.

Даврабандии таърихи ташаккул ва рушди ниҳодҳои судӣ дар давраи тоинқилобӣ нишон медиҳад, ки дар давоми давраҳои минбаъда то аввали асри XX меъёрҳои динӣ-мазҳабӣ дар ин минтақа мавриди истифода қарор дошт. Аммо дар ҳар як давраи давлатдорӣ ҳуқуқи расмиро ниҳодҳои давлатӣ амалӣ менамуданд.

Ин сохторҳо баъди ғалабаи инқилоби Октябри соли 1917 барҳам хурда ҷои онҳоро ниҳодҳои суди Шуравӣ мегирад. Аммо дар минтақаи дурдасти Помир дар давоми солҳои 20-уми асри XX ҳануз мардум аз хизматрасонии қозиҳои маҳаллӣ истифода мекарданд. Чунончи дар яке аз пурсишҳои кормандони давлатӣ бо Шириншоҳ Шоҳтемур муайян гардид, қозиён дар ҳудуди Помир буданд, аммо онҳо аз ҳукми шариат истифода намекарданд [52, с. 33].

Даврабандии таърихи ташаккул ва рушди ниҳодҳои судӣ нишон медиҳад, ки дар давоми давраҳои зикршуда то аввали асри XX ҳуқуқи исломӣ дар Тоҷикистони таърихӣ мавриди истифода қарор дошт. Ниҳодҳои он баъди ғалабаи инқилоби Октябри соли 1917 барҳам хурда ҷои онҳоро ниҳодҳои суди Шуравӣ мегирад.

Қобили қайд аст, ки бо гузаштан ба сохти давлатдории Шуравӣ, зина ба зина боқимондаҳои низоми ҳуқуқии кӯҳна ва одатҳои маҳал аз байн бурда шуданд ва дар баробари меъёрҳои ахлоқӣ, сохти низоми суди замони муосир бо такя ба қонунҳои давлатӣ ҷорӣ гардид. Дар як муддати кӯтоҳ дар давраи охири асри XIX ва аввали асри XX дар ҳудуди Помир се низоми ҳуқуқӣ - сохти ҳуқуқии Аморати Бухоро, Россияи подшоҳӣ ва сохти Шуравӣ мавриди амал қарор гирифтанд. Дар ин миён воридшавии сохти ҳуқуқи Шуравӣ хусусияти пешқадам дошт, зеро ин пеши роҳи таназзули низоми ҳуқуқиро гирифт.

Бояд қайд намуд, ки даврабандиҳои умумитарин қабили даврабандии сулолавӣ, форматсионӣ, тамаддунӣ, ки мо таҳлил намудем, наметавонанд, ки куллӣ нозукиҳои масоили низоми судиро ошкор созанд. Аз ин сабаб, инчунин баҳри мушаххас намудани нақши қонунгузорӣ, ислоҳоти судӣ даврабандии соҳавӣ ва вобаста ба ҳар як ниҳоди судӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ гузаронида шудааст, ки онҳо дар пояи даврабандиҳои таҳлилшуда, ба вуҷуд омада, дар онҳо махсусияти мақомоти судӣ, амал ва мазмуни адолати судӣ бештар акс ёфтааст.

Дар давраи минбаъдаи замони Шӯравӣ фаъолияти судҳоро давлат таҳти назорат қарор медиҳад. Гарчанде, ки дар қонунгузории давлатӣ ниҳодҳои судӣ мустақил эълон шуда бошанд ҳам, дар ҳақиқат ин мустақилият танҳо дар қоғаз буд. Масалан бо фармони ШКХ ҶМШС Туркистон аз 17 июни сли 1919 маҳкамаҳои қозию бийҳо бекор карда шуданд, ки ин ҳолатро аҳолии маҳаллӣ нисбат ба мақомоти давлатӣ ҳамчун таҳдид ба дин шуморид ва боиси афзудани кинаю адовати аҳолӣ гардид. Бинобар ин бо тавсияи Бюрои сиёсии КМКП (б) аз 18 маи соли 1922 маҳкамаҳои миллии маҳаллӣ ба расмият дароварда шуданд. Ҳамин

тариқ, дар раванди бекор кардани меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ ду давраро ошкор кардан мумкин аст.

Давраи якум – бекор карда шудани меъёрҳои ҳуқуқии ҳуқуқи кӯҳна дар сарзамини Тоҷикистони ҳозира то ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон ( аз моҳи октябри соли 1917 то 27 октябри соли 1924).

Давраи дуюм – давраи пурра барҳам дода шудани меъёрҳои ҳуқуқии мусулмонӣ ва баъзе одатҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1929), ки он баъзе унсурҳои идомати меъёрҳои ҳуқуқии ислом ва одатҳои ҳуқуқиро истисно намекард [173, с. 260].

Вобаста ба дигаргуниҳои куллии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар замони истиқлолият, ислоҳоти асосҳои адолати судиро Мирзозода М. дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаҳои зерин ҷудо мекунад:

1) Оғози ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар таърихи давлатдории миллӣ аз солҳои 1990-1994;

2) Марҳилаи дуюми ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар солҳои 1994-2003;

3) Марҳилаи сеюми ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар солҳои 2003-2016;

4) Марҳилаи чоруми ислоҳоти судию ҳуқуқӣ аз соли 2016 оғоз шудааст [229, с. 87].

Ҳамин тавр, масъалаи фаъолияти ниҳодҳои судӣ дар самти таъмини адолати судӣ дар доираи ҷанбаҳои идоракунӣ таҳлил шуда, истиқлолияти худи судҳоро дар бар мегирад ва ин мустақилият дар ҳар марҳилаи таърихӣ шакли ба худ хос дорад. Василенко О.Н. таъкид менамояд, ки «дар ҳама ҳолат суд мақсади ҳал намудани баҳс дар бораи ҳуқуқ, бартараф намудани баҳси ҳуқуқӣ ва мухолифатҳоро дошта, мақсади ниҳоӣ – ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати шаҳрвандону шахсони ҳуқуқӣ мебошад» [213, с. 99]. Даврабандии рушди ҳуқуқ ва бахусус ниҳодҳои судӣ нишон медиҳад, ки дар доираи ташаккули таърихии ҳуқуқ ва давлат фарқиятҳо ва хусусиятҳои хоси ҳар як давра мавриди таҳлил қарор мегирад.

Таърихи пайдоиш ва даврабандии ташаккули низоми ниҳодҳои судӣ ҳамчун ниҳоди амалисозандаи адолати судӣ марҳилаҳои гуногуни фаъолияти судҳоро дар бар мегирад, ки решаҳои он ба давраҳои қадими таърихи тоҷикон мепайванданд. Таҳлили даврабандии рушди низоми судӣ исбот мекунад, ки ниҳодҳои ҳуқуқии тамоми давраҳо барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқӣ дар сар то сари минтақаҳои тоҷикнишин мусоидат намуд. Ин омил ба он овард, ки дар арсаи давлатҳои гуногуни асримиёнагӣ тоҷикон мансабҳои асосии соҳаи самти татбиқи ҳуқуқиро ишғол мекарданд.

Чуноне, ки муайян шуд, давлатдории тоҷикон марҳилаҳои гуногуни таъсиси ниҳодҳои судӣ ва ҳуқуқиро аз сар гузаронидааст, ки заминаҳои онҳо аз давраи ҳокимони Пешдодӣ оғоз мегарданд. Ин ниҳодҳо ба ғайр аз асосҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва психологӣ инчунин адолати суди шоҳиро таҷассум мекарданд, ки вазифаи он батанзимдарории муносибатҳои тарафҳо, муқаррар кардани тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи моликият, муқаррар кардани чунин қоидаҳо, ки ба рушди мутаносиб ва осудаҳолонаи ҷомеа меоваранд, маҳсуб мешуд. Ҳатман риоя намудани меъёрҳои умумии рафтору кирдори зоҳирии ҳар як шахс асоси осудагии тамоми ҷомеа буд, ки бе баамалбарории адолати судӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон ба он ноил гардидан имконнопазир мегардид. Аз ин рӯ, ҳокимон ҳамоно таҷассумгари адолати судӣ буда, онро бевосита ва ё бавосита амалӣ мекарданд. Ҳолатҳои мазкур сабабҳои асосии пайдоиши суди шоҳӣ (суди мазолим) дар марҳилаи зардуштии таърихи давлатдории тоҷикон мебошад.

Ҳуқуқи ислом дар ҷамъияти тоинқилобӣ мавқеи муҳим дошт, зеро тавассути он кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим карда мешуданд. Меъёрҳои ҳуқуқии Қуръон қувваи олии ҳуқуқиро доро буда, сарчашмаи ҳуқуқи исломӣ ба шумор мерафт. Бояд гуфт, ки фиқҳ ҳамчун таълимоти ҳуқуқӣ дар давраи исломӣ хеле ташаккул ёфта ба майдони баҳс ва мунозираи олимони ин соҳа табдил ёфт, ки натиҷаи он тақсимбандии мактабҳои фиқҳ гардид.

Барои таҳлили даврабандии ташаккулёбии ниҳодҳои нави давлатдорӣ зарур аст, ки категорияҳои мактабҳои ҳуқуқиро дар мадди назар гирем, зеро таҷрибаи ҳуқуқи мусулмонӣ нишон медиҳад, ки бо таъсири аломатҳои мазҳабии пайравони он ба ин ё он мактаби ҳуқуқӣ ҳамроҳ мешуданд.

Ҳамин тавр даврабандии гуногуни таърихи ташаккул ва рушди ниҳодҳои судӣ Тоҷикистон, аз ҷумла дар ВМКБ моҳияти ин масъаларо барои таҳқиқоти минбаъда осон гардонида, аҳамияти методологӣ дорад. Таҳқиқоти низоми ниҳодҳои судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМКБ ва омӯзиши даврабандии он марҳилаҳои мухталифи фаъолияти судҳоро барои таҳлили муқоисавӣ муҳайё месозад. Даврабандии гуногуни таърихи ташаккул ва рушди ниҳодҳои судӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин равандҳо қисми муҳими такмили низоми ниҳодҳои давлатиро ташкил дода, вобаста ба хусусияти хоси ҳар як марҳила аз ҳамдигар ҷудо мебошанд. Даврабандӣ аҳамияти методологӣ дорад, зеро омӯзиш ва истифодаи ин масъаларо барои таҳқиқоти минбаъда осон гардонида, марҳилаҳои мухталифи фаъолияти судҳоро барои таҳлили муқоисавӣ муҳайё месозад.

Ба андешаи мо таҳлили давраҳои рушди низоми адолати судӣ ва ниҳодҳои он вобаста ба рушди ҷомеаҳои гуногун таснифи ду шакли даврабандиро бояд инъикос намояд: аввалан ин даврабандӣ рушди низоми судии умумиҷаҳонӣ, ва дуввум, ин даврабандӣ доираи низоми ниҳодҳои минтақаи Осиёи Миёнаро дар бар мегирад. Бинобар ҳамин мо тасмим гирифтем, ки чунин шакли даврабандии умумиро пешниҳод намоем:

1) Марҳилаи пайдоиш ва рушди низоми судӣ, ки дараҷаи баланди он қабули Эъломияи Куруши Кабир (515 п.а.м.) буд, ки бори нахуст қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи инсон шакли зоҳирии маҷмуӣ ва хаттӣ гирифта дар асоси ҳамин адолати судӣ низ такмил ёфта дорои принсипҳои муайяни қонунӣ гардид;

2) Марҳилаи мавриди амал гардидани меъёрҳои «Авесто» ва умуман ҳуқуқи зардуштӣ, ниҳодҳои судии ориёӣ-зардуштӣ дар минтақаи Осиёи Миёна ва Хуросон, то замони қонунҳои Деваштич ва ҳуҷуми арабҳо ба ин сарзамин (асри VIII) давом дошт ва дар ин давра адолати судӣ аз руи арзишҳои авастоӣ амалӣ мешуд, ки бевосита дар ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ ва қонунҳои Деваштич низ инъикос ёфта буд;

3) Марҳилаи амали низоми судии исломӣ;

4) Марҳилаи мавҷудияти ҳуқуқ ва низоми судии давраи гузариш.

5) Марҳилаи ҳуқуқ ва низоми судии Шуравӣ ва фаъолият дар асоси таълимоти оилаи ҳуқуқи романо - олмонӣ;

6) Давраи амали қонунгузорӣ ва ниҳодҳои судии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1991 то имрӯз.

Бояд қайд намуд, ки ниҳодҳои амалисозии адолати судӣ дар марҳилаҳои номбаршуда аз ҳамдигар фарқ дошта, дорои махсусияти хос буданд. Албатта ин марҳиларо мо метавонем ба зермарҳилаҳо тақсим намоем, вале ин зермарҳилаҳо нусха(варианти) марҳилаи асосӣ буда, бо таъсиси ниҳоди нав ва ё соҳиб шудан ба салоҳияти  нав вобаста буда, таҳти таъсири ҳамон муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тамаддуни ҳукмрон амал мекарданд.

Минтақаи Бадахшон низ марҳилаҳои номбаршударо тай намуда, ба ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии он тамаддуни ҳукмрон таъсири бузург дошт. Вале бо сабаби шароити ҷуғрофӣ, дур будани он аз марказҳои асосии фарҳангӣ ва сиёсӣ махсусиятҳое дошт, ки зарурати омӯзиши онҳоро ба миён овард.

Албатта, як қатор махсусиятҳои амали мақомоти амалисозандаи адолати судиро бар ҳудуди Бадахшон бояд қайд намуд. Дар марҳилаи сеюм – марҳилаи суди қозӣ дар бадахшон асосан суди анъанавӣ – суди пиру халифаҳо амал менамуд. Дар марҳилаи тошуравии гузариш, яке аз муҳимтарин субъектҳое, ки аҳолдӣ барои баррасии баҳсҳои судӣ ба он муроҷиат менамуд, ин намояндагони артиши Россия дар Бадахшон буданд.

Ҳамин тавр, даврабандии таърихӣ собит мекунад, ки ниҳодҳои ҳуқуқии тамоми давраҳо барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқӣ дар сар то сари мамлакат мусоидат менамуданд. Ин омил ба он овард, ки дар арсаи давлатҳои гуногуни асримиёнагӣ ҳуқуқи ҳифзи судӣ мунтазам рӯ ба инкишоф дошт ва дар давоми давраҳои рушд дар соли 1917 сохтмони низоми суди замонавӣ оғоз шуда давлат аз таъсири ҳуқуқи исломӣ пурра берун гардид.

### 1.3. Сарчашмаҳои ҳуқуқии амалисозии адолати судӣ

Ҳангоми омӯзиши фаъолияти мақомот ва ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ як қатор муаммо ва саволҳое ба миён меоянд, ки таҳлилу баррасии онҳо дар робита бо ниҳодҳои мазкур метавонад омили ҳалли ин муаммоҳоро гардад. Ба ғайр аз моҳият, мазмун, вазифаҳо, усулу тарзҳои амалисозии адолати судӣ, яке аз масоили муҳим муайян ва мушаххас кардани манбаҳо – сарчашмаҳои ҳуқуқие мебошад, ки тибқи онҳо ниҳодҳои гуногун адолати судиро амалӣ менамоянд.

Албатта, сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқии давлатдории тоҷикон дар илм ба таври кофӣ шиносоӣ ва таҳлилу баррасӣ шудааст. Вале новобаста аз омӯзишҳои илмӣ, дар ҳудуди минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони таърихӣ сарчашмаҳои гуногун ва дар баробари онҳо сарчашмаҳои хоси маҳаллӣ амал мекарданд, ки дар фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ гуногунии амалияро ба вуҷуд оварда, саҳифаҳои амалияи судии тоҷиконро бою ғанӣ гардонидаанд.

Сухан дар бораи фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ меравад, ки он дар заминаи кадом сарчашмаҳо адолати судиро амалӣ мекарданд. Муайян кардани сарчашмаи ҳуқуқӣ, ки манбаи коргирии ниҳоди адолати судӣ шудааст, барои илм ва амалия хеле муҳим аст, чунки аз мазмун ва моҳияти сарчашмаи ҳуқуқӣ, амалияи судӣ низ моҳият ва мазмуни хос пайдо мекунад.

Аз ҷониби дигар, санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки дар заминаи он ниҳоди амалисозандаи адолати судӣ таъсис мегардад, хеле муҳим аст. Инчунин қайд намудан зарур аст, ки масъалаи адолати судӣ хислати таърихӣ дорад, аз ин хотир, на танҳо макон, балки замони амалисозии адолати судӣ низ метавонад тавсифдиҳандаи хислати амалисозии адолати судӣ бошад. Дар таърихи даврони шуравии тоҷик дар таълимоти илмии марксистӣ андешае пешниҳод шудааст, ки тибқи он таърихи ҷаҳонӣ се давраи бузург марҳилаи тодавлатӣ, давлатӣ ва бедавлатиро тай мекунад [216, с. 20-26]. Минбаъд дар ҳамин назарияи пайдоиши давлат ва ҳуқуқ категорияи типи таърихии давлат таҳия

гардида, тибқи он мафҳумҳои форматсия, базис, надстройка, рушди таърихӣ, типҳои таърихии давлат пешниҳод карда шуд.

Тибқи таълимоти марксизм, ҷомеаи ҷаҳонӣ панҷ форматсияро пайи ҳам тай мекунад, ки аз ҷомеаи ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, буржуазӣ ва коммунистӣ иборат мебошанд [105, с. 209]. Давлат ва ҳуқуқи ғуломдорӣ, феодалӣ ва буржуазӣ моҳияти синфӣ дошта, бо номи синфҳои асосии ҷомеа машҳуранд. Моҳияти синфӣ доштани давлат ва ҳуқуқи ин се марҳила – форматсияҳо таъкид карда мешавад. Пас, давлат ва ҳуқуқи марҳилаи муайян моҳиятеро дорад, ки ба ҷомеаи замони амали он хос аст.

Дар давоми ин андешаҳо инчунин, моҳияту мазмуни фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ аз давлат, сохтори давлатӣ, механизмҳои амалисозии қарорҳои қабулшуда вобаста мебошанд. Аз ин нуқтаи назар моҳият ва мазмуни сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дар амалияи судӣ нақши муҳим доранд.

Аз ин лиҳоз мо пеш аз он, ки оид ба ниҳоду мақомоти амалисозандаи адолати судӣ ба таври мукаммал ва муфассал таҳлилҳо анҷом диҳем, мехоҳем  оид ба манбаъҳои адолати судӣ - сарчашмаҳои ҳуқуқӣ иттилооти лозимаро дошта бошем. Кадом сарчашмаҳои ҳуқуқӣ манбаи адолати судии замон буданд?

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ, аз ҷумла Куҳистони Бадахшон одатҳои ҳуқуқӣ амал мекарданд [45]. Одатҳои ҳуқуқӣ қадимтарин сарчашмаи ҳуқуқӣ маҳсуб гардида, инсониятро дар давоми ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ ҳамроҳ мебошад.

Одату анъанаҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеаи ибтидоӣ – марҳилаи тодавлатии кишвар ба вуҷуд омада, дар тамоми таърихи давлатдории тоҷикон мавриди истифода буда, дар марҳилаи таҳти омӯзиш низ дар минтақаи Бадахшон амал мекарданд. Одату анъанаҳои ҳуқуқӣ шаклу усули хоси пайдоиш доранд, ки ба ҷараёни пайдоиши он ҳокимияти давлатӣ ва қонунгузорӣ таъсири зиёд надорад. Давлат дар марҳилаи пайдоиш ва садҳо асри минбаъда ба пайдоиш ва ташаккулу рушди одату

анъанаҳои ҳуқуқӣ умуман таъсиргузор набуд. Ин меъёрҳои иҷтимоӣ дар байни ҷомеаи муайян ба вуҷуд омада, дар натиҷаи такрорёбӣ ва пайравии аъзои ҷомеа ба талаботи мазкур устувор гардида, минбаъд баҳри танзими муносибатҳои муайян истифода мегардад.

Имрӯз ҳангоми омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва барои муайян намудани самту масоили танзими ин сарчашмаҳо таносуби байни онҳоро меомӯзанд ва ягонагӣ, тафриқа ва зиддияти байни меъёрҳои байни онҳоро ошкор мекунанд. Вале новобаста аз таносуби мусбат ва ё манфии байни онҳо нисбат ба якдигар, ҳар як сарчашмаи ҳуқуқӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа, доираи муносибатҳои муайянро танзим менамуданд, ки дар аксар маврид аз ҳамдигар фарқ доштанд. Яъне, ҳар як меъёру падидаи иҷтимоӣ, ҳар шакли он муносибатҳои мушаххасро танзим намуда, дар аксар маврид нисбат ба муносибатҳои ҷамъиятии бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ танзимшаванда, мавриди истифода намегардиданд. Дар муносибатҳои ҷамъиятӣ низ тафриқаи танзими ҳар як намуди меъёрҳои иҷтимоиро ба назар гирифта, дар ҷои зарурӣ меъёри ба он мувофиқро истифода мебурданд.

Мушкилот ҳангоме ба вуҷуд меомад, ки меъёрҳои ду намуди меъёрҳои иҷтимоӣ як масъаларо танзим намояд. Масалан ҳангоми бархурди майдони танзими байни сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва одатҳои ҳуқуқии истифодашаванда, ба истифодаи кадом меъёри иҷтимоӣ афзалият дода шавад, масъалаи муҳим ба шумор мерафт. Таҳлили ин масъала дар давраи таҳти омӯзиш баёнгари он аст, ки истифодаи амалии меъёри ҳуқуқӣ, одати ҳуқуқӣ, динӣ, сиёсӣ ва ғайра аз субъекти ҳуқуқ ва баъзан давлат вобаста мебошад. Масалан, дар шароити муосир, ки дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кудак» аз 20 июни соли 2024 [8]. ё қонун “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо” [9]. қабул шудааст, давлат як қатор анъана, ҷашну маросимҳоро тибқи қонунгузорӣ танзим менамояд. Талаботи қонунгузор аз риояи дақиқи ин муносибатҳо ва мувофиқ ба қонун амал кардани субъектҳои онро гузоштааст. Амалияи ҷамъиятӣ

баёнгари он аст, ки аз як ҷониб, вайронкунандагони муносибатҳои таҳти танзими қонунҳои миллӣ зиёд ҳастанд, аз ҷониби дигар, одатҳои ҳуқуқии танзимшуда аллакай ба таври назаррас тағйир ёфта, дигаргун шудаанд, тағйироту иловаҳо ба қонун, манъ намудани шаклҳои нави одатҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби қонунгузор далели ин вазъ мебошад. Ин як ҷанбаи муҳими амали одатҳои ҳуқуқӣ аст, ки аз ҷониби қонунгузор бояд ба назар гирифта шавад ва бояд зудтағйирёбанда будани одатҳои ҳуқуқиро ба назар гирифта, агар онро танзим кардан хоҳем, чаҳорчӯбаи умумии онро муайян намуда, ба таври мушаххас танзим нанамоем, чунки ин кори заҳматталаб тағйироти зуд-зудро талаб мекунад ва қонунгузорро ба ворид сохтани тағйироту иловаҳои ҳаррӯза ба қонунгузории ҷорӣ маҷбур месозад.

Одат ва анъанаҳои ҳуқуқие, ки дар минтақаи Бадахшони Тоҷикистон мавриди истифодаи умум буданд аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди таҳлилҳо қарор гирифтаанд. Одату анъанаҳои ҳуқуқии Бадахшон махсусан аз ҷониби этнографҳо Кисляков П.А, Андреев М.С, Бобринской А.А. ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифта, муаррихони марҳилаи шӯравӣ ба таври оммавӣ ва мунтазам ба таҳқиқи онҳо оғоз намуданд. Баъзе одатҳои ҳуқуқии минтақа аз ҷониби академик Бобоҷон Ғафуров низ таҳқиқ гардидаанд [92]. Аз ҷониби муҳаққиқони ҳуқуқшинос академик Ф.Тоҳиров дар асарҳои гуногуни худ оид ба одатҳои ҳуқуқии ҳашар, духтари сулбӣ, одатҳои ҳуқуқии вобаста ба мерос, меросбарии замин, никоҳ ва ғайра маълумот додааст[174]. Минбаъд дар осори М. Муллоев [134], Э.Б. Буризода [63] оид ба мавзуи мазкур таҳлилҳо анҷом дода шудаанд.

Омӯзиши ҳуқуқии одатҳо аз таҳқиқоти М. Муллоев оғоз шуда буд. Профессор М. Муллоев кӯшиш намуданд, ки кулли одатҳоро - одатҳои ҳуқуқӣ эътироф намоянд. Ҳуқуқшиносони тоҷик, академик Ф. Тоҳиров дар осори илмии худ дар заминаи сарчашмаҳои васеъи илмӣ нуқтаи назари муҳақиқ М. Муллоевро таҳлил намуда, одатҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намуданд: одатҳо ва одатҳои ҳуқуқӣ [133].Минбаъд Э.Б.

Буризода таҳқиқоти ҷиддии одату анъанаҳои ҳуқуқиро анҷом дода, таносуби онро бо дигар сарчашмаҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ошкор намудаанд [63].

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ танҳо он сарчашма ва анъанаҳои ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки ба меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ мухолифат доштанд, яъне аксарияти одату анъанаҳои номбаршуда дар мухолифат ба меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқи исломӣ амал мекарданд. Махсусан дар масъалаи танзими мерос мухолифати байни талаботи одати ҳуқуқӣ ва меъёри ҳуқуқӣ хеле зиёд буда, коллизияи мазкур на ҳамеша ба манфиати меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ ва тибқи он ҳал мешуд. Баръакси ин ҳолат муҳаққиқон дар таҳқиқотҳояшон ошкор намуданд, ки аксарияти меъёрҳои одатҳои ҳуқуқӣ амали бештар, васеъ, инчунин майдони фарохи фаъолиятро нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ доштанд. Мисоли равшани ин андеша амали падидаи ҳаққи мерос мебошад. Тибқи таълимоти макотиби исломӣ, ки аз сарчашмаи асосӣ - Қуръон сарчашма мегирад, дар ҳуқуқи мерос як мард дар меросбарӣ ду ҳаққи як занро дорад [180]. Масалан дар оила ду фарзанд бошад, яке писар дигар духтар, пас, меросе ки барои фарзандон гузошта шудааст, се тақсим карда мешавад ва як ҳисса ба зан ва ду ҳиссааш ба мард дода мешавад. Дар минтақаи Бадахшон ин тартибот риоя намешуд. Дар мисоли марде, ки ду никоҳ (оила) дорад (дар оилаи якум, чор фарзанд ва аз оилаи дуюм як духтар), мерос чунин тақсим карда мешуд. Мерос барои зану фарзандон баробар ба оилаи якум 50% ва ба оилаи дуюм низ 50% боқимонда, новобаста аз он ки меросхӯри як оила як духтар ва аз оилаи дигар 4 нафар ва ё зиёда духтару писарон бошад [173].

Одати ҳуқуқии “ҳаққи мум” вуҷуд дошт, ки меросхӯрон ҳатто баъд аз вафоти бибӣ (модари модар) дар никоҳи аввал, ё фарзанд надошта дар никоҳи дуюм ва ғайра аст, ҳаққи ӯ ё маҳрашро аз шавҳараш ва ё хонаводаи шавҳар - падар, бобо талаб мекарданд [232].

Албатта, одат ва анъанаҳои ҳуқуқӣ аз қадим дар ҷараёни таърихии рушди маҳалл ва барои қонеъ намудани талаботи ҷомеа ба танзимоти амиқ ба вуҷуд омада, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуданд ва барои осон кардани ҳалли муаммо ва мушкилоти ҷомеа равона шуда буданд. Азбаски аксарияти одатҳои ҳуқуқӣ дар тору пуди ҳаёти ҷамъият печида ва муддати тӯлонӣ амал мекарданд ва ба қонунгузории амалкунанда мухолифат надоштанд, онҳо одату анъанаҳои мусбате маҳсуб мешуданд, ки дар ҳаёти мардум мавқеи муҳим доштанд. Ин одатҳои ҳуқуқӣ дар ҳамаи соҳа ва самтҳои ҳаёти ҷомеа вуҷуд доштанд. Ин одатҳо дар муносибатҳои оилавӣ, ҳангоми маросиму маъракаҳо, ҷашнҳо, масалан тӯи хатна, арусӣ ва ғайра мушоҳида мешуданд, ки барои баргузории яксони онҳо шароит фароҳам меоварданд. Онҳо муносибати байни одамон, оилаҳо, ҷамъият, муносибат ба онҳое, ки қонуншиканӣ, зино ва амалҳои ғайриқонунӣ иҷро кардаанд, низ танзим мекарданд. Масалан, ҷазои “сараспа” вуҷуд дошт, ки дар ҳуқуқи ислом умуман вуҷуд надошт. Ин ҷазо чунин татбиқ карда мешуд. Шахси гунаҳкор дар сутуни баланд баста мешуд ва одамон аз болои асп аз камон ба ӯ тир мезаданд [67]. Дигар одати мухолиф ба ҳуқуқи мурофиавии ислом ин падидаи “модар” хондани ҷабрдида вуҷуд дошт, ҳангоми як мард нисбат ба зане ба зино гунаҳкор карда мешуд, истифода мегардид. Ин одати маҳаллӣ аз марди айбдоршаванда талаб мекард, то синаи ҷабрдидаро ба даҳон гирифта, ӯро модар хонад. Ин маъноеро дошт, ки ин мард ба ин зан ҳамчун модар муносибат дорад ва ҳеҷ гоҳ ба ӯ зино накарда ва намекунад. Албатта, ин муносибат ба сифати далели бегуноҳии мард қабул мешуд, агар зан ин андешаро тасдиқ кунад. Ин ва дигар одату анъанаҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуда, принсипи қонуниятро дар ҷомеа устувор менамуданд. Вале қайд намудан зарур аст, ки садҳо одату анъанаҳои ҳуқуқие вуҷуд доштанд, ки ба меъёрҳои дигари иҷтимоӣ, аз ҷумла ба меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ мухолифат надошта, балки якҷоя бо талаботи он амал мекарданд ва дар ҳаёти иҷтимоӣ нақши муҳим доштанд.

Дигар, сарчашмаи муҳиме, ки таърихи тӯлонии амал дошт, китоби динии Авесто [51] ва махсусан принсипу меъёрҳои ҳуқуқии он ба шумор мерафт. Авесто ва садҳо китобҳои дигари ҳуқуқии дар заминаи он таҳиягардида, то паҳн гардидани ҳуқуқи исломӣ дар минтақаи Бадахшон ба таври комил амал мекарданд. Авесто ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ муносибатҳои муҳимтарини иҷтимоиро дар минтақа танзим менамуд. Авесто ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ принсип ва меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқи оилавӣ, маданӣ, ҷиноятӣ, мурофиавӣ, судӣ, андоз, ҳуқуқи экологӣ, мақоми ҳуқуқии шахс ва дигар соҳаҳои ҳуқукро дар бар мегирифт. Оид ба Авесто ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ таҳқиқоти зиёд вуҷуд дорад [76]. Қайд намудан лозим аст, ки дар марҳилаи мавриди омӯзиш низ як қатор меъёрҳои ҳуқуқи зардуштӣ муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекарданд, чӣ тавре, ки баъд аз паҳн гардидани дини ислом ва меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ низ як ҷузъи асосии ин меъёрҳо дар Бадахшон мавриди амал буданд.

Меъёрҳои ҳуқуқии Авесто вобаста ба кишоварзӣ, муҳити зист, арҷгузорӣ ба об, оташ, бод, хок, арҷгузории Наврӯз, падидаҳои вобаста ба обу оташ, аз ҷумлаи ин гуна меъёрҳои мавриди амал буданд. Беҳуда нест, ки аксарияти падидаҳои фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ниёгон, ки ҷузъи он аст, масалан кулли падидаҳои бо Наврӯзи ориёӣ алоқаманд то имрӯз дар минтақаи Бадахшон бештар ҳифз карда шудааст. Аз як тараф, кӯҳҳои баланду душворгузар омили ҳифз шудани сарчашмаҳои қадима ва оинҳои ниёгон шуда бошад, аз ҷониби дигар, мардуми Бадахшон дар ҳифзу идомати фарҳанги ниёгон бештар истодагарӣ кардаанд.

Сарчашмаи дигари амалкунанда падида ва меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ аст, ки бо паҳн шудани дини ислом мавриди истифода қарор гирифта буданд. Меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқи исломӣ дар ҳудуди Бадахшони Тоҷикистон аз сарчашмаҳои ду мактаби динӣ – ҳуқуқӣ ташкил шуда буданд: Якум, таълимоти ҳуқуқии исмоилия, ки аз асри XIII амал мекарданд. Нисбат ба сарчашмаҳои ҳуқуқи исмоилия дар

Бадахшон қайд намудан лозим аст, ки аллакай аз оғози мавриди амал қарор гирифтани таълимоти мактаби мазкур қисми зиёди меъёрҳои амалкунанда, махсусан меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ аз таълимоти ҳуқуқи аҳли суннат ва ҷамоат, махсусан таълимоти мактаби Абуҳанифа ва таълимоти мактаби Шофеия истифода бурда мешуд[60].Як қисми азими меъёрҳои моддӣ аз таълимоти давлати Фотимиҳо гирифта шуда буд. Таҳияи илмӣ ва амалии ҳуқуқи мурофиавии аҳли шиа аз оғози асри XVI бо супориши Исмоили Сафавӣ сурат мегирад. Исмоили Сафавӣ асосгузори давлати Сафавиён дар Ирон пайрави аҳли шиаи ҷаъфария буда, кӯшиш намуд, ки мазҳаби мардуми Иронро иваз намояд ва дар Ирон таҳти кӯшишҳои ӯ равияи шиа мазҳаби давлатӣ гардид [89]. Минбаъд меъёрҳои ин мактаби ҳуқуқӣ дар байни дигар макотиби шиа паҳн гардид.

Қайд кардан лозим аст, ки дар ҳаёти мардуми минтақаи Бадахшон меъёрҳои ҳуқуқӣ бо ҷаҳонбинии мардуми маҳалл омехта гардида, муносибатҳои ҷамъиятӣ тавре танзим мегардид, ки аз доираи танзими таълимоти ҳуқуқӣ берун буд. Сухан дар бораи тасаввуроти аҳолии маҳалл дар бораи некиву бадӣ меравад. Дар байни мардон ва махсусан ҷавонон муносибат ба масоили гуногуни ҳаётӣ аз руи қоидаҳои оинҳои гуногун, мисли "оини ҷавонмардӣ" мушоҳида карда мешуд. Дастгирии дӯстон дар вазъияти вазнин, кумаки ҳамсоя, ҳангоми душворӣ ба ёрӣ расидан, дурӯғ нагуфтан, ҳимояи ашхоси нотавон, ба занон даст набардоштан ва ғайра аз талаботи ин гурӯҳҳо бармеомад ва мардон онро пайравӣ мекарданд [97, с. 24].

Ҳамроҳкунии Бадахшон ба Аморати Бухоро сабаби муттаҳид намудани ин қисмати Тоҷикистони муосир ба Аморати Бухоро гардида, сохтори маъмурии он низ иваз мегардад. Ҳудуди Бадахшон ба бекигариҳои алоҳида тақсим гардида, бекигариҳо ба амлокдорӣ ва амлокдориҳо ба деҳа ва ё арбобигариҳо тақсим мешуданд. Бек, қозӣ ва раис аз ҷониби Амири Бухоро ба вазифа тайин гардида, боқимонда амалдорони маҳаллиро бек ба вазифа тайин менамуд. Бо паҳн шудани

ҳокимияти Аморати Бухоро ва тайин намудани қозӣ мактаби динию ҳуқуқии Ҳанафӣ дар минтақа ҷорӣ гардид. Қозиён таълимоти мактаби ҳанафиро барои амалисозии адолати судӣ истифода мебурданд, ки пайравони он дар минтақа камшумор буданд.

Вазъияти баъд аз ҳамроҳкунӣ ба Аморати Бухоро барои муттаҳид шудани мардум дар атрофи роҳбарони маҳалл маҷбур мекард. Ҳангоми ба вуҷуд омадани низо ва баҳсҳо, махсусан агар дар ҷараёни он бо ҷанҷоли лафзӣ қаноат накарда, қувваи ҷисмонӣ истифода карда бошанд, беку навкарон, пеш аз ҳама, пурсишро аз латукӯби ҳарду тараф оғоз мекарданд ва баъд аз он сабаби низоро мепурсиданд. Табиист, ки баъд аз хӯрдани шаллоқи зиёд, ҷонибҳои даргир дигар бо беку навкарон ва ё қозӣ ҳамкорӣ намекарданд [100]. Аз ин сабаб, дар китоби судҳо оид ба низову баҳсҳои ҳуқуқӣ навиштаҷотҳо хеле кам буданд. Ашхоси нозир, ки кори судҳоро назорат мекард, аз ин хулоса мекарданд, ки "мардуми Бадахшон – ашхоси хеле боадаб ва фарҳангӣ мебошанд", чунки байни худ низову кашмакаш надоранд.

Дуюм, таълимоти мактаби Абу Ҳанифа бо таҳти идоракунии ҷиддии Аморати Бухоро қарор гирифтани ҳудуди Бадахшон ҳамчун сарчашмаи расмии кишвар мавриди амал қарор гирифт. Таълимоти мактаби Ҳанафӣ аллакай дар кишвар амал мекард, вале ҳамчун мактаб ва таълимотии расмии давлатӣ, ки қозиёни давлат онро истифода мебурданд, аз асри XIX оғоз меёбад. Қайд намудан лозим аст, ки асосан падида ва меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ – моликият, моликияти хусусӣ, шартномаҳо, уҳдадориҳо, падидаи шоҳид, далел, худикроркунӣ ва ғайра, инчунин меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиву мурофиа, аз қабили намудҳои ҷиноят ва ҷазо мавриди амал буданд.

Бояд қайд намуд, ки таносуби байни сарчашмаҳои гуногуни амалкунанда дар фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ гуногун ба назар мерасид. Ҳамон як ҳолатро метавонистанд ниҳодҳои гуногун мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор диҳанд. Дар ин ҷо омилҳои гуногун ба тобеъияти парвандаҳо таъсиргузор буд. Масалан

баҳс оид ба мерос, замин, дигар баҳсҳоро ҳам ниҳоди ҷамъиятӣ, динӣ ва қозии давлатӣ метавонист барои баррасӣ қабул кунад. Аммо дар ҳолатҳое, ки агар мерос, замин, баҳсҳои дигар дар асоси ҳуҷҷати қайди давлатӣ бошад (яъне қозии давлатӣ дода бошад), ва ё баръакс, агар барои қонеъ намудани баҳс ҳатман бояд ҳуҷҷати расмӣ дода шавад, пас, баррасии парванда ба қозӣ – судяи давлатӣ интиқол дода мешуд. Ҳамин тариқ омилҳои гуногун асос барои ба тобеъияти ин ё он ниҳоди амалисозандаи адолати судӣ ирсол гардидани парванда мегардид.

Инчунин дар сурати мавҷуд набудани муқаррароти умумӣ оид ба тобеъияти судӣ, даъвогар ва ҷабрдида ҳаққи озоди мурочиат ба ниҳодҳои гуногуни амалисозандаи адолати судиро доштанд. Дар сурати ба ниҳодҳои ҷамъиятӣ мурочиат намудани даъвогар, вай розигӣ медод, ки қарори қабулшударо қабул ва ихтиёран иҷро хоҳад кард. Вале дар сурати дар асоси ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ даъво пешниҳод намудан он таҳти тобеъияти суди давлатӣ буда, онро қозӣ бояд баррасӣ менамуд.

Дар ҳудуди минтақаи Бадахшони Тоҷикистон “мурофиаи Худо (Божий суд)” амал мекард [135]. Ин ниҳоди ҷамъиятӣ асосан дар заминаи сарчашмаҳои одатӣ амал мекард. Масалан, он тавонист имтиҳон ташкил кунад, он метавонист, оятҳои Қуръонро дар рӯи нон ва пораи қоғаз навишта ба ҷавобгар хӯронад ва ғайра. Азбаски мардум ҷаҳонбинии динӣ доштанд, дар аксар маврид рӯҳан азоб кашида худашон агар гунаҳкор бошанд, иқрори гуноҳ мекарданд. Дар ин мавридҳо ҷаҳонбинии динӣ маҷбур менамуд, гунаҳкор ба содир намудани гуноҳ иқрор намояд.

Таҳқиқотҳои сарчашмаҳои парвандаҳои судӣ то давраи инқилоби соли 1917 нишон медиҳад, ки аслан пешбурди парвандаи судӣ аз якчанд омил вобастагӣ дошт:

- аввалан интихоби сарчашмаҳо аз худи довар-додрас вобастагӣ дошт, ки ба кадом ҳуқуқ ва ё мактаби ҳуқуқӣ такя намояд. Дар ин маврид доваркунанда аз донишҳои доштаи худ истифода мекунад ва

агар дониши вай ба ҳалли масъала нарасид, дар ин маврид баҳс ба зинаи дигар интиқол мешуд;

- дуюм, интихоби сарчашмаҳо аз намуди баҳс вобастагӣ дошт. Агар баҳс хислати маъмурӣ дошта бошад, дар ин маврид онро дар асоси қонунгузории амалкунанда ниҳодҳои маъмурӣ ҳал мекарданд;

- сеюм, сарчашмаи баҳси судиро тарафҳо интихоб мекарданд. Дар аксар маврид ин меъёрҳои Қуръон ва ҳадисҳои Пайғамбар ҳисоб мешуданд, ки дар бораи онҳо уламои дин маълумоти кофӣ доштанд ва мардум низ то давраи инқилоб ба ин сарчашмаҳо эътиқоди бештар дошт;

- чорум, сарчашмаи ҳалли баҳсҳо ҳуҷҷатҳои шахсии эътирофшуда ҳисоб мешуданд, ки дар асоси онҳо ҳуқуқи тарафҳо нисбат ба моликият муайян мегардид.

Ҳамин тавр, таҳқиқотҳои сарчашмаҳои парвандаҳои судӣ то давраи инқилоби соли 1917 хислати алтернативии судҳоро исбот мекунад. Яъне мардум худашон роҳи ҳалли баҳси худро интихоб карда, ба сохтори дахлдор муроҷиат мекарданд. Дар ин маврид як нуқтаи дигарро бояд зикр намуд, ки боварии мардум ва хароҷоти супурдани боҷ дар марҳилаи суди уламои маҳаллӣ барои мардуми оддӣ осонтар буд, зеро масрафи онҳо камтар буд.

Дар омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқии Бадахшон се марҳиларо ҷудо кардан зарур аст:

- аввалан ин давраи охири асри XIX ва аввали асри XX – ро дар бар мегирад. Дар ин давра олимони рус А.А.Бобринской, И.И.Семенов, Андреев ва дигар олимон дастхатҳои қозиёнро мавриди таҳқиқ қарор доданд;

- давраи дуюм солҳои 60-70-уми асри XX-ро дар бар мегирад ва дар ин давра маълумоти бештар дар таҳқиқоти Бертельс.А ва М. Бақоев оварда шудаанд, ки экспедитсияи махсуси ҷамъоварии дастнависҳоро ташкил намуданд;

- давраи сеюм, ин замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро дар бар мегирад ва дар ин давра аз тарафи олимон сарчашмаҳои нав дарёфт

шуданд, ки дар давоми даврони Шуравӣ бо сабаби идеологӣ пинҳон монда буданд [238, с.78].

Дар сарчашмашиносии манбаҳои ҳуқуқии Бадахшон асари Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар «Таърихи Бадахшон» нақши калон дорад. Ин асар дар соли 2007 ба ҳарфи кирилликӣ гузаронида шуда, бо дастгирии Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ, Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардид. Ин китоб, таърихи 250-солаи тоҷикони Бадахшонро дар давраи асрҳои XVII - аввали XX (1657-1907) ҷамъоварӣ намуда, маводи саҳеҳ оид ба ҳуқуқ, таркиби этникӣ, дин, ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум ҷамъоварӣ шудаанд [140]. Дар асар аз он ҷумла ҷанбаҳои ҳуқуқи мерос, хариду фуруш, пардохти қарз ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ васеъ таҳлил шудаанд, ки манбаи муҳими омузиши ҳуқуқро ташкил мекунанд. Дар худи сарчашмаҳои ин давра, мо якчанд аломатро ҷудо намудем:

- онҳо бо забони форсӣ дорои хатти арабӣ навишта шудаанд;

- сарчашмаҳо танҳо бо имзо ва муҳри қозӣ тасдиқ шудаанд;

-сарчашмаҳо бештар ҳуқуқи шаҳрванди алоҳидаро тасдиқ мекунанд ва аз ҳамин лиҳоз ҳуҷҷати моликиятӣ маҳсуб мешуданд;

- тамоми сарчашмаҳои хаттӣ, ки аз номи қозиҳо навишта шуданд, давраи то соли 1924 - ро инъикос мекунанд ва аз ҳамин ҷиҳат дар замони баъди соли 1925 аҳамияти худро аз даст доданд ва ҳатто ғайриқонунӣ дониста шуданд. Хронологияи ҳуҷҷатҳо хеле гуногун аст ва он ҳуҷҷатҳое, ки мо дастрас намудем, ҳатто ба асри XVII низ таалуқ доранд. Чунончи дар ҳуҷҷати зерин чунин омадааст:

«**Баҳси хоҷагидорӣ**. Забон: форсӣ. Сана: 7-уми ҷумъаду-л-аввали 1160 (17-уми майи 1747). Ин санад гувоҳӣ медиҳад, ки Мулло Назарӣ, писари Хоҷаи Зангӣ барои адо кардани 500 танга қарзи худ дар деҳаи Занг як порча заминеро ба Шоҳ Лангар, писари Шоҳ Назаршоҳ медиҳад. Мулло Назарӣ фарзанд надорад ва занаш Шакар Хоҷа духтари Хуҷа Бигим низ ба ин муомила розӣ аст.

Шоҳидон: Мулло Иттиёр; Муборак-қадам; Арбоби Фадил бо бародарону фарзандонаш; Шукр Хоҷа, писари Қаландар; Сунбул Кошонхонӣ; Оқои Бобои Занги; Абдулалӣ; Шоҳ Қудрат; Мулло Муҳаммад; Пир Муҳаммад; Бағдод; Бик Панҷӣ; Курча;Гадо Мухаммад; Худой-бирдӣ; Сайид Бик; Шайх; Мулло Ҳаҷҷӣ; Ниъмат Аллох, писари Қаландар; Давлат Шоҳ; Арбоб Ашур. **Мӯҳрҳо**: Қоҳиш Мирзо ибни Қоҷӣ Ғиёси Мирзо; Амир Мансур ибни Маҳдишоҳ.Андоза / Рақами ҳуҷҷат: 34,7 x 21,7 см / ZongA 21».

Дар ин ҳуҷҷат мо баҳси хоҷагидориро мебинем, ки дар он як тараф барои адо кардани 500 танга қарзи худ порчаи замини худро ба қарздиҳанда медиҳад ва аз тарафҳои манфиатдор розигӣ мегирад. Шумораи зиёди шоҳидон далели он аст, ки ҳар чи бештар агар ҳамдеҳагон донанд, барои соҳиби нави замин исбот кардани ҳуқуқи худ осон мешавад. Дар парвандаҳои Қозиёни Бадахшони дар давраи охири асри XIX ва аввали асри XX маъмулан мо мавзуҳои зеринро муайян намудем:

- меросгирии замин;
- ба ҳайси хидматгор ба кор гирифтан;
- даъвои замин;
- тафтиши ҳуҷҷати замин;
- шарти ошти шудан;
- баҳси оилавӣ;
- идораи муваққатии амвол баъди фавти соҳиби он;

Барои мо баҳси сокинони қирғизони Помир ва афғонҳои Зибок дар атрофи замини атрофи деҳаи Лангар аҷиб намуд, зеро ин заминҳо аслан ба мардуми Вахон таалуқ доштанд, аммо идоракунии онҳоро ҳокимони Зебоки Афғонистон ҳал мекарданд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки сокинони тоҷики ин минтақа ба соҳили чапи дарёи Панҷ ба ҳудуди Афғонистон кучида баҳси худро низ ба маҳкамаи шаҳри Зебок пешниҳод намудаанд. Аз шумораи шоҳидон маълум мешавад, ки сокинони муқимии назди замини баҳснок тоҷикон буда, дар чарогоҳҳо қирғизҳо

мезистанд. Ҳуҷҷатро намояндаи дастаи ҳарбии Лангар низ тасдиқ кардааст, зеро дар поён бо забони русӣ калимаи «утверждаю» ва имзо омадааст. Охирин ҳуҷҷате, ки ба соли 1924 таалуқ дорад, дар бораи зарар ба замин мебошад. Дар ҳуҷҷат чунин омадааст:

«Сана: 1342 (августи 1923 – августи 1924). Ин ёддошти шикоят дар бораи зараре, ки ба замини соҳиби Ҳақ Назар, писари Мурувват, аз тарафи Хушқадам писари Давлатқадам расонида шудааст. Дар рузи 12-уми моҳи Зулҳиҷҷа Муҳаммад Алибек Вахӣ 10 гусфандро ба Мирзоқанд иҷора дод. Қанд маҷбур шуд, ки баъди ҷамъоварии ҳосил ба Вахон рафта, онҳоро баргардонад. Ғуломшоҳ Банда Шатло шоҳиди он буд. Дар шаҳодатномаҳо омадааст, ки дар рӯзи 25-уми моҳи Зулҳиҷҷа, Хуш Назар ва Раҷаббек хисороти расидаро ба замини Ҳақ Назар тасдиқ кардаанд. Шоҳидон: Подшоҳ Мазҳаби Қурбон; Муҳаммад Қурбон бек; Султон Табон.

Мӯҳр: мӯҳр нест. Андоза / Рақами ҳуҷҷат: 22,0 х 9,7 см / Барвоз 35, Забони форсӣ» [245, с. 78].

Дар китоби олими тоҷик Эльчибеков Қурбонбек бо номи «Шуғнон ва Рушон дар сарчашмаҳои таърихӣ» (Шугнан и Рушан в исторических источниках), муаллиф китоби «Таърихи Бадахшон»-и Қурбон Муҳаммад (Охон Сулаймон) ва Муҳаббат Шоҳзода (Саид Шоҳфитур) ва дигар дастнависҳоро таҳлил намуда, мансабҳои судӣ ва идоракуниро дар Бадахшон чунин овардааст:

- шоҳон ва мирҳо – ҳокимон ва ноиби онҳо;
- қушбегӣ – ноиби ҳоким;
- девонбегӣ – кори молиявӣ;
- лашкар-бошӣ – ҳарбӣ;
- қозӣ – кори адолати судӣ;
- саркор бошӣ- назоратчии замини шоҳӣ [197, с. 90].
- ақсақол – раиси маҳалла;
- арбоб - ёрдамчии раиси маҳалла;
- навкар – сарбози дастаи ҳарбӣ [120, с. 14].

Ба ҳамин монанд сохтори мақомоти маҳаллии идоракунӣ инчунин дар асари «Қайдҳои таърихӣ»(«Исторические заметки») оварда мешавад, ки он соли 1963 аз тарафи экспедитсияи А.Бертелс ва И. Боқиев дар ноҳияи Рушон дарёфт шудааст [61, с. 89]. Муаллифони ин дастнавис ду сокини деҳаи Йемс Қурбоншо Зуҳурбекзода ва Ғарибмуҳаммад Қозизода буданд. Хронологияи ин дастнавис солҳои 1837 то соли 1920-ро дарбар мегирад. Дар ин дастнавис муаллифон се низоми ҳуқуқиро ёдрас мешаванд: қозиҳои маҳаллӣ, афсарони отряди рус ва низоми ҳуқуқии аморати Бухоро, ки намояндагии онро ходимони беки Шуғнон иҷро мекарданд. Соли 1918 бо ёрии сокинони маҳаллӣ ҳар сеи ин ҳокимият сарнагун шуда, Ҳокимияти Шуравӣ барпо гардид. Аммо баҳори соли 1920 ҳокимияти амири Бухоро дар Помир аз нав барқарор шуд. Милитсионерҳои сурх пароканда шуданд ва қозиҳо ба таъмини қонун шуруъ намуданд. 27 июни соли 1920 яке аз фаъолони инқилобӣ Наврузбеков Азизбек дастаи 20 нафараро ҷамъ карда ва ба маркази қароргоҳи беки Шуғнон дар шаҳри Хоруғ ҳуҷум кард [144, с. 25-26]. Дар китоби «Таърихи Бадахшон» навишта шудааст, ки мири амири Бухоро аз тарафи инқилобчиён ба ҳабс гирифта шуд ва тамоми моли вай мусодира шуд. Иловатан қарзи вай дар назди ҳокимияти нав 78 ҳазор рублро ташкил дод [120, с. 164]. Баъди он ки ҷавонони инқилобӣ дар Хоруғ барқароршавии ҳокимияти шуравиро эълон намуданд, аз тарафи Вахон ба Хоруғ дастаи аскарони сурх дар ҳайати П. Воловик, табиб Вичич ва Руднев омаданд [145, с. 27].

Дар китоби «Таърихи Бадахшон»-и Охон Сулаймон ва Охон Шофитур фаъолияти минбаъдаи ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ ва суд ҳамчун ваколати отряди ҳарбӣ нишон дода мешавад, ки бевосита аз тарафи сардори дастаи Хоруғ амалӣ мешавад. Муаллифон хронологияи роҳбарии дастаро чунин нишон медиҳанд:

Солҳои 1896-1898 – сардори даста В. Банковский;

Солҳои 1898- 1900 – сардори даста капитан П.С. Аносов;

Солҳои 1900-1901 – сардори даста капитан Бодрицкий;

Солҳои 1901-1902 – сардори даста полковник Кивикэс;

Солҳои 1902-1904 – сардори даста штабс-капитан Снесарев;

Солҳои 1904-1905 – сардори даста подполковник Ареенпиев;

Солҳои 1905-1906 – сардори даста полковник Кивикэс;

Солҳои I908-1912 – сардори даста подполковник Муханов;

Солҳои I912-I9I4 – сардори даста полковник Шпилко;

Солҳои 1914-1917 – сардори даста полковник Ягелло.

Аз ҳамин давра сар карда, идоракунии низомии Помир ба ҳаракатҳои инқилобӣ дучор мешавад ва танҳо соли 1920 Ҳокимияти Шуравӣ пурра дар минтақа ғалаба мекунад.

Хулоса, ҳангоми омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ – манбаъҳои мурочиати ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар минтақаи Бадахшон ба ҳолатҳое дучор мегардем, ки якчанд сарчашмаҳои аз ҳам мустақили ҳуқуқӣ, анъана ва одатҳои ҳуқуқӣ метавонистанд ба сифати сарчашмаи баррасии парвандаҳо хизмат намоянд. Тобеъияти судии парвандаҳо ҳарчанд ба таври дақиқ дар қонунгузорӣ муқаррар нашуда буд, вале дар амал вуҷуд дошт. Аҳолӣ дар ҳолатҳои муайян ба суди мушаххас бояд мурочиат мекарданд.

Қайд намудан лозим аст, ки аксари ниҳодҳои судӣ метавонистанд меъёрҳои як ё якчанд сарчашмаҳои номбаршударо ба сифати манбаи мурофиавӣ қарор дода, тибқи меъёрҳои он адолати судиро амалӣ созанд. Аз ин сабаб, аксари муҳаққиқон андешаеро ҷонибдор ҳастанд, ки дар ҳудуди Бадахшон меъёрҳои ахлоқӣ дар баррасии парванда ва даъвоҳои гуногун фаровон истифода бурда мешуд ва аз ин сабаб, падида ва меъёрҳои динӣ дар ин минтақа мақоми баланд надошта, танҳо дар ҳолати зарурат ва тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда ба он мурочиат карда мешуд.

Дар сурати мурочиати даъвогар ва ё ҷабрдида ба қозии давлатӣ, табиист, ки асосан ин гуна даъвоҳо тибқи талаботи таълимоти мактаби ҳанафӣ баррасӣ мегардид.

# БОБИ II. ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НИҲОДҲОИ АМАЛИСОЗАНДАИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР МИНТАҚАИ БАДАХШОНИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Судя (қозӣ) ниҳоди давлатии амалисозандаи адолати судӣ дар Бадахшони тошуравӣ

Дар адабиёти илмӣ ҳангоми омӯзиши фарҳангу тамаддуни ниёгон ва инчунин таърихи давлатдории миллат ба мақомоти қудратии он – суд, прокуратура, артиш диққати асосӣ дода мешавад. Андешаи мазкур замина дар таълимоти марксизм дорад, ки тибқи он” ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама дар суд, артиш ва полис зуҳур меёбад” [137, с. 287]. Ҳарчанд барои фаъолияти як давлат, мақомоту муассисаҳо, ниҳодҳои иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангиву иқтисодӣ, истеҳсолоту тақсимот, мубодилаву савдо ва даҳҳо падидаҳои дигар лозим аст, вале суд яке аз муҳимтарин восита ва ниҳоди ҷавҳарии ҳокимияти давлатӣ аст.

Суд на танҳо ба ҳайси як шохаи ҳокимият амал мекунад, балки аз тариқи суд адолати иҷтимоӣ ва судӣ амалӣ карда мешавад. Суд ҳимоятгари воқеии ҳуқуқу озодиҳо, манфиати шахсият, давлат ва ҷомеа мебошад. Суд кафили таъмини амали дурусти қонунгузорӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Суд ифодакунандаи моҳияти сиёсии давлат буда, аз тариқи қабули қарор ва ҳукм аз номи давлат, пояи ҳуқуқии онро устувор месозад. Аз ин хотир андешаи марксизм оид ба суд дуруст буда, аҳамияти фавқулода доштани онро дар низоми ҳокимияти давлатӣ, устувор нигоҳ доштани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъкид менамояд.

Мақоми суд дар шароити муосир на танҳо нерӯманд мегардад, балки аҳамияти он дар тӯли таърихи давлатдории бостонии кишварҳои ҷаҳон, махсусан Тоҷикистони таърихӣ, хеле бузург ба назар мерасад. Омӯзиши мақоми ниҳодҳои судӣ, махсусан суди умумӣ ва дигар ниҳодҳои ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул буда метавонад моро ба кашфи мақоми воқеии ин шохаи ҳокимияти давлатӣ дар гузашта расонад. Албатта, омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати

судӣ дар минтақаву маҳал низ аз аҳамияти илмӣ холӣ нест, чунки донишу далелҳои ҷамъоваришуда метавонанд тавсифи муфассалу комили ин ниҳоди муҳимро ошкору пешниҳод созанд. Аз ин лиҳоз омӯзиши фаъолияти судӣ дар минтақаи Бадахшони Тоҷикистони муосир барои ошкор кардани хусусиёти ин мақомот дар таърихи тоҷикон ва муайян кардани мавқеи он дар низоми ҳокимияти давлатӣ ба мо кӯмаки амалӣ мерасонад.

Дар ҳудуди Бадахшони тошуравӣ ниҳоди асосии амалисозандаи адолати судӣ - судя (қозӣ) маҳсуб мегардид. Қозӣ яке аз мансабдорони муҳимтарини бекигариҳо ба ҳисоб рафта, бевосита аз ҷониби Амири Бухоро ба вазифа тайин карда мешуд. Санади тайини судя ба мансаб маншур, сиҷҷил, акд номида мешуд [73, с. 69]. Судя метавонист аз тариқи шифоҳӣ бо фармони шифоҳии Амири Бухоро ба мансаб тайин гардад, вале аксарияти тайинот хаттӣ буда, маншури тайин ба мансаб ба номзад дода мешуд ва иттилоот вуҷуд дорад, ки онро номзад ба судя дар дастори (саллаи) худ халонида, чанд мӯддат бо он ба маҳкама ҳозир мешуд. Ин ҳолат ба атрофиён аз тайини расмии номзад ба вазифаи судя дарак медод.

Дар фармон дар бораи тайин ба вазифа, уҳдадорӣ ва салоҳиятҳои асосии судя муқаррарот акс ёфта буд. Судя нафаре тайин карда мешуд, ки тахассуси баланд, дониши кофӣ ва таҷрибаи касбӣ дошта бошад. Таълимоти ҳуқуқӣ талаб менамуд, ки судя талаботи умумиро чӣ дар фаъолияти оммавии худ ҳангоми муносибат бо аҳолӣ, дар маҳкама ва мурофиаи судӣ, инчунин дар муносибатҳои берун аз фаъолияти корӣ, дар фаъолияти шахсӣ низ бояд риоя намояд [73, с. 69]. Дар таълимоти ҳуқуқии ниёгон оид ба судя, қайд намудан лозим аст, ки яке аз аввалин намунаи қонун оид ба бархурди (зиддияти) манфиатҳо баръало мушоҳида мешуд. Яъне аллакай ҳангоми тайин ба мансаби судя, таълимоти ҳуқуқӣ тартиботеро талаб менамуд, ки бархурди манфиатҳоро истисно намояд. Яке аз меъёрҳои башардӯстонаи ҳуқуқи ин марҳила аз ҳамин гуна меъёрҳо иборат аст.

Дар тафовут аз қозии дигар бекигариҳо, ки на танҳо салоҳияти судӣ, балки назоратӣ, тайини васию парастор барои кӯдакон, маъюбону кӯҳансолонро дошта, ба сифати имоми масҷид баромад карда, вазифаи нотариалиро иҷро менамуданд, судя дар ҳудуди Бадахшон бевосита ба салоҳиятҳои мансабии худ машғул буда, танҳо баъзе вазифаҳои нотариалиро иҷро мекард [169, с. 389]. Дар умум, судя дар минтақаи Бадахшон аз салоҳиятҳои касбӣ бархурдор буд, ки судяҳои дигар низ доштанд [73, с. 65-90].

Дар масъалаи тайин ба вазифа ва талаботи умумӣ ба ин раванд, қайд кардан зарур аст, ки на ҳамеша ба мансаб ашхоси лоиқ, таҷрибадор, соҳиби маҳорату малакаи лозима интихоб мешуданд. Дар баъзе маврид, ба минтақаи мазкур ашхосеро ба мансаби судя тайин менамуданд, ки хатое аз вай мушоҳида гашта бошад, яъне тайин ба вазифа барои ислоҳи хато ва ё чун ҷазо истифода мегардид. Ба ин нигоҳ накарда, аксарияти судяҳо дар минтақаи Бадахшон низ зуд-зуд иваз мешуданд, ки сабабҳои гуногуни объектививу субъективӣ дошт. Зиндагонӣ дар ин минтақа хеле мушкил буда, аксарияти ашхоси аз дигар минтақаҳо ба вазифа тайиншуда ба шароити табиии маҳал тоқат намекарданд.

Нисбат ба аҳамияти омӯзиш ва шиносоӣ бо ниҳоди судӣ Э.Б. Буризода андеша баён намудаанд, ки: “Мушаххас кардани салоҳият ва самтҳои фаъолияти судя барои дарки дурусти мақоми мансаби мазкур, инчунин мавқеи ниҳоди судӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва низоми ниҳодҳои давлатдорӣ хеле бузург аст” [73, с. 69]. Мо ба самту соҳаҳои фаъолияти қозӣ ҳамчун мақоми давлатӣ ва судӣ дар ҷои лозима ишора мекунем¸вале дар ин ҷо ба таври муфассал масоили умуминазарии вобаста ба ин масъаларо таҳлил кардани нестем, чунки он дар асарҳои илмии академик Ф.Т. Тоҳиров [174], М. Муллоев [133], Э.Б. Буризода [77], Р.С. Одиназода [147], Х. Мирзамонзода [90], ва даҳҳо олимони дигар ба таври кофӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта аст. Вале вобаста ба мавзуи баҳс оид ба махсусиятҳои тайин, фаъолияти рӯзмарра, қарорҳо

ва салоҳияти судя дар минтақаи Бадахшон таҳлилу баррасӣ анҷом медиҳем, чунки шиносоӣ бо сарчашмаҳои таърихӣ оид ба фаъолияти судя дар ин минтақа як қатор хусусиётҳои ин ниҳодро ошкор месозад.

Бояд зикр намуд, ки амалисозии адолати судӣ ва умуман фаъолияти ҳокимияти судӣ дар минтақа як қатор хусусиятҳои хоси худро дошт. Судя аз ҷониби Амири Бухоро ба вазифа тайин мегардид. Талаботи муайян ҳангоми тайин намудан ба мансаби судя вуҷуд дошт. Аз ҷумла ба балоғат расидан, пайрави дин будан, одил будан, дараҷаи баланди илмӣ дар самти ҳуқуқ (фиқҳ) доштан, яъне муҷтаҳид будан ва дигар хислатҳои волои инсонӣ – боинсоф, хайрхоҳӣ талаб карда мешуд [181, с. 50-64].

Ҳангоми тайин ба вазифа махсусиятҳои маҳал ба назар гирифта шуда, ба судя дастури лозима дода мешуд. Махсусияти фарқкунанда дар фаъолияти суд ва умуман мақомоти идоракунии минтақаи Бадахшон пеш аз ҳама, аз ҳолате бармеомад, ки он аз нав дохил карда шудани ҳудуди минтақа ба ҳудуди Аморат буд. Азбаски ҳанӯз сохтори нави давлатӣ то охир таҳия нагардида, бозтобеъ намудани ҳокимияти давлатӣ ба Аморат давом дошт, самт ва суръати рушди минтақа ҳанӯз номаълум боқӣ мемонд. Ин раванди худ аз худ хеле мушкил боз бо омили дигари таъсиррасон - мавҷудияти дастаҳои ҳарбии Россия дар маҳалл ва мудохилаи онҳо ба амалисозии адолати судӣ фаъолияти судиро мушкилтар мегардонид.

Аз як ҷониб, Амири Бухоро наметавонист ҳокимияти мутлақи худро бо усули маҷбурсозиву саркӯб намудани аҳолӣ дар Бадахшон устувор созад, чунки ҳарбиёни Россия ба ин гуна ранг гирифтани масъала мухолиф буда, амалан зиддияти худро ошкоро баён мекарданд ва бо ҳаракати худ нишон медоданд. Дуюм, Аморат инчунин наметавонист талаботи иқтисодии худро аз минтақа бароварда созад, чунки ҷамъоварии андоз аз маҳалл ҳамасола бо мухолифати ниҳону ошкорои ҳарбиёни Руссия дучор мешуд. Минтақа аз ҷиҳати иқтисодӣ ба

минтақаи қашшоқу нодор ворид буда, мардум бо меҳнату машаққати зиёд рӯзгори худро базӯр таъмин мекарданд.

Манфиати ҳокимияти Аморати Бухоро аз ҷамъоварии андози давлатӣ иборат бошад, пас, пурра ҷамъоварӣ кардани он боиси қашшоқии мардум ва барои ҳарбиёни Руссия бошад, боиси гуруснагӣ мегашт, чунки ҳарбиён аз аҳолии маҳалл хӯрокаи худро харид мекарданд ва ё ба ивази моли дигар мубодила менамуданд. Аз ин сабаб, ҳарбиёни Россия дар минтақа кӯшиш доштанд то ҷонибдори аҳолии маҳал бошанд ва ба ҷамъоварии андозҳо халал ворид созанд.

Омили дигари муассир ба амалисозии адолати судӣ, ки ба ҳаёти судяҳо дар минтақа низ таъсири манфӣ дошт, тайин нашудани маош аз ҷониби амирони Бухоро дар оғози асри XX ба судяҳо буд, ки ба таҷрибаи тайин кардани маош барои қозӣ дар асрҳои пешин мухолифат дошт [194, с. 100]. Судя барои баррасии парвандаи мушаххас ба сифати боҷи давлатӣ фоизи муайян бояд меситонид. Ҷузъи ин боҷ ба сифати маош аз ҷониби судя бояд барои эҳтиёҷоти худаш сарф мегардид, яъне маоши судя аз ҳисоби боҷи пардохтшаванда аз ҷониби муддаиён буд.

Дар ҳудуди минтақаи Бадахшон низом ва дастгоҳи судӣ аз дигар бекигариҳои Бухоро тафовут дошт. Дар дигар ҳудудҳои Тоҷикистони таърихӣ суди қозӣ дар натиҷаи ташаккулу рушд сохтори муайян, ҳамроҳ бо дастгоҳи амалкунанда дошт, ки аз мирзои қозӣ, ҳоҷиб, мунсиф, ёрдамчӣ [165, с. 89. 117, с. 69 ] барои баррасии парвандаҳои даъвояшон камарзиш ва овон иборат буда, ин сохтор низ дар баъзе маврид дучори тағйирот гардида, ба он мулозимон, шоҳидони доимӣ, “мазаккӣ”, “қосим” ва ғайра дохил мешуданд [78с. 66]. Вале дар минтақаи Бадахшон судя танҳо худаш адолати судиро амалӣ менамуд. Дар амали намудани адолати судӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ мулозимон ва ё навкарон ба судя кӯмак мерасониданд. Навкар метавонист дар назди суд бошад ва ё навкарони бекигарӣ бошад, ки бо талаби судя ба маҳаллҳо барои ҳозир намудани ҷавобгар ё айбдоршаванда равон карда мешуд. Яъне вазифаи мулозим таъмини ҳозиршавии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ буд [78, с.

67]. Ниҳоди муфтӣ, ки дар назди қозиёни дигар бекигариҳо ҳатман амал мекард ва барои ҳар як парванда ҳангоми баррасии он ривоят пешниҳод мекард, дар Бадахшон минбаъд ворид карда мешавад.

Зикр намудан лозим аст, ки маҳалли дурдаст будани бекигариҳои Бадахшон аз маркази кишвар – шаҳри Бухоро як қатор мушкилотро ба миён меовард. Чӣ тавре маълум аст, судя дар Аморати Бухоро кулли ҷазоҳоро бевосита эълон ва мавриди амал қарор дода наметавонист. Махсусан ҷазои қатл бо розигии хаттии Амири Бухоро мавриди қабул ва иҷро мегардид. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои ба таври қатъӣ зери назорати Амири Бухоро гузоштани ҳалли масъалаи ҷазои қатл мушкилоти дар минтақаи Бадахшон бамиёномада буд. Чӣ тавре таҳлилҳо нишон доданд, баъзе аъмоли амалдорони Аморат ва судяҳои тайиншуда, махсусан барои ҳуқуқвайронкунии ночиз ҳукм кардан ба пардохти ҷаримаҳои калон, ки сабаби хонавайрон гаштани ашхос ва қашшоқии муҷримон мегардид, замина мешавад, то бо фармони худ сарвари ҳарбии дастаи Хоруғ қозиҳои минтақаро маҷбур созад, ки ҳар як қарору ҳукми онҳоро Амир тайид ва тасдиқ намояд. Розигии Амир ба ҳукми судя оид ба маҳкум намудан ба ҷазои қатл “Муборакнома” номида мешуд. Албатта, шароити нақлиёту ирсоли мактубу ҳуҷҷатҳоро дар он давра ба назар гирем, барои гирифтани ризоияти Амир моҳҳо сарф мешуд, ки дар ин муддат ҷинояткор бояд дар зиндон мемонд ва хароҷоти иловагӣ барои мақомоти судӣ буд.

Судя дар ҳудуди Аморати Бухоро муҳимтарин ниҳоди баррасии парвандаҳои ҳуқуқӣ буда, ба сифати ягона мақомоти амалисозандаи адолати судӣ баромад мекард [174, с. 24]. Дар назария суди умумӣ ба сифати ягона мақомоти адолати судӣ шинохта шуда, салоҳияти баррасии парвандаҳои ҷиноятиву маданӣ, оилавӣ, замин, баҳсҳои дигарро дошт.

Дар амал дар ҳудуди минтақаи Бадахшон ниҳодҳои дигари ҷамъиятиву маъмурӣ низ адолати судиро амалӣ мекарданд. Махсусан асри X1X ва оғози асри XX мақомоти гуногуни маъмурӣ кӯшиш доштанд, даъвоҳои баҳсии гуногунмавзуъро мустақилона баррасӣ

намуда, аз натиҷаи муҳокима қарор қабул карда, талаботи қарори худро ба иҷро расонанд.

Яке аз муҳаққиқони рус Д.Н. Логофет ҳаёти сиёсиву ҳуқуқии Бухоро дар оғози асри XX тавсиф намуда онро “кишвари беҳуқуқ ва беадолат” номида, дар заминаи таҳқиқоти доманадори худ исбот намудааст, ки дар Бухорои охири асри X1X ва ибтидои асри XX аз арбоби маҳалла – мансабдори поёнии ҳокимияти маҳаллӣ оғоз намуда то Қушбегӣ ҳама адолати судиро амалӣ намуда, ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул буданд [123, с. 366]. Аз ин сабаб, андешаи муаллифони гуногуни ватаниву хориҷӣ дар бораи “ҳар касе хоҳад, дар Бухоро адолати судиро амалӣ мекунад” қисман дуруст аст. Пеш аз ҳама, амалдорони ниҳоди давлатӣ ҳамеша кӯшиш менамуданд, баҳсҳои ҳуқуқии дар ҷомеа ба вуҷудомадаро бевосита баррасӣ намуда, адолати иҷтимоиро дар ин муносибатҳо ба вуҷуд оранд. Аз ин сабаб, ниҳодҳои сершумори баррасии масоили ҳуқуқӣ дар ҳудуди Бухоро, аз ҷумла дар минтақаи бекигариҳои ҳудуди Бадахшон мавҷуд буданд. Вале, фаъолияти онҳо тибқи тартиботи мавҷуда ва бо ризоияти ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда мешуд. Албатта, ниҳодҳои ҷамъиятии баррасии масоили баҳсӣ дар ҷомеа ва бо розигии аъзои ҷомеа ташкилу ташаккул ёфта, адолатро дар баҳсу зиддиятҳо барқарор менамуд.

Ҳангоми муайян намудани салоҳияти суди давлатӣ дар ҳудуди Бадахшони Тоҷикистон, бояд на танҳо масоили назарии умумӣ ё таълимоти ҳуқуқӣ оид ба суди умумӣ, балки амалан ба таҷрибаи дар маҳалл мавҷудбуда бештар диққати ҷиддӣ дод, чунки танҳо дар ҳамин ҳолат доираи фаъолияти суд дар ҳақиқат ошкор шуданаш мумкин аст. Дар назария ва таълимоти ҳуқуқӣ суд дар Аморати Бухоро ва аз ҷумла дар бекигариҳои минтақаи Бадахшон ниҳоди муҳимтарин ва асосии амалисозандаи адолати судӣ мебошад, ки андешаи бебаҳс аст. Аммо дар Бадахшон вобаста ба омилҳои гуногун ин андеша таҳти суол қарор мегирад [110, с. 209-252].

Сухан дар бораи он меравад, ки дар ҳудуди Бадахшон ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва давлатии маъмурии дигар низ ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул буда, аҳолии маҳалл бештар на ба суди умумӣ, балки ба ниҳодҳои ҷамъиятӣ, мазҳабӣ ва маъмурии давлатӣ барои баррасии даъвояшон муроҷиат мекарданд. Вале судяҳо салоҳияти худро дар самтҳое амалӣ мекарданд, ки баррасии даъвоҳо ба тариқи истисноӣ ба салоҳияти онҳо дохил буда, ягон ниҳод ё мақомоти дигари ҷамъиятиву мазҳабӣ ва ё маъмурӣ наметавонист онро барои баррасӣ қабул кунад.

Пеш аз ҳама, кулли ниҳодҳои баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ ҳангоми ворид шудани даъво кӯшиш менамуданд, муайян созанд, ки оё ҳалли баҳс ба тобеъияти суди расмӣ –қозӣ ворид мешавад ва ё на? Ҳангоми мушаххас шудани масъала даъво ё ба суди умумӣ ирсол мегардид ва ё ниҳоди баррасии даъво онро барои муҳокима қабул мекард.

Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити минтақаи Бадахшон судя салоҳияти бевоситаи худро иҷро мекард. Дар муқоиса ба судяи дигар минтақаҳо ва марҳилаи асримиёнагии таърихи давлатдории тоҷикон, ки судя метавонист барои баррасии категорияи муайяни баҳсҳо барои худ ёрдамчӣ гирад, баррасии даъворо ба дигарон ҳавола намояд, дар минтақаи Бадахшон ин гуна ҳолат мушоҳида намешуд.

Масъалаи дигар - камшумор будани аҳолии бекигариҳо мебошад. Бекигариҳои Дарвозу Шуғнону Рушон, Вахону Ишкошим аҳолии камшумор доштанд ва агар муқоиса намоем, ки ба ҳар як нафари аҳолӣ чанд нафар судя рост меомад, пас, адади бештар нисбат ба дигар минтақаҳои Аморати Бухоро ба минтақаи мазкур рост меомад. Ба ин нигоҳ накарда, вазъияти кори суд ва баррасии парвандаҳо хеле душвор буд [152, с. 52-53].

Як сифати мусбати суди қозиро дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ва аз ҷумла минтақаи Бадахшони он қайд кардан зарур аст, ки судя дар оғози мурофиа тарафҳоро ба созиш, сулҳ бастан, якдигарбахшӣ, гузаштан аз гуноҳи якдигар даъват мекард [139, с. 62]. Дар сурати созиш зарари ба муддаӣ расонидашуда аз ҷониби ҷавобгар ҷуброн карда

мешуд, дар ҳолати содиршавии ҷинояти қасос ва созиш, судя аз ҷавобгар хунбаҳоро барои даъвогар  меситонид, вале тарафҳо аз назди қозӣ бо ризоият баргашта, парванда бо ҳамин қатъ мегардид. Танҳо дар сурати розӣ набудани тарафҳо ва ё як тарафи баҳс мурофиаи судӣ оғоз карда мешуд.

Баррасии кадом категорияи парвандаҳо салоҳияти суди умумӣ ба шумор мерафт ? Умуман кулли самту соҳа ва категорияи парвандаҳо дар тобеъияти суди умумӣ қарор доштанд. Вале таҷрибаи амали суди умумӣ дар ҳудуди Бадахшон баёнгари он аст, ки категорияи парвандаҳои баррасишаванда дар суди умумӣ иборат буданд аз ҳолатҳои зерин: Якум, дар ҳолатҳое, дар парвандаи пешниҳодгардида, даъво бо забонхат ё ҳуҷҷате асос ёфта бошад, ки аз ҷониби қозӣ тасдиқ шудааст; дар ин ҳолат ягон ниҳоди дигар салоҳияти баррасии онро надошт; Дуюм, дар ҳолате, ки мавзуи даъво дар парванда ҳуқуқ ба замин бошад ва ҳуҷҷати моликият ба заминро қозӣ дода бошад ва ё тасдиқ карда бошад. Ба ҳамин ҳолат, инчунин ҳолатҳое, ки дар натиҷаи баррасии парванда ҳуҷҷати соҳибмулкӣ ба замин дода ё тасдиқ карда шавад, онро танҳо суди умумӣ баррасӣ менамуд; сеюм, баррасии парвандаи оилавӣ ва ё мерос - ҳангоме, ки даъво бо хатти талоқи додаи қозӣ асос ёфта бошад ва ё дар натиҷаи баррасии парванда хатти талоқ бояд дода шавад. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо баррасии даъво ба тариқи истисноӣ танҳо ба суди умумӣ таалуқ дошта, дигарон наметавонистанд даъворо қабул ва баррасӣ намоянд. Кулли ниҳодҳои дигар ҳаққи баррасии ин гуна ҳолатҳоро надоштанд ва вазифадор буданд, ин категорияи парвандаҳоро ба судӣ умумӣ барои моҳиятан баррасӣ кардан ирсол намоянд.

Баррасии кулли даъвоҳои дигар, ба истиснои он чӣ қайд гардид, метавонист аз ҷониби ниҳоди судӣ, маъмурӣ ва диние қабул ва баррасӣ гардад, ки муддаӣ ба он муроҷиат кардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки парвандаҳо масоили гуногун ва ҳалли объективонаро талаб мекарданд. Вале чӣ тавре борҳо аз ҷониби муҳаққиқон ишора шудааст ва дар фаъолияти суд ба назар мерасад, на

ҳамаи масоил ба таври объективона ва ба фоидаи даъвогар ҳал мегардид [219, с. 343].

Дар аксар ҳолат чӣ дар марҳилаи тахти омӯзиш ва дигар марҳилаҳои таърихи давлатдории тоҷикон баррасии даъвоҳо на танҳо аз шахсияти судя ва ё ҳуқуқи амалкунанда, балки бештар аз маърифат ва ҷаҳонбинии даъвогар вобаста буд. Даъвогар вобаста ба омилҳои гуногун метавонист ба суди умумӣ, ниҳодҳои дигари ҷамъиятиву маъмурӣ муроҷиат намояд. Ҳатто ҳангоми муроҷиат ба суди умумӣ кафолати баррасии объективонаи парванда набуд, чунки ба фаъолияти суд на танҳо хислатҳои субъективии судя, ришва, омилҳои дигари субъективӣ, балки таъсири муҳити мавҷуда мушоҳида мегардид. "Хизмат" ва "хизматрасонҳо" хеле зиёд буда, ашхоси гуногуни бо суд алоқаманд ва ё умуман ба он бегона метавонистанд дар ҳалли масъала таъсиррасонӣ намоянд. Чӣ тавре муҳаққиқон таъкид мекунанд, ҳангоми баррасии баъзе парвандаҳо дар мақоми судӣ амалдорони давлатӣ дахолат карда, аз ҷониби манфиатдор маблағи «хизматона» меситониданд. Махсусан амалдорони маҳаллӣ, аз ҷумла ҳокимони маҳалл - бекҳо аз баҳсҳои мардум бохабар буданд» [113, с. 49]. Онҳо кӯшиш менамуданд худашон баҳсҳоро баррасӣ намуда, дар заминаи он қарор қабул намоянд. Дар дигар ҳолатҳо миёнаравии худро пешниҳод намуда, барои иҷрои ин амал "ҳаққи хизмат" талаб менамуданд.

Дигар омил, дахолати маъмурии ҳарбиёни рус, сайёҳон ва дигар табааи Россия буд, ки ба фаъолияти суди умумӣ таъсири фавқулода доштанд. Онҳо метавонистанд бо роҳи муроҷиат ба худи судя, бек ва то Амири Бухоро қарори қабулшударо бекор ва қарори "зарурӣ"-ро пешниҳод ва қабул кунонанд.

Инчунин, ҳангоми баррасии баъзе парвандаҳо амалдорони давлатӣ дахолат карда, аз ҷониби манфиатдор маблағи «хизматона» меситониданд. Бекҳои маҳаллӣ аз баҳсҳои мардум бохабар буданд ва тарафҳои даргирро (назди худ) даъват мекарданд» [113, с. 49] ва баҳсҳоро баррасӣ намуда қарор қабул мекарданд.

Қабули қарори “зарурӣ” яке аз сабабҳои норозигии мардум аз суди умумӣ ба шумор мерафт. Агар қозӣ қарори ғайриодилона қабул кунад, мардум аз ҳокимияти давлатӣ норозӣ мешуданд.

Муносибати ҳокимияти нав ба мардуми минтақа ба чунин вазъият сабаб гардид, ки мардум ба суд кам мурочиат мекарданд. Ҳангоми омӯзиши амалияи судӣ А. Г. Серебренников муҳандиси ҳарбии артиши Россияи подшоҳӣ ҳангоми сафари хидматиаш соли 1894 ба Помир навишта буд:«точикони Шуғнон мардуми софдилу ростқавл мебошанд… Сифати асосии точикони Шуғнон бешубҳа меҳнатдӯстии онҳо мебошад. Онҳоро метавон хушахлоқ номид, зеро дар ин чо (Помир) чинояти луздӣ бениҳоят кам аст» [105, с. 16]. Мардум на барои он ба суд мурочиат намекарданд, ки ҳуқуқвайронкунӣ ва чинояткорӣ кам буд, балки аз сабаби нобоварӣ ба мақоми судӣ баҳсҳои гуногунро дар ниҳодҳои дигар ва бо роҳи созиши якдигар ҳал мекарданд. Вале яке аз сабабҳои мурочиати маҳдуди мардум ба суди умумӣ ин бо сабабҳои гуногун, объективона баррасӣ накардани баҳсҳои ҳуқуқӣ аз чониби суди расмӣ ба шумор меравад.

Бо таҳкиму устувор гаштани мақоми ниҳодҳои давлатӣ, анъанаи мурочиат ба ниҳодҳои диниву ғайрирасмӣ маҳдуд ва баъзан қатъ гардида, чунин тачриба ҳамчун мухолифати байни сарчашмаҳои гуногун, таълимоти гуногун ва низоми чазоҳои гуногун аз байн рафт.

Хулоса, ниҳоди давлатии суди умумӣ ҳарчанд салоҳияти баррасии кулли даъво ва шикоятҳоро дошт, вале асосан ба баррасии даъвоҳое, ки ба ҳуччатҳои расмии давлатӣ асос ёфта буданд ва ё қабули ин гуна ҳуччатҳоро талаб мекарданд, машғул буд.

Таҳлили сарчашмаҳои ба даст омада - қарори судяҳо дар ҳудуди минтақаи Бадахшон як қатор хулосаҳои илмиро ба бор меорад. Яке аз ҳуччатҳои судӣ, ки дар сарчашма нашр шудааст, мавзуи тақсими замини меросӣ ва ҳалли баҳси он мебошад. Ин ҳуччат 1 майи соли 1896 баррасӣ шудааст. Тибқи ин ҳуччат судя ҳуччати тақсими заминро ба ду нафар ворис чудо намуда, ҳуччат додааст. Тибқи қарор замин дар деҳаи

Поршинев воқеъ буда, он ба Шоҳ Юсуф Алихон 26 сол таалуқ дошта, ба ҷиянаш Шоҳзода Муҳаммад  Тоҷ мерос гузошта буд. Дар натиҷаи ҳалли баҳс суд қарор намуд, ки замин ба ду писари Муҳаммад Алӣ, ба Шоҳ Сабоӣ ва Шоҳзода Муҳаммади Паршиневи тақсим карда шавад. Дар ҳуҷҷат татбиқи ин қарор низ зикр гардидааст. Яъне қарори қабулшударо сардори деҳаи Шуғнон ва капитани отряди Хоруғ Муравйев ҷудо кардаанд. Шоҳид дар мурофиа ва ҷудо кардани замин Ғулом Шоҳ; Усто Ниёз Шоми; Раҳматшоҳи Фарзӣ баромад кардаанд. Қарорро қозӣ Шоҳ Хумор қабул кардааст [245, с. 78].

Қозӣ баҳсҳои вобаста ба заминро низ баррасӣ менамуд. Чӣ тавре аз матни ҳуҷҷати овардашуда маълум мегардад, қозӣ силсилаи ашхосе, ки соҳимулки замин будаанд ва асосҳои ба дигар нафар гузаштани ҳуқуқи соҳибмулкиро ошкор кардааст. Дар натиҷаи он, ки суд исбот намудааст, ки замин ба Шоҳзода Муҳаммад Тоҷ таалуқ дорад, пас, бо аризаи ӯ заминро ба ду нафари номбаршуда тақсим карда шудааст.

Ҳуҷҷати мазкур аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар он на танҳо қарори суд, балки иҷроиши талаботи қарори мазкур низ сабт шудааст. Тибқи он замин ба ду нафари номбаршуда аз ҷониби сардори деҳа тақсим карда шудааст. Дар тақсими замин инчунин намояндаи ҳокимияти Россия дар Хоруғ капитани артиш Муравйев иштирок кардааст. Муравйев ҳуҷҷат ва имзои худро оид ба қарори қабулшуда ва тақсим шудани замин ба ҳуҷҷат замима кардааст. Яъне, дар амалисозии адолати судӣ, махсусан тақсими замин ва ихтиёрдории он на танҳо роҳбарони мазҳабӣ, балки намояндаи артиши рус низ фаъолона иштирок мекардааст [130, с. 18].

Ҳуҷҷати дигар аз апрели майи соли 1898 (моҳи зулҳиҷҷаи соли 1313), қарори қозии Шуғнон Музаффар оид ба додани васиқаи замини воқеъ дар боғи Боғев ба соҳибмулкии Сайид Мирзо Ашрафи Шарқ ва Сайид Мурсал мебошад. Ба сифати шоҳидон баромад карданд:  Ҷӯрабек Қаравулбегӣ; Азизхон Мирохур, ҷамъ ул-ҷамъ 10 нафари дигар. Дар матни шаҳодатномаи аз ҷониби судя додашуда ҳуқуқҳои Сайид Мирзо Ашрафи Шарқ ва Сайид Мурсал дар бораи моликият ба замини воқеъ

дар Боғев эътироф карда мешавад. Қарор ва шаҳодатнома аз ҷониби қозӣ Музаффар дода шудааст.

Ҳамин гуна ҳуҷҷат аз 29 ноябри соли 1905 (1 шавволи соли 1323) бо фармони фармондеҳи дастаи ҳарбии Россия як қитъаи замини воқеъ дар ноҳияи Шуғнон ба Ишон Сайид Мурсал, писари Ишон Мирзо Ашраф дода шудааст. Ба сифати шоҳидони даъво дар маҳкама даҳ нафар расман имзо гузоштаанд. Ғайр аз имзову муҳри дастаи ҳарбии Хоруғ, имзои шоҳид Муҳаммад Ҳусайнбек Ҷебачӣ дар ҳуҷҷат гузошта шудааст. Қарорро қозии Шуғнон Сайидшоҳ қабул кардааст [245, с. 73].

Қарори дигар аз 8 феврали 1907 (24 зулҳиҷҷаи соли 1324), ки қозии Шуғнон додааст, оид ба тасдиқи мубодилаи замин ба як сар уштур мебошад. Қарори мазкур тасдиқ мекунад, ки Кирмоншоҳ, писари Ишратшоҳ як қитъа заминро дар Хоруғ ба як сар шутур дар ҳузури шоҳидон Азизхон Мингбошӣ, Муҳаммад Далол Оқсақол, Ашӯр Муҳаммад, Дарвеш, Додхудо, Амонбек, Арбоб Душанбе иваз кардааст.

Қарори дигар аз 13 апрели 1909 (22 Рабиъул-аввал 1327) оид ба иваз намудани соҳибмулкӣ тариқи мубодилаи як аспи хокистарӣ аз Қадам писари Қул тавассути миёнарави Айшқулӣ писари Ният Қобил ба ивази 1 ямбу, 1 асп ва 1 гов харида шудааст, мебошад, ки шоҳидони он дар мурофиа Дарак, Қароқул, Шукр, Шоҳ Назар буданд. Қарор аз ҷониби Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ қабул шудааст. Аз санади мазкур бармеояд, ки шартномаи мубодила низ аз тариқи ниҳоди судӣ тасдиқ карда мешуд.

Қарори Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ аз 2-юми Рабиъ ал-сони 1327 (23 апрели 1909) оид ба масъалаи он, ки шахсе бо номи Ҳомид, Деҳқон писари Санавбарро, ки дар деҳаи Минвиди ноҳияи Шаҳдара зиндагӣ мекард, ба додгоҳ кашид, зеро Деҳқон замини Ҳомидро кишт мекард. Дар мурофиа бо шоҳидии Азиз хон Мингбошӣ, Ғулом Али Талмоҷ Хоруғӣ; Муҳаммад Амир Хоруғӣ қарор оид ба баргардонидани замин аз зери тасарруфи Деҳқон писари Санавбар ба

соҳибмулк Ҳомид қабул карда шуд [245, с. 75]. Даъво ва мурофиаи виндикатсионӣ дар бораи баргардонидани замин ва дигар ашё аз ашхоси онро тасарруф ва истифодакунанда ба соҳибмулкони аслӣ дар судҳои ҳудуди Бадахшон маъмул будааст.

Инчунин дар қарор муайян карда шуда буд, ки замини кишткардаи Рӯзадор писари Муҳаммадёр низ соҳибмулкаш Ҳомид аст.

Дар заминаи қарори қабулшуда сардори отряди Хоруғ фармон дод, ки замини мавриди назари бо ин ҳуҷҷат тасдиқ шуда, ба Ҳомид баргардонда шавад.

Қарори дигар, ки аз санаи 21 Рабиъул-охири соли 1329 (21 апрели 1911) дар ҳузури шоҳидон Ҳазорабек писари Рустам, Таваккулшоҳ писари Мастон, Бекдавлат писари Мурувват, Маликшоҳ писари Мурувват, Муҳаммадбек писари Саҳоб қабул шудааст, дар заминаи он васиқаи соҳибмулкии замин ба Сайид Муҳаммад дода шудааст. Дар заминаи васиқа, сардори ҳарбии Лангар дар асоси шикояти Сайид Муҳаммад, писари Обидшоҳ, замини Мақбулшоҳ писари Донаро мусодира карда онро ба соҳибмулкии Сайид Муҳаммад вогузор кард. Қарори мазкур аз ҷониби қозӣ Сайид Ғулом Лутфӣ қабул шуда буд [245, с.69]. Баргардонидани замини тасарруфшуда бо зӯрӣ аз ҷониби намояндагони дастаи ҳарбии Россия низ сурат гирифта, яке аз ҳуҷҷатҳои сарчашмаи мо оид ба ҳамин гуна амал маълумот медиҳад.

Қарори дигар аз 7 апрели соли 1910 (20 апрели 1910) аризаи сокини Лангар бо номи Саидмамад Абдуллаев ба сардори застави Лангар аст, ки гуё сокини дигари Лангар Мақбул (шояд ҳамон Мақбулшоҳ писари Дона бошад) Донаев ӯро аз се қитъаи замин маҳрум кардааст. Дар асоси изҳороти дигар сокинони Лангар, сардори застави Лангар фармон дод, ки заминҳое ки бо ин санад тасдиқ шудааст, Мақбул Донаев истифода набарад. Имзо ва муҳри застави Лангар дар ҳуҷҷат гузошта шудааст.

Санади иҷораи ҳайвонот (аз ҷумла асп) низ дар назди қозӣ тасдикарда мешуд. Масалан ҳуҷҷати дигар аз санаи 12 зулҳиҷҷаи соли 1330 (22 ноябри соли 1912) бо ҳузури шоҳидон Муҳамминқул, Қурбонбек,

Имомназар, Ҷумъагул Қирғиз оид ба иҷораи ҳайвон сухан меравад. Ҳуҷҷат тасдиқ мекунад, ки тавассути миёнаравии Нуралӣ асп аз Хоҷа Ғулом бо нархи 55 сум ба иҷора гирифта шудааст [245, с. 60].

Ҳуҷҷати аз ҷониби қозиқабулшуда низ баъзан мавриди даъво қарор гирифта, қозӣ бори дигар парвандаро баррасӣ мекард ва ё агар даъвогар ба сардори дастаи ҳарбӣ, яъне афсарони Россия мурочиат намояд, баъд аз баррасии масъала, онҳо ба қарори пешина имзо ва муҳри худро гузошта, соҳибмулкии шахсро ба замин тасдиқ мекарданд. Масалан дар санади аз санаи 15-уми Рамазони соли 1331 (18 августи соли 1913) бо шоҳидии Ғуломнабӣ писари Ғуломмуҳаммад, Абдуллоҳ ибни Мубораккадам, Корвон писари Қадам, Кучакшо писари Ғуломшо; Нурмуҳаммад писари Илёсбек; Офият писари Уматшо, Иброҳим ибни Равшан; Шо Сафдар, писари Хоҷа Иброҳим; Ҳусайн Шо Ҷон, писари Хоҷа ‘Абдал Маъсум; Абдулалӣ, писари Муҳаммад Амин қабулшуда. Тибқи ин қарор замине, ки дар деҳаи Ямғи Вахон дар ҳудуди ин ҳуҷҷат нишон дода шудааст, заминест, ки аз аҷдодонаш ба Сайид Иътибор писари Алӣшоҳ писари Мансуршоҳ мерос мондааст. Қарор аз ҷониби қозӣ Мулло Қадамшоҳ қабул шуда буд.

Дар заминаи қабули ин васиқа сардори заставаи Лангари дастаи ҳарбии Помир Сайид Иътибор писари Алишоҳ писари Мансуршоҳро соҳибмулки ин замин эътироф намуда, онро ба соҳибмулк дод. Азбаски оид ба соҳибмулкии Сайид Иътибор писари Алӣшоҳ писари Мансуршоҳ баҳс вуҷуд дошт, аз санаи 10 сентябри 1914 (23 сентябри 1914) сардори дастаи ҳарбии Хоруғ як бори дигар барои тасдиқи ин ҳуқуқ ба ҳуҷҷати номбурда имзо гузошт [245, с. 60].

Санади дигар низ барои тасдиқ ва амали намудани қарори қозӣ равона шудааст. Ин санад 26 Зулқаъдаи соли 1331 (27 октябри соли 1913) бо шоҳидии Карамалишоҳ писари Лангар, Шоҳон писари Аҷамуҳаммад, Масруршоҳ писари Оғомуҳаммад, Боймуҳаммад писари Наврӯз, Тамаш писари Хон; Давлатмуҳаммад писари Бекмуҳаммад. Илёрхон писари Ҳаётхон Авазбек писари Қосимшоҳ, Саломат писари Валихон; Гандум

писари Начот; Муҳаммад писари Шоназар; Шоҳқурбон писари Қанрик, Шукралӣ писари Ҳайдар, Аламат писари Ҷон Муҳаммад Хирад аз ҷониби қозӣ Мулло Қадамшоҳ қабул шуда оид ба замини дар деҳаи Ямғи Вахон дар ҳудуди дар ин ҳуҷҷат нишондодашуда мебошад. Тибқи васиқаи додашуда он заминест, ки ба Амир Алӣ Шоҳ, писари Оғо Муҳаммад мерос мондааст. Сардори заставаи Лангари дастаи ҳарбӣ низ ин қарорро тасдиқ кардааст [245, с. 59].

Қозиён чӣ тавре пештар дар масъалаи салоҳияташон гуфта шуд, салоҳияти нотариалиро низ соҳиб буда, ҳуҷҷати соҳибмулкиро (васиқаи замин) низ таҳия ва тасдиқ мекарданд. Дар ҳуҷҷати 18 аз соли 1332 (нобяри соли 1913 – ноябри 1914) санадҳои китоби мазкур Шаҳодатномаи (васиқа) ҳуқуқи моликияти писарони Шамрут, Малик Бар, Гул Хоҷа, Бандашо ва Ҳусайнро ба замине, ки онҳо дар деҳаи Андаҷи Шоҳдара мерос гирифтаанд, эътироф мекунад. Васиқа дар шоҳидии Хайруллоҳбек, Мирзо Ҳасан, Давлатқадам ва Шоҳназар аз ҷониби қозӣ Музаффаршоҳ ибни қозӣ Муҳаммадшоҳ тасдиқ шудааст.

Ҳамин гуна васиқа – шаҳодатномаи ҳуқуқи моликияти писари Мирзошоҳ Иҳсоншоҳ ва бародарони ӯро ба замине, ки дар деҳаи Санҷив дар ноҳияи Шоҳдара воқеъ аст, дар ҳудуди дар ин ҳуҷҷат нишондодашуда эътироф мекунад. Шаҳодатнома аз санаи 9-уми ҷумъади ал-сонии соли 1333 (24 апрели соли 1915) дар шоҳидии Ғозибек писари Ашӯр Муҳаммад; Хоҷағулом писари Карами Алӣ, Боронӣ писари Ҷаъфар Муҳаммад, Маҳмудшоҳ писари Шоҳдорбек аз ҷониби қозӣ Музаффаршоҳ ибни қозӣ Муҳаммадшоҳ дода шудааст [245, с. 63].

Тибқи васиқаи дигар, ки аз 25 моҳи Раҷаби соли 1333 (8 июни соли 1915) қабул шудааст, тасдиқ карда мешавад, ки Туқтабой, писари Назарбой, аз деҳаи Ҷавшанғоз ваъда медиҳад, ки то моҳи Тир (июн-июл) барои иҷораи асп аз Мирҳотамбек, писари Мирдавлатбек маблағи 55 танга медиҳад. Ба сифати шоҳидон Азизқул писари Шоҳмирак, Паҳлавон писари Ҳаловат, Бахтовархон писари Дарвеш баромад намуда,

шаҳодатнома аз ҷониби қозӣ Музаффаршоҳ ибни қозӣ Муҳаммадшоҳ дода шудааст. Аз ҳуҷҷати мазкур ва якчанд ҳуҷҷатҳои дигари иҷора дида мешавад, ки иҷораи асп дар муддати муайян (мумкин сол дар назар аст) 55 тангаро ташкил медода аст [245, с. 87].

Аҷиб аст, ки дар дастхатҳои қозӣ инчунин санадҳои ғайрисудӣ низ вуҷуд доштанд. Яке аз ин гуна ҳуҷҷатҳо - Шаҳодатнома дар бораи хизматҳои шоиста мебошад. Ҳуҷҷати рақами 21 дастхатҳо аз санаи 30 ноябри соли 1915 (13 декабри соли 1915) шаҳодатномае аст, ки дар он корнамоиҳои Эшон Саид Карамалишо Лангаров баҳои баланд дода шуда, ба ӯ чораи қадрдонӣ ҳамчун дараҷаи дуюми фахрӣ ҷома тақдим карда шудааст. Асли ҳуҷҷат дар Тошкент аз ҷониби генерал-губернатори Туркистон Мартсон имзо ва ба соҳибаш дода шудааст. Маълум мегардад, ки қозӣ дар Бадахшон низ мисли умуман қозиҳои дигари Аморати Бухоро ба ҳайси мақоми нотариалӣ ба ҳамагуна ҳуҷҷатҳо мӯҳр гузошта, онро тасдиқ карда метавонист [245, с. 88].

Чӣ тавре дар саҳифаҳои пештар қайд карда кардем, кулли масоиле, ки ба муайян кардани марзи қитъаи замин, соҳибмулкӣ, тасарруф ва ихтиёрдории замин вобаста аст, бе тасдиқи қозӣ мавриди баррасӣ ва тасдиқ набуда, ин гуна парвандаҳоро қозӣ бояд ҳал мекард. Вале шиносоӣ бо санадҳои қабулкардаи қозиҳои Бадахшон баёнгари он аст, ки баъзан аризаи шикоятии як нафар даъвогар аз ҷониби сардори дастаи ҳарбии Россия баррасӣ шуда, қарор қабул мегардид, дар охир ба қозӣ муроҷиат карда мешуд, то натиҷаи муҳокима ва қарор аллакай қабулшударо тасдиқ намояд. Дар ин ҳолат қозӣ танҳо ба таври қонунӣ қарори қабулшударо расмият медод.

Ҳамин гуна ҳуҷҷат аз санаи 8-уми моҳи рамазони соли 1334 (9 июли соли 1916) дар ихтиёри мо аст. Ҳуҷҷати мазкур тасдиқ мекунад, ки Ғозибек писари Ашӯрмуҳаммад аз сардори дастаи ҳарбӣ дархост кардааст, ки ҳуқуқи соҳибмулкии ӯ нисбат ба заминаш дар Шимчиф эътироф карда шавад. Бо фармони Сардори дастаи ҳарбии Помир дархост баррасӣ карда шуд. Азбаски ин дархост иҷро карда шуда, марзи

замин ва соҳибмулкии Азизбек мингбошӣ мушаххас карда шуда, дархост қонеъ карда шудааст, пас, санади тартибдодашуда ба қозӣ ирсол карда, тибқи қарори қозӣ ҳуқуқи соҳибмулкии Азизбек мингбошӣ ба замини воқеъ дар Шимчифи Шоҳдара эътироф шудааст. Санади мазкур дар ҳузури 8 нафар шоҳидон Ҳурматшоҳ аз ҷониби Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ имзо ва мӯҳр гузошта шудааст. Дар ҳуҷҷати мазкур инчунин барои тасдиқ сардори дастаи Хоруғ низ имзо гузоштааст [245, с. 90].

Ҳамин гуна ҳуҷҷат аз санаи 8-уми моҳи Рамазони 1334 (9 июли соли 1916) бо дархости Амонбек, писари Давронбек аз сардори дастаи ҳарбии Помир тартиб дода шудааст. Тибқи ҳуҷҷат сардори дастаи ҳарбии Помир ба Азизбек Мингбошӣ супориш додааст, ки оид ба замини воқеъ дар деҳаи Тусиёни Шоҳдара ва ҳуқуқи соҳибмулкӣ доштани даъвогар тафтиш гузаронад. Дар асоси тафтиши гузаронидашуда сардори дастаи ҳарбӣ масъаларо баррасӣ намуда қарори худро ба қозӣ пешниҳод намудааст. Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ бо шоҳидии 7 нафар ашхоси маъруф аризаро баррасӣ намуда, қарор оид ба эътирофи соҳибмулкии даъвогар қабул кардааст. Дар санади қабулнамудаи қозӣ, баъд аз имзои қозӣ, имзои сардори дастаи ҳарбии Помир низ вуҷуд дорад [245, с. 91].

Ба даъвои болоӣ монанд Ҷивдоҷ ва дигар писарони Қалоқ ба сардори дастаи ҳарбӣ муроҷиат намуда, талаб кардаанд, ки ҳуқуқи моликияти онҳо ба заминҳои деҳаи Сижди Шоҳдара дар ҳудуди муайяншуда дар ҳуҷҷат эътироф карда шавад. Бо супориши сардори даста, Азизбек мингбошӣ тафтиш гузаронида, аз натиҷааш ба сардори даста санад пешниҳод мекунад. Минбаъд тибқи тартиби маълум сардори даста санадро ба қозӣ барои баррасии даъво ва расмият додан ирсол менамояд. Парвандаи мазкур бо шоҳидии 9 нафар шоҳид баррасӣ шуда ҳуқуқи соҳибмулкии бародарон эътироф карда шудааст [245, с. 81].

Ҳуҷҷатҳои дигар аз санаи 17 рамазон 1334 (18 июли 1916) бо дархости Муҳаммадшариф писари Ҳотам, Алифбек писари Қандак ва

Ҳотам писари Бақак дар ҳамин шакл ва қарори бо мазмуни боло қабул кардаанд. Ҳангоми таҳлили масъала ва даъвои мазкур ба назар мерасад, ки ашхоси даъвогар бевосита ба қозӣ мурочиат кардаанд, вале дар қарори қабулнамудаи қозӣ имзои сардори дастаи ҳарбии Хоруғ гузошта шудааст.

Дар санад аз санаи 23 шавволи 1334 (23 августи соли 1916) парванда оид ба баҳси соҳибмулкии Зикрулло ва Нурулло писарони Хайрулло ба замин дар деҳаи Тусиёни Шоҳдара баррасӣ гардидааст. Дар ҳуҷҷат қайд мегардад, ки Тутиё духтари Қанд, ки замин ба ӯ тааллуқ дошт қасам хурда исбот кардааст, ки ӯ заминҳои падарашро ба Зикрулло ва Нурулло додааст. Ӯ дар надзи Азизбек мингбошӣ қасам хурдааст. Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ парвандаро бо шоҳидии Давлатқадам; Мирзо Вафо; Кучакшох; Қарачабек; Қозӣ Фаттоҳ, Шоҳназар; баррасӣ шуда ҳуқуқи соҳибмулкии бародаронро эътироф кардааст. Баъд аз имзо ва мӯҳри қозӣ имзои сардори дастаи ҳарбии Помир дар ҳуҷҷат гузошта шудааст [245, с. 79].

Таҳқиқи парвандаҳои таҳлилшуда баёнгари он мебошанд, ки дар амалӣ намудани адолати судӣ на танҳо нақши қозӣ, балки нақши сардори дастаи ҳарбии Хоруғ бениҳоят бузург буда, ба чараёни мурофиа ва қабули қарор бо роҳҳои гуногуни мустақим ва ғайримустақим таъсир мерасонид. Дар баҳсҳое, ки қозӣ бевосита баррасӣ менамуд, сардори дастаи ҳарбӣ ба ҳайси ризоият имзо ва мӯҳри худро мегузошт. Ҳангоме, ки шикоят, ариза дархост бевосита ба сардори дастаи ҳарбии Хоруғ мурочиат мешуд, пас, бевосита ва ё бавоситаи мақомоти идоракунии маҳалл онро метавонист тафтиш намуда, ҳақиқати воқеаро ошкор намуда, онро баррасӣ намояд. Қарори қабулкардаи сардори дастаи ҳарбӣ ба қозӣ ирсол мегардид.

Қозӣ новобаста аз аллакай баррасӣ шудани парванда, бори дигар моҳиятан парвандаро баррасӣ мекард. Махсусан мавчудияти тарафҳо ва шоҳидон ва ашхоси манфиатдор дар баррасии парванда муҳим буд. Дар

асоси пешниҳоди сардори дастаи ҳарбии Хоруғ даъвогар, ҷавобгар, ашхоси манфиатдор ва шоҳидон қозӣ қарор қабул мекард.

Қарори қабулшуда эълон карда мешуд. Баъд аз таҳия ва хонда шудани қарор қозӣ ва ба сифати розигӣ ба қарори қабулшуда сардори дастаи ҳарбии Помир низ имзо ва мӯҳр мегузошт. Азбаски дар бештари парвандаҳои ҳудуди Хоруғ имзо ва муҳри сардори дастаи ҳарбии Хоруғ ва ё сардори дастаи марзбонии Лангар вуҷуд дорад, пас, хулоса кардан лозим аст, ки амалисозии адолати судӣ аз ҷониби қозиёни Аморати Бухоро дар ҳудуди Помир пурра аз сардорони дастаҳои ҳарбии Россия вобастагӣ доштанд. Сардори ҳарбӣ на танҳо ба ҳайси назоратчии парвандаҳо дар муҳокимаи судӣ фаъолона иштирок доштааст, балки дар сурати муроҷиати мустақими шаҳрвандон бевосита таҳқиқу тафтиш гузаронида дар шакли пешниҳод қарори худро ба қозӣ ирсол намуда, албатта, ҳангоми баррасии моҳиятии парванда кӯшиш менамуд қарори зарурӣ қабул гардад. Аз ин сабаб, қайд намудан мумкин аст, ки новобаста аз он ки судя аз ҷониби Амири Бухоро ба мансаб тайин мегардид, пурра таҳти таъсири ҳокимияти мустамликавии Россия қарор дошта, на танҳо қарор зидди манфиати Россия қабул карда наметавонист, балки дар масоиле, ки умуман ба манфиати давлатӣ, масалан ба манфиати давлати Россия дахлнадоштаро низ бе розигии сардори дастаи ҳарбӣ баррасӣ карда наметавонист. Яъне дар ҳудуди Бадахшон таъсири ҳокимияти Россия нисбат ба Бухоро ва бекигариҳои дигари Тоҷикистони таърихӣ бештар эҳсос гардида, суд таҳти таъсири бузурги ҳарбиёни Россия монда, ягон қарори худро бе розигии онҳо қабул карда наметавонист. Аз ин сабаб, дар минтақа ба дигар мақомоту муасисаҳои ҷамъиятии амалисозандаи адолати судӣ барои ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ, албатта ба истиснои категорияи қайдшудаи парвандаҳои ҳукукӣ бештар муроҷиат карда мешуд.

Таҳлили ин ва дигар санадҳои судӣ хусусиёти хоси мақоми суди умумии минтақаи Бадахшонро ошкор намуда, таҷрибаи судии Тоҷикистони таърихиро бою ғанӣ гардонидааст.

Дар заминаи таҳлили фаъолияти суди умумӣ мо хулоса мекунем, ки мақоми судии Бадахшон аз марҳилаи ҳамроҳшавӣ ба Аморати Бухоро салоҳияти васеъ дошта бошад ҳам, асосан ба баррасии парвандаҳое машғул буд, ки даъвои онҳо дар асоси ҳуҷҷати давлатии қабулшуда ва ё тасдиқшуда пешниҳод шуда буд ва ё додани ҳуҷҷати расмии давлатиро талаб менамуд.

Аз рӯи шумораи суд ва ба шумораи аҳолӣ дар минтақаи Бадахшон ба ҳар як судя аҳолии кам рост омада, судяҳо нисбат ба дигар минтақаҳо дар инҷо бештар буданд. Мушкилоти ришваситонӣ, зери таъсири бевоситаи ҳарбиёни рус амал кардани суд, дахолати беку амалдорони давлатӣ ба фаъолияти қозӣ – судяи давлатӣ мушоҳида мегардид, ки он сабаби як қадар паст гардидани нуфузи судяҳо ва барои баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ ба дигар ниҳодҳои ҷамъиятиву маъмурӣ муроҷиат кардани аҳолӣ мегардид.

## 2.2. Ниҳодҳои ҷамъиятии ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ва амалисозандаи адолати судӣ дар ҳудуди Бадахшони тошуравӣ

Бо пешрафти ҷомеа муносибатҳои нави ҷамъиятӣ пайдо мешаванд, ки ба ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои ашхос, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ва умуман кулли қишрҳои ҷомеа таъсиргузор гашта, танзими меъёрии дахлдорро тақозо менамоянд. Вале дар баъзе мавридҳо ҷиҳати амалигардонии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои ашхос байни субъектҳои ҳуқуқ баҳсу мунокишаҳо пайдо мешаванд ва ҳалли ин баҳсҳо зарурати таъсиси ниҳодҳои махсусро ба миён меорад. Ҳалли масоили баҳсӣ як қисмати муҳими идоракунии ҷамъиятиро ташкил дода, дар марҳилаи таъсиси давлат ва рушди он низ аҳамияти бузург пайдо мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳудуди Тоҷикистон аз қадимулайём барои ҳалли баҳсу мунокишаҳо дар ҷомеа ниҳодҳои махсус таъсис дода шуда, вобаста ба салоҳияташон ниҳодҳои мазкур дар ҳалли баҳсу низоҳо саҳмгузор буданд [44, с. 63]. Дар ҷомеаи тошуравии ҳудуди Бадахшон баҳсҳои ҳуқуқӣ вобаста ба субъектҳо ва муносибати мардум аз ҷониби ашхос ва ниҳодҳои гуногун баррасӣ ва ҳалли худро меёфтанд. Инчунин аз ҷониби муҳаққиқон андешае низ пешниҳод гардидааст, ки талабот ба ҳалли баҳсу (мунокишаҳо) низоҳо, яъне талабот ба амалисозии адолат дар ҷомеа омили пайдоиши давлат мегардад [44, с. 78]. Албатта, оид ба пайдоиши давлат ва ҳуқуқ баҳсҳои зиёди илмӣ ва андешаҳои гуногун вуҷуд дорад, вале як чиз бебаҳс аст, ки дар қатори дигар омилҳо номбар шудани талабот ба амалисозии адолати судӣ дар пайдоиши давлатро эътироф кардани муҳаққиқон аз муҳиммият ва мубраммияти ин масъала дар ҳама давру замон шаҳодат медиҳад. Оид ба омили муҳим будани мавҷудияти ниҳодҳои судӣ дар ҷомеа андешаву афкори гуногуни ҷонибдори он ва зидд ба он вуҷуд дорад, ҳарчанд ба мавзуи таҳқиқотии мо алоқамандии бевосита надошта бошад ҳам, ин баҳсҳоро мо сарфи назар карда наметавонем.

Дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун оид ба масъалаи пайдоишу таъсиси мақомоти ҷамъиятӣ ва ё давлатии салоҳиятдори амалисозандаи

адолати судӣ вуҷуд дорад. Албатта, аввалин баҳсҳои байни одамон баҳсҳои содда буда, падар дар оила, сарвари авлод – саравлод дар доираи авлод ва пешвои қабила нисбат ба аъзои қабила онро баррасӣ менамуданд. Инҳо ниҳодҳои ҷамъиятӣ буда, кушиш менамуданд пеш аз ҳама баҳсҳоро бо созиш ба анҷом расонанд [69, с. 58].

Агар мақоми ин падидаҳои амалисозии адолати судиро ҷиддӣ омӯзем, пас маълум мегардад, ки онҳо бештар накши ҳакамро дар байни тарафҳо иҷро мекарданд. Мақсади ин “судҳо”-и ҳакамӣ ҳалли муноқиша, дуруст таҳлил намудани баҳс, аз байн бурдани нофаҳмӣ, созиш додани тарафҳо ва ҳамоҳангиро дар ҷомеа ба вуҷуд овардан, яъне барқарор намудани адолати иҷтимоӣ дар оила, авлод ва қабила буд. Албатта, ин ниҳод хусусияти хоси фаъолият, механизми баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ, қабули қарор ва амалисозии онро дошт. Инчунин намудҳои хоси далелҳо, исбот намудани гуноҳ ё ҷиноят низ ба онҳо хос буд. Фаҳмост, ки дар механизми навтаъсиси ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ аксари ғояҳо аввалин маротиба таҷриба мешуданд ва бо роҳи ошкорсозии ҷанбаҳои мусбату манфии ниҳоди истифодашуда тайиноти минбаъдаи онҳо муайян карда мешуд. Аксарияти падидаҳои адолати судӣ дар ҳамин раванд пайдо, устувор ва рушд ёфта, ҳамчун падидаи адолати судӣ минбаъд ба таври устувор истифода мешуданд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ҳудуди кишвари тоҷикон новобаста аз он, ки дар байни халқу миллатҳои гуногун яке аз аввалинҳо дар ҷаҳон ҳокимияти давлатӣ ва давлатдории миллӣ ба вуҷуд омада, мақомоти гуногуни давлатии судӣ таъсис ёфтаанд [69,с. 62], аз марҳилаи тодавлатии ҷомеаи тоҷикон, таърихи бостонӣ, асрҳои миёна ва нави давлатдории тоҷикон мақоми ҷамъиятии амалисозандаи адолати судӣ вуҷуд доштанд.

Мақоми ҷамъиятии амалисозандаи адолат дар ҳудуди Тоҷикистон, ҷузъан дар Бадахшон як мақоми истисноӣ набуда, ин гуна мақомот дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, инчунин дар ҳамсоякишварҳо амал мекарданд. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки мақоми ҷамъиятии

амалисозандаи адолат дар Тоҷикистон як падидаи нодир набуда, ба аксарияти кишварҳои дигар низ хос будааст. Аз ин сабаб, ошкор намудани хусусиятҳои он дар ҳудуди кишвари тоҷикон донишҳои моро оид ба ин падидаи ҳуқуқӣ ғанӣ гардонида, дар масъалаи ошкор намудани ҳақиқати таърихӣ ва воқеъияти ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ қадаме ба пеш маҳсуб мегардад.

Мақоми ҷамъиятии амалисозандаи адолати судӣ таърихи тӯлонӣ дошта, гуфтан мумкин аст, ки қадимтарин падидаи ҳуқуқӣ дар низоми ниҳодҳои амалисозандаи адолати иҷтимоӣ мебошад. Он аз марҳилаи ҷамоаи ибтидоӣ ба вуҷуд омада, баҳси байни одамонро танзим намуда, адолатро дар ҷомеа барқарор менамуд.

Дар марҳилаи пайдоиш механизми амалисозии адолат хеле содда буда, хусусиятҳои хоси худро соҳиб буд. Масалан, мурофиаи тодавлатии баррасии баҳсҳо шифоҳӣ баргузор мегардид [287]. Яъне, ҷараёни ҳалли баҳсҳо ба таври хаттӣ инъикос намегардид. Албатта, яке аз омилҳои асосии ин вазъ ҳанӯз ихтиро нашудани хат буд.

Хусусияти дигари мурофиаҳои мазкур намоишӣ будани онҳо мебошад, ки минбаъд то марҳилаи муосир унсурҳои онро мо дар судҳои сайёр ва муҳокимаи судӣ дар ташкилоту муассисаҳо мушоҳида мекунем. Мурофиа дар ҷойҳои пуриздиҳоми мардумӣ баргузор мегардид, масалан дар маркази кишвар, бозорҳо, шаҳр, ибодатхонаву масҷидҳо ва ғайра. Албатта, яке аз сабабҳои дар ибодатхонаву масҷидҳо баргузор гардидани мурофиаи судӣ дар марҳилаи зардуштиву исломӣ эътирофи хусусияти илоҳӣ ва сарчашмаи илоҳӣ доштани ҳокимияти судӣ мебошад. Вале ба андешаи муҳаққиқон ва мо низ, баргузор гаштани мурофиа ва баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар ҷойҳои серодам, махсусан бозору фурӯшгоҳҳо, ибодатхонаҳо сабаби оддӣ дорад. Набудани хат дар оғози давлатдории кишвар, инчунин на ҳама дорои донишҳои лозимаи ҳуқуқӣ буданд ва барои дар хотири ашхоси зиёд боқӣ мондани қарори қабулшуда он дар ҷойҳои серодам баргузор карда мешуд. Аз ҷониби дигар, омилҳои дигареро низ зикр кардан лозим аст, ки аҳамияти

хоссаро дар ин раванд доштанд: яке аз ин омилҳо маҳз ба хотири пешгирии кирдори содиршуда дар оянда буда, дигар тарбияи аҳолии кишвар дар рӯҳияи риояи меъёрҳои муқарраршудаи маросиму анъанаҳои аслии мардумӣ; инчунин баҳри истифодаи ҳофизаи одамон ва дар хотири одамони бештар боқӣ мондани қарори қабулшуда буда, ҳанӯз то пайдоиши динҳои яктопарастӣ дорои хусусиёти хос буд. Аз ин сабаб, роҳбару пайравони динҳои гуногуни ҷаҳон анъанаи мавҷударо қабул ва аз нав мавриди истифодаи умум қарор доданд [178, с. 106].

Махсусияти дигари тавофутдиҳандаи амалияи мурофиавии ин марҳила аз мурофиаи судии минбаъда дар тартиби ҷамъоварии далелҳо ва ҷалби шоҳидон ба мурофиа буд, ки он ҳам аз тартиботи замони муосир фарқи куллӣ дошт. Масалан, барои исботи даъво дар мурофиа мавҷудияти шоҳидон ва ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ мавқеи муҳим доштанд. Ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ далели қатъитарини исботи даъво маҳсуб мегардид. Азбаски ҳанӯз таҳияи ҳуҷҷатҳо, истифодаи шартномаҳо, хаттӣ собит гардидани ҳуқуқ мавриди истифодаи оммавӣ набуд, ингуна далелҳо ба эътибор гирифта намешуданд [178, с. 106]. Мисоли ин, аз Авесто маълум аст, ки дар кишварҳои зардуштӣ шартномаҳои маданӣ аз тариқи шифоҳӣ ва бо роҳи дастфишурӣ баста мешуданд [178, с. 108]. Минбаъд дар мурофиаи суди одатӣ бештар бо роҳи мурочиат ба истифодаи имтиҳонҳои қазоӣ (суди одатӣ) кушиш мекарданд, то ҳақиқатро ошкор ва адолатро барқарор намоянд.

Дар ҳудуди кишвари тоҷикон – Тоҷикистони таърихӣ падидаи имтиҳонҳои қазоӣ дар ду намуд вуҷуд дошт. Намуди якуми он имтиҳон бо моводи гарм (гармӣ), ки он бо истилоҳи “важжи гарм” номбар мешуд. [67,с.52]. Дар ин намуди имтиҳон масалан равғани доғкардашуда, табари дар равғани сӯзон қарордошта, гузаштан аз оташи сӯзон ва ғайра истифода мешуд [67, с. 53]. Намуди дуюми он - имтиҳон бо предметҳои сард – “важжи сард” номида мешуд. Он бо истифодаи моеи махсус, ба оби дарё партофтан, савганд хӯрдан (хӯрдани моеи аз борут тайёршуда) ва ғайра амалӣ мешуд [67, с. 54].

Қайд намудан зарур аст, ки дар марҳилаи тодавлатӣ низ одамон соҳиб ба эътиқод ва ҷаҳонбинии динӣ буда, ба қуввaҳои фавқуттабиӣ боварӣ дошта, ҳар як падидаи табиӣ ва мавҷудоти руи заминро соҳиби қудрату нерӯи хос мешумориданд. Эътиқод доштанд, ки қувваҳое ҳастанд, ки боду об, гармиву сардӣ, некиву бадиро идора мекунанд ва ҳақро аз ноҳақ ҷудо месозанд. Дар сурати истифодаи имтиҳон ин қувваҳои некӣ шахси ҳақро аз ҷазо раҳо медиҳанд. Масалан, шахсе, ки ба дарё партофта шудааст, ҳатто агар шиновар набошад ҳам ғарқ намегардад. Албатта, мурофиаи мазкур як кори оддӣ набуда, он қоидаҳои махсуси худро дошт. Истифодаи намудҳои гуногуни имтиҳон дар мурофиа, умуман имтиҳон кардани шахс кори саҳл набуда, на ҳар шахс ба имтиҳон роҳ дода мешуд. Яке аз заминаҳои ба имтиҳон кашидани ашхос пеш аз ҳама мавҷуд набудани ягон намуди дигари далелҳо ва ё иқроршавии гунаҳкор буда, дигар, шахсеро ба имтиҳон роҳ медоданд, ки ба гумони қавӣ ин гуноҳро метавонист содир намояд, масалан, дар назди хонаи ӯ ҷиноят содир шуда бошад, ё душманӣ дошта ва ё таҳдид карда бошад.

Гунаҳкоре, ки ба имтиҳон роҳ дода мешуд, бояд ба талаботи муайян ҷавобгуй бошад. Ғулом ҳуқуқи иштирок дар баъзе амалҳои мурофиавиро надошт. Масалан, ғулом ба имтиҳон роҳ дода намешуд, чунки имтиҳон хусусияти илоҳӣ дошта, танҳо ашхоси озод ба имтиҳон роҳ дода мешуданд. Шахсеро ба имтиҳон маҳкум мекарданд, ки гумонбар бошад, яъне гумони аксар ба он бошад, ки ҷинояткор ҳамин шахс аст, масалан, дар наздикии хонаи ӯ ҷиноят содир шудааст, ё охирин нафаре аст, ки бо шахсияти ҷабрдида дидаанд ва ғайра.

Истифодаи намудҳои гуногуни имтиҳон натиҷаҳои гуногун доштанд. Ҳангоме, ки суд шахсро ба имтиҳон маҳкум менамуд, шахс ҳуқуқи аз он даст кашиданро надошт. Агар шахс аз имтиҳони эълоншуда даст кашад, ин маънои эътирофи гуноҳро дошт. Ҳангоми аз имтиҳон даст кашидан, шахс гунаҳкор ва ё ҷинояткор эътироф шуда, ҳамчун гунаҳкор ҷазо дода мешуд.

Истифодаи имтиҳонҳо махсусан дар марҳилаи авастоии тодавлатӣ ва давлатҳои аввалин бештар мушоҳида мегардид. Масалан муҳаққиқон мавҷудияти бештар аз 33 намуди имтиҳонро дар марҳилаи авестоии [200, с. 58-59] таърихи тоҷикон қайд кардаанд.

Бояд қайд намуд, ки ниҳоди ҷамъиятии амалисозандаи адолати судӣ ба тамоми марҳилаҳои таърихи рушди давлатдорӣ ва ҷомеаи тоҷикон хос аст. Аз ин ҷо хулоса кардан лозим аст, ки ҳар як ниҳоди давлатдорӣ, махсусан ҳар як ниҳоди амалисозандаи адолат "майдон"-и амали худро доштанду доранд ва ин "майдон" дар тӯли таърих гоҳ васеъ ва гоҳе маҳдуд мегардид, вале ҳеҷ гоҳ аз байн намерафт, чунки ба танзими махсус талабот вуҷуд дошта ва ҷомеа низ ҳамин ниҳоди амалисозандаи адолатро дар ин "майдон"-и ҳуқуқӣ эътироф менамояд.

Аз ин сабаб, ҳуқуқшиносон меъёрҳои иҷтимоиро ба намудҳо тақсим намуда, барои ҳар яки он ниҳод ва механизмҳои хоси танзиму баррасии масоили ба он вобастаро эътироф менамоянд. Дар сурати бо механизми ниҳоди "бегона" амалӣ намудани адолати судӣ дар ин "майдон" мақсад ба даст намеояд ё ҷонибҳо аз қарори қабулшуда норозӣ мемонанд. Ҷамъият низ аз вазъи баамаломада норозӣ мегардад. Ин андешаҳо моро водор месозад, ки ҳар як сарчашмаи танзимро дар майдони хоси он истифода намоем, то ба мақсади ҷомеа расем. Аз ин сабаб, ва ин омилҳо мавҷудияти мақоми ҷамъиятии амалисозандаи адолати судиро тақозо намуда, онро то имрӯз пойдор нигоҳ доштаанд.

Дар ҳудуди Тоҷикистон, махсусан дар қисмати Бадахшон ниҳодҳои ҷамъиятии амалисозандаи адолати судӣ аз қадим вуҷуд доштанд ва дар марҳилаи таҳти таҳқиқ низ амал мекарданд [56, с. 30].

Пеш аз ҳама, яке аз сохторҳои ҷамъиятии ҳалли баҳсҳо ниҳоди маҳаллии идоракунӣ маҳсуб мегардид, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳсҳои байни одамон ба он муроҷиат мекарданд. Яке аз асилтарин ниҳоди ҳалли даъвоҳо, ки бо мардум дар муроқибати ҳаррӯза қарор дошт ин сарвари деҳа – Деҳхудо (Арбоб, ибтидои асри XX бо номи Оқсақол) буд. Мардум оид ба масоили гуногуни зиндагии худ ба ниҳоди

мазкур мурочиат мекарданд. Аҷиб он буд, ки тафриқаи синнусолӣ вуҷуд надошта пиру ҷавон барои баррасии масоили гуногуни худ ба деҳхудо мурочиат мекарданд [207, с. 147].

Ин ниҳод аксарияти масоили баҳсии рӯзмарра бавуҷудояндаро ҳаллу фасл менамуд. Мавриди мурочиат Деҳхудо (Оқсақол) дар аксар ҳолат даъворо қабул намуда, масъалаву баҳсҳои даъвогиро худаш дар танҳоӣ баррасӣ менамуд. Оқсақол метавонист, ки барои ҳалли баҳс тарафҳои баҳсро таклиф намояд ва дар ҳузури онҳо ба муҳокимаву баррасии баҳс пардозад. Дар мавриди зарурат, Деҳхудо метавонист иштироки шоҳидон ва аъзои хонаводаро талаб кунад. Албатта, ҳайати иштирокчиён метавонист кам ва зиёд бошад, ҳайати иштирокчиён вобаста ба мавзуи баҳс ва хусусияти он буд. Ба шоҳидон диққати ҷиддӣ дода мешуд. Масалан, барои исбот кардани ҳуқуқи моликият ба ҳайвони гумшуда ба сифати шоҳидон ҳамсояҳоро ҷалб мекарданд [110, с. 209-252]. Аз ин сабаб, тартиботи ягона барои ҳалли баҳсу низоҳо вуҷуд надошт. Дар аксар маврид Деҳхудо бо машварати куҳансолон ва ашхоси маъруфи маҳалла баҳсро баррасӣ мекард. Вобаста аз зарурат, Деҳхудо ашхоси муайянро барои исботи даъво ва ҳалли баҳс даъват мекард. Дар сурати исбот гардидани даъво ва шоҳидии даъватшудаҳо, Деҳхудо онро баррасӣ намуда, ашхоси даъвогару ҷавобгарро ба созиш даъват менамуд, то ин ки муносибатҳои ҳасанаи ҳамсояҳо ва ё аҳли деҳа вайрон нагардад. Дар ин амри хайр аксарияти куҳансолон иштирок мекарданд.

Афзалияти баррасии баҳсҳо дар назди Деҳхудо дар он буд, ки минбаъд низ ҷараёни ин созиш аз ҷониби Деҳхудо ва ҳамсояҳо назорат мешуд ва ин созиш аз ҷониби тарафҳо вайрон карда намешуд, яъне иҷро накардани қарори мазкур хеле нодир буд.

Дигар мақоми баррасии баҳсҳои гуногун ниҳоди суди одатӣ буда, он дар асоси ҷамъиятӣ амал мекард. Одатан ба ҳайси ҳакам ё судя дар ин суд ашхоси маъруф, шахси руҳонӣ, калонсолтарини деҳа, нафароне, ки одату анъанаҳои маҳаллиро хуб медонистанд, баромад мекарданд. Ба сифати ҳакам дар ин суд гурӯҳи ашхоси маъруф метавонистанд ширкат

намоянд. Баъзан намояндагони маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба сифати судя баромад мекарданд.

Қайд намудан лозим аст, ки ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқӣ барои ин гуна ниҳоди ҷамъиятӣ асосан одатҳои маҳаллӣ дар давоми таърихи тӯлонии давлатдории тоҷикон амал мекард [209, с. 36-39]. Дар адабиёти илмӣ андешаи олимоне роиҷ аст, ки таъсири меъёрҳои анъана ва одатҳои ҳуқуқиро дар Тоҷикистони тошуравӣ ба ҳаёти мардум хеле бузург эътироф мекунанд [173,с.22]. Ба андешаи ин гурӯҳи олимон дар мавзеҳое, ки муносибатҳои патриархалӣ устувор буданд, амали меъёрҳои одатҳои ҳуқуқӣ афзалият дошта, дар он маконҳое, ки гардиши маданӣ ривоҷ ёфта буд, меъёрҳои ҳуқуқ, махсусан ҳуқуқи динӣ ё мусулмонӣ густариш меёфт. Таносуби мазкурро олими мардумшиноси рус Н.А. Кисляков нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ ва ҳуқуқи исломӣ чунин муайян кардааст. “Таносуби байни амали меъёрҳои одатҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи исломӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас аз дараҷаи “мусулмоншавӣ”, аз муқимӣ ё кучӣ будани тарзи ҳаёти одамон, таъсири ҳокимон, руҳониён ва таълимоти мазҳабҳо вобаста буд” [111, с. 12].

Нисбат ба ҳуқуқи исломӣ алалхусус таълимоти ҳанафии он бояд қайд кард, ки мактаби ҳуқуқии Абу Ҳанифа аз оғози амал на танҳо мавҷудияти амали одатҳои ҳуқуқиро инкор накард, балки дар баъзе мавридҳо, масалан самти андоз истифодаи онҳоро ҳатмӣ эътироф намуд. Аз ин лиҳоз, дар давоми зиёда аз 1400 соли амали ин таълимоти ҳуқуқӣ, баъзе одатҳои ҳуқуқӣ хусусияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ гирифта, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мешуданд.

Вале андешаи олими мардумшинос Н.А. Кисляковро қисман тарафдорӣ намуда, мо андешаеро баён менамоем, ки дараҷаи гардиши маданӣ, паҳншавии ислом ҷузъан ба масъалаи амали одатҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонид, вале амали одатҳои ҳуқуқӣ на танҳо аз байн нарафт, балки дар самтҳои нави муносибатҳои ҷамъиятӣ, масалан савдо, савдои хориҷӣ, муносибатҳои оилавӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки одатҳои ҳуқуқӣ доираи танзими худро

дошта, дар кишварҳои тараққиёфта низ муносибатҳои алоҳида ва ё гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд.

Таркиби ниҳоди ҷамъиятӣ – суди одатӣ метавонист гуногун бошад. Суди одатӣ метавонист аз ҳисоби якчанд нафар ашхоси маъруф таъсис гардад. Азбаски дар Бадахшон вобаста ба омилҳои гуногуни объектививу субъективӣ, махсусан дар марҳилаи таҳти таҳқиқоти мо, мардум дар аксар маврид ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намекарданд, пас, онҳо кӯшиш менамуданд ба мақоми динӣ ва ё ҷамъиятии ҳалли баҳсҳои гуногун муроҷиат намоянд. Сабабҳои объективии чунин амал: камшумор будани аҳолӣ, аллакай байни мардуми маҳалл тақсим будани ҳудуди аҳолинишин, макони алафдарав ва чарогоҳҳо буданд. Инчунин пайравӣ ба дин ва ҷаҳонбинии дини доштани аҳолӣ ва фаъолияти муайян бурдани ашхоси динӣ (халифаҳо) зиддиятҳои дар натиҷаи қашшоқиву тангдастӣ бавуҷудояндаро рупӯш мекарданд.

Нисбат ба аҳолии минтақаи Бадахшон дар адабиёти илмӣ инчунин ба таври васеъ истифода шудани меъёрҳои ахлоқӣ ва побанди ин меъёрҳо будани мардум, нисбат ба меъёрҳои динӣ низ андешаҳо вуҷуд доранд.

Омили дигари субъективӣ, ин дар баробари ба Аморати Бухоро ҳамроҳ кардани Бадахшон, бо сабаби надонистани ё хоҳиш надоштан ба омӯзиши анъанаву меъёрҳои маҳалл, қозиёни аз Бухоро тайиншуда, дар асоси таълимоти ҳанафии ҳуқуқи исломӣ баҳсҳоро баррасӣ мекарданд, ки мардуми маҳал бо он шинос набуданд.

Яке аз омилҳои субъективии муроҷиат накардан ба суди давлатӣ ва муроҷиати мардум барои ҳалли даъво ба мақомоти маъмурӣ ва махсусан ҷамъиятӣ, натиҷаи таъсири фаъолияти мақомоти маъмурии нигоҳдорандаи тартиботи ҷамъиятӣ низ буд. Амалдорони маъмурии мақомот дар аксар маврид, махсусан ҳангоми мунокиша, авбошӣ ва ё ҳангоми бетартибиҳо дастгир намудани шаҳрвандон, ҷонибҳои даъворо ҳабс намуда, то баргузор шудани мурофиаи судӣ, онҳоро ба ҷазоҳои ҷисмонӣ гирифтор мекарданд, ки баъд аз он аксарияти даъвогарон ва ҷавобгарон

аз даъво ва мурочиат ба суд даст мекашиданд [82, с. 198]. Омилҳои дигар, аз қабили шиносо будани аҳолӣ ба ашхоси амалисозандаи адолат, боварӣ ба ин ниҳодҳои ҷамъиятӣ, камхарҷ будани онҳо, амалишавандаи будани қарори онҳо мардумро ба худ ҷалб мекард.

Дар умум, асосан ин омилҳо заминаи мавҷудияти ниҳоди ҷамъиятии баррасии даъвоҳо гардида буданд.

Оид ба мавҷудияти ин гуна мақом дар адабиёти таърихӣ иттилооти бештареро ба даст овардан мумкин аст.

Азбаски таърихи Бадахшон бо таърихи қадимаву асрҳои миёна ва нави минтақа, махсусан бо дигар ҳудуди Тоҷикистон баробар рушд меёфт, аксари равандҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ҳамсон буданд, мо кушиш намудем, ки бори дигар бо баён доштани ягонагӣ исбот намоем, ки равандҳои яксон дар кулли ҳудуди Тоҷикистони муосир асрҳо давом доштанд. Танҳо бо барҳам хӯрдани давлати ягона дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ, як қатор махсусиятҳо дар фаъолияти минтақаҳои гуногуни кишвар мушоҳида гардида, баъзе аз онҳо ба таври устувор давоми якчанд асрҳо амал карданд. Махсусан, он чӣ ба самти таҳқиқоти мо дахл дорад, ниҳодҳои амалисозандаи судӣ бо барҳам хурдани давлати мутамарказу ягона ба бӯҳрон дучор гардида, минбаъд амалисозии адолати судӣ дар минтақаи Бадахшон тағйир ёфта, бо роҳи дигар рушд кард.

Дар ҷомеаи тоинқилобӣ, бахусус дар арафаи инқилобҳо (Инқилоби октябрии соли 1917 (Россия) ва 2 сентябрии соли 1920 (Бухоро) дар Бадахшон (ВМКБ) дар муқоиса бо дигар минтақаҳои аморати Бухоро меъёрҳои ахлоқӣ ва одатҳо нисбат ба ҳуқуқи исломӣ таъсири бештар дошта, сарчашмаи муҳими ҳуқуқӣ эътироф мешуданд. Табиист, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ - воситаҳои асосӣ дар танзими рафтори одамон ба шумор мерафтанд. Маҳз ба воситаи ин меъёрҳо муносибати байни аъзои ҷомеа, дарки адолату беадолатӣ, некӣ ва бадӣ танзим мегардид ва маҷмуи ин меъёрҳо тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро гирифта буданд.

Албатта, меъёрҳои ахлоқӣ якбора бо хусусияти меъёрҳои истифодашавандаи ахлоқӣ дар ин минтақа алоқаманд буда, масалан яке аз махсусияти он намуди ҷазоҳо ба шумор мерафт. Ин сарчашмаҳо бештар ҷазоҳои ахлоқиро пешбинӣ намуданд, ки онҳо дар “радди маърака” шудан, аз авлоду хешовандон ҷудо шудан ифода мегардиданд [229, с. 3-17].

Аммо амал ва таъсиру нуфузи баланди меъёрҳои ахлоқӣ ба рафтори аҳолӣ маънои онро надошт, ки ниҳоди судӣ дар ин ҷо лозим набуд. Баръакс агар ба ҳар сари аҳолӣ гирем, дар ин минтақа шумораи ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ нисбатан бештар буд. Аҷиб аст, ки ҳанӯз дар соли 1894 муҳандиси ҳарбии артиши Россияи подшоҳӣ А. Г. Серебренников ҳангоми сафари хидматиаш ба Помир таассуроти нахустинашро нисбат ба мардуми муқимӣ чунин навишта буд: «…тоҷикони Шуғнон мардуми софдилу ростқавл мебошанд… Сифати асосии тоҷикони Шуғнон бешубҳа меҳнатдӯстии онҳо мебошад. Онҳоро метавон хушахлоқ номид, зеро дар ин ҷо (Помир) ҷинояти дуздӣ бениҳоят кам аст» [105, с. 16].

Яке аз камбудиҳои низоми идоракунии тоинқилобии Аморати Бухоро дар маҳалҳо он буд, ки амалдорони давлатӣ аз ҷумла арбобу қозиҳо тез-тез иваз карда мешуданд. Ба ғайр аз ин боз навкарон буданд, ки аз ашхоси соҳибмартаба аз байни хизматчиёни амир дар деҳа таъин мешуданд. Тибқи таҳлили муҳаққиқ И. Карамова, бештари мансабу вазифаҳо дар ин минтақа хариду фуруш мешуданд. Масалан, тибқи иттилооти сарчашмаҳо, И. Карамова қайд мекунанд, ки “аз 184 навкар танҳо 63 нафарашон тибқи хизмати пешина ба вазифа лоиқ тайин гардида, боқимондаи мансабҳо аз тарафи амалдорон харидорӣ мешуданд [113, с. 49].

Як анъанаи манфии ин марҳилаи рушди ҳокимияти давлатӣ дар минтақа аз он иборат будааст, ки баъзе мансабдорони давлатӣ аз ҳисоби баррасии парвандаҳои судӣ низ барои худ фоида ба даст меоварданд.

Онҳо ба сифати “миёнарав” аз даъвогар ва ё ҷавобгар маблағ барои мусоидат ба қабули қарори муайян талаб мекарданд.

Азбаски ситонидани ришва дар мақоми судӣ ба назар мерасид, аксарияти даъвогарон бо даъвои худ ба халифа ва пирони мазҳабӣ муроҷиат мекарданд, ки қарори ҳукми қабулкардаи онҳо аз ҷониби аҳолии маҳалӣ – муридонашон бе чуну чаро иҷро мегардид.

Таҳлил собит месозад, ки танҳо баъд аз асри X ҳуқуқи исломӣ дар Бадахшон паҳн гардид [197]. Аммо муҳимтарин давраи таърихи ниҳодҳои судиро дар Помир давраи Шуравӣ ташкил медиҳад, зеро гуфтан мумкин аст, ки дар давоми ҳамин давра сохтмони низоми суди замонавӣ оғоз гардида, давлат аз таъсири ҳуқуқи динӣ берун карда шуд [234, с. 58-64].

Аммо дар таҳқиқоти мо диққати асосӣ ба сарчашмаҳои ҳуқуқии оид ба рушди соҳаи суди тоинқилобии ҳудуди Бадахшон низ равона шудааст, чунки ин марҳила дорои хусусиятҳои фарққунанда буд. Ин хусусиятҳои фарққунанда дар он зоҳир мешуданд, ки тарзи идоракунӣ, низоми ҷазо ва намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо дар ҳудуди Помир нисбат ба дигар ноҳияҳо тафовут доштанд.

Дар хусуси фаъолияти тоинқилобии амалдорони соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини адолат маълумот дар сарчашмаҳои таърихӣ хеле кам оварда шудааст, зеро дар давраи асрҳои XVIII-XIX дар ҳудуди Бадахшон воқеаҳои сиёсӣ паи ҳам рух медоданд ва маҳз ивазшавии ҳокимон ва таърихи муборизаҳои сиёсӣ мавзуи асосии сарчашмаҳои он давраро ташкил мекард. Аммо ба чунин камбудӣ нигоҳ накарда, дар сарчашмаҳои таърихии он давра маълумоти муайян дар бораи фаъолияти қозиён, ақсақолон, халифаҳо, пирони исмоилӣ ва дигар ниҳодҳои барқарорсозии адолат дар хусуси фаъолияти онҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон инъикос гардидааст.

Дар китоби «Таърихи Бадахшон» муаллифон танҳо чор табақаи асосии ҷомеаро нишон медиҳанд, ки ба онҳо шоҳ, мирони маҳаллӣ, акобирон ва раъият дохил мешуданд [44, с. 71]. Б.И. Искандаров доир ба

табақаи охирон се истилоҳро истифода мебарад: «фуқаро, раъият ва ранҷбар» [103, с. 124].

Қайд намудан зарур аст, ки дар баробари ашхоси бонуфузи маҳалҳо, мақомоти поёнии идоракунии деҳа ба баррасии баҳсу даъвоҳо машғул буданд. Ба қатори онҳо дохил мешуданд: дар зинаи ҳафтуми идоракунӣ – Деҳхудо/Ақсақол, сардори деҳа ё якчанд деҳа; зинаи ҳаштум, арбоб – вазифаи поёнии сохтори идоракунӣ, ки асосан барои ҷамъоварии андоз ба амлокдорони шоҳ кумак мекарданд ва дар зинаи нуҳуми идоракунӣ навкарон – ҳарбиёни шоҳ аз ҷумлаи сокинони маҳаллӣ [157, 145, 197], ки дар ҳолати зарурӣ ба онҳо кумак мерасонд.

Қайд намудан зарур аст, ки мақоми ҷамъиятии баррасии баҳсу даъвоҳо баррасии даъвоҳоро дар шаклҳои гуногун амалӣ менамуданд. Масалан, тибқи анъанаву одатҳои ҳуқуқӣ шахсеро, ки ба зино муттаҳам шудааст дар байни издиҳоми мардум баррасӣ мекарданд. Дар аксар маврид шахсе, ки ба зино муттаҳам шудааст, барои исботи бегуноҳии худ синаи занро ба даҳон мегирифт ва мегуфт, ки ин зан ба ҷои модарам бошад [229, с. 18]. Дар дигар ҳолатҳо, масалан мардеро, ки ба зино муттаҳам шудаву ин ҷинояташ исбот шудааст, ба ҷазои сараспа маҳкум мекарданд. Яъне дар асоси ҳукм шахси гунаҳкорро дар ҷои муайян баста, дигарон бо асп ба ӯ наздик шуда, то кушта шуданаш аз камон ба ӯ тир мепарронданд.

Одатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба талаботи аҳолӣ барои танзими муносибатҳои муайян ба вуҷуд меомаданд. Масалан одатҳои ҳуқуқӣ оид ба танзими об аз он замина мегирифт, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҳосил гирифтан аз замин танҳо ба воситаи обёрии заминҳо ба даст меомад ва обёрии заминҳо кори мушкил буд. Бо сабаби зиёд будани заминҳои лалмӣ, агар он обёрӣ нашавад, арзише надошт ва он бе сарчашмаи об харида ва ё фурухта намешуд [112, с. 78]. Яъне, вобаста ба замин, дар Бадахшон агар замини обёришаванда ва сарчашмаи обаш вуҷуд дошта бошад, пас ин гуна замин дар гардиши маданӣ ворид буд, яъне хариду фурӯш ва ё ҳадя намудани он мумкин буд.

Бо сабабҳои зикршуда, одатҳои ҳуқуқие, ки дар маҳаллҳо ба вуҷуд омада буданд, тартиби тақсими обро дар ҳудуди Бадахшон муқаррар мекарданд. Дар Бадахшон пеш аз ҳама, миқдори оби ба узви коллектив тақсимшаванда аз меҳнати шахс, ки ҳангоми таъмири иншооти обёрӣ сарф шуда буд, вобаста карда мешуд. Аҳолӣ соле ду маротиба, ва дар ҳолатҳои зарурӣ (омадани сел, ярч, борони зиёд ва вайрон гардидани ҷӯю каналҳо) бештар аз он, бо иштироки кулли истифодабарандагони оби ин ҷӯю каналҳо бо меҳнати умумӣ онро таъмир ва барои истифодаи нақли об омода мекарданд. Меҳнати зиёд барои тоза ва дар ҳолати зарурӣ нигоҳ доштани иншооти обтаъминкунӣ сарф мешуд ва ин фаъолият - дастаҷамъона, ҷамъиятӣ, ройгон ва ҳамагонӣ аз тариқи ҳашар бурда мешуд [205, с. 58]. Вобаста ба аҳамияти бузурги захираи об, махсусан баҳсҳои вобаста ба тақсими об хеле зиёд буда, он аз ҷониби мақоми ҷамъиятӣ, бо иштироки аксарият ва ё кулли обистифодабарандагон баррасӣ мегардид. Ҳангоми баррасии масъала, агар узви коллектив дар таъмиру истифодаи иншооти обтаъминкунӣ бе сабабҳои узрнок иштирок накарда бошад, аз истифодаи об маҳрум карда мешуд. Баҳсҳо оид ба навбат дар истифодаи об низ зиёд буда, аз ҷониби мироб, Деҳхудо ва дигар ниҳодҳои адолати судӣ баррасӣ мешуд. Махсусан баррасии масоили об аз ҷониби мироб, нозиру роҳбари сарчашмаҳои оби кишвар муҳим буд.

Тибқи одати ҳуқуқӣ, шахсеро, ки навбатро вайрон намуда, пешакӣ обро истифода карда бошад, ҷазои маҳрум кардан аз як навбати истифодаи об интизор буд. Инчунин, якҷоя бо маҳрум кардан аз як навбат истифодаи об ҷазо дар шакли ҷарима муқаррар карда мешуд. Ин ҷаримаро – ярғу низ меномиданд [134, с. 48] .Ин баҳсҳоро инчунин мироб – шахси масъул низ  баррасӣ карда метавонист.

Дигар меъёри одати ҳуқуқӣ дар тақсими мерос мушоҳида мегардид. Қайд намудан зарур аст, ки тибқи меъёри одати ҳуқуқӣ мероси шахсе ки ду зан дорад, байни ду оила баробар тақсим карда мешуд [46, с. 20].  Ин меъёри анъанаи ҳуқуқии минтақаи Бадахшон ба меъёри ҳуқуқи исломӣ

мухолиф бошад ҳам, дар байни мусалмонони Бадахшон амал мекард. Баъзан меросгузоре ки якбора ду никоҳ дошт, аз як зан бештар аз 6 фарзанд ва аз дигараш як фарзанд, масалан як духтар дошта бошад ҳам, мерос ба ду оила баробар тақсим карда мешуд. Дар ин ҷо асли муҳими тақсими мерос, ки ҳаққи як писар ду ҳиссаи мероси духтар аст риоя намешуд. Ғайр аз ин чӣ тавре академик Ф.Тоҳиров қайд карда буданд “агар меросгузор як духтар дошта бошад ҳам, тамоми мерос ба ҳамон як духтар дода мешуд” [171, с. 319], ки ин меъёр низ мухолиф ба меъёри ҳуқуқи исломӣ аст.

Баҳси додани қалин низ баъзан аз ҷониби мақоми ҷамъиятӣ, ва дар аксар маврид масалан дар ҳудуди Генерал-губернатории Туркистон аз ҷониби судҳои халқӣ, яъне қозӣ баррасӣ карда мешуд. Додани қалин асосан ба аҳолии ғайритоҷик бештар хос буда, баҳсҳои онҳоро низ бийҳо яъне ашхоси маъруфи авлод ва қабила баррасӣ менамуданд [79, с. 188].

Дар бораи судҳои одатӣ таҳқиқот бурда, нуқтаи назари муҳаққиқонро оид ба худи одат бояд қайд кард. Оид ба одатҳои ҳуқуқӣ профессор М.Муллоев, масалан оид ба қалин навишта буд, ки «одати тоҷикон, ки дар заминаи муносибатҳои патриархалӣ пайдо шуда, ба шавҳар ҳуқуқ медиҳад, то зан ва кӯдаконаш тобеъияти бечунучаро ва ҳурмат карданро талаб кунад» [133, с. 102]. Албатта ин одатро одати ҳуқуқӣ номидан мумкин нест. Якум, он ҳолати беҳуқуқии зан аз одату анъанаҳо бармеояд, дуюм, ин одат то ислом ба вуҷуд омадааст ва ҳурмати калонсолон ва волидон дар аксари халқҳо вуҷуд дорад. Ҳурмати волидон ва куҳансолон аз талаботи ахлоқи умумиинсонӣ бармеояд, ки аз одамон дар ҷомеа ва оила талаб карда мешавад. Аз ин лиҳоз барои ишора кардани одат ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ онро «одати ҳуқуқӣ ва ё «анъанаи ҳуқуқӣ» номидан дуруст аст» [220, с. 22]. Дар заминаи омӯзиши васеъи одатҳо, академик Фозил Тоҳиров андешаҳои Мансур Муллоевро таҳлил намуда, одатҳоро ба одатҳои одӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ тақсим менамояд. Ба андешаи Ф. Тоҳиров «одатҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти

одамон нақши махсусро доранд» [171, с. 321]. Ин одатҳо такрорёбанда буда, муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим менамоянд.

Дар ҳудуди Кӯҳистони Бадахшон яке аз масъалаҳои муҳими баҳсталаб ин тақсими мерос ба шумор мерафт. Масъалаи тақсими мерос метавонист аз ҷониби суди одатӣ, мақоми ҷамъиятӣ, динӣ ва суди давлатӣ баррасӣ шавад. Дар мавриди ба мақоми ҷамъиятӣ ё суди одатӣ мурочиат намудани даъвогар, кушиш карда мешуд, ки ҳолати мушаххаси парванда муайян карда шавад. Масалан, дар баҳсҳо оид ба меросбарии занон аз иттилооти таърихӣ маълум шудааст, ки дар аксар ҳолат агар модар вафот карда бошад, фарзандони вай ҳуқуқи гирифтани ҳаққи модарро аз падар ва ё меросхурони дигар доранд. Падидаи «ҳаққи мум», яъне ҳаққи модар ва ё модаркалон вуҷуд дошт, ки дар ҳама ҳолат агар меросхури ин зан талаб кунад аз кулли маводи меросӣ бояд ҳаққи ӯ ҷудо карда мешуд [79, с. 55]. Шавҳар ва ё меросхури вай наметавонист даъвои чунин даъвогарро рад намояд, ё аз додани он ба даъвогар саркашӣ кунад. Новобаста аз амал намудани ниҳодҳои гуногуни адолатаи судӣ, агар ҳангоми тақсими мерос, ба сифати мерос ба меросбаранда масалан замин, хона, дӯкон ва падидаҳое бояд гузарад, ки гузариши мерос тартиб додани ҳуҷҷати расмиро талаб намояд, пас баррасии ин масъала дар тобеъияти мақоми давлатии суди мадании кишвар буда, аз ҷониби ҳама гуна ниҳоди ҷамъиятӣ, маъмурӣ, динӣ ба он ирсол карда мешуд.

Дар минтақаи дурдасти Бадахшон дар давоми солҳои 20-уми асри XX ҳанӯз мардум аз ниҳодҳои маҳаллии амалисозандаи адолати судӣ, махсусан ниҳодҳои динӣ истифода мекарданд. Ҳамин тариқ, мақомоти ҷамъиятии амалисозандаи адолати судӣ ва баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ-сарварони деҳа (Деҳхудо/Оқсақол) мироб, куҳансолони деҳа, халифаҳо ва ғайра буданд, ки дар сурати ба онҳо мурочиат намудани ашхоси даъвогар метавонистанд дар заминаи ҷамъиятӣ ва ройгон баҳсҳояшонро баррасӣ намоянд. Дар сурати баррасии даъвоҳо кафили амалӣ шудани аксарияти қарорҳои ниҳоди ҷамъиятӣ аҳлии ҷамоатчигӣ ё ҳамсояҳо буданд.

Хулоса, ниҳодҳои ҷамъиятӣ, суди одатӣ ва ашхоси маъруфи маҳалл метавонистанд ба сифати ҳакам қарор оид ба даъвои даъвогаронро қабул ва баррасӣ намоянд. Амалисозӣ ва иҷрои қарори қабулшуда ихтиёрӣ буда, дар зери таъсири ҷомеа (ҳамсояҳо ва ашхоси маъруфи маҳалл) амалӣ мешуд.

## 2.3. Ниҳодҳои анъанавии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон

Яке аз масъалаҳои мураккаби илми таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон, муайян намудани хусусиёти хоси ниҳоду мақомоте мебошад, ки адолати судиро дар ҳудуди Тоҷикистони тошуравӣ амалӣ менамуданд. Инчунин, сабабҳо ва омилҳои таъсиррасон барои таъсиси ҳар як мақоми адолати судӣ, моҳият ва мазмуни фаъолияти онҳо, инчунин, раванди истеҳсолоти судӣ, тарзу усулҳои муроҷиати шаҳрвандон, пешниҳоди даъво, баррасии даъво, баргузории мурофиа ва як қатор масоили мубрами амалисозии адолати судӣ аз ҷониби ин мақомоту ташкилот ва ашхоси маъруфи ҷамъиятӣ ҳам аз ҷанбаи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам аз ҷанбаи амалӣ аҳамияти бузургро доранд. Омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни пайдоишу амал ва фаъолияту таҷрибаи ниҳодҳои гуногуни амалисозандаи адолати судӣ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои гуногун дар дохили давлат ва дар муносибатҳо бар кишварҳои хориҷ метавонад заминаи ҳимояи ниҳодҳои таърихии давлатдорӣ, истифодаи таҷрибаи ғании ниёгон ва наздик намудани мақомоту мардум бо ҳам бошанд. Аз ҷониби дигар, дар ҳудуди Тоҷикистони муосир, инчунин Тоҷикистони таърихӣ махсусияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ заминаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангиву ҷаҳонбинӣ доштанд.

Ҳангоми муроҷиат ба сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёти таълимӣ иттилоот оид ба таърихи давлатдорӣ ва ҳуқуқи тоҷикон ба зиёда аз даҳҳо ниҳодҳои амалисозии адолати судӣ мушоҳида менамоем, ки нисбат ба аксарияти онҳо то дараҷае таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудааст [80]. Аз ҷониби муаллифони гуногун андешае пешниҳод гардидааст, ки дар Тоҷикистони таърихӣ ва ё тошуравӣ падидаву ниҳодҳои гуногуни амалисозандаи адолати судӣ, сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ки баъзан мухолифи ҳамдигар буданд, дар он муддати тулонӣ амал мекарданд [73, с. 92], яъне низоми ниҳодҳои мураккаби судӣ амал мекарданд.

Новобаста ба асоси пайдоиш, сабабҳо, масоили таҳти тобеъият, ҳар яки он ё ҳамчун самти асосии фаъолият ва ё самти муҳими фаъолият

адолати судиро амалӣ намуда, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ салоҳияти баррасии одилонаи баҳсҳоро ба зимма доштанд [73, с. 228]. Дар қатори ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар таърихи тоҷикон ниҳодҳое ба монанди ниҳоди Довар, Рат, Додварз, Боргоҳи Дод, қозӣ, мазолим, муҳтасиб, Суди шоҳӣ, Суди хонӣ, Палатаи судӣ, Агентии сиёсии Россия дар Бухоро, Суди оштидиҳанда [147, с. 46] ва ғайра номбар мешаванд. Ба қисмати аксарияти ин ниҳодҳо бо дин бавосита ва ё бевосита алоқаманд таъсис гардида, ба фаъолияти онҳо принсипҳои динӣ ва ё маърифати динии маҳал таъсиргузор будааст.

Аз ҷониби дигар, ба сифати додрас ба ниҳодҳои алоҳидаи адолати судӣ танҳо ашхосе ба вазифа тайин карда мешуданд, ки аз табақаи рӯҳониён буда, дар макотиби олии замона таҳсил карда бошанд.

Азбаски дар Тоҷикистони таърихӣ дин нақши идеологияи ҳукмронро иҷро менамуд, табиист, ки намояндагони дину мазҳаб дар сиёсату идоракунии давлат низ мавқеи муҳимро ишғол мекарданд. Ин андеша нисбат ба марҳилаи таърихии зардуштӣ ва низ исломии рушди давлатдории тоҷикон хос буд. Аз ин сабаб, мавзуи матраҳшавандаи зербоби мазкур бо он чӣ дар умум аст, дар назари аввал гуё мухолифати мантиқӣ дорад, чунки аз як ҷониб, кулли судҳои амалкунандаи Аморати Бухороро (қозӣ, мазолим, муҳтасиб) суди хусусияти динидошта эътироф кардан мумкин аст, зеро онҳо дар марҳилаи исломии рушди давлатдорӣ ба вуҷуд омада, аз ҷониби давлат таъсис ёфтаанд, аз тарафи дигар, принсипҳои фаъолияти онҳо тибқи талаботи ҳуқуқи исломӣ ба роҳ монда мешуд.

Як қисмати азими онҳо ниҳодҳои динӣ буданд, ки бо сабабҳои гуногуни объективию субъективӣ амалисозии адолати судӣ – амалияи давлатӣ ба онҳо бовар карда мешуд. Пеш аз ҳама, уламои дин аз донишҳои ҳуқуқӣ низ бархурдор буданд. Намояндагони ин табақа дар низоми табақаи иҷтимоии асрҳои миёна ашхоси босаводу бомаърифати ҷомеа – табақаи зиёии он эътироф мешуданд.

Азбаски намояндагони табақаи руҳониён шахсони худотарсу бофарҳанги ҷомеа эътироф мешуданд, ҳокимони кишвар ба онҳо аксари мансабҳои давлатиро муносиб шумурда ба ин мансабҳо таъйин менамуданд. Аз ҷониби дигар, амалисозии адолат ҳангоми мурочиати даъвогарон чуноне, ки дар адабиёти илмӣ оид ба таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон исбот шудааст, салоҳияти аксарияти амалдорони маъмурӣ эътироф гардида, ҳар як мансабдор ба ин фаъолият машғул мешуд [78, с. 22]. Омили дигар, амалисозии адолати судӣ яке аз атрибутҳои ҳокимияти илоҳӣ  ба шумор меравад (мафҳуми "Рӯзи ҷазо" "Қиёмат" ва ғайра), аз ин лиҳоз, намояндагони табақа, новобаста аз вазифаи мушаххаси давлатӣ дар ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ иштирок менамуданд. Тибқи нуқтаи назаре, ки дар адабиёти илмии тоҷик махсусан таҳти таъсири  муҳаққиқ Леонид Сюкияйнен ба вуҷуд омадааст, ин аст, ки «суди қозӣ ё қозиёт ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқӣ – ҳуқуқи исломро истифода мекард, вале асли фаъолияти онҳо ҳалли масоили дунявӣ буд» [157, с. 160]. Ин хулоса бо он асоснок карда мешавад, ки қозӣ ва мазолим даъвоҳои байни аҳолиро вобаста ба молу мулк, шартнома, уҳдадорӣ, ҳуқуқи моликияту мерос, никоҳу қатъи он, ҷинояту ҷазо ва ғайра баррасӣ менамуданд, ки танҳо расман онҳоро ба ислом вобаста кардан мумкин буд. Дар амал суди қозӣ суди мулкие буд, ки парвандаи даъвогии молу мулкиву ҷиноятиро баррасӣ намуда, тибқи талаботи ҳуқуқ қарор қабул мекард. Дебочаи мазкур барои он пешниҳод гардидааст, ки асли масъала ошкор карда шавад, чунки мақсади мо дар зербоби мазкур таҳқиқи амалисозии адолати судӣ аз ҷониби намояндаи бевоситаи дин дар маҳалл – рӯҳонии маҳаллии дин ва ниҳодҳои судие меравад, ки на аз ҷониби давлат ё ҳокимияти маҳаллӣ ба вазифа тайин шудаанд.

Дар Бадахшон, ки қисмате аз ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ аст, ин тартибот амал намуда, вобаста ба он, ки мазҳаби исмоилия дар минтақа тарғибу ташвиқ гардида, мазҳаби асосии аҳолӣ гардид, намояндагони мазҳаби мазкур дар амалисозии адолати судӣ низ саҳми муайян доштанд.

Дар қатори ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ инчунин, мақомоти динии Бадахшон – пир ва халифаҳои мазҳаби исмоилияро низ номбар кардан мумкин аст.

Пеш аз ҳама қайд намудан лозим аст, ки яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии ин ниҳодҳо – китоби Қозӣ Нуъмон буд, ки дар заминаи казус ва ҳалномаҳои давлати Фотимиён таҳия гардида буд. Аз ҷониби дигар, амалисозии адолати судӣ аз ҷониби кулли мактабҳои равияи шиа, аз ҷумла ҷаъфария, зайдия ва минбаъд, исмоилия таҳти таъсири ҳуқуқи мурофиавии равияи «Аҳли суннат ва ҷамоат» махсусан таълимоти мактаби ҳанафӣ ташаккул ёфтаанд. Дар асари арзишманди Муҳаммад Сокит ин андеша ба тариқи возеҳ тасдиқи худро меёбад [166, с. 226]. Муҳаммади Сокит дар бораи ташкили давлати Сафавиён ва аз ҷониби онҳо таъсис додани қозиёт сухан ронда, таъкид менамояд, ки то асри XV дар ҳудуди кулли давлатҳои мусалмоннишин мурофиаи ягона вуҷуд дошт. Таъсири давлати Сафавиёни пайрави равияи шиа заминаи ташаккули меъёрҳои мурофиавии ин равия гашта, аз намунаи мавҷудаи ҳуқуқи мурофиавии равияи аҳли суннат ва ҷамоат тақрибан асрҳои аввали фаъолияти ин давлат – асри XVI фаровон истифода мебурданд.

Дар сарчашмаҳои таҳқиқотӣ то давраи шуравии тоҷикон иттилоот вуҷуд дорад, ки баробари сохторҳои давлатӣ, дар минтақаи Бадахшон нуфузи ниҳоди динӣ - пирони мазҳаб низ баланд буд [96, с. 40]. Қобили зикр аст, ки обрӯ ва мақоми ин ниҳод нисбат ба дигар мақомоти идоракунӣ дар байни аҳолии маҳаллӣ афзалият дошт.

Вобаста ба амали ниҳоди қозӣ дар ҳаллу фасли баҳсҳо дар минтақаи Помир ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки он бо ниҳоди пирони исмоилӣ дар бештари маврид иваз мешуд, зеро пир ва халифа на танҳо дар доираи дин, балки ҳамчун танзимгари асосии одоб ва ахлоқи муридон фаъолият мекарданд.

Қайд намудан зарур аст, ки пир ё халифа, ашхоси рӯҳонии дини исмоилия буда, аз ҷониби роҳбарияти динӣ ба вазифа тайин карда мешуданд. Ин ашхос аз ҷумлаи довталабоне ба вазифа тайин карда

мешуданд, ки донишҳои динӣ, махсусан ҳуқуқӣ(фиқҳӣ) доштанд, роҳҳалҳои масоили гуногуни диниву ҳуқуқиро азхуд карда буданд. Дар Бадахшон хонаводаҳо ё сулолаҳо буданд, ки ба тариқи меросӣ ин вазифаҳои диниро иҷро мекарданд. Албатта, донишҳои назарӣ, ки ҳангоми омӯзиши калому фиқҳ ба даст меомад, дар якҷоягӣ бо мушоҳидаи амалияи падару бобо, ки ба ҳалли мушкилоти пайравони дин ҳамарӯза машғул буданд, меросбарони пиру халифаро барои ин машғулият омода мекарданд. Азбаски баррасии даъво ва низоҳои дигар дар ҷои махсус – ҷамоатхонаҳо ба вуқуъ пайваста аксарияти аҳолӣ дар он мавзеъ ҳозир мешуданд, тартиби ҳалли баҳсу низоҳо маълум буд.

Талаботи динӣ чунин буд, ки аҳолӣ - пайравони мазҳаб як рӯз дар як ҳафта ҳатман ба хонаи пирашон ташриф меоварданд.

Дар хонаи Пир ё халифа (хонаи пир) асосан барои иҷрои маросими намозгузорӣ ҷамъ меомаданд, яъне амалисозии адолати судӣ мақсади асосии ин ҷамъомадҳо набуд. Вале баъд аз адои намоз, шиносоӣ бо вазъи аҳолӣ насиҳат ва машварати умумӣ сурат мегирифт. Ин суҳбатҳо хислати ахлоқӣ - тарбиявӣ дошта, мардум барои сабру таҳаммул, ҳамдигарфаҳмӣ ва меҳнату касб омухтан тарғиб карда мешуданд.

Қайд намудан зарур аст, ки пир ва ё халифа минбаъд ба баррасии баҳсҳои гуногуни байни ҳозирин машғул мешуданд. Аксарияти масоили баёншуда якбора ҳалли худро дар ин ҷамъомадҳо меёфтанд.

Олими рус А.А. Бобринский, ки солҳои 1895-1901 бо экспедитсияи илмӣ ба Бадахшон сафар намуда, навиштааст, ки дар минтақаи Помир мардум ҳафтае як маротиба дар хонаи пир ё халифа ҷамъ меомаданд ва аз сӯҳбатҳои пир воқиф мегаштанд. Дар рафти ин ҷамъомадҳо онҳо масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеаро низ баён ва муҳокима мекарданд.

Граф.А. Бобринский нақши институти пирони мазҳабиро дар ҷомеаи он давра шарҳ дода чунин навишта буд: «Пир – ҳокими динӣ ва дунявии муридони худ буд. Тамоми заминҳои пайравони мазҳаби исмоилӣ аз ҷониби пирони мазҳабӣ идора карда мешуданд» [96, с. 41].

Ҳангоми ҷамъ омадани мардум дар хонаи пир масъалаҳое, ки онҳоро ташвиш медоданд, баҳсу мунокишаҳо, гузаронидани маросим ва ғайра бо маслиҳати пир баррасӣ мешуданд.

Ҷараёни баррасии баҳсҳои ҳуқуқи мерос, оилавӣ, баҳсҳои дигар дар назди сарвари рӯҳонии мардум ба таври содда ба вуқуъ мепайваст.

Дар аввали асри XX мутобиқи маълумоти Барон Черкасов ва олими рус А.А. Бобринской дар ҳудуди ноҳияҳои Шуғнон, Рушон, Вахон ва Шоҳдара пирони мазҳабӣ дар ҳаллу фасли парвандаҳо ва баррасии даъвои мардум нақши калон доштанд [113, с. 32].

Нақши пир дар баррасии масоили вобаста ба замин ва назорату идоракунии он хеле муассир буд. Олими рус граф А.А. Бобринский андешаеро иброз доштааст, ки замин зери назорати пир ва халифа ихтиёрдорӣ карда мешудааст. Ӯ аз суханони пир Саид Юсуфалишо дар соли 1898 иқтибос намуда навишта буд: «Дар тамоми заминҳое, ки исмоилиён зиндагӣ мекунанд, пирони исмоилӣ онҳоро роҳбарӣ мекунанд», яъне, ҳуқуқи моликият ба замин, аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ бо назорати пири мазҳабӣ амалӣ мегашт. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки ҳуқуқи ихтиёрдории замини пайравони мазҳаб як қадар аз ҷониби сарвари рӯҳонӣ маҳдуд карда шуда, хариду фурӯш, ҳадя, бегона кардан ва ё тақсими замин, ҳангоми ба мерос гузоштани замин розигии пир гирифта мешуд. Ин вазъият моро ба хулоса меорад, ки соҳибони замин ихтиёрона ихтиёрдорӣ ва истифодаи заминро бо роҳбари рӯҳониашон вогузор карда буданд.

Иттилооти сарчашмаҳои сершумор, махсусан сайёҳу мардумшиносони русро оид ба он, ки дар Бадахшон бештар ба одату анъана ва меъёрҳои ахлоқӣ такя мекунанд ва меъёрҳои динӣ дар ин ҳудуд таъсири ҷузъӣ дорад, аз ҳамин вазъият сарчашма мегирад.

Вазъияти мавҷудаи воқеъияти ҳуқуқӣ дар Бадахшон на танҳо хислати объективӣ дорад, балки бо омилҳои субъективӣ низ вобаста мебошад. Пеш аз ҳама, фаъолияти ниҳодҳои динии маҳаллӣ, аз ҷумла пиру халифа, омили амали маҳдуди меъёрҳои ҳуқуқии таълимоти

мактаби диниву ҳуқуқии ҳанафия мегардид. Аз ҷониби дигар, пайравони исмоилия низ ҷаҳонбинӣ ва талаботи динии худро ифшо намекарданд. Аз ин лиҳоз, ба ҳаёти динии аҳолии маҳаллӣ ва ба таълимоти мактаби исмоилия шинос набудани аксари таҳқиқотчиён онҳоро ба ин хулосаҳо овардааст.

Бояд ёдовар шуд, ки ниҳоди қозӣ аллакай аз нимаи дуюми асри XIX ба тариқи расмӣ амал мекард. Аморати Бухоро ашхоси гуногунро барои идоракунии маҳал ва амалисозии адолати судӣ ба минтақа тайин менамуд. Ба ин нигоҳ накарда, меъёрҳои анъанаву одатҳои маҳалл бештар ва аз ҳамин лиҳоз дар аксарияти минтақаи Бадахшон гарчанде, ки ниҳоди қозӣ расман амал менамуд, аммо бештари баҳсҳо тавассути ниҳодҳои дигари адолати судӣ, аз ҷумла ниҳодҳои динӣ дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ ҳаллу фасл мешуданд ва «пирони исмоилӣ на танҳо  вазифаи пир, балки ҳамчун ба сифати судя низ фаъолият мекарданд» [151, с. 203]. Аз ҳамин лиҳоз, дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Аморати Бухоро, дар Помир масъалаи баҳснокро дар миёни мардум худи пирон ва халифаҳои онҳо ҳал  мекарданд [97, с. 21-24].

Машғул шудани халифаҳои исмоилӣ дар ҳалли баҳсҳо маънои онро надошт, ки ҳалли масоили ҳуқуқӣ вазифаи онҳо буд. Машғул шудани мансабдорони динӣ ба адолати судӣ ду сабаби асосӣ дошт: якум, бовариву эътиқоди мардум ба роҳбарони мазҳабӣ; дуюм, нобоварӣ ба адолати судии қозиёни расмӣ. Нобоварӣ ба амалисозии адолати судӣ аз ҷониби қозиёни расмӣ сабабҳои худро дошт. Тайин намудани қозӣ дар бекигариҳои Бадахшон низ махсусияти хосро дошт [86, с. 112]. Ба қозии тайиншуда маоши доимии устувор муқаррар карда намешуд. Қозӣ ҳақ дошт, аз ҳисоби парвандаҳои баррасишуда маблағи муайян – ба сифати боҷи давлатӣ ситонад. Тибқи иттилооти муҳаққиқон, дар Аморати Бухоро барои баррасии парвандаҳои гуногун қозӣ маблағи муайян меситонид. Азбаски эътибори мардум ба адолати қозиҳо кам буд, онҳо дар интихоби доварии баҳс бештар ба халифаҳои маҳал мурочиат

мекарданд. Дар навбати худ дахолати онҳо бештар хусусияти тарбиявӣ низ дошт.

Қайд кардан лозим аст, ки қарору ҳукми пиру халифаҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд. Вале дар байни пайравони мазҳаб ҳамин тавсия кофӣ буд, ки меъёру талаботи он ба таври ҳатмӣ иҷро гардад.

Аз рӯи тақсимоти вазифавӣ пиронро намояндаҳои онҳо кӯмак мекарданд, ки дар ҳар минтақа ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мушаххас доштанд. Ҳамчунин талабот барои таъини онҳо низ вуҷуд дошт. Ҳар пир ёрдамчиёни худро дошт ва онҳо ба ҳар минтақае, ки дорои тобеон ё муридон буданд, тақсим мешуданд. Ин ёрдамчиёнро халифа меномиданд. Пир халифаҳоро аз байни саидони писандида барои маҳалл таъин мекард.

Бояд қайд намуд, ки баррасии категорияи муайяни баҳсҳои ҳуқуқӣ асосан аз ҷониби пир суръат мегирифт. Халифа аз пири худ вобастагӣ дошта, ҳуқуқи додрасӣ ва тақсими меросро надошт, чунки баррасии ин гуна даъвоҳо ба зиммаи пир гузошта шуда буданд» [87]. Вале қайд кардан зарур аст, ки пиру халифаҳо салоҳияти баррасии на ҳама намуди баҳсҳои ҳуқуқиро доштанд, яъне пиру халифаҳо категорияи муайяни баҳсҳоро метавонистанд баррасӣ ва нисбат ба онҳо қарор қабул намоянд.

Пеш аз ҳама, ҳангоми ворид шудани даъво, онҳо кӯшиш менамуданд, муайян созанд, ки оё ҳалли баҳс ба тобеъияти суди расмӣ – қозӣ ворид намешавад. Чунки ҳангоми баррасии категорияи муайяни парвандаҳо иштироки қозӣ ҳатмӣ буд ва ё он бояд дар ниҳоди қозии давлат баррасӣ мегардид. Ин кадом ҳолатҳо буданд? Якум, дар ҳолатҳое, ки даъво бо забонхат ё ҳуҷҷате асос ёфта бошад, ки аз ҷониби қозӣ тасдиқ шудааст; Дуюм, дар ҳолате, ки даъвои замин бошад ва ҳуҷҷати замин аз ҷониби қозӣ дода шуда ва ё тасдиқ карда шуда бошад, инчунин ҳангоми дар натиҷаи баррасии парванда ҳуҷҷати замин дода шавад; сеюм, ҳангоме, ки даъво бо хатти талоқи додаи қозӣ асос ёфта бошад ва ё дар натиҷаи баррасии парванда хатти талоқ бояд дода шавад. Дар ҳамаи

ин ҳолатҳо пир наметавонист даъвои муштариро пазирад ва баррасӣ намояд. Дар ин ҳолатҳо пир даъворо ба қозӣ – судяи давлатӣ ирсол менамуд, чунки ҳуқуқӣ баррасии ин гуна парвандаҳоро надошт.

Дар дигар ҳолатҳо, махсусан ҳангоме, ки даъво ба ҳуҷҷати расмӣ тасдиқ наёфта бошад, ё тасдиқи расмиро талаб накунад, пир метавонист ин гуна даъвоҳоро қабул ва холисона баррасӣ намояд.

Хусусияти хоси ниҳоди мазкури баррасии даъвоҳо дар он буд, ки кулли муроҷиаткунандагон маърифат ва ҷаҳонбинии динӣ дошта, ҳангоми муроҷиат ба ин ниҳод, аз «хизмат» ва «хизматрасониҳои» ашхоси гуногуни бо суд алоқаманд истифода намебурданд [197, с. 47-86]. Чӣ тавре муҳаққиқон таъкид мекунанд, ҳангоми баррасии баъзе парвандаҳо дар мақоми дигари судӣ амалдорони давлатӣ дахолат карда, аз ҷониби манфиатдор маблағи «хизматона» меситониданд. Махсусан амалдорони маҳаллӣ, аз ҷумла ҳокимони маҳалл - бекҳо аз баҳсҳои мардум бохабар буданд ва тарафҳои даргирро даъват мекарданд» [113, с. 49]. Онҳо кӯшиш менамуданд худашон баҳсҳоро баррасӣ намуда дар заминаи он қарор қабул намоянд. Дар дигар ҳолатҳо миёнаравии худро пешниҳод намуда, барои иҷрои ин амал «ҳаққи хизмат» талаб менамуданд.

Ниҳоди мазкур як қадар обруву эътибори динӣ дошта, пайравони мазҳаб ба сухани пир ва қарори қабулнамудаи ӯ инчунин хислати динӣ қоил буданд. Аз ин сабаб, ихтиёран қарори қабулшударо иҷро мекарданд.

Махсусияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ аз қабили пиру халифаҳо дар он буд, ки ҳаллу баррасии даъвоҳо аз ҷониби роҳбарони динӣ амалӣ гардида, аҳолӣ вобаста ба нуфузи динии онҳо қарори қабулшударо бо ихтиёри худ амалӣ менамуданд. Ин ҳолат ба манфиати ҳокимияти маҳалл низ буд. Пеш аз ҳама, он барои мақомоти давлатӣ ягон вазнинӣ ва ё харҷи иловагии маблағро талаб намекард, яъне маошу ҳавасмандсозиро нисбат ба ниҳоди мазкур талаб намекард. Иҷрои он низ мусоидати мақомоти давлатиро талаб намекард. Сеюм, агар қозӣ қарори

нодуруст қабул кунад, мардум аз ҳокимияти давлатӣ норозӣ мешуданд, дар ҳолати баррасии парванда аз ҷониби ниҳоди динии мазкур ин омил низ барои ҳокимият мусбӣ буд.

Аз ҷониби пиру халифаҳо мурофиа ва қабули қарор ба таври ройгон иҷро карда мешуд. Бо таҳкиму устувор гаштани мақоми ниҳодҳои давлатӣ, анъанаи муроҷиат ба ниҳодҳои диниву ғайрирасмӣ маҳдуд ва баъзан қатъ гардида, чунин таҷриба ҳамчун мухолифати байни сарчашмаҳои гуногун, таълимоти гуногун ва низоми ҷазоҳои гуногун аз байн рафт.

Таҳқиқи масъала моро ба хулоса овард, ки ниҳодҳои гуногун ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул шуда, адолати судиро амалӣ мекарданд. Ба гурӯҳи онҳо қозиён, пиру халифаҳо, сардори гарнизони Хоруғ, амалдорони маҳаллӣ дохил мешуданд. Новобаста аз амали сарчашмаҳои динӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ нақши одатҳои маҳаллӣ бузург буда, меъёрҳои одатӣ ва динӣ бештар мавриди истифодаи умум қарор доштанд.

Инчунин, ҳангоми баррасии баъзе парвандаҳо амалдорони давлатӣ дахолат карда, аз ҷониби манфиатдор маблағи «хизматона» меситониданд. Бекҳои маҳаллӣ аз баҳсҳои мардум бохабар буданд ва тарафҳои даргирро (назди худ) даъват мекарданд» [113, с. 49] ва баҳсҳоро баррасӣ намуда қарор қабул мекарданд.

Хулоса, ниҳодҳои динии маҳалл – пиру халифаҳо дар баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ ва амалисозии адолати судӣ нисбат ба дигар минтақаҳои Тоҷикистон нақши мушаххасу муайян дар минтақаи Бадахшон доштанд. Барои муроҷиат намудан ба ниҳодҳои динии маҳали мазкур ва амали шудани адолати судӣ дар ин ниҳодҳои ҷамъиятӣ якчанд омилҳо мусоидат менамуданд. Омили якум, албатта, бовариву эътиқодии динии мардум ба роҳбарони динии худ ба шумор меравад. Дар навбати дуюм, обрӯву эътибори динии пиру халифаҳо имконият фароҳам оварда буд, ки барои ҳалли аксари шикояту даъвоҳо аҳолӣ ба онҳо муроҷиат намоянд. Яъне обрую эътибори роҳбарони динӣ заминаи ба таври ихтиёрона ва

бечунаро иҷро шудани қарори қабулшуда дар муҳокима мегардид, ки нақши муҳимро дар ҷараёни амалисозии адолати судӣ дорад. Суди мазкур суди тезҷараён ва қарорҳои он ба таври зуд амалишаванда буданд. Аз қабули қарор то иҷроиши он муҳлати каме лозим буд. Дар аксар маврид бо эътироф намудани қарори суд ва розигӣ бо он раванди иҷроиши қарор оғоз мегардид, ки ҳам ба манфиати даъвогар ва низ адолати судӣ мусоидат мекард. Бо сабаби ҷаҳонбиниву маърифати динӣ-ҳуқуқӣ доштани аҳолӣ барои иҷро намудани қарору ҳукми ин ниҳод зарурат ба сарфи маблағи иловагӣ, ё ба кор андохтани механизми амалисозии адолати судӣ ва ё ягон шакли дигари фаъолияти давлатӣ эҳтиёҷ набуд, чунки ҷонибҳо ихтиёран қарори қабулшударо иҷро менамуданд.

Аз ҷониб дигар, таҳлилҳо баёнгари он ҳастанд, ки новобаста аз зудамал будан, фавран иҷро гардидани қарорҳои қабулнамудаи он, ниҳоди мазкур на ҳамаи категорияи парвандаҳоро барои баррасӣ қабул мекард. Ниҳоди мазкур ҳуқуқи баррасии даъвоҳое, ки ба ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ асос ёфта буданд ва ё қабули ин гуна ҳуҷҷатҳоро талаб мекарданд, надошт. Хислати дигари ин ниҳод дар ҳалли босуръати парванда буд. Барои даъвогарон ҷанбаи мусбии мурочиат ба ниҳоди ҷамъиятии пиру халифаҳо дар он буд, ки дар фаъолияти ниҳоди мазкур аз байн бурдани мавҷудияти «миёнаравон», «хизматрасониҳо» ва «ҳаққи хизмат» мушоҳида мегардид.

Умуман ниҳоди мазкур баҳсҳои ҳуқуқиро ройгон ва ҳамчун масъулияти динӣ иҷро намуда, дар ҷараёни он ба тарбияи ахлоқиву шуури ҳуқуқии мардум низ аҳамияти бузург дода мешуд.

## 2.4. Ниҳодҳои маъмурии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон

Дар таърихии давлатдориҳои гуногун, ҳолатҳое, ки адолати судиро мақомоти маъмурии идоракунии давлатӣ амалӣ месозанд, аз қадим мушоҳида мегардад ва ин вазъият дар таърихи аксарияти давлатҳои ҷаҳон вуҷуд дошт. Хушбахтона, вазъияти мазкур аз ҷумла дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ва муосир ҷой дошта бошад ҳам, як раванди фарогир набуда, дар марҳилаҳои муайяни он мушоҳида мегардад. Мавҷудияти чунин вазъият, ки суд аз маъмурият ҷудо набошад, ва ё дар қатори суди маданӣ суди маъмурӣ вуҷуд дошта бошад ва ё мақомоти маъмурӣ дар амалисозии адолати иҷтимоиву судӣ фаъолона иштирок намояд, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, яъне кишварҳои гуногун кам нест. Имрӯз дар Тоҷикистон низ пешниҳод оид ба таъсиси суди маъмурӣ торафт ҷонибдорони зиёд пайдо карда истодааст , чунки дар амал, суди умумӣ асосан (то 80%) ба баррасии парвандаҳои маъмурӣ машғул мебошад. Амалия ва нозукиҳои ҳалли парвандаҳои маъмурӣ сабаб шудааст, ки чунин пешниҳод тавсия гардад. Дар баробари ин сухан оид ба мақомоти маъмурӣ, на судӣ меравад, ки баррасии даъвоҳоро ба зимма гирифтааст. Махсусан дар марҳилаи ба сари ҳокимият омадани манғитиҳо дар Аморати Бухоро чунин вазъият баръало мушоҳида мегардид. Аз ин лиҳоз дар асарҳои худ муҳаққиқи рус Логофет Д.Н Бухороро кишвари беҳуқуқ ва беадолат номида, дар заминаи таҳқиқоти доманадори худ исбот намудааст, ки дар Бухорои охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ аз арбоби маҳалла – мансабдори поёнии ҳокимияти маҳаллӣ оғоз намуда то Қушбегӣ ҳама адолати судиро амалӣ намуда ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул буданд [125, с. 366]. Албатта, пеш аз он ки оид ба ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти маъмурии кишвар оғоз намоем, бояд қайд кунем, ки яке аз функсияҳои ҳокимияти давлатӣ баррасӣ, таъмин ва татбиқи ҳуқуқ мебошад. Аз ин хотир кулли мақомоти давлатӣ дар баробари қонунгузорӣ ва идоракунии давлатӣ, инчунин масоили гуногуни ҳаёти давлатиро баррасӣ, мавриди омӯзиш қарор дода, ба

қабули санадҳои ҳуқуқӣ ва амалисозии чорабиниҳои гуногун машғул мебошанд.

Дар ҷараёни идоракунии давлатӣ ҳамарӯза масоилу мушкилот ва муаммоҳое пеш меоянд, ки на барои ҳалли ҳар яки он ба суд муроҷиат кардан лозим аст. Бояд қайд намуд, ки аксарияти кулли муносибатҳои баҳсии ҳуқуқӣ тариқи ғайрисудӣ низ ҳалли худро ёфта, тарафҳо бо созиш манфиати якдигарро қонеъ менамоянд ва ё роҳҳалҳои лозимаро дарёфт мекунанд. Аз ин лиҳоз, ниҳодҳои маъмурӣ низ дар ҷараёни ҳакамии баҳсҳои ҳуқуқӣ фаъол буда, кушиш менамоянд, роҳҳалҳои онҳоро дарёбанд. Махсусан мақомоти маҳаллии идоракунӣ, ки бештар бо мардум бевосита сарукор доранд, масоилу мушкилоти мардумро медонанд, таҷрибаи пешина ва ҳаётиро дар ҳалли ин гуна мушкилот доранд, кӯшиш мекарданд, дар ҳолати муроҷиат ба онҳо мушкилотро баррасӣ намоянд. Албатта, дар ин ҳолат мушкилоте дар назар аст, ки ночиз ҳастанд ва масоили ахлоқиву анъана ва одатҳоро вайрон кардаанд ва ба манфиатҳои ҷавҳарии шахсият дахолат надоранд. Дар баробари ин, дар кишвар ҳанӯз то марҳилаи шуравӣ ниҳодҳои маъмурӣ, инчунин ба амалисозии адолати судӣ, ки салоҳияти суди давлатиро ташкил медод, даст мезаданд ва оид ба он қарор қабул менамуданд. Дар ин ҳолатҳо, амалисозии адолати судӣ аз ҷониби ниҳоди маъмурӣ махсусияти худро дошт.

Аз ҷониби дигар, дар ҳаёти ҳуқуқии аҳолии Бухоро инчунин ҳолатҳое вуҷуд дошт, ки қозӣ баррасии баҳсҳои ҳуқуқиро ба зиммаи ниҳодҳои маъмурӣ - мансабдорони амалкунанда ва ё ашхоси бонуфузи сокини маҳалла мегузошт. Махсусан, ҳангоме, ки қозӣ ваколати баррасии парвандаро ба зиммаи мансабдори ниҳоди маъмурӣ ва ё ашхоси бонуфузи дар нафақа буда ва ё аз вазифа рафта мегузошт, дар аксар маврид ин парвандаҳо бо созиши тарафҳо анҷом меёфт. Азбаски ниҳоди маъмурӣ обруву эътибори зиёд надошт, вале дар маҳал ҳамчун намояндаи ҳокимият эътироф мегардид, бештар аз падидаи калонсолони маҳал истифода мебурд. Дар аксар маврид, дар ҷои намоён, мисли бозор

ва ё масҷид ҷонибдорони ду тараф бо ҳам ҷамъ омада роҳҳали баҳсро меҷустанд ва бо даъвати куҳансолон бо ҳам созиш мекарданд. Ҳангоми баррасии масъала инчунин тарафҳо ба оштӣ ва созиш даъват мешуданд.

Қарори қабулшуда ба қозӣ расонида мешуд, ки вай аллакай расман қарори қабулшударо тасдиқ мекард. Дар аксар маврид, қозӣ баррасии баҳсҳои на он қадар муҳимро ба ёрдамчиёнаш вогузор мекард. Дар ин ҳолат низ ёрдамчии қозӣ аз ниҳоди маҳаллии идоракунӣ масалан арбоб, ашхоси маъруф хоҳиш менамуд, ки барои баррасии парванда ва ҳалли мушкилоти тарафҳо кӯмак расонанд. Парванда чӣ тавре дар боло зикр шуд аз ҷониби мақомоти маъмурии маҳаллӣ баррасӣ гардида, бо қарор ба ёрдамчӣ расонида мешуд. Дар ин ҳолат низ қозӣ қарори қабулшударо муҳр мегузошт ва аз номи худ нусхаи қарорро ба тарафҳо ирсол менамуд. Агар тарафҳо барои қаноатманд кардани якдигар розӣ шуда, созиш банданд ва аз даъво даст кашанд, пас, баррасии парванда дар ҳамин марҳила қатъ мегардид, тарафҳо аз даъво даст мекашиданд.

Инчунин, иттилоот оид ба дигар намуди ба адолати судӣ машғул шудани ашхоси маъмурӣ дар ҳудуди Тоҷикистони тошуравӣ вуҷуд дорад. Ин ҳолатҳо бо фаъолияти суди қозӣ алоқаманд мебошанд. Масалан дар Генерал-губернатории Туркистон ниҳоди маъмурии маҳаллӣ ба сифати Раиси суди қозӣ муайян карда шуда буд [78, с. 22]. Ҳокимони маҳаллӣ ки аз ҳисоби ҳарбиён ба сифати маъмурони маҳал тайин карда мешуданд, тибқи Низомнома якбора ба ҳайси Раиси суди қозӣ баромад менамуданд.

Азбаски ин ҳарбиён оид ба ҳуқуқи ислом тасаввурот надоштанд, пас, пешакӣ гуфтан мумкин аст, ки чӣ гуна ба амалисозии адолати судӣ дахолат мекарданд. Дар ҳисоботи капитан Южаков ва чанд нафари дигар, ки фаъолияти судҳоро дар ин марҳилаи мустамликавии Туркистон санҷидаанд, далелҳои дахолати бевоситаи маъмурият ба фаъолияти суд ва амалисозии адолати судӣ оварда шудаанд [198].

Бояд қайд намуд, ки ҳолати таҳлилшуда, бо қабули Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон тағйир ёфта, қозиён аз раисии

мақоми ҳарбиву маъмурии рус озод гаштанд. Вале маъмурияти ҳарбӣ метавонист дар сурати ба он муроҷиат намудани норозиён қарори судро бекор кунад ва ё қозиро барои қабули қарори муайян маҷбур созад.

Инчунин, оид ба дигар ҳолатҳои дахолати ашхоси мансабдори Россия ба фаъолияти судҳо дар ҳудуди Аморати Бухоро бояд махсус қайд намуд. Маъмурони ҳокимияти Туркистон ва ҳатто сайёҳони рус дар Бухорои шарқӣ то Помир кӯшиш мекарданд, то тибқи «адолат» амал карда, қарори қабулнамудаи қозиро бекор ва тибқи ҳуқуқфаҳмии худ онро ба манфиати ин ё он тараф ҳал намоянд. Дар ин роҳ тамоми чораҳои «зарурӣ» аз ҷумла тарс додан, муроҷиат ба қозӣ, беки маҳаллӣ, Қушбегӣ, намояндаи Агентии сиёсии Россия дар Бухоро, амири Бухоро ва ғайра истифода карда мешуд.

Дар ҳамин ҳолат кулли аҳолии табааи Россия ва пайравони дини ғайримусалмон дар ҳудуди Аморати Бухоро аз тобеъияти судии қозӣ берун карда шуда буданд ва даъво нисбат ба онҳоро Агентии сиёсӣ, суди Туркистон ва ё Қушбегӣ баррасӣ мекард.

Чунин вазъият аз беҳуқуқии Аморати Бухоро шаҳодат медод. Дар ҳамин вазъият минтақаи Бадахшон низ гузошта шуда буд.

Дар фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дар Бадахшон дар охири асри XIX ибтидои асри XX як қатор тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд. Россия ва Англия чун ду давлати абарқудрати замон, байни ҳам шартнома оид ба ҳудуд бастанд. Тибқи ин шартнома дарёи Аму хатти сарҳадии байни Аморати Бухоро ва Афғонистон эътироф карда шуд. Азбаски ҳудуди бузурги тобеъи Аморат ба Афғонистон тибқи ин шартнома дода шуда буд, пас, пеш аз ҳама ҳудуди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшони муосир бар ивази ҳудуди дар натиҷаи шартномаи байни империяи Россия ва Англия аз соли 1895 басташуда, ки тибқи он як қисмати азими ҳудуди Аморати Бухоро ба ҳудуди Афғонистон ҳамроҳ карда шуд, ба Бухоро дода шуд [210, с. 27].

Ҳокимони Аморат, ки бештар ба масоили устувор намудани ҳокимияти худ дар марказ машғул буда, танҳо бо тайин намудани якчанд

мансабдор ба бекигариҳои нав қаноат карданд. Новобаста аз ҳамроҳкунии ин ҳудуд ба Аморати Бухоро дар он ягон тағйироти ҷиддии маъмурӣ гузаронида нашуд. Аз таҳлилҳои муҳаққиқон бармеояд, ки «дар Бухоро ҳатто дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ ягонагӣ набуд, низоми мавҷудаи идоракунӣ бошад, чунон сохта шуда буд, киислоҳот танҳо зинаҳои болоии ҳокимиятро фаро мегирифту халос. Идоракунии давлат бошад бо роҳи истисмори халқ анҷом дода мешуд».

Дар ҳудуди Бадахшон низ ягон ислоҳот гузаронида нашуд ва ҳокимияти марказӣ нияти гузаронидани ягон намуди ислоҳотро надошт. Дар ин вазъият ислоҳоти асосӣ - тайини амалдорони давлатӣ аз марказ – аз Бухоро ҷорӣ карда шуд.

Дар тамоми марҳилаи ҷанги Бухорову Россия, ғасби ҳудудҳо ва ҳамроҳкунии ҳудуди Бадахшон мақоми ҳуқуқии он яксон набуда, он ҳатто то инқилоби соли 1917 (дар Россия) ва сентябрии соли 1920 (дар Бухоро) духура боқӣ монда буд [47, с. 38]. Ин вазъияти сиёсии Бадахшон дар натиҷаи бо ҳам омадани якчанд сабабу омилҳо ба вуқӯъ пайваста, минбаъд дар натиҷаи вазъи геополитикии Россия дар ҷаҳон, вазъи иқтисодии минтақа, вазъияти таъмин бо озуқаворнии дастаи ҳарбӣ ва гарнизони Хоруғ боз ҳам шадидтар гардид.

Вазъият инчунин бо омадани омилону қозиёни Бухоро ба маҳалл вазнин шудан гирифт, чунки вазъи касоди иқтисодии мардум, ғасби молу мулки андозсупоранда, инчунин, аз ҳисоби андози ҷамъоварда таъмин намудани зиндагонии қозӣ, омил ва пешкашу ҳадя ба Амиру мақомоти марказӣ сабаби норозигии мардум ва кӯч бастани он ба ҳудуди кишвари Туркистон ва Афғонистон шуданд. Дар баробари ин омилҳо яке аз омили манфӣ дар ҳудуди Бадахшон ба адолати судӣ машғул гардидани ниҳодҳои маъмурӣ ва дар ҳолатҳои дигар ба «миёнаравӣ» машғул шудани мансабдорони маҳаллӣ гардид [98, с. 111].

Ба андешаи муҳаққиқ Буризода Э.Б. ҳудуди Бадахшон расман ба ҳайати Аморати Бухоро дохил мешуд, аммо дар асл онро сардори дастаи ҳарбии Руия дар Хоруғ идора мекард. Вазифаи сардори дастаи ҳарбии

Хоруғ бо роҳбари уезд баробар ҳисоб мешуд, ки ба губернатори Фарғона итоат мекард[71,с.121]. Дар сурати рух додани қонунвайронкунӣ, сардори дастаи ҳарбӣ мувофиқи «Дастурамали муваққатии сардори дастаи ҳарбии Помир», ки он 12 январи соли 1905 тасдиқ шуда буд, мебоист аз меъёрҳои одати маҳаллӣ истифода намояд. [66, с. 123].

Вале тақсимоти маъмурии ин ҳудудро Зарубин соли 1915 дар давоми сафари худ дар Бадахшон чунин муайян кардааст: қисми уезди Ош ва қисми заминҳои Бухорои шарқӣ – ҷанубӣ қад-қади дарёи Язгулом ҳамчун округи Помир аз ҳайати идоракунии Туркистон ба идоракунии сардори дастаи ҳарбии Хоруғ гузашт. Сардори дастаи ҳарбӣ бевосита ба губернатори ҳарбии Фарғона итоат мекард. Округи Помир ба ноҳияи шарқӣ (волости Помир ва Орошор), ноҳияи Хоруғ (волости Шуғнон ва Рушон), ноҳияи Лангар (волости Вахон ва Ишкошим) тақсим шуд. Ба сифати роҳбари ноҳия афсари дастаи ҳарбии рус тайин мешуд. Ёрдамчии вай волостной управ ё мингбошӣ буд. Мингбошӣ дар навбати худ ба воситаи арбобони худ аз болои қозиҳо ва оқсақолҳои деҳа роҳбарӣ мекард [143, с. 69].

Дар давраи тобеъияти Бадахшон ба Аморати Бухоро, мақоми судии он ба низоми судии Аморат тобеъ гардид. Агар мо асоси низоми судии Бадахшонро сохти суди қозигии Аморати Бухоро маҳсуб донем, «дар аморати Бухоро дар шахсияти қозӣ вазифаи якчанд мақомоти мустақил ҷамъ омада буд. Қозӣ мақоми амалисозандаи адолати судӣ маҳсуб мешуд. Инчунин масъалаи бастану қатъи никоҳ ба зиммаи қозӣ буд. Вай шартнома, васиқа ва дигар ҳуҷҷатҳоро таҳия ва тасдиқ менамуд ки вазифаи мушовири ҳуқуқӣ ва нотариат аст» [172, с. 388].

Аммо дар ҳудуди Бадахшон меъёрҳои ҳуқуқи анъанавӣ нисбат ба ҳуқуқи исломӣ бартарият доштанд. Дар китоби худ «Анъанаҳо ва ҳуқуқ» муҳаққиқ Зиёев М. дар қатори шахсони мартабаи болоии ҷомеаи анъанавӣ хоҷаҳо, тураҳо ва саидҳоро нишон медиҳад. Пирҳоро бошад ҳамчун муаллим ёдрас мешавад. Дар баробари ҳамин муаллиф ба ҳайси

сарчашмаи ахлоқи хислати рафтори мардум категорияҳои оини зардуштиро асос мешуморад [96, с. 89].

Сарчашмаҳои ҳуқуқии тошуравии Бадахшон дар доираи низоми ҳуқуқи исломӣ амал карда тамоми сарчашмаҳои онро дар бар мегирифт. Дар ҷомеаи тошуравии Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баҳсҳои ҳуқуқӣ тавассути меъёрҳои Қуръон, Сунна, иҷмоъ ва қиёс танзим мешуданд.

Масъалаҳои таърихи фаъолияти судҳо дар замони тошуравӣ, тараққиёти низоми судӣ дар асрҳои XIX-XX ва фаъолияти қозиёту қозиҳо аз тарафи Э.Б. Буризода [71, с. 125] ва И. Шодизода [212] мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст.

Таҳлили сарчашмаҳо ва қонунгузории тошуравии ҳудуди Бадахшон собит менамояд, ки дар марҳилаи тошуравӣ ниҳоди қозиёт дар ҳудуди Бадахшон асосан дар марҳилаи таҳким ёфтани ҳокимияти Аморат ташаккул ва устувор гардид. Бештар ин вазифаҳоро намояндагони табақаи руҳониён иҷро мекарданд, ки дар адабиёти таърихӣ ва илмӣ ба ин ишора шудааст.

Оид ба амалигардонии адолати судӣ аз ҷониби намояндагони маъмурии ҳарбии Россия – сардори гарнизони Хоруғ қайд кардан ҷоиз аст, ки ин мақоми маъмурӣ махсусан бо ҳамроҳшавии ҳудуди Бадахшон ба Россия на танҳо фаъолияти маъмуриву идоракунии маҳаллӣ, балки дар баъзе мавридҳо адолати судиро низ амалӣ менамуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дахолати мақоми ҳарбии маъмурии рус ҷиҳати амалигардонии адолати судӣ ва умуман таъмини адолати иҷтимоӣ ба манфиати аҳолии маҳаллӣ буд. Иттилоот оид ба баррасии масъалаҳои гуногуни баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби сардори ҳарбии гарнизони Хоруғ зиёд аст.

Андозбандии зиёд ва ҷамъоварии молиёт аз мардум норозигии мардуми маҳаллро ба вуҷуд оварда, сабаби ба вуҷуд омадани зиддият ва шуришҳои ошкор мегардид. Нովобаста аз он, ки расман ҳудуди Бадахшон дар тобеияти Аморати Бухоро буд, баъд аз яке аз шуришҳои

деҳқонони Вахон дар соли 1903 бар зидди амалдорони Бухоро, бо пешниҳоди сардори гарнизони Хоруғ қарор дода шуд, ки минбаъд нигоҳ доштани тартибот дар ҳудуди Бадахшон ва низоми таъини ҷазо ба намояндагони дастаи ҳарбии Россия дар Хоруғ супурда шавад [200, с. 56].

Чӣ тавре сарчашмаҳои таърихӣ иттилоъ медиҳанд, беку қозиҳо ба бекигариҳои минтақаи Бадахшон аз Бухоро барои идоракунии маҳал тайин карда мешуданд. Бо сабабҳои гуногун музди маоши беку қозиҳо саривақт ба онҳо расонида намешуд. Воқеъияти ин масъала чунин буд, ки бекҳо музди маоши худро аз ҳисоби андози ҳарсола таъмин намуда, инчунин дар санаҳои ҷашну идҳо, аз қабили Наврӯз, баъд аз ҷамъоварии ҳосил, тую сури Амир ба онҳо ҳадя мефиристоданд. Кулли ин ҳадя аз ҳисоби ҷамъоварии андозу молиёти барзиёд ба даст меомад.

Дар минтақаи Бадахшон бинобар вазнинии шароити зиндагии аҳолӣ, ҷамъовари андоз кори хеле мушкил буд. Аз ҷониби дигар, агар андозҳо пурра ҷамъоварӣ мешуд, гарнизони Хоруғ наметавонист худро таъмин намояд. Аз ин сабаб, бо ҳар роҳу восита, афсарони рус фаъолияти амалдорони Аморатро танқид намуда, кушиш мекарданд, ки андоз ё ҷамъоварӣ карда нашавад ва ё он хеле кам ҷамъоварӣ шавад, то ин ки як қисмати маҳсулот барои истифодаи онҳо боқӣ монад. Дар ин вазъият амалдорони тайиншуда, кушиш мекарданд, ки аз аҳолии маҳаллӣ қарз гиранд.

Умуман агар риояи қонун ва принсипи баробарӣ дар назди қонунро дар ин марҳила таҳлил намоем, мушоҳида мекунем, ки истифодаи қонун хусусияти яктарафа дошт, зеро он қариб ки танҳо нисбат ба табақаи поёнӣ истифода мешуд. Чунончӣ, амалдорони Бухоро, аз он ҷумла бекҳои маҳаллӣ аз мардум мол қарз карда, ҳангоми аз вазифа рафтан ба Бухоро бармегаштанд, вале қарзҳоро намепардохтанд. Масалан, ҳангоме, ки беки Шуғнону Рушон Юлдашбий аз вазифа маъзул гардид, аз мардуми Рушон 1200 танга қарздор буд, вале бо баҳонаи он ки ба вай музди маош аз Бухоро нафиристонданд, аз пардохти қарз

саркашӣ намуд. Мисоли дигар, амлокдор Бурҳонбек ҳангоми тайин шудан ба қалъаи Рушон дар вақти рафтан аз Хоруғ ба мардум ваъда кард, ки қарзи онҳоро ба маблағи 2500 танга аз Қалъаи Вомар мефиристад, аммо ин ваъдаро иҷро накард» [200, с. 51].

Гирифтани қарз аз аҳолӣ, қарздор будани бекҳо аз мардум ба он оварда мерасонид, он ба вазъи муътадили қонуният ва фаъолияти ниҳодҳои судӣ дар минтақа таъсир расонида, аксари амалдорони давлатӣ ба он дахолат мекарданд ва дахолат ба кори судро як роҳи ба даст овардани даромад ҳисоб мекарданд.

Бояд таъкид намуд, ки яке аз мақоми бонуфузи баррасикунандаи баҳсҳои ҳуқуқӣ дар минтақа - амалдорони маъмурӣ ё ҳарбии рус буданд. Масалан, яке аз ниҳодҳои ҳалли баҳсҳо сардори дастаи ҳарбии Россияи подшоҳӣ дар Хоруғ буд. Дар мувофиқа бо ҳукумати Россия, амири Бухоро дар Бадахшон беки худро тайин менамуд, ки вай кулли масоили бекигариро дар мувофиқа бо сардори дастаи низомии Хоруғ танзим мекард. Мурофиаҳои судӣ аз тарафи сардори дастаи ҳарбии рус дар шаҳри Хоруғ ва ҳамчунин аз тарафи амалдорони тайинкардаи амири Бухоро амалӣ карда мешуданд [103, с. 128].

Таҳлили тарзи баррасии баҳсҳо баёнгари он аст, ки он ба тариқи содда тибқи талаботи суди маъмурӣ амалӣ мегардид, ки дар он аксари талаботи мурофиавии таълимоти исломӣ риоя намегардид.

Дар хусуси баррасии парвандаҳо таҳқиқотчии давраи пешазшуравии Бадахшон И. Карамова қайд мекунанд: «Ҷиноятҳо дар миёни мардуми маҳаллӣ қариб ки содир намешуданд, аммо агар чунин ҳолат рух медод, судхурии амалдорони Бухоро беҳадду канор буд. Мисол, баҳори соли 1904 сарбозони дидбонгоҳи Хоруғ ба маблағи 23 рубл аз ҳисоби гарнизон асбобҳои оҳанин ба монанди бел, каланд ва ғайра гирифта, онҳоро ба мардуми таҳҷоӣ фурӯхтанд. Аммо онҳо аз он хабар надоштанд, ки ин мол аз тарафи сарбозони гарнизон дуздида шуда буд. Амлокдори Хоруғ Бурҳонбек аз ин аҳд дарак ёфта, тамоми моли фурӯхтаро аз мардум ҷамъ кард ва онҳоро маҷбур кард, ки боз 137 рубл

ҷарима супоранд, дар ҳоле, ки нархи умумии ин молҳо танҳо 23 рублро ташкил медод» [113, с. 50]. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дар мавриди пайдо кардани фоида, ҳатто амлокдор ҳам ба амалисозии «адолат» машғул мегардид, ҳол он ки чунин салоҳият надошт.

Соли 1911 мақолаи М.С. Андреев бо номи «Маводҳои этнографии қабилаҳои эронии Осиёи Миёна (Ишкошим ва Вахон) нашр гардид. Дар ин мақола муаллиф бори аввал маълумот дар бораи сохти иҷтимоии ҷомеаи минтақаи Вахону Ишкошимро таҳлил мекунад. Тибқи таснифоти табақа, муаллиф ба гурӯҳи аввал – руҳониён, сайидҳо, ба гурӯҳи дуввум акобирҳо ё ашрофони ҳарбӣ ва ба гурӯҳи саввум чокарон – аҳли заҳмат дохил намудааст [224, с. 74].

Инчунин М.С. Андреев дар бораи андозҳои давлатӣ навиштааст, ки онҳо аз мардум ҳам аз тарафи амири Бухоро ва ҳам аз тарафи ҳокимони Бадахшон ситонида мешуданд.

Дар баъзе мавридҳо мардуми маҳаллӣ аз амалӣ нашудани даъвояшон аз ҷониби қозии бекигарӣ ба мақомоти гуногуни Россия муроҷиат мекарданд, ки дар ин ҳолатҳо маъмурони рус низ бо роҳҳои гуногун кушиш мекарданд, ки баҳсро баррасӣ намоянд. Дар чунин ҳолатҳо сардори гарнизони Хоруғ вобаста ба муроҷиати аҳолӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои баҳснок мудохила менамуд. Масалан, академик Б. Искандаров дар ин бора чунин фактҳоро овардааст: «Аҳолии Шоҳдара, Ғунд ва Вахон дар шикоят ба Агенти сиёсии Бухоро навиштанд, ки онҳо аз таъқиби кормандони амир ба дод омада, хонаҳояшонро тарк намуданд. Закотчиён бе иҷозати мо ба хонаҳо ворид шуда, занонро ҳисоб карда, пас ба оғилҳо ворид шуданд ва чорворо ба ҳисоб гирифтанд. Онҳо аз рӯи шариат амал накарда, аз 20 сар як сар ва кадоме аз ин камтар дошт аз вайҳо ҳам аз даҳ як сар гирифтанд. Тибқи шариат гуфта мешавад, ки аз 40 сар якто гирифта мешавад». Барои хомуш намудани оташи ғазаби мардум, сардори гарнизон ба масъала мудохила намудааст [101, с. 86].

Дар хусуси меъёри андоз дар Бадахшон М.С. Андреев менависад: «Ҳар як хонавода тирамоҳ мебоист ба ҳоким як арғамчин, як ҷуфт наъл, як пусти ҳайвон барои як ҷуфт чорук (пойафзол) диҳад. Ғайр аз ин сардорони ҳар як хонавода мебоист ба назди ҳоким рафта, як шабонарӯз ба вай бе музд хизмат мекарданд. Ҳар кас водор буд, ки бо худ як сар барра, як халта орд, як кӯза шир, чой равған, ду бори хар ҳезум гирифта барад» [224, с. 75]. Аз ин иттилоот маълум мегардад, ки дар Бадахшон аз андози пулдида, молиёти ҷинсӣ бештар пардохта шуда, аҳолӣ уҳдадории шахсӣ низ дар назди ҳокимони маҳалл доштаанд. Иҷро нашудани андозҳои ҷинсиву молӣ сабаби ба маҳкама кашидани гунаҳкор мегардид.

Дар сурати иҷро накардани уҳдадорӣ ва напардохтани андоз гунаҳкорон ҷазо дода мешуданд. Табиист, ки қарор дар бораи ҷазо аз ҷониби бек ва амалдорони маъмурӣ қабул ва амалӣ карда мешуд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто оқсақолҳои маҳаллӣ, ки аз миёни мардум интихоб мешуданд ва вазъияти иқтисодиву молиявии мардумро хуб медонистанд, ба муқобили беадолатии маъмурияти маҳал мебаромаданд ва кӯшиш мекарданд, ки пеши роҳи беадолатии амалдорони амирро гиранд. Ин зиддияту норозигиҳо баъзан бо шӯриш анҷом меёфтанд.

Чунин муносибати закотчиён аз ду чиз шаҳодат медод: аввалан ин далели он аст, ки оқсақолҳои маҳаллӣ нуфуз надоштанд ва фиристодагони амири Бухоро фикри онҳоро дар ҷамъоварии андоз ба назар намегирифтанд. Дуввум, закотчиён ба вайронкунии қонун роҳ дода ба қозиёни маҳаллӣ низ итоат намекарданд. Саввум, ин гуна муносибат ба қонун аз он шаҳодат медиҳад, ки баробарӣ дар назди қонун вуҷуд надошт ва фаъолияти қозиҳои маҳаллӣ танҳо дар доираи даъвои сокинони маҳаллӣ амал мекард, ҳарчанд ниҳоди қозӣ ҳамчун ниҳоди давлатӣ ва расмӣ эътироф гардида буд.

Амалдорони амир зимни ҳалли қазия аз тарафҳои даргири баҳс «хизматона» меситониданд. Ҳаққи хизматро аз ҳар ду тараф ситонида, дар сурати содир шудани ҷиноят, намояндаҳои амири Бухоро даромади бештар доштанд. Дар ин мавридҳо ягон ҳуҷҷати расмӣ мавриди

истифода набуд, маблағ чи миқдоре ки амалдорони амир мехостанд, ҳамон қадар ҷаримаро аз мардум меситониданд.

Аз чунин муносибати ғайриодилонаи намояндагони амир нисбат ба мардуми маҳаллӣ ҳатто афсарони рус низ норозигӣ баён менамуданд. Вобаста ба ин, сардори дастаи ҳарбии Хоруғ, капитан Аносов тибқи фармони махсус тартиботеро ҷорӣ намуд, ки минбаъд таъин кардани ҷазо аз тарафи беки Шуғнон нисбат ба ҷинояткорон бояд ҳатман дар асоси ҳуқуқи амалкунанда ва бо имзои амири Бухоро сурат гирад. Қабули фармони мазкур аз як тараф, дахолат ба муносибатҳои судӣ-ҳуқуқии Аморати Бухоро бошад, аз ҷониби дигар бо он асоснок карда мешуд, ки беназоратии ситонидани ҷарима ба хонавайроншавии мардум оварда мерасонад. Дар фармони капитан Аносов аз 4 июли 1900 таҳти № 1011 мехонем: «Яке аз масоили муҳим, ки ба ҳуқуқи беки Шуғнон дар бораи таъини ҷазо тааллуқ дорад, ин аст, ки тамоми маблағи ҷарима ба фоидаи шахсии бек мегузарад ва ҳамчун манбаи даромади вай маҳсуб мешавад. Аз ҳамин лиҳоз афзоиши беназорати ин ҷаримаҳо ба хонавайроншавии мардум оварда мерасонад» [25].

Хулоса, дар минтақаи Бадахшон амалисозии адолати судӣ на танҳо аз ҷониби қозӣ – мақоми адолати судӣ, балки амалдорони маъмурӣ ва ҳатто ҳарбӣ иҷро гардида, як қатор хусусиятҳои хосро соҳиб гашта буд. Хусусиятҳои хоси он: машғул гардидани субъектҳои гуногун ба амалисозии адолати судӣ дар минтақа; салоҳияти баррасии намудҳои муайяни категорияи парвандаҳоро доштани мақоми ғайрирасмӣ – роҳбари динӣ – пиру халифаҳо; салоҳияти судӣ пайдо кардани мақоми ҳарбии Россия дар маҳалл; дахолат намудани мақоми маъмурӣ ва ҳарбӣ ба амалисозии адолати судӣ; ройгон иҷро намудани вазифаҳои давлатии бек ва қозӣ дар маҳалл, ки ба вазъияти қонуният ва адолати судӣ таъсири манфӣ дошт; дар шароити истисмори сетарафа, феодалони маҳал, намояндагони Аморати Бухоро ва ҳарбиёни Россия мондани мардуми маҳал мебошад.

## 2.5. Ниҳодҳои мустамликавии ҳарбии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон

Дар таърихи тошуравии Тоҷикистон, амали баъзе падидаҳои мустамликавии ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XIX оғоз мегардад. Чӣ тавре аз таърихи Тоҷикистон маълум аст, Россияи подшоҳӣ аллакай аз солҳои 20-уми асри XIX ба ҷониби Осиёи Марказӣ диққат ҷалб намуда, кӯшиш дошт, ки пойдевори аз худ намудани заминҳои навро аз ҳисоби ҳудуди сарзамини тоҷикон васеъ намояд. Ҷанги байни Россия ва Аморати Бухоро ва дигар хонигариҳо солҳои 1861-1875 давом намуда, он бо ишғоли ҳудуди васеъи Аморати Бухоро махсусан Самарқанд, ҳудуди хонигариҳои Хива ва Қуқанд ба анҷом расид [171, с. 403].

Дар натиҷаи гуфтушунид ва бастани шартномаҳо ҷанг ба охир расид. Махсусан шартномаи сулҳи Зирабулоқ аз соли 1868 [124, с. 340] , ва минбаъд Шартномаи сулҳ бо Аморати Бухоро аз соли 1873 ҳудуди Аморати Бухороро барои савдогарони Россия кушод. Онҳо ҳуқуқи дар кулли ҳудуди Аморат кушодани корвонсаройҳо, ворид шудан ба бозорҳои маҳаллӣ ва бурдани савдоро пайдо карданд. Инчунин мувофиқи моддаи 11-уми шартномаи дӯстии байни Россия ва Аморати Бухоро ба фуқарои рус ҳуқуқ дода шуд, ки дар мулкҳои Бухоро бо ҳар гуна касбу ҳунар машғул шаванд ва ҳамаи расмиётҳои аз ҷониби фуқарои рус дар ҳудуди хонигарии Бухоро харидани қитъаи замин, бояд мувофиқи қонун ва урфу одатҳои Аморати Бухоро амалӣ карда шаванд [67, с. 201]. Чӣ тавре муҳаққиқи ин шартномаҳо Э.Б. Буризода қайд мекунанд: « аксарияти бандҳои шартнома ба масоили иқтисодӣ бахшида шуда буданд» [67, с. 201] .Муҳаққиқ муайян намудааст, ки ин шартнома асосан муносибатҳои иқтисодии байни Россия ва Бухороро танзим намуда, аз 12 модда иборат буд ва шаш моддаи он ба ҳамин масоил бахшида шуданд. Мувофики моддаи 5-и он амир дар пардохти андоз табааи Россияро бо табааи худ баробар мекард. Ҷинояткорони табааи рус аз зертобеияти мақомоти судии аморат бароварда шуданд. Бо баста шудани ин шартнома Россия Аморатро ба ниммустамликаи худ табдил дода, ҳаққи дахолат карданро ба ҳаёти дохилӣ ва муносибатҳои хориҷии Аморати Бухоро пайдо кард.

Дар баробари ин дар ҳудуди ишғолшуда, ҳокимияти мустамликавӣ ташкил шуда, аз ҳисоби ҳудуди забтшуда Генерал-губернатории Туркистон таъсис карда шуд. Барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин ҳудуди навтаъсис минбаъд

Лоиҳаи якчанд Низомномаҳо қабул карда шуда буд [ 106, с. 201] . Яке аз онҳо Лоиҳаи Низомномаи идоракунии кишвари Туркистон аз соли 1886 буд, ки сарчашмаҳои танзими муносибатҳои асосии дар кишвар мавҷударо мушаххас намуд [ 237, с. 421] .

Дар Низомнома муқаррар гашта буд, ки як қисми муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи қонунгузории империӣ танзим мегардад. Қисмати дигари муносибатҳои ҷамъиятӣ тибқи қонунгузории махсус, махсусан меъёрҳои Низомномаи мазкур мавриди танзим қарор дода мешуданд. Албатта, таҳқиқоти минбаъда нишон медиҳад, ки минбаъд низ мушаххас кардани тобеъияти баррасии муносибатҳои мавҷуда ташаккул ва такмил дода шуда боз ду воситаи дигари танзим, яъне иваз намудани танзими муносибатҳо бо сарчашмаҳои умумиимперӣ, яъне иваз намудани танзими махсус ба умумӣ, ва дуюм бо роҳи баррасӣ намудани баъзе масоили муҳим аз ҷониби Сенати ҳукмрон ва ба тобеъияти суди империӣ додани тобеъияти баррасии масъалаҳои мушаххас давом дода шуд [68, с. 201]. Қайд намудан ҷоиз аст, ки бо роҳи аввал, аллакай то соли 1916 бештар аз сеяки меъёрҳои Низомнома ва ё қонунгузории махсус ба меъёрҳои умумиимперӣ иваз карда шуда, меъёрҳои Низомнома аз эътибор соқит карда шуданд [67, с. 201] . Ин роҳи мудохила бо тариқи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ буд. Минбаъд Замимаҳо ба Низомнома қабул карда шуданд, ки дар онҳо меъёрҳои таъсиси суд на танҳо барои дар ҳудуди Генерал-губернатории Туркистон, балки дар ҳудуди Аморати Бухоро муқаррар карда шуданд. Замима ба тариқи омирона баррасии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои дар ҳудуди Аморати Бухоро рухдодаро ба салоҳияти Агенти сиёсӣ дар Бухоро дод [67, с. 237] . Минбаъд тибқи Низомнома, гунаҳкор ва ё ҷинояткори табааи Россия, ё пайрави дини христианӣ, ва ё табааи давлатҳои ғайримусалмонӣ барои кирдори зиддиҳуқуқӣ ва ё ҷинояти содирнамудааш аз ҷониби Агентии сиёсӣ ба ҷавобгарӣ маҳкум карда мешуд.

Бояд қайд намуд, ки ин Замима аз тобеъияти суди Аморати баррасии парвандаҳои табааи Россия ва хориҷиёнро соқит намуд. Гумоштаи сиёсӣ асосан барои баррасии чунин чунин парвандаҳо мусоидат намуд.

1. Ҳамчун мақоми назоратӣ иҷрои қарори судҳои оштидиҳандаро нисбат ба аҳолии Бухоро таъмин мекард.

2. Бо розигии тарафҳо, агар яке табааи Бухоро дигаре Россия бошад, ҳамчун довари ҳакамӣ баромад мекард.

3. Ҳамчун мақоми судии дараҷаи аввал дар сурате, ки нисбат ба табааи рус ё ашхоси насронимазҳаб аз ҷониби табааи Бухоро зараре ё ҷинояте содир шуда бошад. Чунин меъёр амалдорон ва сайёҳони хориҷиро дар ҳудуди Бухоро тахти тобеъияти судии Россия дохил карда буд [67, с. 237].

Роҳи дигари мудохила ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби сайёҳон, маъмурон, махсусан ҳарбиёни Россия дар ҳудуди Аморати Бухоро сурат мегирифт. Умуман Генерал-губернатории Туркистон ба музофоти нав табдил дода шуд, ки дар он ҳокимияти ҳарбӣ амал мекард. Сабаби таъсис додани ҳокимияти ҳарбӣ дар ҳудуди Туркистон ин пеш аз ҳама: муқаррар кардани ҳокимияти ягонаи низомию маъмурӣ ва тахти роҳбарии ягона тобеъ намудани онҳо, тақсим намудани мансабҳои поёнии давлатӣ ба намояндагони аҳолии маҳалл ва бо ин васила идораи аҳолиро осон намудан, барҳам додани урфу одат ва суннатҳои мардумии кишвар, ки ба манфиати Россия хизмат намекунанд, инчунин таҷзияи ҳокимияти судӣ ва маъмурии кишварро дар бар мегирифт. Кишвар ба панҷ вилоят тақсим мешуд, ки ба мансабҳои идоракунии онҳо низомиён тайин карда мешуданд [57, с. 168] . Аз роҳбарият то роҳбарони уезд "сардор" номида мешуданд, ки худ истилоҳи ҳарбӣ ҳуқуқӣ буда, ба вазифаҳо танҳо аз ҳисоби ҳарбиён маъмуронро тайин мекарданд. [75, с. 21-25] .

Ғайр аз ин махсусан дар ҳудуди минтақаи Бадахшон сардори ҳарбиёни маҳалл - сардори дастаи ҳарбии Хоруғ, қитъаи марзбонии Лангар (дар ноҳияи Ишкошим) чӣ тавре таҳқиқоти мо ҳисбот менамояд, ба кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ дахолат менамуданд. Онҳо ба хариду фурӯш, ҷамъоварии андоз, мубодилаи мол, рӯҳияи мардум ва ғайра мудохила намуда, ба Генерал-губернатори Туркистон ва мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Россия иттилоот ирсол менамуданд [183, с. 406, 419].

Дар баробари ин, дар адабиёти таърихӣ-ҳуқуқӣ намунаи мудохилаи ҳарбиён ба корҳои суд бештар мушоҳида мегардад, ки дар адабиёти илмӣ масъалаи камтаҳқиқшуда аст. Бояд қайд намуд, ки мудохилаи мақомоти гуногуни маъмурии Россия ба фаъолияти судҳо дар таҳқиқоти олимони тоҷик зиёд мушоҳида мегардад. Масалан муҳаққиқ Буризода Э.Б. оид ба мудохилаи губернаторони ҳарбӣ ба интихоботи судяҳо, иваз намудани судяи интихобшуда ба довталаби ин мансаб, бекор кардани интихобот, интихоб шудани сардори маъмурӣ ба ҳайси Раиси суд дар

маҳалл, ки минбаъд тибқи лоиҳаи Низомнома дар бораи идоракунии Туркистон аз соли 1886 бекор карда шуд, мудохила намудани сардорони ҳарбӣ ба ҷараёни муҳокимаи судӣ, бекор кардани қарори қабулкардаи суд мушоҳида мегардад [70, с. 198].

Санадҳои қабулшудаи қозӣ дар ҳудуди минтақаи Бадахшон боз ҳам тарзи дигари мудохилаи мақоми ҳарбии Россияро дар фаъолияти суди маҳаллӣ нишон медиҳад. Таҳлили амиқи ин санадҳои ҳуқуқ татбиқкунӣ, ки аз ҷониби қозиҳо қабул карда шудааст, баёнгари он аст, ки ҳарбиён ба сифати шарики судя дар баробари қозӣ ва баробар бар қозӣ дар баррасии қарорҳои судӣ иштироки фаъолона доштанд. Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ ваколатҳои судиро ба худ гирифта буд [154, с. 96]. Ӯ дар муҳокимаи судӣ иштирок намуда, ба қозӣ метавонист роҳу усули баррасии баҳсро нишон диҳад. Вобастагӣ ва афзалият доштани иродаи ҳарбӣ дар суди қозӣ бо он амал низ тасдиқ карда мешавад, ки танҳо баъд аз имзои сардори ҳарбӣ қарори судя қабулшуда маҳсуб мегардид [235, с. 58].

Аз салоҳиятҳои ба сардори ҳарбии дастаи Хоруғ додаи мақомоти мустамликавӣ ҳолати зерин низ шаҳодат медиҳад: Сардори ҳарбии дастаи Хоруғ аз қарорҳои қозиёни маҳаллӣ, махсусан ҳукми қозӣ оид ба қатли ҷинояткорон норозӣ буда, дар хусуси гирифтани пеши роҳи додани чунин ҷазо ба мақомоти мустамликавии болоӣ муроҷиат мекунад. Муроҷиати сардори ҳарбии дастаи Хоруғ яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани ҳолати нав дар иҷрои ҳукми қатл мегардад [179]. Тартиби нави иҷрои ҷазои қатл аз он иборат буд, ки қозии маҳалл ҳукми худро ҳарчанд асоснок қабул менамуд, ӯ баъд аз қабули ҳукм, қарори худро бо мактуб ба Амири Бухоро ирсол менамуд. Амири Бухоро дар ҳамон қарор бояд ҳукми содиршударо тасдиқ ва ё онро бекор мекард. Баъд аз ин ҳуҷҷат бо имзои Амири Бухоро ба қозии маҳаллӣ бозгардонида мешуд. Бо расидани ҳуҷҷат қозӣ онро вобаста ба иродаи Амир ё барои иҷро ирсол менамуд ва ё парвандаро бозбинӣ намуда дар қисми ҷазо онро тағйир медод. Дар тӯли муддати дароз, ки ҳуҷҷат ба марказ фиристода мешуд ва бо ҷавобу имзои Амир баргардонида мешуд, шахси ҷинояткор бояд ба ҳабс гирифта мешуд. Амир дар ҳолати розӣ будан ба қарори қозӣ дар ҳуҷҷат имзо менамуд ва дар ин ҳолат он "Муборакномаи кушт" номида мешуд.

[103 с. 354]. Дар ҳолати аз ҳукми қатл норозӣ будани Амир, бо имзо бозбинии парванда талаб карда мешуд.

Яъне, як мактуби амалдори маъмурияти ҳарбии Россия сабабгори ба вуҷуд омадани тартиби нави иҷрои як намуди қатл ва ё бозбинии он, иштироки роҳбари олии давлат дар баррасии қарорҳои судӣ мегардад.

Дар натиҷаи гуфтушуниди байни Ҳокимияти Россия бо Амири Бухоро ин тартиб устувор гардид. Бо амалӣ шудани ин талабот, албатта, сардори ҳарбии дастаи Хоруғ нерӯи нав гирифта, мудохиларо дар муҳокимаҳои судӣ бештар идома дод.

Минбаъд мо на танҳо иштироки фаъолона дар муҳокимаи судиро аз ҷониби сардори ҳарбӣ бештар мушоҳида менамоем. Сардори ҳарбӣ дар муайян кардани мерос, махсусан, ҳангоми муқаррар кардани марзи қитъаҳои замини меросӣ, заминҳое, ки нисбат ба онҳо муомилот амалӣ мегардад, хариду фурӯши замин иштирок менамуданд [158, с. 7] .

Таҳлили санадҳои ҳуқуқӣ баёнгари он аст, ки минбаъд сардори ҳарбӣ ҳалли ин масъалаҳо, баҳси замин, хариду фурӯши онҳоро мустақилона баррасӣ намуда, қарор қабул мекард. Қарори худро ба қозӣ ирсол менамуд. Қозӣ амалан баррасии парвандаро моҳиятан анҷом медод. Қарори қабулкардаи қозӣ аз қарори сардори ҳарбӣ тафовути ҷиддӣ надошт. Тафовут танҳо дар истилоҳу ҷумласозии ҳуқуқӣ буда, қозӣ ҳуҷҷатро дар шакли анъанавии қабулшудаи матни ҳуқуқӣ бо ислоҳи хатоҳои техникӣ аз нав таҳия менамуд. Таҳлили мазкур моро ба хулосае меорад, ки дар ибтидои асри XX дар кулли парвандаҳое, ки сардорони ҳарбии дастаи Хоруғ ва ё сардорони қитъаҳои марзбонии Ишкошим, яъне ҳокимияти мустамликавӣ манфиате доштанд, дар баррасии он фаъолона иштирок намуда, парвандаро ба манфиати худ ҳал менамуданд ва ё дар мавриди дигар, худашон фаъолияти баррасии парвандаҳоро амалӣ намуда, ба муҳокимаи баҳс мепардохтанд ва қарори қабул мекарданд. Қарори қабулшуда ба қозӣ ба таври формалӣ ирсол мегардид, то расмият риоя гардад.

Масалан, Санади қозӣ аз 17 рамазон соли 1334 (18 июли соли 1916 мелодӣ) дар китоби ҳуҷҷатҳои аз Бадахшон дарёфтшуда ва нашршуда оид ба масъалаи мерос вуҷуд дорад. Тибқи ҳуҷҷат Муҳаммад Шариф писари Ҳотам, Алифбек писари Қандак ва Ҳотам писари Бақак аз Сардори дастаи ҳарбии

Хоруғ дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият бо дархости эътирофи соҳибмулкӣ мурочиат кардаанд. Моликият дар минтақаи Шоҳдара воқеъ буда, моликияти ки будани он мавриди баҳс буд.

Қозӣ муайян мекунад, ки бо роҳи тафтиш, ки бо супориши Сардори дастаи ҳарбӣ иҷро мегардад, соҳибмулкӣ ба замини баҳсӣ бояд муайян карда шавад. Дар санад омадааст, ки Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ мансабдори маҳаллӣ Азизбек мингбоширо амр кардаанд, то бо роҳи тафтиш моликияти ки будани хонаро таҳқиқ ва муайян созад. Ба ҳайси шоҳидон дар таҳияи санад – 8 нафар иштирок доштанд. Дар ҳуҷҷати мазкур имзо ва мӯҳри Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ гузошта шудааст.

Дар баробари имзову мӯҳри судяи давлатӣ, инчунин дар саҳифаи чапи ҳуҷҷат аз санаи 9 сентябри соли 1916 (22 сентябри 1916) дар бораи тасдиқи ҳуҷҷат дар Хоруғ, имзои Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ, полковники қувваҳои хушкигард ва мӯҳри Дастаи ҳарбии Хоруғ вуҷуд дорад [245, с. 27]. Яъне, салоҳияти қозиро Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ иҷро карда истода, супориш додааст, то дар асоси мурочиати муштарӣ мансабдори маҳалии Аморати Бухоро тафтиш гузаронад. Ин худ суиистифода аз мансаб буда, ҳокимияти мустамликавӣ афзалият доштани ҳокимияти мустамиликавиро бо ин роҳ ифода менамуд.

Дар китоби нашргардида ба ҳамин ҳуҷҷат монанд санадҳои дигар хеле зиёд ҳастанд. Масалан тибқи санади таҳти рақами 22 аз санаи 8-уми рамазони соли 1334 (9 июли соли 1916) Ғозибек писари Ашӯрмуҳаммад, аз Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ дархост намудааст, то ҳуқуқи моликияти ӯ ба замин, ки дар деҳаи Шимчиф воқеъ аст эътироф карда шавад. Дар асоси дархост Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ ба Азизбек Мингбошӣ супориш додааст, то ҳолати воқеии масъала тафтиш карда шуда, ба Сардор пешниҳод гардад. Дар мурофиаи судӣ бо иштирок ва имзои 9 шоҳид санади расмӣ аз ҷониби Қозӣ Музаффаршоҳ ибни Қозӣ Муҳаммадшоҳ имзо ва бо мӯҳр тасдиқ шудааст. Ин санад низ бо санаи 22 сентябри соли 1917 (5 октябри соли 1917) аз ҷониби Сардори дастаи

ҳарбии Хоруғ, полковники қуввахои хушкигард имзо шуда, бо мӯҳри Дастаи ҳарбии Хоруғ тасдиқ карда шудааст [245, с. 45] .

Тибқи санади рақами 15 аз санаи 15-уми моҳи рамазони соли 1331 (18 августи соли 1913) бо дархости Сайид Эътибор писари Алишоҳ писари Мансуршоҳ Сардори қитъаи марзбонии Лангари дастаи ҳарбии Хоруғ супориш додааст, то соҳибмулкии муроҷиаткунанда санҷида шавад. Баъд аз санҷиш санади мазкур тартиб дода шудааст, дар хусуси он, ки Сардори қитъаи марзбонии Лангар замине, ки дар деҳаи Ямғи Вахон дар ҳудуди ин ҳуҷҷат нишон дода шудааст, заминест, ки ба мероси Сайид Эътибор писари Алишоҳ писари Мансуршох аз аҷдодони худ ба тариқи мерос гузаштааст. Меросӣ будани замини мазкур ва моликияти номбурда будани он тибқи санад эътироф карда шудааст. Санад бо имзои 10 нафар аз ҷониби Қозӣ Мулло Қадамшоҳ таҳия, имзо ва мӯҳр карда шудааст [245, с. 59].

Санади мазкур аз санаи 10 моҳи сентябри соли 1914 (23 моҳи сентябри соли 1914) аз ҷониби Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ, полковники қуввахои хушкигард имзо ва мӯҳри Дастаи ҳарбии Хоруғ гузошта шудааст. Ғайр аз ин дар китоб санадҳои дигаре низ арзи вуҷуд доранд, ки ҳамчун санади ҳуқуқӣ эътироф мешаванд.

Дар мавриди ҳуҷҷати дигар, қайд намудан зарур аст, ки дар баъзе маврид, тарафҳо на ба қозӣ – судяи расмӣ, балки ба сардори ҳарбии дастаи Хоруғ ва ё Сардори қитъаи марзбонии Лангар муроҷиат мекарданд. Масалан ҳуҷҷати 10, ки 16 Рабиъул-охири соли 1328 (27 апрели 1910) қабул шудааст ва мо бо он шинос шудем, далели гуфтаҳои мост. Дар ин ҳуҷҷат сухан дар бораи он меравад, ки як қитъаи замин, ки дар Лангар-киш воқеъ буд, пештар моликияти Мақбулшоҳ, писари Дона эътироф мешуд, вале дар як соли гузашта соҳибмулкии Обидшоҳ, писари Бадаш эътироф гардид. Яъне сухан оид ба қарори суд меравад, ки тибқи он дар асоси қонунӣ Обидшоҳ, писари Бадаш соҳибмулки ин замин эътироф гардид. Ҷонибҳои муқобил ин дафъа ба суд муроҷиат накарда, ҳарду ба Сардори қитъаи марзбонии Лангар муроҷиат карданд.

Масъалаи мазкур аз ҷониби Сардори қитъаи марзбонӣ Лангар баррасӣ гардид ва бо иштироки миёнарав бо созиши тарафҳо анҷом ёфт.

Вале Абдураҳмон, Мир Сарбаланд Алишоҳ, Мингбошӣ Амонбек ва оқсақолон тақозо карданд, ки замини мавриди назар тақсим карда шавад, ки бо ҳуҷҷати болоӣ эътироф ва тасдиқ шудааст. Дар ин сурат мурофиаи судӣ оғоз гардида, дар ҳузури шоҳидон қарор аз Мулло Қадамшоҳ – қозии Вахон қабул шудааст. Аҷибаш ин аст, ки қарори мазкурро Сардори қитъаи марзбонии Лангар низ бо мӯҳр ва имзои худ тасдиқ кардааст [245, с. 59] .

Санади мазкур аз санаи 12 апрели соли 1910 аз ҷониби Сардори қитъаи марзбонии Лангар имзо ва мӯҳри Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ гузошта шудааст [245, с. 56].

Дар аксарияти санадҳои судӣ дар баробари имзо ва муҳри қозии давлатӣ, имзои сардори ҳарбии маҳалл низ гузошта шудааст. Аз ин лиҳоз, суд дар минтақаи Бадахшон, махсусан, агар дар парванда манфиати империяи Россия ва намояндагони ҳарбии он дар маҳалл вуҷуд дошта бошад, ба таври таъҷилӣ ва бо иштироки фаъоли ҳарбиён доир гашта, бе шакку шубҳа қарори қабулшуда ва ё ҳукм иродаи онҳоро ифода менамуд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили вазъи амалисозии адолати судӣ дар минтақаи Бадахшон хулоса кардан мумкин аст, ки:

- мақоми давлатии суд дар Бадахшон – қозии тайиншуда ба вазифа маҳсуб мегардид;
- қозии давлатӣ аз ҷониби Амири Бухоро ба вазифа тайин гардида, аз он озод карда мешуд;
- салоҳияти баррасии баҳсҳои ҳуқуқиро ниҳодҳои ҷамъиятӣ, мақомоти гуногуни давлатӣ, аз ҷумла мақомоти маъмурӣ ва ҳарбӣ-мустамликавӣ доштанд.
- Сардори дастаи ҳарбии Хоруғ ва дастаи марзбонии Лангар (Ишкошим) на танҳо ғайримустақим, балки ба таври мустақим ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ машғул гардида, дар аксар ҳолат қарор қабул карда ба қозирсол менамуданд, киoнро расман эътироф мекард, яъне, дар минтақаи Бадахшон сардори ҳарбии дастаи Хоруғ метавонист бевосита парванда оғоз намояд, онро муҳокима намуда, лоиҳаи қарорро

қабул кунад. Лоиҳаи қарор ба қозии давлатӣ барои расмигардонии лоиҳа ирсол мегардид.

Дар заминаи таҳқиқот хулоса кардан мумкин аст, ки дар Бадахшон мақомоти судӣ дар вазъияти аз дигар минтақаҳои Аморати Бухоро вазнинтар гузошта шуда буд ва танҳо таъсиси Ҳокимияти шуравӣ заминаи ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани вазъияти таҳқиқшуда гардид.

# БОБИ III. ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ДАВРАИ ШУРАВӢ, ТОҶИКИСТОНИ МУСТАҚИЛ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

## 3.1. Ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии ВМКБ дар ҳайати ҶШС Тоҷикистон

Дар даврабандии ҳуқуқи Шуравӣ дар Тоҷикистон ба ақидаи олимони тоҷик ду давраи аввал - давраи солҳои 1917 то соли 1924 ва солҳои 1924-1929 ҳамчун заминаи таъсисёбӣ ва ташаккулёбии ҳуқуқи Шуравӣ номбар карда мешаванд [171] .Маҳз дар ҳамин давра марҳилаи ивазшавии низоми ҳуқуқии кӯҳна бо ҳуқуқи Шуравӣ оғоз мегардад.

22 ноябри (5 декабри) соли 1917 декрети Шурои Комиссарони халқии Федератсияи Россия дар бораи барҳам додани судҳои подшоҳӣ қабул шуд. Аз рӯзҳои аввали бунёди давлати Шуравӣ, таъсиси ниҳодҳои нави судӣ ва низоми нави судӣ ба роҳ монда шуд.

Барои ба роҳ мондани фаъолияти судҳои нав, 22-юми ноябри соли 1917 Декрети №1 «Дар бораи суд» қабул карда шуд, ки мувофиқи он асоси фаъолияти судҳоро "виҷдони инқилобӣ ва ҳуқуқфаҳмии инқилобӣ" ташкил медод. Мувофиқи моддаи 1-уми Декрети мазкур, тамоми дастгоҳи адлияи буржуазӣ - помешикӣ барҳам дода шуд. Бояд қайд кард, ки роҳи мураккаби ташаккули низоми нави судӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ бо таърихи рушди суди шуравӣ дар Россияи Шӯравӣ ва дар Ӯзбекистон зич алоқаманд аст [93, с. 144].

Бо мақсади амалисозии ин декрет, Шӯрои Комиссарони Халқи кишвари Туркистон 12-уми декабри соли 1917 фармон «Дар бораи аз нав ташкил додани идораҳои суд»-ро қабул намуд. Аммо дар амал татбиқ кардани қонунҳои нав ба баъзе мушкилиҳо аз қабили нарасидани мутахассисони соҳавӣ дучор гардид.

Аввалин маротиба дар ҳудуди Туркистони худмухтор қоидаҳои декрети №1 дар бораи судҳо, мувофиқи фармони №17 - и Комиссариати халқии Туркистон аз 12 декабри соли 1917 дар амал ҷорӣ карда шуд. Бо ҳамин декрет ва фармон дар ҳудуди Туркистони худмухтор ниҳоди адвокатураи хусусӣ ва ҳакамии Россияи подшоҳӣ барҳам дода шуд. Фармони мазкур дар асоси Декрети №1 дар бораи суд таҳия гардида, иштироки ҳимоячиён ва намояндагони тарафҳоро муайян намуд. Декрети №1 дар қисмати «Дар бораи айбдорӣ ва ҳимоя», Декрети №2 «Дар бораи суд», ки аз

тарафи Кумитаи Иттифоқи Марказии Умумитуркистонӣ 7-уми марти соли 1918 қабул шуда буд, таъкид мешуд, ки ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳангоми тафтишоти судӣ иштироки тарафи айбдор ва ҳимоятгар ҳатмӣ аст [93, с. 25].

Дар натиҷаи таҳлили воқеии вазъияти баамаломада, 31-уми декабри соли 1917 Шӯрои Комиссарони Халқи кишвари Туркистон фармони №32 дар бораи боздоштани амали барҳамдиҳии судҳои куҳнаро қабул карда, ба ҳамаи муассисаҳои судӣ пешниҳод шуда буд, ки то фармони махсус ба иҷрои вазифаи худ идома диҳанд. [175, с. 25] Аҳамияти ин қарор ба фикри мо дар он буд, ки он пеши роҳи ба вуҷуд омадани холигиро дар фаъолияти низоми судӣ пешгирӣ намуда, гузариш аз сохтори куҳна ба сохтори нави судиро таъмин намуд.

Ҳамин тавр, бо истифода аз мутахассисони куҳна қонунҳои нави Шуравӣ дар самти фаъолияти судҳо татбиқ карда мешуданд.

Дар асоси ҳуҷҷатҳои қабулшуда, моҳи ноябри соли 1918 Дастурамали КИМ Туркистон дар бораи таъсиси судҳои маҳаллӣ таҳия ва қабул гардид. Баҳори соли 1919 дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон аллакай низоми судии Шуравӣ ба кор шуруъ мекунад [174, с. 107] . Мувофиқи ин Дастурамал ба ҷои судҳои собиқ, аз ҷумла судҳои қозӣ, ниҳоди судҳои халқӣ ва интихобӣ будани мушовирони судӣ ҷорӣ карда шуд. Ин қарор, аз ҷумла моҳи марти соли 1918 дар Хуҷанд, моҳи июли ҳамон сол дар Уротеппа (Истаравшани ҳозира) амалӣ гардид. То охири соли 1920 чунин тағйирот дар аксар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурии мухтори Туркистон ҷорӣ шуд. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва маҳаллаҳои канорӣ ҳанӯз судҳои қозӣ амал мекарданд. Аммо ин судҳо аз ҷониби шӯроҳои маҳаллӣ идора ва назорат карда мешуданд. Дар баъзе ноҳияҳо, бо сабаби боло гирифтани ҳаракати зиддишӯравӣ ба ҷои судҳои халқии нав бунёдгардида, муваққатан судҳои қозӣ аз нав барқарор карда шуданд.

Тибқи декрети КИМ Туркистон аз 28 декабри соли 1922 таҳти №173 ва декрет аз 22 октябри соли 1923 ҳамчунин заминҳои вақф ва дигар намуди моликияти динӣ ба моликияти давлатӣ табдил дода шуд. Мутобиқи Қарори Кумитаи марказии болшевикон аз 18 декабри 1917 Қонун дар бораи «Ақди никоҳ» қабул гардид. Дар ин қонун масоили никоҳ ва оила масъалаи муҳими давлатӣ эътироф гардида, сабти

қайди никоҳ ба зиммаи ниҳоди давлатӣ гузошта шуда, ваколати қозӣ оид ба сабти ҳолати шаҳрвандӣ соқит гардид.

Муайянкунии давраи барҳам додани судҳои куҳнаро таҳлил карда, қайд кардан зарур аст, ки ин раванд дар тамоми ҳудуди кишвар яксон амалӣ нагардид, зеро шароит барои оғози фаъолияти судҳо дар ҳар минтақа аз ҳам фарқ мекард. Масалан, дар судҳои округии Тошканд ин марҳила аз моҳи марти соли 1918 оғоз гардид. Аммо дар Бухорои Шарқӣ ва минтақаҳои куҳистон ин раванд то нимаи аввали солҳои 20-ум давом кард [139, с. 22].

Душвориҳои марҳилаи гузариш сабабҳои воқеӣ дошта, академик Фозил Тоҳиров омилҳои зеринро дар ин марҳила номбар кардааст:

- аввалан, Ҳокимияти Шӯравӣ ҳанӯз чандон устувор набуда, дар баъзе минтақаҳо муқовимати сохти кӯҳна ба он ҳанӯз идома дошт;

- норасогии мутахассисони соҳаи адолати судӣ эҳсос мешуд;

- ҷанги шаҳрвандӣ ва вазъияти ҳарбӣ низ ба амалисозии кори судҳо монеа эҷод мекард [173, с. 246].

- нобоварии аҳолӣ ба суди нав ва норозигии онҳо мушоҳида мешуд.

Ислоҳоти судӣ минбаъд идома ёфта, соҳаи мазкур яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти давлатӣ ба шумор мерафт. Бо фармони Комиссариати халқии адлия аз 2-юми январи соли 1919 муассисаҳои кӯҳнаи судҳои округӣ ва оштидиҳанда барҳам дода шуда, салоҳият ва вазифаи онҳо ба судҳои нав дода шуд.

Бо оғоз ва ғалабаи инқилоб дар Аморати Бухоро, 2 сентябри соли 1920, Декрети Ҳукумати Ҷумҳурии Шӯравии Халқии Бухоро оид ба барҳам додани судҳои қозии тоинқилобӣ қабул ва эълон гардид. Судҳои халқии шӯравӣ ва судҳои халқии қозӣ дар ҳудуди Бухоро ва атрофи он ташкил карда шуданд. Шароити мушаххаси мавҷуд дар Бухорои Шарқӣ имкон намедод, ки дар ин ҷо мақомоти ҳокимияти Шӯравӣ дар асоси интихобӣ ташкил карда шавад [93, с. 138]. Санаи 18-уми майи соли 1922 фаъолияти судҳои нави маҳаллӣ ба расмият дароварда шуд.

Албатта, ҳангоми амалисозии ислоҳоти судӣ як қатор душвориҳо ба миён меомад. Масъалае, ки онро давлати Шуравӣ ба назар нагирифта буд, ин обрӯву эътибори баланди суди қозӣ дар минтақа буд, ки барои мурочиати мардум ба судҳои нав монеа мегардид. Амали суди нав дар муқоиса бо қозиҳо баъзан баҳси диниро ба

миён меовард, зеро чунин масъалаҳо ба монанди никоҳ, тақсими молу мулк, баҳси оилавӣ ва дигар масъалаҳо аз нигоҳи сокинони мусулмон хислати динӣ дошта, ҳалли онҳо салоҳияти танҳо қозиҳо дониста мешуд. Бинобар авҷи норозигиҳо дар ин самт, мувофиқи қарори КИМ ҶМШС Туркистон таҳти № 88 аз 25-уми июли соли 1922, дар баробари фаъолияти суди нави халқии ягона, инчунин барои фаъолияти суди қозиҳо иҷозат дода шуд. Бо баррасии ин масъала, чунин андеша роиҷ гашт, ки баробарии акди никоҳи маданиро ҳамчун эътибори қонунӣ ва акди никоҳи динӣ бошад, ҳамчун кори шахсии никоҳшавандагон эътироф гардад.

Қабули чораҳои қатъӣ нисбат ба ҳуқуқи тошуравӣ дар баъзе ноҳияҳо сабаби аз сари нав авҷ гирифтани муқовимати аҳолӣ ва пурзӯр шудани ҳаракати озодихоҳӣ (босмачигарӣ - истилоҳи давраи шуравӣ) гардид. Барои пешгирии равандҳои мазкур, қарори махсуси КМ РКП (б) «Дар бораи корҳои Туркистону Бухоро» аз 18-уми майи соли 1922 қабул гардид, ки тибқи он тадбирҳои амалишуда хатои сиёсӣ номида шуда, ба ниҳодҳои маҳаллӣ тавсия гардид, ки суди қозиҳо ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва одатҳо иҷозат дода шавад.

Бо мақсади танзими ҳуқуқии фаъолияти қозиҳо моҳи майи соли 1922 «Низомномаи махсус оид ба фаъолияти қозиҳо» қабул гардид, ки он вазъи ҳуқуқии қозиҳоро дар кишвар муайян карда, ба онҳо истифодаи васеи қонунҳои навро тавсия намуд. Ҳамчунин назорати ниҳодҳои Шуравӣ аз болои суди қозиҳо ҷорӣ карда шуд ва ин имкон дод, ки шиддати норозигии аҳолӣ пешгирӣ карда шавад.

Дар сарзамини Бадахшон хабари инқилоб дар нимаи дуввуми соли 1918 расид. Аз сабаби набудани тартиби муайяни ниҳодҳои давлатӣ, дар ин минтақа ҳокимияти маҳаллӣ дар дасти ҳарбиён қарор дошт. «Танҳо баъди 2 июли соли 1918 дар Бадахшон, аз сарнагун гардидани Ҳукумати Муваққатӣ чӣ дар Петроград ва чӣ дар Тошкент хабардор шуданд. Аммо афсарону аскарони дастаи ҳарбии Хоруғ бунёди тартиботи навро дар марказҳо ба тарзи гуногун пазируфтанд. Пеш аз ҳама афсарон, бо сарварии полковник А. Фенин ва як қисми аскарони қатории отряд, ки нисбат ба Ҳукумати Муваққатӣ содиқ буданд, Ҳокимияти Шӯравиро эътироф накарданд» [190, с. 278].

Мувофиқи фармони барои қисмҳои аскарони сурх қабулшуда, 30 августи соли 1918 дастаи ҳарбии Хоруғ ба тобеияти сардори комиссариати ҳарбии Ҷумҳурии

Туркистон гузашт. Аммо полковник А. Фенин ва дигар афсарони дастаи ҳарбӣ, на танҳо ин фармонро ба эътибор нагирифтанд, балки мисли пештара умуман аз эътирофи Ҳокимияти Шуравӣ саркашӣ карданд. Ниҳоят, моҳи ноябри соли 1918, полковник А. Фенин ва дигар афсарони дастаи ҳарбӣ, бенатиҷагии мавқеи ишғолкардаи худро эҳсос намуда, бо ҳамроҳии 32 нафар аскарони қатории дастаи ҳарбӣ, тамоми маблағ ва аслиҳаи мавҷудаи отрядро бо худ гирифта, ба воситаи Вахон, ба Ҳиндустон гурехтанд. Бо ҳамин воқеа дар як вақт Кумитаи Умумибадахшонии Ҳукумати Муваққатӣ низ барҳам хӯрд. Дар постҳои сарҳадии ҳудуди Бадахшон як қисми ками аскарони рус монда буданду халос. Аз ҳисоби ҳамин аскарон, бо сардории В. Волков Кумитаи инқилобӣ ташкил карда шуд, ки он мебоист дар ҳудуди Бадахшон ҳокимиятро ба дасти худ мегирифт [190, с. 279].

Соли 1920-1921 вазифаи идоракунӣ ва таъмини қонун дар ҳудуди Бадахшон ба ҳайати сегонаи ҳарбӣ дар шахсияти Т.М. Дяков (роҳбари сегона), Ш. Шоҳтемур (мутасаддии Помири Ғарбӣ), Ҳ. Ҳусейнбоев (мутасаддии Помири Шарқӣ) вогузор гардид.

Баҳори соли 1919 бо ташаббуси комиссияи ҳарбӣ – сиёсӣ ва дастаи ҳарбӣ дар як қатор маҳалҳои Бадахшон кумитаҳои инқилобӣ ташкил карда шуданд ва ҳамвора вазифаи суд низ қисман ба ин ниҳодҳо вогузор гардид. Бо дастгирии мардуми маҳалӣ ба аъзоёни сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ муяссар гардид, то ки корҳои созмондиҳии кумитаҳои инқилобӣ ва ниҳодҳои давлатиро дар Помири Ғарбӣ ба анҷом расонанд.

То 13-уми феврали соли 1922 дар Помири Ғарбӣ ба ҷои вазифаҳои дастгоҳи феодалии кӯҳна - мингбошӣ, қозӣ, амлокдор ва оқсақол, ниҳодҳои дастгоҳи давлатии шӯравӣ - кумитаҳои инқилобии деҳа ва волост, ки иборат аз 3 нафар шахси интихобшуда буданд, ташкил шуданд, ки вазифаҳои судиро низ ба уҳда доштанд [49, с. 47]. Ба ҳайати кумитаҳои инқилобӣ иштирокчиёни фаъоли мубориза барқароркунии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бадахшон интихоб карда мешуданд [49, с. 47]. Ҳамзамон бо кумитаҳои инқилобии деҳаҳо ва волостҳо аввалин кумитаи инқилобии вилоят интихоб карда шуд, ки моҳи октябри соли 1922 раиси он Ш. Шоҳтемур интихоб гардид.

Дар минтақаҳои дигари Бухорои Шарқӣ баъд аз тасдиқи Низомнома оид ба Бухорои Шарқӣ моҳи июни соли 1922 дар иҷлосияи IV КИМ-и умумибухороӣ,

Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ (минбаъд КФД) таъсис дода шуд. Яке аз ваколатҳои КФД дар он буд, ки он ҳукми трибунали ҳарбиро дошт. Аз он ҷумла КФД ҳуқуқи таъин ва амалӣ кардани ҷазои олӣ - ҳукми қатлро дошт. Инчунин КФД метавонист шахсро, сарфи назар аз вазифааш, ба ҳабс гирад ва аз ҳудуди Бухорои Шарқӣ ба тариқи маъмурӣ бадарға кунад. Чуноне, ки академик Ф. Тоҳиров қайд намудаанд, «ваколати судии ин мақомоти давлатиро ҳеҷ гоҳ маъқул донистан мумкин нест. Зеро, ки ҷазодиҳии ғайрисудӣ махсусан, маҳрум кардан аз озодӣ ё худ ҷазои қатл мутлақо беадолатист. Дар таърихи тамаддун танҳо ба мақомоти судӣ баровардани ҳукм раво growing шудааст. Бинобар ин, фаъолияти судии КФД-ро ҳамчун доғи сиёҳи мақомоти давлатӣ дар таърихи тоҷикон номидан мумкин аст». [175].

Соли 1923 дар ҶМШС Туркистон низоми нави судӣ таъсис шуд, ки ба он суди халқӣ, суди вилоятӣ ва шуъбаи Туркистонии Суди Олии ҶШФСР дохил шуданд. Дар ин низом вазифаи шуъбаи Туркистонии Суди Олии ҶШФСР, ҳамчун марҳилаи суди шикоятӣ (касатсионӣ) муайян карда шуд. Соли 1924 мувофиқи «Низомнома оид ба ниҳодҳои судии ҶХШБ» низоми судҳоро инҳо ташкил медоданд:

1. Суди халқӣ ва қозӣ дар ҳайати судяи доимӣ ва ё қозӣ;

2. Суди халқӣ ё қозӣ бо иштироки ду нафар машваратчӣ;

3. Суди округӣ;

4.Суди олии ҶШСБ [196, с. 45].

Мувофиқи ин Низомнома дар судҳои қозӣ ҳангоми баррасии коллегиалии парвандаҳо машваратчиёни халқӣ иштирок мекарданд. Моҳи октябри соли 1924 Суди округии Бухорои Шарқӣ таъсис дода мешавад, ки он яке аз аввалин судҳое ба шумор мерафт, ки аз рӯи намунаи судҳои Россияи шуравӣ барпо шуда буд. 14 октябри соли 1924 иҷлосияи 2 КИМ-и УмумиРоссиягӣ Қарори Кумитаи иҷроияи Марказии Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии (ҶМШС) Туркистонро дар масъалаи тақсимоти миллӣ – давлатӣ тасдиқ намуд, ки дар асоси он Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Ӯзбекистон таъсис гардид. 26 ноябри соли 1924 Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон (Ҳукумати муваққатии Тоҷикистон) таъсис дода шуд, ки он ба масъалаҳои сохтмони хоҷагӣ, маданӣ ва мустаҳкам намудани дастгоҳи давлатӣ

машғул гардид. 28 феврали соли 1924 бошад, КИМ Умумибухорой қарор қабул кард, ки дар тамоми қаламрави ҶШХБ Кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ, мурофиаи маданӣ, Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнат, ақди никоҳ, оила ва васояти ҶШФСР бо баъзе ислоҳот ва таҳрири дахлдор дар ҳудуди Бухорои халқӣ ҷорӣ карда шаванд.

Бо мақсади назорат ба қонунияти инқилобӣ, ташкил намудани муассисаҳои судӣ ва роҳбарии маъмурӣ аз болои судҳо, 14 декабри соли 1924 Комиссариати халқии Адлияи ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шуд. [108, с. 7-9] Муҳаққиқ И.Р. Шодиев қайд мекунанд, ки «аз соли 1925 сар карда то соли 1926 дар Тоҷикистон низоми судии Шуравӣ ҷорӣ гардид, ки он аз муассисаҳои зерин иборат буд:

1. Шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Узбекистон;
2. се суди ноҳиявӣ;
3. 13 коллегияи судҳои халқӣ;
4. Маҷлиси меҳнатӣ дар суди халқии шаҳри Душанбе» [196 с. 52].

Моҳи июни соли 1925 Декрети Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон оид ба «Низомнома дар бораи судҳои шариатии қозиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дода шуд [196 с. 56] .

Бо ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон қонунгузории маданӣ дар ноҳияҳои баъдан ба ҳайати Тоҷикистони мухтор дохилшуда ба тарзи ба худ хос татбиқ мешуд. Аз ҷумла дар шимоли Тоҷикистон, ҳамчун дар тамоми қаламрави ҶМШС Туркистон ва ҶШФСР, Кодекси маданӣ ва Кодекси мурофиаи мадании ҶШФСР ва дар марказ ва ҷануби Тоҷикистон, сарфи назар аз он ки амали онҳо қонунан ҷорӣ нашуда буд, ҳамчунин меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҶШФСР татбиқ карда мешуданд.

Аслан дар арафаи ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон санади меъёриву ҳуқуқие ки фаъолияти мақомоти судӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаро дар робита ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шаҳрвандон, ташкилотҳои давлатию ҷамъятӣ танзим менамуд, Кодекси мурофиаи мадании ҶШФСР (аз с. 1923) буд. То дар ҶМШС Тоҷикистон қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиаи мадании ҶШС Узбекистон ҳамин тартиб ҷорӣ буд [212, с. 19-23]. Дар қаламрави Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон солҳои 1925-1926 муассисаҳои суди

шуравии зерин созмон ёфтанд: судҳои халқӣ, судҳои округӣ, шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Узбекистон.

Мақомоти олии Суди ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Узбекистон буд, ки он дар ҳайати коллегияи шикоятӣ ва судӣ оид ба корҳои ҷиноятӣ амал мекард. Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз Коллегияи баррасии парвандаҳои маданӣ дар он ташкил нашуда буд. Ҳамаи шикояту эътирозҳо оид ба парвандаҳои мадание, ки дар судҳои округи Тоҷикистон ба сифати марҳилаи якум ҳал шуда буданд, ба коллегияи шикояти мадании Суди Олии Узбекистон фиристода мешуданд [212, с. 19-23].

Баъдан, бо назардошти тағйиротҳои ба вуқӯъ пайваста бо қарори КИМ-и ҶШС Тоҷикистон аз 19-уми июни соли 1927 шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон ва ҳамаи судҳои округии дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон амалкунанда, барҳам дода шуданд. Ба ҷои шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон – Суди асосии ҶМШС Тоҷикистон ташкил карда шуд, (ки он ба низоми умумии судӣ дар кишвар мувофиқат мекард). Дар вилоятҳо, ки ба ҷои округҳо ташкил ёфта буданд, намояндагони Суди асосии ҶМШС Тоҷикистон амал мекарданд. Моҳи декабри соли 1927 Сессияи доимии Суди олии ҶМШС Тоҷикистон доир ба ВМКБ таъсис дода шуд, ки дар назди худ муфаттиши калон дошт ва дар як моҳ то 30 парвандаро баррасӣ менамуд. Инчунин ду камера барои суд дар Мурғоб ва Хоруғ такшил карда шуда буд. Бо қарори КИМ-и Шурои Ҷумҳурии мухтори шуравии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1927 падидаи намояндагони Суди асосӣ барҳам дода шуда, ба ҷои онҳо сессияҳои доимии Суди асосӣ дар вилоятҳо ташкил карда шуданд [93, с. 140] . Қайд намудан ҷоиз аст, ки аллакай соли 1926 аз ваколати суди қозӣ баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ соқит карда шуда, танҳо парвандаҳои маданӣ бо арзиши даъво ба маблағи то 500 рубл ба ихтиёри онҳо вогузор шуд. Ҳамвора шумораи парвандаҳо дар ин судҳо кам шудан гирифт ва агар дар аввали соли 1927 дар ҶМШС Тоҷикистон 15 суди қозӣ амал кунад, дар охири соли 1927 дар Тоҷикистон танҳо панҷ суди қозӣ амал мекард ва охири соли 1928 фаъолияти онҳо тамоман қатъ шуд [200, с. 59].

Вобаста ба ташкил гардидани мақомоти судӣ ва амали санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии нав, КИМ ва ШКХ ҶМШС Тоҷикистон 30 – юми июни соли 1928 дар бораи

дар ҷумҳурӣ барҳам додани маҳкамаи қозиҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи кӯҳна, ки онҳо то ин давра дар ҳалли масъалаҳои маданӣ татбиқ мекарданд, қарор қабул намуд [76, с. 29] . Дар натиҷа, ин қарор боиси пурра барҳам додани амали меъёрҳои қаблӣ ва комилан амал намудани қонунҳои нави шӯравӣ дониста мешавад.

Давлатов У.А. асоси рушди низоми судҳоро бо қарори Раёсати Кумитаи Марказии Иҷроияи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 26 октябри соли 1929 «Дар бораи азнавташкилкунии мақомоти судии марказӣ ва маҳалии ҶШС Тоҷикистон» алоқаманд менамояд, ки низоми нахустини суди Шуравӣ дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Дар ин марҳила судҳо дар Тоҷикистони Шӯравӣ кори зиёдеро оид ба пешгирӣ ва баррасии парвандаҳои босмачигарӣ ва оқибатҳои фаъолияти унсурҳои зидди инқилобӣ ба анҷом расониданд, гарчанде ҳаракати босмачиён хусусияти оммавии худро гум карда бошанд ҳам, вале дар ноҳияҳои алоҳида босмачигарӣ ҳоло ҳам ба барқарор кардани хоҷагии халқ мамоният мекард [93, с. 144] .

Ба андешаи мо сохтор ва тартиби кори судҳои давраи аввали Шуравӣ ба он равона карда шуда буд, ки кулли масоилу муаммоҳои ба мақомот вобастаро мустақилона ҳалу фасл намояд. Дар ин росто, суд дар минтақа на танҳо адолати судиро амалӣ менамуд, балки барои тарбияи кадрҳои нав, бозомӯзӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии судяҳо чораҳои лозимиро меандешид. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти илмӣ, баъзан хислати таълимӣ доштани фаъолияти судро дар минтақа ишора менамоянд, чунки суд тавассути фаъолияти худ мунтазам ба омода намудани мутахассисон машғул буд.

Баъд аз ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон, дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистони мухтор, ҳамаи қонунгузории ҶШС Узбекистон, ки то аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҷудо шудани ҶМШС Тоҷикистон (яъне то 5-уми декабри соли 1929) амал мекарданд, мувофиқи қарори КИМ ва ШКХ Тоҷикистон аз 19-уми декабри соли 1929 таҳти № 42 то қарори дахлдор қабул кардан ё қарори пешинаро бекор кардани мақомоти қонунгузории ҶШС Тоҷикистон амал мекарданд [212, с. 19-23] .

Вобаста ба ин Раёсати Кумитаи Марказии Иҷроияи Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон 26 октябри соли 1929 қарори махсус «Дар бораи аз нав ташкилкунии мақомоти судии марказӣ ва маҳалии ҶШС Тоҷикистон» қабул кард, ки тибқи он:

а) дар асоси қарори съезди 3-юми Фавқулодаи Шӯроҳои Тоҷикистон дар бораи аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҷудо шудани ҶШС Тоҷикистон ва ҳамчун Ҷумҳурии иттифоқӣ дохил шудани он ба Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ, азнавташкилкунии Суди Асосии ҶШС Тоҷикистон ба суди Олии ҶШС Тоҷикистон зарур шуморида шуд;

б) дар баробари ин дар қаламрави ҶШС Тоҷикистон ташкили 3 суди округӣ – дар Душанбе, Кӯлоб ва Хуҷанд ва сессияи доимии Суди Олии ҶШС Тоҷикистон дар округҳои Ғарм, Ӯротеппа ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон зарур шуморида шуд;

в) Раиси Суди Олии ҶШС Тоҷикистон ва ҷонишини комиссари халқии адлия оид ба қисми судӣ, рафиқ Бобо Ҳамдамов таъин карда шуд [ 133, с. 146] .

Яъне тибқи ин қарор Суди Олии ҶШС Тоҷикистон таъсис гардида, Раиси суди Олӣ таъин карда шуд, ки якбора муовини комиссари халқии адлия низ маҳсуб мешуд. Муовини комиссари адлия маҳсуб гаштани Раиси Суди олӣ маънои онро дошт, ки ҳокимияти судӣ ва иҷроияи аз ҳам ҷудо набуда, баръакс дар ин марҳила, ҳокимияти судӣ тобеъи Вазорати адлия - ҳокимияти иҷроия буд.

Дар ҳудуди ВМКБ дар ин солҳо вобаста ба криминализатсияи баъзе амалҳои шаҳрвандон ба монанди убури сарҳад, қочоқи моли хориҷа сатҳи ҷинояткорӣ афзоиш ёфт, яке аз чорабиниҳо масъалаи тоза кардани сафи кормандони мақомоти милитсия аз ашхоси шубҳанок буд, ки аз мансаб суистифода мекарданд.

Суди вилоят дар ин давра дар ҳамкорӣ бо милитсияи ВМКБ корҳои зиёдро дар роҳи мубориза бо ҷинояткорӣ анҷом дод [105, с. 23]. Аз ин сабаб дар мадди аввал вазифаи ба роҳ мондани фаъолияти комили суди вилоят, коллегияи муҳофизати судӣ ва судҳои волостӣ ба миён омад. Масъалаҳои асосии фаъолияти судҳо дар солҳои 20-ум аз он иборат буд, ки мардум бо сабаби нобоварӣ ба судҳои нав ба он хеле кам мурочиат мекарданд. Албатта, як қатор сабабҳои объектививу субъективӣ заминаи чунин муносибат мегардид, масалан, надонистани забони русӣ, бо ариза бо забони

русӣ мурочиат кардан ба суд монеаи чиддӣ маҳсуб мегардид. Нарасидани судяҳо, фаъолияти заифи онҳо низ аз омилҳои чунин монеа ба шумор мерафт[105, с. 25] .

Яке аз хусусиятҳои давраи солҳои 20-ум ин дахолати зиёди кормандони ҳизбӣ-давлатӣ ба фаъолияти рӯзмарраи судҳо буд [105, с. 26] .Чунончи аз рӯи ҳисоботи мачлиси Бюрои ҳизбии ВМКБ дар моҳи октябри соли 1928 бармеояд кормандони ҳизб ҳаматарафа аз болои судҳо назорат мекарданд ва онҳоро ба муборизаи синфӣ бар зидди душманони Ҳокимияти Шуравӣ даъват мекарданд [31, с. 20] . Дар ин чаласаи Бюро доир ба камбудиҳои судҳо чунин эродҳо садо доданд: а) аҳолии вилоят аз қонунгузории Давлати Шуравӣ огоҳӣ надорад; б) низоми судӣ-тафтишотӣ хеле заиф ба роҳ монда шудааст ва дар масоҳати 48.000 верст квадратӣ (51.216 км$^2$) танҳо 2 судяи халқӣ, 1 муфаттиш дар як мурофиаи судӣ фаъолият мекунанд; в) дониши ҳуқуқии кормандони суд заиф аст; г) адабиёти ҳуқуқӣ ба забони маҳаллӣ вучуд надорад; д) шумораи парвандаҳои қатъшуда ва беайб баровардани шаҳрвандон хеле зиёд аст ва бештари онҳо асос надоранд. Инчунин қайд карда шуд, ки: ҳолати ҳабсхонаҳои боздошти пешакӣ тамоман ба кор омода нестанд. Дигар масъала имкони пардохти бочи давлатӣ аз чониби шаҳрвандони оддӣ буд. Тибқи ҳуччатҳои бойгонӣ бочи давлатӣ масалан барои баҳси байни идораи Шуъбаи роҳҳои вилоятӣ ва хочагии роҳҳои вилоятӣ ба маблағи 350 рубл гирифта шудааст, ки барои ҳамон марҳила маблағи калон маҳсуб мешуд [ 32, с. 44] .

Аз ин лиҳоз, Бюрои ҳизбии ВМКБ мақомоти судии вилоятро вазифадор намуд, ки:

- мақомоти судӣ минбаъд бояд на камтар аз ду маротиба дар як сол назди аҳолӣ ҳисобот диҳанд;

- дар назди мақомоти судӣ маҳфили ҳуқуқшиносон таъсис дода шавад, то ки дар назди он машваратчиён сатҳи дониши худро баланд бардоранд;

- аз Комиссариати Адлия талаб карда шавад, ки барои суди вилоят адабиёти ҳуқуқӣ ба забони точикӣ ирсол намоянд;

- интихоботи машваратчиён дар сатҳи баланд гузаронида шавад.

Масъалаи сарфаи коғаз низ таъкид карда шуд, ки бо сабаби зиёд будани бекоршавии парвандаҳо сарфи қоғаз кам карда шавад [31, с. 19] .

Яке аз сабабҳои объективӣ дар мазкур қайд гардид, ки дар ВМКБ шумораи судҳо кам ва ҳудуди таҳти тобеъияти онҳо хеле бузург буд (масофаи 48.000 кв. верст (51 216 км$^2$) ва дар он ду судя, як муфаттиш ва як сессияи суд). Аз ҳамин сабаб судҳои марҳилаи аввали ВМКБ аз уҳдаи баррасии тамоми парвандаҳо намебаромаданд ва дар шакли афзалият танҳо парвандаҳоеро баррасӣ мекарданд, ки бо ҳимоя ва ҳифзи моликияти давлатӣ ва колхозӣ алоқаманд буданд.

Дар ҳисоботи Суди ВМКБ аз соли 1929 таҳти раёсати раиси суди ВМКБ М. Моисеенко, аз ҷумла оид ба фаъолияти заифи судҳо дар Помири Шарқӣ иттилоот дода шуд. Дар баробари ин, бахриислоҳи вазъияти баамаломада қарор карда шуд, ки ба судҳои волостӣ намояндагони вилоят фиристода шаванд, то ки кори судро дар ноҳияҳо дуруст ба роҳ монда шавад. Дар заминаи иҷрои қарори маҷлиси ҳисоботӣ судяи суди вилоят Қирғизбек Қонунов моҳи майи соли 1929 ба волости Ванҷ фиристода шуд [32, с. 44] .

Барои омода кардани судяҳо дар шаҳри Хоруғ маҳфили ҳуқуқшиносӣ кушода шуд, ки дар он аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ мутахассисони соҳаи судро тайёр мекарданд. Дар давоми иштирок дар ин маҳфил аъзоёни он бо моддаҳои кодексҳои Ҷумҳурии Узбекистон (то соли 1929), намудҳои ҷазо, тарзи гузаронидани мурофиаи судӣ ва дигар қоидаҳои кори судҳо шинос мешуданд. Ҳамвора, бо сабаби нарасидани кадрҳои судӣ дар ин давра кормандони милитсия ба вазифаи машваратчиёни судӣ ҷалб мешуданд.

Аммо ба тамоми душвориҳо нигоҳ накарда, дар нимаи дуввуми солҳои 20-ум аз байни аҳолии маҳаллӣ аввалин кормандони суд ба вазифаҳо тайин шуда, фаъолона мурофиаҳои судиро оғоз ва парвандаҳоро баррасӣ мекарданд..

Дар нимаи дуввуми солҳои 20-ум аллакай кадрҳои маҳаллӣ дар баррасии парвандаҳои судӣ фаъолона ширкат доштанд. Дар ин хусус роҳбари давлати Шуравӣ дар солҳои аввали баъди инқилоби Октябр Владимир Ленин навишта буд, ки «бигзор моро барои шикасти пурраи суди кӯҳна танқид намоянд, аммо мо ҳамин тариқ роҳро барои суди ҳақиқии халқӣ, ки на бо роҳи ҷазо балки бо роҳи обруи меҳнаткашон, на қалбакӣ, балки дар ҳақиқат аз суди истисморгар суди тарбияткунанда барои ҷомеаи сотсиалистӣ сохтем» [ 157, с. 4].

Соли 1925 бо қарори Комитети инқилобии Тоҷикистон ҳудуди Бадахшон муайян карда шуд, ки он аз Помири Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ иборат буд [176, с. 29 ].

Ҳамин тавр, дар муддати кутоҳи солҳои 1924 то соли 1929 аз тарафи кумитаи инқилобии вилояти Бадахшон бо роҳбарии Абдуллоев Сайфулло ҳокимияти Шуравӣ таъсис шуда, фаъолияти низоми судӣ ба роҳ монда шуд. Бо таъсисёбии Комиссариати халқии адлия судҳои халқӣ ва судҳои округӣ ба кори худ оғоз карданд, ки ин барои баланд бардоштани эътибори давлат дар роҳи мубориза бо ҷинояткорӣ мусоидат кард. Барҳам хурдани меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва баъзе одатҳои ҳуқуқӣ ва иваз кардани онҳо бо сохторҳои нави судӣ тадриҷан дар солҳои 1924-1929 ба итмом расид, ки ин дар роҳи шикастани дастгоҳи феодалӣ аҳамияти калон дошт. Дар натиҷаи амалӣ намудани чораҳои ҳуқуқӣ, дар ҷомеа баробарҳуқуқии зану мард, баробарӣ дар назди қонун ва дигар принсипҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандон пойдор гардиданд ва ҳамзамон ба нобаробарҳуқуқии одамон, беҳуқуқии занон, хотима дода шуд.

Моҳи сентябри соли 1929 бо қарори Кумитаи иҷроияи марказии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи аз нав ташкилкунии муассисаҳои судӣ дар ҶШС Тоҷикистон» Суди Асосии Тоҷикистон барҳам дода шуда, ба ҷойи он Суди Олии ҶШС Тоҷикистон ташкил карда шуд. Он дар ҳайати Пленум, Раёсат, суди кассатсионӣ, коллегияи суди ҷиноятӣ ва маданӣ фаъолият менамуд [13, с. 14].

Ҳокимияти Шуравӣ дар баробари қабули санадҳои меъёрӣ-ҳукуқӣ аз қабили қонунҳо, падидаи навро ҷорӣ намуд. Бахшида ба 10 - солагии инқилоб қонуни авф қабул кард, ки он яке аз амалҳои инсондӯстонаи ҳокимияти нав дар ин марҳила буд. Вобаста ба қонуни авф, аввалин маротиба қисми зиёди шаҳрвандон, ки тибқи қонунҳои давлати нави Шуравӣ ба ҷазоҳои гуногуни ҷиноятӣ ҳукм шуда буданд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод карда шуданд [13, с. 47]. Ин яке аз аввалин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бахшида ба падидаи авф дар ҶМШС Тоҷикистон аст.

Яке аз хусусияти ташаккули мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти судӣ дар ВМКБ дар он буд, ки дар вилоят ҳаракати мухолифони ҳукумати нав паҳн нагардид, мамониатҳои дигари ҷиддӣ низ вуҷуд надошт, аз ин сабаб, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ беҳтар ба роҳ монда шуда буд.

Солҳои 30-уми асри XX дар ҳайати Суди Олии ҷумҳурӣ мушовара оид ба парвандаҳои махсус таъсис дода шуд ва он то соли 1938 амал мекард. Мувофиқи Қонун «Дар бораи сохтори судии ИҶШС», ки 16 августи соли 1938 қабул шуда буд, ҳуқуқи назоратии Судҳои Олии ҷумҳуриҳои шуравӣ қисман маҳдуд карда шуд. Онҳо метавонистанд парвандаҳоро ба тариқи назоратӣ дар маҷлисҳои мушовараҳои судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ, танҳо бо эътирози Прокурори ИҶШС ё Прокурори ҶШС Тоҷикистон, Раиси Суди Олии ИҶШС ва раиси Суди Олии ҶШС Тоҷикистон ба ҳукми қувваи қонуни гирифтаи судӣ, ҳалнома ва таъинотҳо баррасӣ кунанд, судҳои вилоятӣ, минтақавӣ ва Судҳои Олии ҷумҳуриҳои мухтор аз ҳуқуқи назоратӣ маҳрум шуда буданд.

Бо тағйироти куллӣ дар қонунгузорӣ оид ба сохтори судӣ ва пешбурди кори судҳо, ҳуқуқҳои назоратии судҳои номбаршуда васеъ карда шуданд. Аз ҷониби дигар, Раёсат ва Пленум дар Суди Олии ҶШС Тоҷикистон, чун дар дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ барҳам дода шуд [93, с. 144].

Яке аз хусусияти суд дар солҳои 30-юми асри XX дар ВМКБ боқӣ мондани сохтори судии то соли 1930 вуҷуддошта буд. Мувофиқи Қарори КИМ-и Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 1930 «Оид ба дигаргунсозии ниҳодҳои суд ва прокуратура бо сабаби бекор шудани округҳо» тамоми судҳои округӣ бекор карда шуданд.

Танҳо дар Бадахшон низоми пештара боқӣ монд. Барои ҳамаи судҳо, ҳамчун марҳилаи кассатсионӣ Суди Олии Тоҷикистон муқаррар карда шуд. Дар Конститутсияи соли 1931 фаъолияти низоми судӣ дар асоси манфиати халқ ва интихобӣ будани судҳо, интихоб шудани онҳо аз ҷониби Шуроҳои намояндагони коргарон, деҳқонон ва аскарони сурх муқаррар карда шуд Дар солҳои 30-ум фаъолияти судҳо дар ВМКБ такмил ёфта, тибқи сохтори нав судҳо ба қитъаҳо (участкаҳо) тақсим карда шуданд ва мутаносибан дар ҳудуди ВМКБ панҷ қитъаро дар бар мегирифт, ки ба онҳо ноҳияи Шуғнон, ноҳияи Мурғоб, ноҳияи Вахон, ноҳияи Рушон ва Бартанг, ноҳияи Ишкошим дохил гардиданд [21, с. 7] .

Дар фаъолияти суди ВМКБ масъалаи муҳим ба забони тоҷикӣ баргардонидани забони мурофиаи судӣ буда, барои амалӣ гаштани он тайёр кардани кадрҳои судӣ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ зарур буд. Масъалаи мазкур дар кулли самтҳои идоракунии давлатӣ эҳсос гашта, қарори махсус оид ба "тоҷикикунонии забони кори дастгоҳи давлатӣ" қабул шуда буд, ки он барои минтақаи Бадахшон низ мубраммияти хосса дошт. Дар замина ва барои иҷрои қарори мазкур, тибқи нақшаи солонаи фаъолияти Кумитаи иҷроияи вилояти Бадахшон барои соли 1930 масъалаи ҷалби мутахассисони маҳаллӣ аз ҷумлаи тоҷикон ба ҳайати кормандони сохторҳои давлатӣ, махсусан ба мақомоти судӣ давоми соли 1930 бояд ба роҳ монда мешуд [21, с. 91].

Мушкилоти дигар дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти судии вилоят давоми солҳои 30-ум дар ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Бадахшон паиҳам ду маротиба ислоҳоти алифбо (аз хати арабиасос ба лотинӣ ва аз лотинӣ ба кириллӣ) гузаронида шуд. Табиист, ки ду маротиба иваз гардидани алифбо сабаби ба таври назаррас коҳиш ёфтани аҳолии босавод гардид. Соли 1935 Раёсати кумитаи иҷроияи марказии ИҶШС натиҷаи фаъолияти кумитаи марказии Умумииттифоқии ҳуруфи навро (яъне лотиниро) муҳокима намуда, хулоса намуд, ки тадбири бо умеди инқилоби пай дар пайи ҷаҳонӣ, гузаштан ба ҳуруфи лотиниасос хатост. Бинобар ин 7 марти соли 1937 халқҳои ғайрируси қисмҳои шимоли Россияро, ки ба ҳуруфи лотинӣ гузаронида буданд, аз сари нав ба ҳуруфи кириллӣ шомил намуданд. Зеро, онҳо пеш аз гузаштан ба лотинӣ ҳуруфи кириллиро қабул карда буданд [160, с. 56]. Дар натиҷа, онҳое, ки вобаста ба ҳуруфи нав савод надоштанд аз вазифа озод шуда, ба ҷои онҳо донандагони алифбои нав, вале таҷрибаи судиро надошта ба вазифаҳои судя ва раиси суд тайин гардиданд. Аз ҷумла, бо иваз гардидани хати арабиасос ба лотинӣ соли 1932 Қадамов Муминшо ба вазифаи Раиси Суди ВМКБ тайин гардид [21, с. 21].

Новобаста ба мушкилоти забон, масоили кадрӣ, мушкилоти техникӣ ва ғайра суди вилоятӣ ба фаъолияти мақомоти судӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, онро назорат менамуд ва ба таври доимӣ дар ҷаласаҳо, ҳисобот муҳокима карда, хулосаҳои зарурӣ баровардa, чораҳои зарурӣ меандешид. Таҳлили маводи бойгонии соли 1935 нишон медиҳад, ки кори суд хусусияти синфӣ дошт. Дар протоколи маҷлиси байниноҳиявии

Суди вилоят аз моҳи июни соли 1935 аз ҷумла омадааст: «Низоми ҷазодиҳӣ нисбат ба онҳое, ки сарҳадро вайрон карда, бо қочоқи маводи мухаддир дастгир мешаванд, хеле заиф аст ва ин ҷазоҳо ҷинояткоронро ислоҳ намекунанд. Дар баъзе мавридҳо онҳо ҳатто бе ҷазо мемонанд. Аз 70 парванда дар миқёси вилоят танҳо як нафар ба ҷазо ҳукм шудааст. Судҳои рафиқона бо сабаби набудани дастгирии кормандони суд барҳам хурдаанд. Бо машваратчиён кор бурда намешавад. Аз ин сабаб ба кормандони суд супориш дода мешавад, ки дар соли 1935 мувофиқи нақша кор баранд» [34, с. 6] . Раёсати суди вилоят вазифадор карда шуд, ки аз болои иҷрои ин нақшаҳо назорат намояд.

Яке аз масоили мушкил ва омили муассир ба фаъолияти мақомоти судӣ дар ВМКБ дар масофаи дур аз ҳам ҷойгир будани деҳаҳои вилоят, дурии масофаи байни онҳо буд. Ҳокимияти Шуравӣ мутахассисони соҳаро бо назардошти аҳолӣ таъмин менамуд, вале масофаи байни деҳаҳоро ба назар намегирифтанд. Аз ин лиҳоз, шумораи ками судяҳо, муфаттиш ва сессияи судӣ сабаби он гашта буд, ки онҳо аз ӯҳдаи иҷрои пурраи вазифаи амалисозии адолати судӣ намебаромаданд. Ҳамаи инро ба назар гирифта, дар маркази Бадахшон – шаҳри Хоруғ барои баланд бардоштани дониши ҳуқуқии кормандон маҳфилҳои ҳуқуқӣ ташкил карда шуданд [34, с. 3] . Дар умум Ҳокимияти Шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон солҳои 20 – 30 уми асри XX муборизаи дохилӣ идома карда, фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ хусусияти маҷбурсозӣ (репрессионӣ) гирифта, новобаста аз самту намуд барои маҳв кардани қувваҳои зиддиинқилобӣ истифода мешуданд. Дар ин давра суд низ аз усулҳои фаҳмондан ва боваркунонӣ, бештар ба усули маҷбурсозӣ табдил меёбад ва инро И.В. Сталин дар асараш «Гуногунандешии мо» чунин асоснок мекунад: «Ду усул вуҷуд дорад – усули фаҳмондан ва маҷбур кунондан. Усули аввал усулҳои маҷбурсозиро истисно намекунад ва дар навбати худ усули маҷбурсозӣ низ дар якҷоягӣ бо усули фаҳмондан истифода мешавад. Маҳз ҳамин принсип яъне маҷбурсозӣ дар якҷоягӣ бо фаҳмонда додан дар роҳи тарбиявӣ вазифаи асосии адолати судии давлат ба шумор меравад» [116, с. 7].

Баҳсҳои ҳуқуқӣ байни корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ то соли 1931 аз тарафи комиссияҳои баҳси иқтисодӣ (арбитраж) ҳал карда мешуд, ки бо қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС ташкил карда шуда, фаъолияташон асосан бо Низомномаи

Комиссияи арбитражии назди Шӯрои меҳнат ва мудофиаи ИҶШС аз 6 маи соли 1924 ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ танзим мегардид. Арбитраж дар ҳудуди Тоҷикистон низ тибқи низомномаи мазкур амал мекард.

Дар моҳи майи соли 1931 дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ арбитражи давлатӣ ташкил карда шуд, ки барои баррасии баҳси амволии байни муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои хоҷагии сотсиалистӣ дар самти мустаҳкам намудани интизоми шартномавию нақшавӣ ва ҳисоби хоҷагӣ равона карда шуда буд. Низомномаи аввалин дар бораи арбитражи давлатӣ бо Қарори КИМ ва ШКХ ИҶШС аз 3 майи соли 1931 тасдиқ карда шуд [106, с. 327].

Таъсиси арбитраж далел аз он буд, ки давлати Шуравӣ ба марҳилаи нави фаъолияти судҳо дар соҳаи иқтисодӣ дохил гардид. Минбаъд баҳсҳои корхонаҳо на дар сатҳи вазоратҳо, балки тавассути ниҳодҳои судӣ ҳаллу фасл мешуданд.

Дар баробари масоили дигари таъсиси мақомоти судӣ, ба роҳ мондани фаъолияти судяҳо, инчунин, як қатор вазифаҳои дигар дар самти амалисозии адолати судӣ дар вилоят анҷом дода мешуд. Дар маркази волостҳо ҳабсхонаҳо сохта шуданд, ки дар он дастгиршудагонро нигоҳ медоштанд. Масалан, таъмини шароит барои дастгиршудагон низ масъалаи мубрам гардида буд.

Дар маркази ноҳияи Ишкошим ва деҳаи Зонг барои ду волост (Вахону Ишкошим) бо шумораи умумии аҳолӣ 3824 нафар, таҳти роҳбарии Мирамадай Саидшоев (1925, узбек) ҳабсхона (камера)-и муваққатӣ сохта шуд, зеро бо сабаби офатҳои табиӣ (тарма, сел) на дар ҳама ҳолат кормандони низомӣ имконияти ба Хоруғ бурдани айбдоршавандагонро доштанд [24, с. 2] . Аз ҳамин лиҳоз ба таври муваққатӣ онҳоро дар ин ҳабсхонаҳо нигоҳ медоштанд.

Таърихи суди ВМКБ – ро дар солҳои 20-30 уми асри ХХ-ро таҳлил карда, фаъолияти судҳои рафиқона ва судҳои ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор бояд дод, ки онҳо дар аввали барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ нақши муҳим доштанд. Дар солҳои 30-уми асри ХХ ислоҳоти судӣ инчунин, масъалаи тақсимоти ваколатҳои судиро дар назар дошта, тибқи ин ислоҳот, бо мақсади ба омма наздик кардани судҳо ва кам кардани сарбории судяҳо дар баррасии парвандаҳои судӣ қисми вазифаҳои суд дар асоси қарори Раёсати КИМ-и Иттиҳоди Шуравӣ аз 22 октябри соли 1930 таҳти

№ 51 ва Қарори КИМ-и ҶШС Тоҷикистон аз 4 марти соли 1931 ба зиммаи судҳои ҷамъиятии дар Тоҷикистон таъсис додашуда гузошта шуд [28, с. 1] .

Моҳи декабри соли 1931 қарори муштараки КИМ ва СКХ ҶШС Тоҷикистон қабул шуд, ки дар он аз ҷумла қайд гардидааст: «Бо мақсади ба мубориза бо ҷинояткорӣ ҷалб кардани оммаи мардум КИМ ва СКХ ҶШС Тоҷикистон қарор мекунад: Вазъияти ба амаломада, дар пеши судҳо вазифа гузошт, ки судҳои ҷамъиятӣ ва рафиқона муҳофизати моликияти давлатӣ, кооперативӣ ва колхозиро ҳар чи тезтар ба роҳ монанд, то ки дуздии ин моликият аз тарафи гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ зиёд нашавад” [33, с. 44] .

Тибқи қарори номбаршуда ҳайати судҳои ҷамъиятиро судя ва машваратчиён ташкил медоданд. Аъзои суди ҷамъиятиро Кумитаи иҷроияи ноҳияи марбута тасдиқ мекард. Вазифаи судяҳои ҷамоатӣ ифтихорӣ буда, онҳо ба тариқи ройгон фаъолият намуда, парвандаҳо оид ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, авбошӣ, таҳқир, туҳмат, қонуншиканиҳое ки маблағи зарари онҳо аз 50 рубл камтар ва дигар қонуншиканиҳои на он қадар вазнинро онҳо баррасӣ мекарданд.

Тартиби кори суди ҷамъиятӣ ба судҳои умумӣ мувофиқат карда, мӯҳлати баррасии аризаҳо - давоми даҳ рӯз муайян гардид [20, с. 2] . Дар ҳамин марҳилаи рушд судҳои рафиқона низ таъсис дода шуданд. Сохтор ва тартиби кори судҳои рафиқона ва судҳои ҷамъиятӣ ба ҳам монанд буда, дар навбати худ ҳар дуи ин судҳо ба судҳои халқии умумӣ тобеъ буданд [20, с. 23] . Дар фаъолияти судҳо инчунин, масъалаи нуқсон дар қонунгузорӣ, вобаста ба татбиқи ҳуқуқ ва тафсири меъёрҳои ҳуқуқ низ дар ҳамин марҳила мушоҳида мегардад, чунки дар аксар маврид танҳо ҳангоми амали қонун ва ё меъёри мушаххас мавҷудияти нуқсонро дар онҳо ошкор кардан мумкин буд.

Агар масъалаи таъсиси судҳои рафиқона дар вилоят ба таври бояду шояд ҳал шуда бошад, пас, чигунагии фаъолияти онҳо масъалаи дигар буд. Дар соли аввали таъсисёбии ин судҳо, яъне дар соли 1935 онҳо умуман фаъолият дар самти ҳалли баҳсҳо надоштанд. Чунончи дар ҳисоботи идораи Суди вилоят қайд шудааст, ки «дар давоми соли 1935 дар баъзе корхонаҳо ба мисли Бонки давлатӣ ягон парванда дида нашуд ва ин аз муносибати хунукназаронаи роҳбарияти корхона шаҳодат медиҳад» [30, с. 36] .

Яке аз хусусиятҳои ташкили судҳои рафиқона ва ҷамоатӣ аз он иборат буд, ки бо сабаби мавҷуд набудани корхонаю ташкилотҳои бузург якчанд ташкилот якҷоя як суди рафиқона таъсис медоданд. Дар як қатор қитъаҳо умуман ин судҳо таъсис дода намешуданд. Масалан дар ҳудуди ВМКБ, судҳои рафиқона ва судҳои ҷамоатӣ дар шакли муштарак аз тарафи якчанд корхона таъсис дода мешуданд. Чунончи дар Хоруғ дар корхонаҳои Шуъбаи замин, Шуъбаи сохтмону савдои вилоятӣ, Иттифоқи истеҳсолӣ, Раёсати истифодабарии роҳҳо № 961 ва Раёсати маорифи вилоят як суди рафиқона амал мекард.

Дар ноҳияҳои Вахон, Ишкошим, Рушон ва Бартанг судҳои рафиқона таъсис дода нашуданд. Дар ин ноҳияҳо суди рафиқонаро судҳои ҷамъиятӣ иваз мекарданд. [ 30, с. 14] Тибқи иттилооти Суди ВМКБ аз 9 сентябри соли 1935 судҳои ҷамоатӣ дар совхозҳои Хоруғ, Поршинев, Мурғоб, Шитхарв, Нуд, Қалъа, Намадгут ва Сипонҷ ташкил гардиданд [30, с. 8].

Дар ин давра кормандони суд дар баробари баррасии парвандаҳо, инчунин вазифаи назорати умумиро низ иҷро мекарданд. Мо дар ҳисоботи мақомоти судӣ мехонем: «дар ноҳия кори низоми ташкилотҳои савдо нодуруст ба роҳ монда шудааст. Дар мағозаҳо ба ҷои санги тарозуи оҳанин - санги оддӣ истифода мешаванд. Инчунин сардухтури ветеринарии ноҳия Глебов аз ӯҳдаи табобати чорво намебарояд ва ин сабаби кам шудани саршумори чорво гаштааст» [45, с. 8] .

Инчунин ҷаласа қарор мекунад, ки барои “ислоҳ кардани хатоҳои кори суди участкаи 2 (ноҳияи Мурғоб) ба раиси суд Тулегенов супориш дода шавад, то моҳи октябри соли 1935 ҷамъомади ҳуқуқшиносон гузаронида, камбудиҳои ошкоршударо ислоҳ намояд”.

Марҳилаи муҳими беҳтар кардани кори низоми судӣ ин қабул гардидани Конститутсияи нав буд. Пленуми Кумитаи Марказии ҳизби Коммунистии Умумиитифоқӣ (КМ ВКП)(б), ки 1 феврали соли 1935 барпо гардид, дар бораи зарурати тағйир додани Конститутсияи ИҶШС қарор қабул кард.

5 декабри соли 1936 Конститутсияи нави ИҶШС қабул гардид, ки онро «Конститутсияи сотсиализми ғолиб», ё худ «Конститутсияи Сталинӣ» ҳам меномиданд. Тибқи ин ҳуҷҷат Давлати Шӯравӣ аз «диктатураи пролетариат» ба давлати умумихалқӣ табдил шуд. Дар асоси ҳамин Конститутсия 1 марти соли 1937

дар анҷумани VI Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон Конститутсия (қонуни асосӣ) -и нави ҷумҳурӣ қабул гардид. Конститутсияи нав барои ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ ва озодиҳои баробар дод. Ин Конститутсия ғалабаи сотсиализмро расмӣ гардонида, давлатро давлати сотсиалистии синфи коргару деҳқонон номид. Инчунин дар он эълон гардид, ки асоси иқтисодии кишварро низоми хоҷагии сотсиалистӣ ва моликияти сотсиалистӣ будани воситаҳои истеҳсолот ташкил менамояд.

Мувофиқи моддаи 13-уми Конститутсия таъкид мегардид, ки ҶШС Тоҷикистон ихтиёран ба ҳайати ИҶШС дохил мешавад ва мувофиқи моддаи 14 ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи озодона аз ИҶШС баромаданро дорад. [191, с. 404]

Дар Конститутсияи соли 1937 зинаҳои низоми судӣ ҳамчун суди Олӣ, суди ВМКБ, судҳои махсус муқаррар карда шуд. Соли 1937 Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Коллегияи махсусро таъсис дод. Соли 1939 бошад бо Фармони 23-А ШО ҶШС Тоҷикистон сохтори нави судиро чунин муайян намуд, ки иборат буд аз:

- Роҳбарият;
- Коллегияи суди ҷиноятӣ;
- Дастгоҳи техникии Коллегияи суди ҷиноятӣ;
- Коллегияи суди маданӣ;
- Дастгоҳи техникии суди маданӣ;
- Шуъбаи арзу шикоят;
- Қисми хоҷагӣ;
- Бюрои мошинҳо;
- Котиботи Суди олӣ [18, с. 91].

16 августи соли 1938 қонун «Дар бораи сохтори судии Иттиҳоди Шӯравӣ» қабул карда шуд. Мувофиқи ин қонун зинаҳои низоми судӣ аз Суди Олӣ, суди вилоятӣ иборат буда, зернизоми суди ВМКБ бо Суди шаҳри Хоруғ ва 7 суди ноҳиявӣ муқаррар гардид.

Дар солҳои 30-уми асри XX дар таърихи суд давраи нав – давраи судҳои сотсиалистӣ оғоз шуд, аммо ин солҳо инчунин бо мавҷудияти судҳои сиёсӣ - қабули ҳукмҳои сиёсӣ маъруф гардидаанд ва дар ин раванд чандин одамони бегуноҳ аз ҷумлаи ходимони намоёни сиёсӣ бегуноҳ ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Аҳамияти низоми нави судиро дар минтақаи Помир таҳлил карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷорӣ кардани он тақозои замон буд, зеро дар шароити нави сохтмони давлати Шуравӣ, афзоиши аҳолӣ ва гузаштан ба иқтисоди сотсиалистӣ, ҳимояи моликияти давлатӣ зарур гардид. Убури сарҳад бо мақсади тиҷорат манъ карда шуд. Душвориҳо дар роҳи таъсиси низоми таъини ҷазо аз тарафи судҳо бо сабаби норозигии мардум дар минтақаҳои сарҳадӣ ҳокимияти давлатиро маҷбур сохт, то чораҳои қатъӣ андешад ва чуноне, ки таҳқиқот нишон дод, танҳо баъд аз солҳои 30-уми асри XX низоми нави давлатдорӣ ва ниҳодҳои судӣ ба пуррагӣ аз тарафи аҳолии маҳаллӣ эътироф гардиданд.

Марҳилаи махсуси фаъолияти судҳоро дар Тоҷикистони Шуравӣ, махсусан минтақаи Бадахшон солҳои 1941-1945 ва то солҳои 1950 ташкил медиҳад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ кормандони суд низ вобаста ба вазъи баамаломада, кори худро бо низоми нави давраи ҷангӣ ба роҳ монданд. Кори Суди ВМКБ дар ин солҳо нисбат ба солҳои то саршавии ҷанг нисбатан душвор гардид, зеро баъд аз даъвати қисме аз кормандони суд ба сафи артиши Шуравӣ, норасоии мутахассисон мушоҳида шуда, сарбории кормандони судӣ зиёд гардид. Яке аз самтҳои фаъолияти судҳоро парвандаҳо оид ба интизоми меҳнат ташкил медоданд, зеро назорати ҳаматарафаи мақомоти давлатӣ аз болои интизоми меҳнат дар ин давра бештар гардид. Ин самти фаъолият баъд аз қабули қарори Шӯрои Комиссарони Халқии Иттиҳоди Шуравӣ аз 26 июни соли 1941 «Дар бораи вақти кори коргарон ва хизматчиён дар давраи ҷанг» бештар ҷоннок гардид [141, с. 85] . Дар ин қарор қайд шуда буд, ки шаҳрвандоне, бе ягон сабаб ҷои кори худро тарк мекунанд, ба ҷинояткор (дезертир) баробар карда шуда, ба ҳабс гирифта мешаванд. Вобаста ба ин қарор Кумитаи иҷроияи вилояти Бадахшон ба прокурори ВМКБ супориши қатъӣ оид ба чунин самтҳои фаъолият дода шуда буд::

- назорати прокурорӣ аз болои муассисаҳо ва шаҳрвандон доир ба иҷрои қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатии дар давраи ҷанг қабулшуда, пурзӯр карда шавад;
- бар зидди ҷинояткорӣ ва вайрон намудани тартиботи кории коргарони ақибгоҳ мубориза бурда шавад;

- барои вайронкунандагони интизоми меҳнатӣ чораҳои ҷиддӣ андешида шаванд;

- бар зидди исрофкорӣ ва дуздии моликияти давлатӣ, фактҳои қочоқ ва вайронкунии қонунҳои давлатӣ ва савдои маҳсулоти колхозӣ мубориза пурзӯр карда шавад” [159, с. 30].

Инчунин 26 июни соли 1941 вобаста ба вазъи ҷангии мамлакат, Раёсати Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ бо қарори худ рӯзи кориро то 8 соат дароз намуда, рухсатии меҳнатии коргарону хизматчиён ва рӯзи истироҳатро бекор намуд [191, с. 412]. Дар назди идораҳои давлатӣ ва ҳизбӣ шуъбаҳои ҳарбӣ ташкил шуда буданд, ки онҳо аз рӯзи аввали саршавии ҷанг кори худро пурзӯр намуданд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар моҳи октябри соли 1942 – Раиси адлияи вилоят ба вазифаи дигар гузаронида шуд ва раиси Суди вилоят якбора вазифаи раиси адлияро иҷро мекард. [26, с. 13] Маҳз аз нарасидани кадрҳо дар нимсолаи аввал 10 парвандаи маданӣ баррасӣ нашуданд, ки ин хатогии калон дар кори суд ба ҳисоб мерафт. [26, с. 26] Ба тамоми душвориҳо оид ба нарасидани судяҳо нигоҳ накарда, парвандаҳо ба таври мунтазам баррасӣ мешуданд. Чунончи дар соли 1941 – 22 парванда дар муҳлати 5 рӯз, 12 парванда дар мӯҳлати 10 – рӯзӣ, 20 парванда дар – 15 рӯзӣ ва 10 парванда дар муддати 30 рӯз баррасӣ шудаанд.

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ки беш аз 50 фоизи ҷиноятҳо дар солҳои 1941- 42 аз руи моддаи 61, яъне ҷиноятҳои махсусан вазнин ташкил медод. Дар ин солҳо аз тарафи суди ВМКБ нисбат ба 6 нафар ҳукми қатл бароварда шудааст [26, с. 33].

Дар ҳамин ҳолат, қисми зиёди парвандаҳои судиро парвандаҳои маданӣ ташкил медоданд. Чунончӣ дар семоҳаи аввали соли 1943 ба суди ВМКБ 61 аризаи даъвогӣ ва 20 аризаи прокурори вилоят ворид гардидааст [35, с. 15]. Дар соли 1944 шумораи парвандаҳои маданӣ кам оғоз гардида, дар семоҳаи аввали соли 1944 – 14 парванда ба суди вилоят ворид шуда буд. Бештари аризаҳои даъвогӣ ба ноҳияи Шуғнон рост меомаданд. Чунончӣ, дар аввали семоҳа дар суди ноҳияи Шуғнон – 6 ариза баррасӣ шуда буд.

Фаъолияти ниҳодҳои амалисозандаи адолати судиро таҳлил намуда, ҳаминро бояд қайд кард, ки бештари парвандаҳои маданӣ вобаста ба бекор кардани никоҳ

ворид мешуданд. Давлати шуравӣ барои пешгирии омили манфии ҷудошавии оилаҳо, ҳифз кардани оилаҳо аз ҷудошавӣ, таъмини тарбияи хуби фарзандон дар оила боҷи давлатиро барои парвандаҳо оид ба бекор кардани никоҳ зиёд карда, низоми алиментро ҷорӣ намуд. Боҷи давлатӣ барои парвандаҳо оид ба бекор кардани никоҳ аз 1000 то 1800 рубл муқаррар карда шуд, ки ин дар он давра он баробар ба 10 маоши миёна буд. Инчунин дар ин давра аллакай падидаи муқаррар кардани алимент барои фарзандони хурдсол ҷорӣ гардида буд. Аллакай аз семоҳаи аввали соли 1945 якбора бо қатъи никоҳ, дар бораи гирифани алимент барои кудак масъалагузорӣ гардида, ба маблағи 25 фоизи музди корӣ алимент ситонида мешуд. [36, с. 43] .

Фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла суди вилоятӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз саҳифаҳои душвортарини таърихи он ба шумор рафта, кормандони суд вобаста аз вазъи баамаломада, фаъолияти худро бо он мутобиқ месохтанд. Фаъолияти хуби кормандони суд дар ин давра аз қаҳрамонии бе мислу монанд дар фронт фарқ надошта, ҳиссаи онҳо дар таъмини ғалаба бар душман гардида, дар таъмин намудани ғалабаи халқи шуравӣ бар Олмони фашистӣ судҳо саҳми босазо гузоштанд.

Фаъолияти судҳо ба мисли дигар ниҳодҳои давлатӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз кормандони суд муносибати масъулиятнокро талаб мекард, зеро ҳар як хатоӣ аз тарафи корманди давлат - дар ин солҳо ҳамчун хиёнат ба халқу ватан эътироф мешуд ва аз ҳамин ҷиҳат ин давра аз замони осоишта фарқ дошт. Гарчанде, ки мазмуни кори судҳо тағйир наёфта бошад ҳам, шакли кор ба давраи ҷангӣ мутобиқ карда шуд. Аммо вазифаи асосии судҳо дар ин давра низ асоси кори судҳоро ташкил медод ва ин принсипи амалӣ намудани адолати судӣ мебошад. Кормандони суд кӯшиш мекарданд, ки ҳақиқатро дар баррасии парвандаҳо пурра тафтишу ошкор намуда, қарори одилона ва ҳукм дар бораи ҷазо ё озод кардани шаҳрванд қабул намоянд, то ба қарорҳои тасодуфӣ роҳ дода нашавад.

Бо хотима ёфтани ҷанг ва тақрибан як даҳсола ҷинояткорӣ ва намудҳои гуногуни он афзоиш пайдо намуда, рушди мақомоти судӣ низ хусусияти нав пайдо кард. Дар давраи баъдиҷангӣ як қатор ислоҳот дар ном ва сохтори суди Тоҷикистони Шуравӣ ба амал омад.

Комиссариати халқии адлияи Тоҷикистон соли 1946 бо қарори Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ба Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд ва фаъолияти ташкилӣ, иттилоотӣ, таҳлиливу ҳисоботии тамоми судҳо аз тарафи ин вазорат ба танзим дароварда мешуд. Дар ин солҳо принсипҳои идоракунии давлатӣ ва бахусус принсипи демократизми муттамаркази ҳокимияти давлатӣ (сентрализми демократӣ) дар таъмини волоияти қонун ва фаъолияти судҳо нақши асосӣ дошт. Барои кадрҳои маҳаллӣ ин мактаби ҳақиқии идоракунӣ ба ҳисоб мерафт, ки бо ёрии онҳо аксари кормандони ҳизбӣ ва давлатӣ таҷрибаю маҳорати ҳалли масоили ҳизбӣ ва давлатиро меомӯхтанд. Аммо дар баробари ин, баъзе ҳуқуқ ва манфиатҳои халқҳои шуравӣ осеб медид, зеро идоракунӣ бе назардошти урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ба таври императивӣ амалӣ мегардид.

Ба тамоми равандҳои беҳтар кардани кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон нигоҳ накарда, дар солҳои 50–ум сатҳи ҷинояткорӣ дар кишвар рӯ ба афзоиш ниҳод. Бахусус ҷиноятҳои авбошӣ, азхудкунии маблағи давлатӣ бештар аз дигар ҷиноятҳо содир мешуданд. Хусусияти хоси ин давраро таҳлил карда, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки нисбат ба айбдоршудагон асосан ҳамчун ҷазои иловагӣ мусодираи молу мулк ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи иштирок дар овоздиҳӣ истифода мешуд. Муҳлат барои шикоят овардан аз ҳукми суд, 72 соат (се рӯз) муқаррар карда шуда буд [27, с. 15] .

Барои баланд бардоштани сатҳи дониши судҳо чорабиниҳои гуногун амалӣ мегардид, аз ҷумла ҳар як корманди суд вазифадор буд, то дар вақти берун аз кор дар азхудкунии қонунҳо ва Кодексҳои ҷиноятӣ ва маданӣ худомӯзӣ намояд.

Яке аз хусусиятҳои давраи солҳои 50-ум дар он буд, ки дар ин давра дар минтақаҳои Назди Балтика, Украина ва қисми ҳудуди Осиёи Миёна гурҳҳҳои зиддишуравӣ пинҳонӣ амал мекарданд. Аз он ҷумла дар ҳудуди кишварҳои Назди Балтика гурӯҳҳои бо номи «Бародарони бешагӣ», дар Украина боқимондаи армияи УНО-УНСО ва дар Осиёи Марказӣ гурӯҳҳои зиддиҳукуматии собиқ босмачиён мушоҳида мешуданд. Инро ба назар гирифта, Пленуми Суди Олии ИҶШС – 3 июни соли 1952 қарори махсус «Дар бораи ҷиноятҳои терроризм» қабул кард.

Яке аз самтҳои муҳими мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ солҳои 50-уми асри XX мубориза бо вайрон кардани интизоми меҳнатӣ гардид. Дар доираи мубориза бо

вайронкуниҳои қоида ва низоми кор ва бартараф кардани дермонӣ ба кор, Вазорати Адлия 28 апрели соли 1952 қарор қабул кард, ки дар он дар асоси Указиi Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 14 июли соли 1951 «Дар бораи дермонӣ ба кор (прогул)» мубориза бар зидди вайрон кардани интизоми меҳнатӣ ҳамчун самти асосии кори судҳо муайян гардид.

Яке аз роҳҳои асосии беҳтар кардани алоқаи суд бо оммаи мардум ин ҷалб кардани мардум ба кори машваратчиёни судӣ ба ҳисоб мерафт. Машваратчиёни судӣ ба сифати корманди ифтихорӣ ба кори суд ҷалб мегардиданд. Баъд аз интихоб гардидан машваратчиён ӯҳдадор буданд, ки сари вақт ба ҷаласаи судӣ ҳозир шаванд, дар сурати ҳозир нашудани машваратчии судӣ ба ҷаласа тибқи қонунгузорӣ ҷарима муқаррар гардид. Ҷаримаи маъмурӣ дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар моддаи 117 қисми 2 муқаррар шуда, дар суди ноҳияҳои ВМКБ ин модда борҳо истифода мешуд, ки маънои иштирок накардан ё дар вақташ ба ҷаласаи судӣ ҳозир нашуданро дошт. Чунончи дар ноҳияи Шуғнон барои ҳозир нашудан ба ҷаласаи судӣ аз машваратчиён Азизова М., Нағзибеков О., Бахтибекова Б. ва Д. Шозодаёронов соли 1954 бо пешниҳоди раиси суди ноҳияи Шуғнон Қ. Қодиршоев ҷарима ситонида шудааст [37, с. 42].

30 декабри соли 1956 Указиi Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон оид ба муҳлати баррасии парвандаҳо қабул шуд, ки дар он барои судҳо мӯҳлати дида баромадани парвандаҳои майдаавбошӣ муҳлати як рӯз муқаррар шуда буд. Ин гуна мӯҳлатҳо имкон медоданд, ки парвандаҳо босуръат баррасӣ шаванд, то ки сарбории кори судҳо зиёд нагардад [37, с. 45] . Чуноне, ки аз ҳисоботи минбаъдаи судҳои вилоят бармеояд, дар семоҳаи охирини соли 1956 дар ҳудуди ВМКБ аз руи ин моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ ҳамаги 45 нафар аз озодӣ маҳрум карда шудааст.

Аз соли 1955 сар карда дар низоми мақомоти судии ИҶШС тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд, ки онҳо ба такмилдиҳии ташкилии мақомоти судӣ ва усулҳои кори онҳо равона шуда буданд. Масалан, соли 1957 ба салоҳияти ҷумҳуриҳои Иттиҳод ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оид ба сохтори судӣ ва қабули ҳамаи кодексҳо дода шуд. Таърихи 12 феврали 1957, он рӯзе, ки дастурамали махсус дар бораи Суди Олии ИҶШС қабул шудааст, метавон ҳодисаи таърихӣ номид.

Мувофиқи ин Указй Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 31 декабри соли 1956 ҷавобгарӣ барои майдаавбошӣ ҷорӣ гардид. Шаҳрвандон барои таҳқир ва вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ки таркиби онҳо бо моддаи 95 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон мувофиқат намекунад, ба ҷавобгарӣ кашида шуда, парвандаи онҳо дар истеҳсолоти алоҳида баррасӣ мегардид. Ҷазои ин қонунвайронкуниҳо ҳабс ба мӯҳлати 5 то 20 рӯзро ташкил медод [176, с. 591].

Тафтиши парвандаҳои суди ноҳияи Ванҷ дар масъалаи ҷинояткорӣ нишон дод, ки аз 39 парвандаи ҷиноятӣ, ки дар давоми ду соли охир (1957-1958) дар суди ноҳия баррасӣ ва ҳукм оид ба онҳо қабул шудааст, танҳо дар 6 парванда ҳукми одилонаи маҳрум намудан аз озодӣ истифода гардидааст [58, с. 33].

Дар соли 1957 дар ноҳияи Ванҷ 5 ҳодисаи одамкушӣ рух додааст. Аммо бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла муносибати хунукназаронаи раиси суди ноҳияи Ванҷ Назаралиев ба ҳамаи шахсони айбдор ҷазои шартӣ дода шудаст. Таҳлилу тафтиши ин парвандаҳо нишон дод, ки шакли ҷазо ба ҷинояти содиршуда ва айби гунаҳкорон тамоман мувофиқат намекард. Аз ҳамин лиҳоз суди вилоят тамоми парвандаҳои ҷиноятии баррасикардаи суди ноҳияи Ванҷро аз нав санҷида баромад.

Барои дар амал татбиқ кардани мустақилияти судҳо, 17 майи соли 1958 бо қарори Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Вазорати адлия барҳам дода шуда, ваколати он доир ба назорати кори судҳо ба Суди Олӣ дода шуд [176, с. 591].

Тибқи Указй Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 17 ноябри соли 1958 ба Суди Олӣ ваколатҳои зерин дода шуданд:

1) назорати кори судҳои вилоятӣ ва халқӣ ва гузаронидани тафтиши фаъолияти молиявӣ;

2) роҳбарӣ ба кори идораҳои нотариалӣ;

3) роҳбарӣ ва назорати кори адвокатура [22, с. 111].

Соли 1959 бо фармони №23 аз 15 сентябри соли 1959 сохтори нави судӣ ҷорӣ гардид, ки он иборат буд аз:

- шуъбаи ревизионӣ;
- шуъбаи молиявӣ;
- шуъбаи канселярия;
- шуъбаи кадрҳо;

- шуъбаи арзу шикоятҳо;

- шуъбаи кодификатсия;

- шуъбаи махсус [23, с. 15].

Дар қатори дигаргуниҳои ҷиддие, ки охири солҳои 50 ва аввали солҳои 60 - уми асри XX дар ИҶШС ва аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон бо ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ амалӣ гардидаанд, тағйироти ҷиддӣ дар сохтори суди Олӣ низ ворид гардид.

Соли 1961 мувофиқи Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи сохтори судӣ дар ҶШС Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии ҶШС Тоҷикистон таъсис дода шуд ва ҳамин тавр Суди Олии ҶШС Тоҷикистон то ба имрӯз ин тағйирот амал карда, Суди олӣ дар ҳайати Раёсат, Пленуми мушовараи судӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ ва мушовараи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ амал мекунад.

Аз ин рӯ, дар давраи солҳои 1959-1970 Суди Олии ҶШС Тоҷикистон на танҳо вазифаҳои назорати судиро иҷро мекард, балки идораи судӣ ва роҳбарии ташкилии судҳои ҷумҳуриро низ амалӣ мегардонид [93, с. 144] .

Тибқи қарорҳои Сессияи шашуми Шӯрои олии ИҶШС (даъвати чорум) дар моҳи феврали соли 1957 ҳуқуқи қабул кардани қонунгузорӣ дар бораи судҳо, қабул кардани кодексҳои маданӣ, ҷиноятӣ ва мурофиавӣ ба ҷумҳуриҳо дода шуд. Дар ихтиёри Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуқуқи муқаррар кардани асосҳои қонунгузории судӣ боқӣ мононда шуд. Дар Низомномаи Суди Олии ИҶШС баъзе вазифаҳои он маҳдуд карда шуда, баррасии ин масоил ба ниҳодҳои судии ҷумҳурӣ дода шуд [212, с. 295].

Дар баробари ислоҳоти судӣ, санҷиш ва омӯзиши таҷрибаи судӣ давом дода шуда, дар ин раванд ҳизби коммунистӣ якҷоя бо мақомоти судӣ қарорҳо қабул менамуд. Чунончӣ 1 апрели соли 1958 дар суди ВМКБ маҷлиси фаврӣ бо иштироки намояндагони Кумитаи вилоятии ҳизби коммунистии ВМКБ ва Кумитаи иҷроияи Шурои вакилони ВМКБ вобаста ба масоили суд ва ислоҳоти он баргузор шуд. Дар ҷаласа масъалаҳои интизом ва тартиби кори судҳо муҳокима гардид. Аз он ҷумла, хатогиҳои кормандони суд дар масъалаи таъини ҷазо, баровардани ҳукм ва мӯҳлати баррасии парвандаҳо муҳокима гардид. Дар ҷаласа қайд гардид, ки сифати кори судҳо ва риояи муҳлати баррасии парвандаҳо қаноатбахш нест [23, с. 26].

Аз ҷумла дар ҳисоботи Раиси суди вилоят М. Мирзонаҷотов «Оид ба кори судҳо» қайд карда шуд, ки солҳои 1956-57 аз рӯйи вайрон кардани ҳукмномаҳо дар миқёси вилоят нишондодҳо 100%-ро ташкил доданд, ки ин пасттарин нишондод ба ҳисоб мерафт ва боиси нигаронии ҳукумат ва ҳизб гардид. Маҳз аз ҳамин сабаб ин ҷаласа бо иштироки намояндагони ҳизбӣ ва комиҷроия баргузор гардидааст. Дар ин марҳилаи таърихи шуравӣ тамоми камбудиҳое, ки дар кори ниҳодҳои вилоятӣ дида мешуданд, фавран аз тарафи кормандони ҳизбӣ таҳти назорати қатъӣ гирифта мешуданд.

Аз ҷумла қайд гардид, ки судҳо моддаҳои 45 ва 47 ва инчунин Қарори Пленуми Суди олии Иттиҳоди Шуравиро дастрасӣ намуда, барои ҷиноятҳои вазнин ҷазои паст таъин мекунанд. Дар ҷаласаи Бюрои Кумитаи вилоятии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон мисол оварда шуд, ки дар ноҳияи Мурғоб шаҳрванд кӯдакро латукуб карда, ба марг мерасонад. Барои чунин ҷинояти барқасдона барои ҷинояткор аз тарафи суди ноҳияи Мурғоб ду сол ҷазо таъин гардидааст, ки ин барои чунин ҷинояти вазнин мутобинабуда, ҷазои хеле сабук мебошад.

24 ноябри соли 1958 Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дар асоси фармони Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 1958 дар бораи барҳам додани Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон ва таъсиси Комиссияи ҳуқуқӣ дар назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон қарор қабул намуда, вазифаи тафтиши корҳои судҳои халқӣ ва назорат кардани тамоми фаъолияти онҳоро ба Суди Олии ҶШС Тоҷикистон вогузор карда буд.

Ислоҳоти судӣ давом ёфта, тибқи он 5 январи соли 1961 Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Қонуни навро дар бораи сохтори судӣ ва кодекси нави мурофиаи ҷиноятӣ қабул намуд. Аз руи қонуни мазкур адолати судӣ дар Тоҷикистон ба зиммаи Суди Олии ҶШС Тоҷикистон, суди ВМКБ, суди вилоятҳо, судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ вогузор карда шуд. Судҳо аз тарафи вакилони Шуроҳои халқӣ интихоб мешуданд ва машваратчиёни халқӣ бо судяҳо ҳуқуқи баробар пайдо намуданд. Муҳлати интихоби судяҳои ноҳия ва шаҳрҳо аз 2 ба 5 сол зиёд карда шуд ва муҳлати интихоби машваратчиёни халқӣ бошад аз 3 сол то ба 2 сол кам карда шуд. Суди ВМКБ ҳамчун суди зинаи аввал оид ба парвандаҳои ваколати суди вилоятӣ ва суди зинаи дуввум барои шикояти кассатсионӣ муқаррар гардид [14, с. 42] . Инчунин ба ваколати суди

ВМКБ зинаи назоратӣ барои баррасии шикоятҳо дар Раёсати Суди вилоятӣ вогузор карда шуд.

Дар баробари ислоҳоти суди умумӣ инчунин ислоҳот дар самти фаъолияти судҳои рафиқона низ гузаронида шуд, чунки яке аз шаклҳои таъмини адолат дар даврони Шуравӣ ин фаъолияти судҳои рафиқона буд, ки дар ҳамкорӣ бо судҳои давлатӣ дар таъини чораҳо барои шахсони айбдор ширкат доштанд. Ин судҳо аз руи сохтор ва тарзи идоракунӣ ва пешбурди парвандаҳо аз судҳои давлатӣ фарқ доштанд, аммо ба ин нигоҳ накарда, онҳо мақсади умумӣ доштанд ва ин ислоҳ кардани ҷинояткорон буд.

Доираи фаъолияти судҳои рафиқонаро «Қоидаҳо дар бораи судҳои рафиқона» муайян мекарданд, ки соли 1961 дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ қабул карда шуд [114, с. 110] . Суди рафиқона парвандаҳоро дар шакли коллегиалӣ баррасӣ намуда, қарори он барои иҷро ҳатмӣ буд. Дар сурати иҷро нашудани қарори суди рафиқона аз тарафи судшаванда, парванда ба суди халқӣ равона мешуд ва иҷрои он ба судиҷрочӣ супурда мешуд. Барои беҳтар ба роҳ мондани кори судҳои рафиқона аз тарафи Вазорати адлия ба онҳо кумаки моддӣ ва маънавӣ расонида мешуд. Ҳайати судҳои рафиқона дар шакли интихоби озод аз тарафи коргарони корхона ба мӯҳлати ду сол интихоб мешуданд. Ин судҳо дар он корхонаҳое таъсис мешуданд, ки шумораи умумии коргарони он аз 50 нафар зиёд буданд.

Мувофиқи «Қоидаҳо дар бораи судҳои рафиқона» онҳо метавонистанд нисбат ба айбдоршаванда чораҳои зерини таъсиррасониро истифода баранд:

- пурсидани бахшиши оммавӣ аз ҷабрдида ё аз коллектив;
- огоҳии рафиқона;
- танқиди ҷамъиятӣ;
- огоҳӣ бо нашри он дар ВАО;
- ҷарима ба маблағи то 50 рубл;
- гузаронидан ба кори зинаи поёнӣ нисбат ба мансаби ишғолшуда.

Соли 1961 дар ҳудуди вилоят 108 судҳои рафиқона ба қайд гирифта шуданд. Аммо маълумоти бойгонӣ шаҳодат медиҳад, ки дар баррасии қонуншиканӣ ва парвандаҳои ҷиноятӣ судҳои рафиқона фаъол набуданд. Дар семоҳаи чаҳоруми соли

1961 бо айбдоркунии хусусӣ дар ҳудуди вилоят ҳамагӣ як парванда ба суди рафиқона ирсол гардидааст.

Дар охири соли 1961 аз тарафи судҳои рафиқона дар вилоят 8 парвандаи майдаавбошӣ баррасӣ шудаст ва дар натиҷа 4 нафар ҳукми ҳабс гирифта, нисбати 4 нафари дигар ҷазои ҷарима татбиқ шудааст.

Дар баробари судҳои рафиқона инчунин судҳои ҳакамӣ фаъолият мекарданд. Дар Тоҷикистони шӯравӣ заминаҳои ҳуқуқии таъсисёбӣ ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Низомнома дар бораи суди ҳакамӣ ки ба Кодекси мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Кодекси номбурда 28 декабри соли 1963 қабул шуда буд) замима гардидааст, дарҷ шуда буд. Мутобиқи банди якуми ин Низомнома шаҳрвандон ҳуқуқ доштанд барои ҳалли баҳсҳое, ки миёни онҳо пайдо мешаванд, ба истиснои баҳсҳое, ки аз муносибатҳои меҳнатӣ ва оилавӣ бармеоянд, ба баррасии судҳои ҳакамӣ мурoҷиат намоянд [50, с. 15] .

Бояд қайд намуд, ки дар давоми солҳои 60-ум шумораи парвандаҳо аз рӯи ҷиноятҳои самти хоҷагидорӣ ва дуздии моликияти давлатӣ бештар ба қайд гирифта шудаанд. Чунончӣ, дар соли 1959 дар Тоҷикистон 2596 ҷиноят, соли 1960 – 2907 ҷиноят ва соли 1961 – 2654 ҷиноят ба қайд гирифта шуд, ки 70 фоизи онҳоро парвандаҳои Шуъбаи мубориза бо дуздии моликияти давлатӣ (ОБХСС) дар бар мегирифт [15, с. 3].

Таҳлили фаъолияти мақомоти судӣ баёнгари он аст, ки аксарияти камбудиҳои ба фаъолияти марҳилаи муосири мақомоти қудратӣ ва махсусан суд дар ҳудуди Бадахшон дахлдошта, аз марҳилаи Шуравии рушди онҳо боқӣ ва ислоҳнашуда мондааст. Агар муқоиса намоем, масоили нарасидани мутахассисони соҳаи тафтишотӣ ки имрӯз ба назар мерасад, аллакай аз солҳои 50-уми асри XX дар Бадахшон эҳсос мешуд. Ба кори судҳо дар солҳои таҳти омӯзиш фаъолияти заифи мақомоти тафтишотӣ таъсири манфӣ мерасонид. Дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 1962 танҳо 13 фоизи парвандаҳо дар мӯҳлати муайяншуда ба суд ворид шудаанд. Боқимонда парвандаҳо то як сол дар тафтишот қарор доштанд. Масалан аризаи шаҳрванд С. Саидшоев оид ба он ки аз тарафи мудири анбор И. Музаффаров ба маблағи 3300 рубл фиреб дода шудаст, дар ҳолати тафтишотӣ аз моҳи феврали соли 1959 то моҳи апрели соли 1963 қарор доштааст.

Чунин кашолёбии кори ниҳодҳои тафтишотӣ барои тафтишоти судӣ ва пурсиши шоҳидон таъсири манфӣ мерасонид, зеро дар аксари мавридҳо баъзе аз шоҳидон ҷои зисти худро иваз мекарданд.

Моҳи марти соли 1962 барои зарар ба маблағи 130 ҳазор рубл гурӯҳи кормандони Идораи савдои ноҳияи Ишкошим (9 нафар) ба ҷавобгарӣ кашида шуданд, аммо бо сабаби пардохти маблағ бо қарори суд бо ҷазои ҳукми шартӣ ва ҷарима озод карда шуданд. Чунин намуди ҷавобгарӣ инчунин барои Идораи таъмири шаҳри Хоруғ барои зарари моддӣ дар ҳаҷми 8700 рубл, кормандони савдои шаҳри Хоруғ (се нафар) муқаррар гардидааст [16, с. 56]. Бинобар камбудиҳои ҷойдошта, соли 1962 аз тарафи ташкилоти ҳизбии ВМКБ нисбат ба Раиси суди ВМКБ М. Мирзонаҷотов, прокурори вилоят И. Колючев ва сардори шуъбаи тартиботи ҷамъиятӣ М. Ҷураев эрод гирифта шуда, вазифадор шуданд, ки то аввали соли 1964 камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намоянд [16, с. 58].

Таҳлилҳои минбаъда баёнгари он ҳастанд, ки бештари парвандаҳо дар ин давра аз тарафи судҳои халқӣ баррасӣ мегардиданд. Масалан, дар семоҳаи аввали соли 1964 ба суди вилоят 15 парвандаи маданӣ ва дар семоҳаи 4-ум 14 парвандаи маданӣ ворид гардиданд [16, с. 20]. Дар давоми семоҳаи коруми соли 1964 дар судҳои вилоят 141 парвандаи маданӣ баррасӣ шудаст. Дар баробари ин ба суди вилоят 23 парвандаи ҷиноятӣ ворид гардида, бештари ҷиноятҳо бо моддаҳои 92 (Дуздии моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ) - 7 то содир гардиданд [17, с. 7]. Инчунин ҷиноятҳо бо моддаи 122-123 (таҷовуз ба номус), моддаи 115 (расондани зарари ҷисмонӣ) ба қайд гирифта шуданд. Дар семоҳаи охири соли 1964 ҳамаги 47 нафар ба ҷазоҳои гуногун маҳкум шуданд. Бештари маҳкумшудагон бо моддаи 92 – 18 нафар ва моддаҳои 115-116 – 18 нафар ҷазо дода шудаанд [17, с. 20].

Дар солҳои 60-70 уми асри XX тартиби баррасии парвандаҳои маданӣ аз тарафи судҳо мутобиқи кодексҳои мурофиавии маданӣ, ки дар тамоми ҷумҳуриҳои ИҶШС солҳои 1962-1964 қабул гардиданд, ба роҳ монда шуд [114, с. 55]. Қоидаи умумии судҳои зинаи аввал дар он буд, ки аризаи даъвогӣ дар ҷои истиқомати ҷавобгар ба суд пешниҳод мешуд. Агар ҷои истиқомати ҷавобгар номаълум бошад, ариза ба ҷои зисти охирини ҷавобгар ё ба мавқеи ҷойгиршавии моликияти вай дода мешуд. Тартиби баррасии парвандаҳо дар суди мурофиавии ҷиноятӣ аз руи асосҳои

истеҳсолоти суди ҷиноятии ИҶШС ва қонунҳои ҷумҳуриҳои алоҳида, ки дар асоси он солҳои 1959-1961 қабул гардиданд, ба роҳ монда шуда буданд. Тибқи талаботи ин қонунҳо ҳуқуқи оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро прокурор, муфаттиш, ниҳоди тафтишоти пешакӣ ва ё суд доро буданд. Инчунин дар ин давра парвандаи ҷиноятӣ бо ариза ё мактуби шаҳрвандон, ахбороти ташкилотҳои комсомол, иттифоқи касаба, судҳои рафиқона ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ оғоз карда мешуд[114, с. 62] . Дар баробари ин парванда дар асоси мурочиати корхонаҳо, роҳбарони корхонаҳо, мақолаҳои рӯзнома, худихтиёрӣ омадани шахси гунаҳкор ва ё аз тарафи ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ мушоҳида кардани аломатҳои ҷиноят оғоз карда мешуд.

Дар ин марҳила баъзе тартиби фаъолияти судяҳо низ мушаххас мегардад. Масалан, баъд аз муҳокимаи судӣ – судяҳо бояд ба утоқи машваратӣ омада, бидуни фишор аз тарафи ягон кас қарор қабул мекарданд. Дар ин ҷо раискунанда саволҳоро ба аъзои суд пешниҳод мекард. Саволҳо бояд чунон гузошта мешуд, ки ба онҳо ҷавоб аниқ дар шакли тасдиқ ва ё раддия дода шавад. Баъзан судяҳо ё машваратчиён бо роҳи овоздиҳӣ ҳукми судиро муайян мекарданд ва агар қисме аз судяҳо бо ин қарор розӣ набошанд, онҳо метавонистанд фикри махсуси худро ба суд пешниҳод намоянд, ки дар баъзе ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ сабаби аз нав дида баромадани парванда мегардид. Дар кодекси мурофиаи ҷиноятии РСФСР ва ҶШС Тоҷикистон фикри махсуси судя барои аз нав дида баромадани парванда асос ҳисоб намешуд ва парвандаҳо танҳо бо роҳи шикояти касатсионӣ ё тафтишоти судӣ аз нав баррасӣ мешуданд [115, с. 68] .

Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ ва воридшавии парвандаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки давраи авҷи кори судҳо дар аксар маврид ба семоҳаи охири сол рост меомад. Чунончӣ, дар соли 1966 дар семоҳаи аввали сол – 22 парвандаи ҷиноятӣ, дар семоҳаи дуввум – 45 парвандаи ҷиноятӣ, дар семоҳаи 3 - 44 парвандаи ҷиноятӣ ва дар семоҳаи 4 – 47 парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ шуданд [38, с. 35] . Аксарияти ҷиноятҳоро ҷиноятҳо бо моддаи 92 (дуздии моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ) ва моддаи 220 (авбошӣ) ташкил медод [38, с. 35] .

Нишондодҳои идораи судичрочиён аз семоҳаи 4 соли 1966 нишон медиҳад, ки дар миёни 122 парвандаи воридшуда қонуншиканиҳо ба таври зерин ҷойгир шудаанд: дуздии моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ – 16 парванда; насупоридани

алимент – 17 парванда; баҳсҳои меҳнатӣ – 9 парванда; руёнидани ҷарима – 8 парванда; ҷуброни зарар ба фоидаи давлат – 20 парванда; ҷуброни зарар ба фоидаи колхозҳо – 16 парванда; ҷуброни зарар ба фоидаи совхозҳо – 2 парванда; ҷуброни зарар ба фоидаи шаҳрвандон – 27 парванд [39, с. 20] .

Қайд намудан зарур аст, ки дар Тоҷикистони шуравӣ ислоҳоти сохтори судӣ як раванди мунтазам ва доимгардида, ислоҳоти судӣ бо Қарори ШО ҶШС Тоҷикистон аз 20 октябри соли 1966 идомати ин раванд буда, тибқи он сохтори суди Олии ҶШС Тоҷикистон боз тайғир меёбад. Тибқи ислоҳоти охирин сохтори суди Олии ҶШС Тоҷикистон дар чунин шакл муайян карда шуд:

Раиси суд;

Ҷонишини раиси суд;

Ҷонишини дуввуми раиси суд;

Шуъбаи махсуси кадрҳо;

Шуъбаи ҷамъбасткунии фаъолияти судҳо ва омор;

Шуъбаи ниҳодҳои судӣ ва нотариалӣ;

Котиботи Пленуми Суди олии Тоҷикистон;

Канселярия;

Котиботи коллегияи суди ҷиноятӣ;

Котиботи коллегияи суди маданӣ;

Шуъбаи молиявӣ;

Шуъбаи хоҷагӣ [19 с. 117].

Бахшида ба 50 - солагии Инқилоби сотсиалистӣ соли 1917 дар Тоҷикистон қонуни авф қабул карда шуд. Мувофиқи моддаи 369 Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон авфи ҷиноят барои маҳкумоне истифода мешуд, ки муҳлати онҳо иҷро мешуд ва маҳкумоне, ки ҳукми онҳо ба таъхир гузошта шуда буд ва онҳое, ки бо ҳукми шартӣ маҳкум шуда буданд [19, с. 10] . Дар заминаи он аз 39 парвандаи ба суди Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон ворид гардида, ки аз онҳо бо қарори суд 35 нафар ба маҳрум шудан аз озодӣ маҳкум шуда буданд, 14 нафар мувофиқи қонуни авф аз ҷавобгарӣ озод карда шуданд.

Дар баробари фаъолияти судҳо аз тариқи ҷаласаи судӣ ва баррасии ҷиноятҳо дар ин марҳила фаъолияти судӣ, корҳои пешгирии ҷинояткорӣ аз ҷониби мақомоти

давлатӣ, ҳизбӣ, инчунин судҳо, аз ҷумла судҳои ВМКБ гузаронида мешуд. Чораҳои гуногуни пешгирии содиршавии ҷиноят истифода мегардид. Яке аз роҳҳои пешгирии ҷиноят дар ин давра ин гузаронидани маҷлисҳои сайёри судӣ буд. Хусусияти маҷлисҳои сайёр дар он ифода мешуд, ки кормандони суд маҷлисҳои судиро дар корхонаҳо ва идораҳо гузаронида, бо ҳамин тариқ дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва пешгирии саривақтии ҷиноят саҳмгузор буданд. Аз ҷумла дар семоҳаи чоруми соли 1967 панҷ парванда дар мурофиаҳои сайёр баррасӣ гардид [40, с. 11] .

Дар баробари баррасии парвандаҳои судӣ аз тарафи кормандони суд, дар соли 1967 инчунин 37 вохурӣ бо интихобкунандагон, 19 вохурӣ бо машваратчиён ва 17 ҷаласа бо кормандони судҳои рафиқона гузаронида шуда, аз тарафи кормандони суд 44 лексия дар мавзуҳои қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ хонда шудааст [40, с. 19] .

Таҳлили фаъолияти мақомоти судӣ дар ин давра нишон медиҳад, новобаста аз ислоҳоти судӣ ва ба кор қабул кардани кадрҳои нав ва ҷавон дар низоми судии вилоят, ҳанӯз тартиби кори судҳо, гузашт кардан ба ҷинояткорон, таъин кардани ҷазои паст ва дигар хатою камбудиҳо дар кори судҳо ба мушоҳида мерасид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки охири солҳои 60-ум ҷиноятҳо бештар муташаккил гашта, аз тарафи гурӯҳи ҷинояткорон содир мешуданд. Ҷиноятҳои гурӯҳӣ дар ин давра бо моддаи 92 содир шудаанд, ки онҳо бо дуздидани моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо истифода аз мансаб алоқаманд буданд. Чунончи соли 1968 дар яке аз ҷиноятҳо бо моддаи 92 шаш нафар маҳкум шудаанд. Аммо дар худи ҳамин давра онҳо бо моддаи 185 вобаста ба эълон шудани авф озод гардиданд [64, с. 23].

Дар ин марҳила новобаста ба вазнинии ҷиноят қонуни авф нисбат ба аксарияти ҷинояткорон татбиқ шуда, гуманизми қонунгузории шуравиро нишон медод. Дар семоҳаи аввали соли 1969 чор парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ шудаст, ки аз онҳо бо моддаи 92 (дуздӣ бо истифода аз мансаб) 4 нафар маҳкум гардиданд. Аксарият будани ҷиноятҳо бо моддаи 92 нишон медиҳад, ки кори низоми савдои давлатӣ хоҳ-нохоҳ ба тасарруфкунии моликияти давлатӣ аз тарафи кормандони низоми мазкур идома дошт. Бо мақсади азбайн бурдани ҷинояткорӣ дар низоми савдои кооперативӣ дар давоми семоҳа аз тарафи кормандони идораи суди вилоят 11 лексия дар байни мардум хонда шуд, ки мазмуни асосии онҳоро риояи қонунгузорӣ ташкил медод. Аз тарафи кормандон 12 лексия аз руи мавзуъҳои «Ҳифзи моликияти

давлати», «Демократияи шуравӣ-типи нави демократия», «Никоҳ ва оила», «Барҳам додани урфу одати кӯҳна» гузаронида шуданд [41, с. 13].

Бо Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 12 августи соли 1971 ба Асосҳои қонунгузории сохтори судӣ моддаи 382 «Роҳбарии ташкилӣ  аз болои судҳо» ворид гардид, ки мувофиқи он баррасии як қисми масоил аз ҷониби судҳо ба Вазорати адлия дода шуд [116, с. 76] . Дар баробари ин кори адвокатура низ ба ниҳодҳои адлия дар маарказ ва маҳалҳо тобеъ карда шуд.

Аъзоёни суд аз вилоятҳо ва шаҳрҳо дар коллегияҳои судӣ таҳти роҳбарии суди ҳамон вилояту шаҳрҳо тақсим мешуданд. Раёсати ин судҳо аз раис, муовини раис ва аъзоёни суд, ки шумораи онҳоро Шурои вакилони халқӣ муайян мекард, иборат буд. Бо ҳамин тартиб суд дар ҳайати коллегия оид ба парвандаҳои маданӣ, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва раёсати суд ба мӯҳлати панҷ сол аз тарафи Шӯрои вакилони халқии вилоят интихоб мешуд. Шумораи судяҳоро Шӯрои вакилони халқии вилоят муайян мекард [116, с. 77] .  Судяҳо вазифадор шуданд, ки ҳисоботро ба Вазорати адлия пешниҳод намоянд. Инчунин судҳои вилоятӣ вазифадор гардиданд, ки ҳисоботи муқоисавӣ оид ба ҷинояткорӣ ва доғи судиро пешкаш намоянд. Ҳайати Раёсат аз тарафи комиҷроияи Шӯро бо пешниҳоди раиси суд тасдиқ мешуд.

Раёсати суд тибқи қонун дигар вазифаи суди зинаи аввалро иҷро накарда, танҳо вазифаи назоратиро иҷро мекард. Дар  фарқият аз коллегияи  судӣ, Раёсати суди вилоятӣ ва шаҳрӣ танҳо парвандаҳоеро баррасӣ менамуд, ки оиди онҳо қарор, ҳукм ва дигар ҳуҷҷати тасдиққунанда қабул шуда, ба он эътироз оварда шудааст. Инчунин Раёсат  парвандаҳо доир ба хатогии судяҳоро баррасӣ менамуд, зеро на ҳама вақт кори судҳои вилоят ба қонун мувофиқат мекард [116, с. 45].

Оид ба  фаъолияти ташкиливу моддии судҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар  солҳои 50-60-уми асри XX  бояд қайд кард, ки  дар ин давра таъмини мақомоти судии вилоят бо кадрҳои баландихтисос ба сатҳи олӣ расида, имкон дод, ки фаъолияти судҳо беҳтар ба роҳ монда шавад. Аммо ба ин нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам аз тарафи судяҳо дар парвандаҳо ба хатогиҳо роҳ дода мешуд. Чунин камбудиҳо дар кори суди шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Шуғнон бештар мушоҳида мешуд. Аз он ҷумла кори заифи машваратчиёни судӣ ба назар мерасид. Аммо ба ин нигоҳ накарда,

сиёсати давлат нисбат ба беҳтар кардани кори суд дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон идома ёфт.

Дар солҳои 70-уми асри XX принсипи интихоби судяҳо амал карда, суди вилоятӣ аз тарафи Шӯрои вакилони меҳнаткашони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба мӯҳлати 5 сол интихоб мегардид. Ҳайати суд аз Раис, муовини Раис, судяҳо ва машваратчиёни судӣ иборат буд. Ин ҳайат дар шакли коллегия оид ба парвандаҳои маданӣ, коллегия оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва Раёсат амал мекард. Коллегияи судӣ парвандаҳоро дар зинаи аввал ва зинаи дуввум баррасӣ менамуд. Ҳайати коллегия аз тарафи Раиси суд ба кумитаи иҷроия пешниҳод мешуд ва муовини Раиси суд онро роҳбарӣ мекард, яъне мақомоти судӣ аз ҷониби мақомоти иҷроия назорат мешуд. Ҳайати Раёсати суд аз раиси Раёсат, муовин ва судяҳо иборат буд. Дар сатҳи ноҳия бошад судяҳо ва машваратчиёни судӣ бо роҳи интихобот ва овоздиҳӣ интихоб мешуданд. Дар баробари ин Раёсат корҳои назорати дохилисудиро пеш мебурд. Роҳбарии тамоми зинаҳои судиро дар сатҳи вилоят раиси суди вилоят ба зимма дошт. Суди вилоят инчунин метавонист парвандаро аз суди ноҳиявӣ гирифта онро дар суди вилоят ба сифати суди зинаи аввал баррасӣ намояд [119, с. 46] . Инчунин тибқи қонунгузории солҳои 70-уми асри XX суди шумораи судяҳоро Шӯрои вакилони халқии вилоят муайян мекард [119, с. 47] .

Моҳи июли соли 1970 Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ Қарор «Дар бораи чораҳои беҳтар намудани кори ниҳодҳои судӣ ва прокурорӣ» қарор қабул мекунад, ки дар асоси он Комиссияи ҳуқуқӣ барҳам дода шуда, ба ҷойи он Вазорати адлияи Тоҷикистон боз чун мақоми мустақили давлатӣ аз нав ба фаъолият шурӯъ менамояд ва фаъолияти мақомоти судии Тоҷикистонро ба танзим медарорад. Фаъолияти он дар давраи соҳибистиқлолӣ низ давом мекунад, ҳарчанд, салоҳияти назорат аз болои судҳоро аз даст дода бошад ҳам»[42] .

12 августи соли 1971 Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС «Оид ба роҳбарии ташкилӣ аз болои судҳо» қабул шуд. Мувофиқи ин фармон судҳо вазифадор шуданд, ки дар тартиби кор ва истифодаи қонунгузорӣ ба ниҳодҳои адлия итоат намоянд. Дар баробари ин кори адвокатура низ зери тобеъияти ниҳодҳои адлия қарор гирифт.

26 октябри соли 1976 ба суди ВМКБ мактуби Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон ворид гардид, ки мувофиқи он тарзи ҳисобот аз руи мактуби Вазорати адлия аз таърихи 20 майи соли 1974 бекор гардид. Суди вилоят вазифадор гардид, ки ҳисоботи муқоисавӣ оид ба ҷиноятҷорӣ ва доғи судиро пешкаш намояд. Дар ҳисоботҳои минбаъда бояд судичрочиён ширкат дошта бошанд. Ба суди вилоят эрод оид ба набудани ҳисобот дар хусуси баланд бардоштани ихтисоси котибон ва судичрочиён ирсол гардид. Дар баробари ин аз тарафи котиботи Вазорати адлия барои хатогиҳои имлоӣ дар ҳисоботҳои суди вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон эродҳо дода шуданд [29, с. 15].

Солҳои 70 - уми асри XX дар таърихи давлатдории Шуравӣ ҳамчун давраи сотсиализми мутараққӣ муаррифӣ мешуд. Вобаста ба ҳамин дар соли 1977 Конститутсияи нав қабул гардид, ки он низоми судии мамлакатро ба фаъолият дар ҷомеаи мутараққӣ водор намуд. Конститутсияи соли 1977 ҳамчун қонуни асосии давраи “сотсиализми мутараққӣ” ба марҳилаи гузариш ба зинаи олии ҷомеи Шуравӣ асос гузошт. Марҳилаи гузариш ба ин зинаи тараққиёт тағйирот ба асосҳои фундаменталии ҳаёти ҷомеаро тақозо намуд ва ин ҳолат ба фаъолияти судҳо низ дахл дошт.

Қабули Конститутсияи Тоҷикистон аз соли 1978 баъзе тағйирот дар фаъолият ва сохтори судӣ ворид сохт. Дар солҳои 80-уми асри XX фаъолияти судҳоро Конститутсияи соли 1978 ва Қонуни ҶШС Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1981 «Оиди сохтори судӣ» танзим менамуд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 6 моддаи 70-ум Ҳайати Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва дигар шаҳру вилоятҳоро муайян кард, ки он аз Раиси суд, муовини якум, муовинони раис, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ иборат буд. Инчунин қонуни мазкур шакли сохторҳои Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанберо дар доираи зерин муайян намуд:

- Раёсати суд;
- коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ;
- коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ;
- коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;

-коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ [6, с. 311] .Тағйироти ҷиддии вориднамудаи қонун аз соли 1981 таъсис додани коллегия оид ба парвандаҳои ҳуқӯквайронкунии маъмурӣ буд.

Албатта дар ин солҳо ҳокимияти судӣ дар кишвар дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Соотсиалистии Тоҷикистон танзим карда мешуд. 11 декабри соли 1981 Қонуни Ҷумхурии шуравии Соотсиалистии Тоҷикистон "Дар бораи ҳокимияти судии ҶШС Тоҷикистон" қабул гардид. Мувофиқи ин қонун муайян карда шуд, ки адолати судиро дар мамлакат танҳо суд ба амал мебарорад. Инчунин ба сохтори судӣ дохил мешуданд: Суди Олии ҶШС Тоҷикистон, судҳои вилоятӣ, суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, суди шаҳри Душанбе, судҳои халқии ноҳиявию шаҳрӣ.

Дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ва Қонуни ҶШС Тоҷикистон " Дар бораи ҳуқуқи судии ҶШС Тоҷикистон" низоми муайяни судиро суди шаҳри Душанбе пурра намуд. Бояд зикр намуд, ки мувофиқи Конститутсияи соли 1978 ҳамаи судҳои мамлакат дар асоси интихоби судяҳо ва машваратчиёни халқӣ ташкил карда мешуданд. Дар баробари ин судяҳои халқии ноҳиявию шаҳрӣ аз тарафи сокинони ноҳия ва шаҳр дар асоси интихоби судяҳо ва машваратчиёни аз тарафи сокинони ноҳия ва шаҳр дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 5 сол, машваратчиёни халқӣ бошад ба таври овоздиҳии кушод интихоб карда мешуданд. Судҳои вилоятӣ, суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва суди шаҳри Душанбе дар ҳайати раис, аъзоёни суд ва машваратчиёни халқӣ аз тарафи Шурои дахлдори вакилони халқӣ ба муҳлати 5 сол интихоб карда мешуданд. Дар баробари ин судяҳо ва машваратчиёни халқӣ на танҳо дар назди интихобкунандагон ва мақомоти интихобкардаи онҳо ҷавобгар буданд, инчунин вазифадор буданд, ки дар назди онҳо ҳисобот диҳанд ва аз тарафи онҳо бозхонд шуда метавонистанд. Суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон аз раис, муовини раис, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ иборат буда, дар ҳайати коллегияи судӣ оид ба корҳои маданӣ, ҷиноят ва Раёсати суд амал мекард.

Мувофиқи боби 3-юми қонуни мазкур ба салоҳияти суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон мансуб буданд:

1) суди марҳилаи якум дар парвандаҳое, ки ба тобеияти он мансубанд;

2) судҳои марҳилаи дуюм барои шикоят ва эътироз аз болои ҳукмҳо, қарорҳо ва таъинотҳои эътирозии судҳои халқии ноҳиявӣ – шаҳрӣ, ки коллегияи судии дахлдорро оид ба ин парвандаҳо ба анҷом мерасонд;

3) мақомоти назоратӣ – бо роҳи дида баромадани эътирозҳо дар Раёсати суди вилоят аз болои қарорҳо, ҳукмҳо, ва таъинотҳои эътирозии судҳои халқии ноҳиявӣ – шаҳрӣ, ки коллегияи судии дахлдор оид ба корҳои маданӣ ва ҷиноятӣ дида мебароянд;

Инчунин Қонун дар бораи суди ҶШС Тоҷикистон ба зиммаи суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон вазифаҳои идоракунии судӣ, тафтиши кори судҳои халқии ноҳиявӣ – шаҳрӣ ва назорати фаъолияти онҳоро гузошт.

Соли 1981 Низомнома «Дар бораи адвокатураи Тоҷикистон» қабул гардид, ки он қоидаҳои умумии фаъолияти адвокатҳоро дар давоми мурофиаи судӣ ба танзим даровард. [102, с. 63] Қабули Низомнома дар солҳои минбаъда барои баланд бардоштани мақоми адвокатҳо дар мурофиаи судӣ мусоидат намуд.

Вобаста ба тағйиротҳои сиёсӣ ва демократикунонии ҷомеа зарурати дигар кардани кори судҳо низ пеш омад. Чунончи 11 июли соли 1989 мувофиқи фармони Вазири адлияи ҶШС Тоҷикистон ба Кодекси мурофиаи судии ҶШС Тоҷикистон тағйирот ворид гардид. Аз он ҷумла ба ваколати судҳо баррасии парвандаҳо оид ба қонуншиканиҳои кормандони давлатӣ дода шуд. Инчунин судҳо вазифадор шуданд, ки дар ҳисобот аз рӯи формаи №8-А шумораи онҳоеро, ки дар давраи солҳои 30-ум репрессия шуда, бо қарори суд сафед шуданд, нишон диҳанд [43, с. 22] .

Охири солҳои 80- ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX ҳудуди Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро равандҳои бӯҳрони амиқи сиёсису иқтисодӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта, дар идоракунии кишвар падидаҳои заиф гардидани ҳокимият ва кулли мақомоти давлатӣ мушоҳида гардида, он омили заифшавии таъсири судҳо дар ҷомеа гардид.

Дар сар то сари кишвар муносибатҳои нави иқтисодӣ ҷорӣ шуданд. Дар низоми кори ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ аломатҳои коррупсионӣ мушоҳида мешуданд, ки ин аввалин аломати пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ гардид. “Бешак яке аз шароитҳоеро, ки ба шиддатёбии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат

намуд, ин пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад, зеро бо аз байн рафтани ин давлати муттамаркази абарқудрат ва дар заминаи он арзи ҳастӣ намудани якчанд давлатҳои хурду бузурги гуногунсохт, вазъи сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоиро на танҳо дар ҳудуди собиқи он, балки берун аз он мураккаб сохта, муносибати байни субъектҳои тозабунёдро печида гардонида, ба сохти давлатдорӣ ва вазъи сиёсии онҳо таъсири бузург расонид.

Моҳи сентябри соли 1989 Қонуни нав «Дар бораи мақоми судяҳо» [54, с. 54] қабул гардида, тартиби интихоб, таъин ва озод кардани судяҳо, вазъи ҳуқуқии онҳо ва кафолати мустақилияти судяҳоро муайян кард. Агар дар қонунҳои пештара баъзе аз меъёрҳои номбаршуда ба дараҷаи гуногун мушаххас нишон дода мешуданд, пас таъмини моддӣ ва маишии судя мувофиқи мақоми олии вай комилан меъёри нав буд ва аз он шаҳодат медод, ки давлат дар бораи некуаҳволии шахсе, ки адолати судиро барқарор мекард, ғамхорӣ мекунад. Қонун роҳи таъмини дахлнопазирии судяро аниқ муайян карда, он на танҳо нисбат ба шахсияти судя, балки нисбат ба манзили вай, ҷои хизматиаш, нақлиёти тахти истифодааш, воситаҳои алоқааш амал мекард. Дар ҳолатҳои зарурӣ судя ва оилааш бояд ҳимоя мешуд. Ҳаёт ва саломатии судя зери ҳимояи махсуси давлат қарор дода шуда, аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ҳатман суғурта мегардид.

Суди Олии ҶШС Тоҷикистон баъди аз нав ташкилшавиаш дар ҳайати Пленум, ки мақомоти Олии назоратии судӣ буд, Раёсат, ки асосан вазифаҳои маъмуриро амалӣ мегардонад, мушовараҳои судӣ ва кассатсионӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, мушовараҳои судӣ ва кассатсионӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ амал мекард. Мушовараҳои судӣ парвандаҳоро дар зинаи якум баррасӣ мекарданд. Дар ин давра фаъолияти Суди Олии ҶШС Тоҷикистон, ки ба сифати суди зинаи якум парвандаҳои ниҳоят муҳимро баррасӣ мекард, аҳамияти калон дошт.

Вале вазъи сиёсиву иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ, мухолифату тазодҳо дар ин давлат сабаби таназзули давлатдории Шуравӣ гардиданд.

Дар охири солҳои 80-уми асри XX қонунгузории кишвар аз дигаргуниҳои соҳаи сиёсӣ ва иқтисодӣ қафо монда, он боиси сар задани бесарусомониҳо гардид. Ҳамаи ин барои кори судҳо дар ин давра душвориҳо эҷод мекард. Судяҳо дар чунин

шароит худро аз хатар эмин дошта наметавонистанд ва ин сабаби асосии заиф шудани фаъолияти суд ва афзудани парвандаҳо дар судҳо гардид.

Солҳои 90-уми асри XX сатҳи ҷинояткорӣ дар вилоят зиёд гардида, дар шаҳри Хоруғ нисбат ба соли 1990 дар соли 1997 ҷинояткорӣ 72%, ноҳияи Шуғнон 54.6%, ноҳияи Роштқалъа се баробар афзуд [118, с. 146] .Илова бар ин фарҳанги ҳуқуқӣ коста гардида, беэҳтиромӣ нисбат ба қонун афзоиш ёфт. «Дар он ҷое, ки фарҳанги ҳуқуқӣ мавҷуд нест, дар он ҷо озодии инсон ба бетартибӣ мубаддал мегардад. Маҳз набудани маданияти ҳуқуқӣ сабаби бемасъулиятии аъзоёни ҷомеа дар тамоми зинаҳои идоракунӣ мегардад» [177, с. 369] . Дар чунин шароит пешгирии ҷиноят яке аз вазифаи судҳо мегардад.

Моҳи декабри соли 1990 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот оид ба ҷиноятҳои муташаккилона ворид карда шуд. Соли 1990 мухолифати марказ ва ҷумҳуриҳо ба сатҳи баланди рушди худ расид ва баъзе аз ҷумҳуриҳо аз иҷро кардани ҷазоҳои дар Кодекси умумииттифоқӣ буда даст кашиданд. Чунончи аввалин шуда ҷумҳурии Литва қонуни умумиитифоқӣ «Дар бораи ҷиноятҳои зиддидавлатӣ»-ро бекор намуд [212, с. 16].

Хусусияти қонунгузории ин давра дар он буд, ки аксари ҷиноятҳо декриминализатсия шуданд. Дар баробари ин ба моддаҳои 240, 240-1, 240-2, 240-3, криминализатсия гардиданд ва ин боиси зиёд шудани ҷиноятҳо бо истифода аз силоҳи оташфишон шуда буд [212, с. 22].

Дар ин шароит роҳбарияти суди вилоят бурдани чораҳои пешгириро афзалият дода, пешгирии фардӣ аз тарафи кормандони суди вилоят дар шакли сӯҳбатҳои алоҳида бо баъзе аз ҷинояткорон, ки бори аввал ба ҷиноят даст задаанд, гузаронида мешуд. Онҳо ашхосе буданд, ки бо таъсири гурӯҳҳои ҷинояткор ба ҷиноят даст зада ё ки дар арафаи содиркунии ҷиноят қарор доштанд. Бо ҳамин роҳ кормандони суд ин гуна шаҳрвандонро аз вартаи гурӯҳҳои ҷиноятпеша халос мекарданд. Дар баробари ин барои пешгирии ҷиноятҳои гурӯҳӣ бо шаҳрвандон дар микрорайонҳо ва дар ҷои кор вохуриҳо гузаронида мешуданд. Аммо ин амал бидуни иштироки дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар раванди пешгирии ҷинояткорӣ манфиати хеле кам меовард. Зеро дар ин маврид шахс агар ислоҳ мешуд муҳити ҷомеа ҳамоно бетағйир буд ва сатҳи ҷинояткорӣ ҳамоно афзоиш меёфт ва шумораи нави ҷавонон

ба он ворид мешуданд. Илова бар ин принсипи сариваќтии пешгирии љинояткорї вайрон гардид ва ќисме аз љавонон ки бетараф буданд, онҳо низ майл ба љинояткорї пайдо намуданд.

Дар хулоса ҳаминро ќайд кардан зарур аст, ки кори ниҳодҳои судї дар давраи солҳои 1930-1990-ум нисбат ба давраи солҳои 20-30 - уми асри XX комилан тағйир ёфт ва ин тағйирот барои пешбурди кори минбаъдаи судҳо такони љиддї буд. Дар ин давра сатҳи дониши кормандони ниҳодҳои судї ба дараљаи маълумоти олии донишгоҳ расонида шуд ва масоили таъмини соҳа бо мутахассисони нав ҳаллу фасл гардид. Дар ин давра инчунин сатҳи сифат ва мўҳлати баррасии парвандаҳо нисбат ба солҳои 20-ум беҳтар гардида, обрўи маќомоти судї дар байни мардум афзоиш ёфт. Дар баробари ин ислоҳотҳо дар идоракунии маќомоти судї зуд – зуд ба амал омада, соли 1970 – аз нав Вазорати адлия бе ҳуќуќи назорат таъсис гардида, аз 2 августи соли 1971 маќомоти судї боз тобеъи Вазорати адлия гардонида шуда, маќомоти судї ба Вазорати адлия ҳисоботдиҳанда буд. Минбаъд кулли иштирокчиёни мурофиаи судї ва то судиҷрочиён бояд тибќи талаботи ягона ба Вазорати адлия ҳисобот пешниҳод мекунанд.

## 3.2. Масъалаҳои амалигардонии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дурнамои рушди он

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мустаҳкам намудани пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ ва таҳкими шохаҳои ҳокимияти давлатӣ тамоми шароити мусоид фароҳам овард.

Дар ин замина, дар нахустин санаде, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистонро эълон намуд, ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардид [11, с. 160].

Соли 1994 аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул шуда, ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ таҷзия гардид. Мувофиқи Конститутсияи нав «ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судҳо амалӣ мегардад» [ 3].

Ҳокимияти судӣ дар манзари фаъолияти Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ гардида, барои ҳимояи ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилот ва муассисаҳо, қонуният ва адолат нигаронида шудааст [214,с.14-23 ]

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ дар раванди амалигардонӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқии мамлакат ҷиҳати гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт.

Инчунин Конститутсия принсипҳои конститутсионии амалӣ кардани адолати судиро эълон карда, ба ҳар як шаҳрванд кафолати адолати судиро муҳайё менамояд.Дар заминаи боби 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба таври дахлдор ба роҳ мондани фаъолияти ҳокимиятӣ судӣ, 3 ноябри соли 1995 як қатор қонунҳои конститутсионӣ қабул карда шуданд, аз ҷумла: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоикистон «Дар бораи Суди

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5]; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3]; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори судӣ» [4]; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳарбӣ» [7]; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [91, с. 144].

Дар ин асно, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ дар самти ба амал баровардани адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини тартиботу қонуният фаъолияти муназзами худро ба роҳ мондааст.

Бо дарназардошти муҳим будани нақши мақоми судӣ дар бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, мустаҳкам кардани қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки ин санад дар рушди ҳокимияти судӣ нақши босазои худро гузошт [215, с. 16].

Президенти кишвар ҳанӯз 31 майи соли 2002 зимни суханронӣ дар машварат бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ ва судҳо иброз доштанд, ки: «Имрӯз барои ҷамъият ҳимояи судии пурқувват ва боэътимод беш аз пеш зарур мебошад ва онро суде таъмин карда метавонад, ки воқеан нерӯманд ва дахлнопазир бошад» [243].

Дар асоси меъёрҳои Конститутсияи соли 1994, 6 августи соли 2001 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Мувофиқи он ҳокимияти судӣ бо роҳи мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ба амал баровarda мешавад. Қабул шудани ин қонун барои

муайян кардани салоҳияти судҳо ва танзими фаъолияти судҳо шароити қонуниро фароҳам овард [146, с. 44].

Тағйиру иловаҳое, ки тариқи раъйпурсии умумихалқӣ солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [2], ворид гардиданд барои таҳкими минбаъдаи низоми судии ҷумҳурӣ, мутобиқ намудани санадҳои ҳуқуқӣ ба талаботи муосири ҷомеа ва эътирофи як қатор санадҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, аз ҷумла тағйиротҳои ба моддаҳои 14, 19, ва 84 ва муқаррароти моддаи 87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ба ҳар як фард ҳуқуқҳои ҳимояи судӣ, талаб намудани баррасии парвандаи худ аз ҷониби суди салоҳиятдору мустақил, дар асоси қонун таъсисёфта ва беғаразро кафолат дода, судяҳоро барои танҳо ба Конститутсияву қонун итоат намудан вазифадор месозанд, ба мустаҳкам намудани ҳокимияти судӣ, устувор намудани қонуният, пойдор намудани адолати иҷтимоӣ ва ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо мусоидат менамояд.

Ислоҳоти конститутсионӣ барои таҳким ва рушди минбаъдаи ҳокимияти судӣ дар замони соҳибистиқлолӣ, дар таъмин адолати судӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши босазо гузошт.

Дар асоси тағйиру иловаҳои соли 2016 ба Конститутсия, Шурои адлияи Тоҷикистон барҳам дода шуд ва назорат кардани тамоми фаъолияти судҳо ба суди Олии Тоҷикистон дода шуд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ идома дода шуда, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 20 апрели соли 2006 дар бораи зарурати ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ махсус таъкид карда шуд, ки тибқи он «Ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ бе мавҷудияти низоми дақиқан муайяншудаи мустақилу беғарази судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии содиқ ба халқу Ватан, омодаи ҳифзи амнияти миллату давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъминкунандаи қонунияту тартибот дар ҷомеа аз имкон берун аст».

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, №271 «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷики-стон» [10] тасдиқ гардид, ки он дар такмили қонунҳои амалкунанда, қабули кодексу қонунҳои нав, ташкили сохторҳои нави судӣ ба мо-нанди коллегияҳои маъмурӣ ва оилавӣ, амалӣ намудани дигар чораҳои соҳавӣ дар таҳкими ҳокимияти судӣ нақши назаррас дорад.

Вобаста ба татбиқи принсипи конститутсионии таҷзияи ҳоки-мияти давлатӣ ва бо дарназардошти он, ки ҳокимияти судӣ дар та-шаккули давлатдорӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши муҳим дорад, бо мақсади рушду таҳкими ҳокимияти судӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баъдан боз се барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013, 2015-2017, 2019-2021 қабул гардиданд.

Дар қонунгузории нав ваколати судҳо комилан васеъ карда шуд. Суд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ аз қувваи маҷбурсозии давлатӣ истифода мебарад, ки чунин шакли маҷбурсозии давлатӣ, пеш аз ҳама, дар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ зоҳир мегардад.

Конститутсия инчунин мӯҳлати ваколати судяҳоро ба 10 сол [4], баробар намуд.

Мустақилияти судҳо ва принсипҳои баробарии тарафҳо дар назди қонун ва ошкоро будани мурофиаи судӣ дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар гардида, бевосита равандҳои демократии замони навро дар кори судҳо таҷассум менамояд. Ҳамзамон дар фаъолияти судҳо, тавре баъзе муҳаққиқон иброз медоранд, масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд доранд. Масалан, ки дар танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти низоми судҳои маъмурӣ, ки шакли махсуси мурофиавии ҳаллу фасли парвандаҳо ба онҳо вогузор шудааст, баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки заминаҳои ташкилию ҳуқуқии истеҳсолоти судии маъмурӣ, ба ислоҳот ниёз дорад [107, с. 129],

Яке аз хусусиятҳои фарккунандаи Конститутсияи нав аз қонунҳои замони Шуравӣ дар он буд, ки дар он бори аввал бетарафии сиёсии

судяҳо, бетарафии иқтисодӣ ва новобастагии онҳо аз дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ инъикос гардид. Чунончи дар моддаи 90 - уми Конститутсия омадааст, ки «судя наметавонад вазифаи дигареро ишғол намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардад, ба истисноӣ фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ» [3].

Конститутсияи нави Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқӣ на танҳо сохтори судҳоро муайян кард, балки мақомоти судиро аз таъсири низоми ҳизбӣ озод намуд. Бо қабул шудани ин Конститутсия сохторҳои судӣ аз таъсири идеологияи ҳукмрон озод гардиданд [188].

Акнун, ташкил, ваколат ва тартиби фаъолияти Суди Олиро Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳо» муайян мекунад. Суди Олӣ аз Раис, Муовини якуми Раис, муовинон, судяҳои Суди Олӣ иборат буда, дар ҳайати Пленум, Раёсат, мушоварои судӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ, мушоварои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва мушоварои ҳарбӣ, амал мекунад. Тибқи қонуни конститутсионии зикргардида, Раиси Суди Олӣ, муовини якум, муовинон ва судяҳоро Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурӣ ба мӯҳлати 10 сол интихоб мекунад.

Мувофиқи қонун Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии ҳокимияти судӣ дар соҳаи пешбурди судии шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ мебошад. Санадҳои қабулкардаи он ниҳоӣ буда, иҷрои он дар тамоми қаламрави Тоҷикистон, ҳатмист. Он дорои ҳуқуқи назорат аз болои фаъолияти судии суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҳарбӣ мебошад [92, с. 144].

Қонунҳои нав бевосита хусусияти асосии кори судяҳоро инъикос намуданд ва дар маркази кори судҳо муносибатҳои ахлоқӣ дар назди айбдоршаванда ва аҳли ҷомеа меистод.

Яъне ҳар як судяро мебоист дар асоси донишҳои ҳуқуқӣ, психологӣ ва ахлоқӣ амали айбдоршавандаро баҳогузорӣ намояд. Судя бояд дар

қабули қарор ба талаботи қонун такя намуда, ба қарори қабулкардаи худ боварӣ дошта бошад ва масъулиятро дар назди ҷомеа барои қарори мазкур эҳсос намояд, «зеро муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо дар он маврид устувор мегарданд, агар дар давоми баҳсҳо қарори дуруст пайдо шавад ва адолати судӣ таъмин шавад. Дар ин маврид боварӣ нисбат ба низоми судӣ ва масъулияту интизомнокии тарафҳо меафзояд» [50].

Доир ба тарзу усули ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо аз вайронкуниҳо бояд ба ин нуқта ишора фармуд, ки низоми ҳуқуқии давлати Тоҷикистон, ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ва ташкилотҳоро аз амал (беамалӣ) ва санадҳои ғайриқонунии мақомоти ҳокимияти оммавӣ, ки бо ҳуқуқи маъмурӣ ба танзим дароварда мешавад, воситаҳои зерини ҳимояро дар назар дорад: таъсис додан ва ташкил намудани мақомоти давлатӣ (суд, прокуратура, нозирот ё хадамотҳои махсус), ки вазифаи асосии онҳо ҳимояи тартиботи ҳуқуқӣ мебошад; мавҷудият ва фаъолият намудани падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз давлат вобаста набуда, ки ба шаҳрвандон кӯмак расонида метавонад (адвокатура, ҷамъияти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, марказҳои ёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва ғайра).

Дар шароити нави волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқи шаҳрванд, дар низоми судӣ шумораи парвандаҳои баҳсҳои маъмурӣ зиёд гардид. Хусусияти хоси парвандаҳои марбут ба муносибатҳои маъмурӣ - ҳуқуқӣ аз он иборат мебошад, ки сол то сол доираи мавзуи баҳс васеъ мегардад. Чи хеле, ки дар саҳифаҳои пештара ишора фармудем аввал бо меъёри конститутсионӣ ҳуқуқи шаҳрванд барои шикоят кардан аз амали (ё беамалии) шахсони мансабдори мақомоти иҷроия муқаррар карда шуд, минбаъд ин ҳуқуқ ба санадҳои қабулнамудаи шахсони мансабдор қарорҳои мақоми дастҷамъии иҷроиявӣ ва амрдиҳанда низ паҳн гашт. Ҳоло бошад, чуноне, ки аз мазмун ва мӯҳтавои моддаи 19, 25 ва қ. 2-и моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] бармеояд, ҳуқуқи шаҳрвандон дар ин самт хеле васеъ гашта, санадҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатиро низ мавриди баҳс қарор дода метавонанд. Аз

ҳамин лиҳоз сол аз сол нуфуз ва эътибори чунин парвандаҳо зиёд гашта истодааст.

Хусусияти принсипиалии ин парвандаҳо дар он аст, ки онҳо бо ташаббуси шахси алоҳида оғоз гардад ҳам, ҳуқуқ ва манфиатҳои доираи васеъи субъектонро чун парвандаҳои марбут ба ҳимояи ҳуқуқи интихобкунандагон дарбар мегирад, ки ҳамаи онҳоро ба сифати иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҷалб намудан ва ҳатто ба суд даъват намудан имконпазир аст. Агар масъалаи ғайриқонунӣ эътироф намудани натиҷаи интихобот мавриди баҳс қарор дода шавад, ки ҳалли ин масъала ҳуқуқу манфиатҳои доираи васеъи субъектон, иштирокчиёни интихоботро дарбар мегирад, ки як қисми онҳо бешубҳа аз натиҷаи интихобот қаноатманданд. Ба монанди ҳамин парвандаҳои марбут ба мавриди баҳс қарор додани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки бо қоидаҳои рафтори умумӣ ҷорӣ карда шудааст, ки фардигардонии он ғайриимкон мебошад [107, с. 264].

Моҳи майи соли 2004 Қарори пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки он Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоятҳо, суди шаҳрҳо ва ноҳияҳоро вазифадор намуд, ки тағйиру иловаҳои ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшударо дар кори мурофиавӣ мавриди истифода қарор диҳанд [216, с. 134]. Ин қарор боиси зиёд гардидани масъулияти судяҳо дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ гардид.

Моҳи июни соли 2004 Қарори пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи кори судҳо дар дида баромадани парвандаҳо оиди тиҷорати ғайриқонунӣ» қабул шуд, ки он судҳоро водор намуд, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо айбдор будани шахсони инфиродӣ ва соҳибкоронро таҳқиқ ва исбот карда, баъд аз тафтиши судӣ қарор қабул намоянд. Зеро дар ин давра зарар ба соҳибкорон аз тарафи ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ хеле зиёд гардид ва ин ба шароити иқтисодии на танҳо соҳибкорон, балки ба иқтисоди тамоми кишвар зарари ҷиддӣ мерасонд [167, с. 67].

Мувофиқи Кодекси мурофиавии нави ҷиноятӣ, ки аз моҳи декабри соли 2009 мавриди амал қарор дода шудааст, ҷиноятҳои начандон вазнин, миёна, вазнин бе иштироки машваратчиён танҳо аз тарафи судя баррасӣ карда мешавад ва танҳо парвандаҳо аз руи ҷиноятҳои махсусан вазнин дар ҳайати судя ва ду нафар машваратчии халқӣ баррасӣ карда мешаванд. Дар пешбурди мурофиаи судӣ низ мувофиқи кодекси нав тағйирот даровaрда шуда, дар замони Шуравӣ баъди оғоз кардани мурофиаи суд, фикри айбдориро худи судя эълон мекард, дар давраи ҳозира бошад, фикри айбдориро прокурор эълон мекунад. Мутобиқи Кодеси мурофиаи маданӣ, моддаи 8, он аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор дода шудааст, ҳамаи парвандаҳои маданӣ дар зинаи якум аз ҷониби судя танҳо баррасӣ карда мешаванд.

Моҳи декабри соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» қабул гардид. [156, с. 88] Қонуни мазкур барои тамоми иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ шароити баробарро таъмин мекунад ва давлат ҳамчун кафолатдиҳандаи ин баробарӣ дониста мешавад.

Барои тарғибу ташвиқи қонунгузории амалкунанда ва шарҳи он як қатор чорабиниҳо дар ҳудуди вилоят гузаронида шуд. Масалан, соли 2013 дар ҳамкории ҳуқуқшиносони вилоят бо ташкилоти байналмилалии ЮСАИД (ИМА) китоби «Асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ», [192] «Ҷанбаҳои ҳуқуқии озодиҳои иттиҳодияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», [138] «Механизмҳо ва расмиёти миллии ҳимояи ҷабрдидагон аз шиканҷа» [182] ва дигар китобу мақолаҳо нашр гардиданд, ки дар кори беҳтар кардани дониши иштирокчиёни мурофиаи судӣ нақши калон бозиданд.

Дар ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдокардаи суд хосиятҳои нави ҳуқуқӣ пайдо мешаванд [117, с. 136].

Бояд қайд кард, ки бо пешрафти ҷомеа, сохторҳои судии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушд ёфта шакли нав мегиранд. 26 июли соли 2014 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Суди

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5] қабул гардид, ки ин марҳилаи нави инкишофи фаъолияти судҳо гардид. Бо қабул гардидани ин қонун, қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 1995 «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бекор карда шуд, зеро меъёрҳои он ба талаботи давраи нав ҷавобгу набуданд. Мутобиқи қонуни нав назорати конститутсионӣ аз болои таъмини адолати судӣ ва баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, ба сатҳи нав бардошта шуд. Ҳамчунин принсипҳои ошкоро будани мурофиаи судӣ, муҳокимаи парвандаҳо, таъмини амнияти шаҳрвандон, дахлнопазирии ҳаёти шахсии онҳо ва муҳофизати ахлоқу одоби ҷамъиятӣ ошкоро эълон шуда, дастурҳои нав дар бораи истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, сабти аудио-видеоӣ, пахши ҷараёни мурофиаи судӣ аз тариқи радио ва телевизион дар рафти мурофиа таъмин карда шуданд [5].

Қабул шудани қонуни конститутсионии болозикр қадами навбатии давлати Тоҷикистон ба сӯи ҷомеаи ҳуқуқбунёд гардид ва нишонаи афзудани мавқеи ҳокимияти судӣ мебошад. Дар моддаи 7 ҳамин қонун омадааст, ки «Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 нафар судяҳо иборат буда, яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад».

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти судӣ ва дастоварди даврони соҳибистиқлолӣ, ки баҳри таъмини волоият ва амали бевоситаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис дода шудааст, барои ҳифзи ин арзишҳо доимо кӯшиш ба харҷ медиҳад. Таъмин намудани амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсия, яке аз самтҳои асосии фаъолияти Суди конститутсионӣ ба ҳисоб меравад [195, с. 33-42].

Соли 2014 дар таърихи низоми судии мамлакат ҳамчун соли дигаргуниҳои куллӣ ба шумор меравад. 26 июли соли 2014 Қонуни

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид [6].

Қонуни конститутсионии мазкур асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳо, тартиби интихоб, таъин, бозхонд ва озод намудани судяҳоро муқаррар намуда, инчунин дигар муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳоро ба танзим медарорад. Мувофиқи ҳамин қонун ҳокимияти судӣ мустақил эълон карда шуд. Инчунин самтҳои асосии амалӣ шудани ҳокимияти судӣ тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ, маданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муайян карда шуд. Моддаи 4 ин қонун вазифаҳои судҳоро чунин муайян мекунад:“Ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон эълон намудаанд, ҳифз менамояд»[6] .

Вазифаи суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ мебошад. [6] Қонунгузории нави судӣ инчунин принсипҳои фаъолияти судӣ, ҷавобгарӣ барои беэҳтиромӣ нисбат ба суд, манъ будани дахолат ба фаъолияти суд, мустақилияти судяҳо, таъмини амнияти судяҳо, мӯҳлати интихоб ё таъин кардани судяҳо ва дигар ҷиҳатҳои фаъолияти судҳоро мавриди танзим қарор гирифт.

Аҳамияти асосии дарҷ гардидани низоми судҳо дар Конститутсия ва қонунгузории нав нуқтаҳои зеринро дар бар гирифт:

1) бо ёрии қонунгузории конститутсионӣ шароит барои ташаккули сохтори нави давлатию ҷамъиятӣ фароҳам оварда мешавад, аз ҷумла дар конститутсияҳои муосир халқ сарчашмаи ҳокимият эътироф гардида, дар ин ё он шакл ғояи таҷзияи ҳокимият вуҷуд дорад;

2) шароит барои ташаккули низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ, асосҳои нави иқтисодии сохтори давлатӣ ба вуҷуд меорад (эътирофи шаклҳои моликият, рақобат);

3) заминаҳои нави ташкил ва амали ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсӣ устувор карда мешавад (таҷзияи ҳокимият, гуногунандешӣ, роҳ надодан ба идеологияи динӣ ё баръакс эътирофи мазҳаби давлатӣ);

4) ҳуқуқу озодиҳо кафолат дода мешавад;

5) ҳолатҳои маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳо эътироф гардида, ҳуқуқ ва озодиҳои маҳдудшаванда ва доираи маҳдуд гардидани онҳо дар Конститутсия муайян карда мешавад;

6) Конститутсия – санади меъёрии мустақил ва бевосита амалкунанда эътироф мегардад;

7) дар Конститутсия волоияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҳуқуқи дохилидавлатӣ эътироф мешавад [67, с. 220].

Ҳуқуқи ниҳодҳои судӣ инчунин дар дигар самтҳои фаъолияти онҳо дар роҳи таъмини адолати судӣ инъикос гардиданд. Мувофиқи моддаи 289 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷараёни баррасии парванда суд, судя ҳуқуқ дорад ҳангоми муҳокимаи судӣ нисбат ба судшаванда чораи пешгириро интихоб намояд, тағйир диҳад ё бекор кунад. Дар марҳилаи муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба маҷлиси судӣ, ҳангоми аз ҷониби суд баррасӣ шудани дархостҳо ва муайян намудани сабабҳои ҳозир нашудани судшаванда ба маҷлиси судӣ; дар рафти тафтиши судӣ, ҳангоми саркашӣ намудани судшаванда аз ҳозир шудан ба суд, кӯшишҳои ӯ барои дахолат кардан ба муайян кардани ҳақиқат ё содир намудани ҷинояти нав; ҳангоми қабули ҳукм ва таъмини иҷрои он суд ҷораҳои зарурии пешгириро интихоб ва татбиқ намояд [227, с. 130].

Қонунгузорӣ инчунин дар кори ниҳодҳои судӣ навовариҳо ворид намуд: «Аз ҷониби суд дароз кардани мӯҳлати шашмоҳа ( ҳар дафъа на зиёда аз се моҳ) бояд хусусияти истисноӣ бо қоидаҳои умумӣ дошта бошад. Дар фарқият аз қонуни мурофиавии ҷиноятии қаблан амалкунанда (м.262 КМҶҶТ), чунин таҷриба танҳо доир ба парвандаҳои

ҷиноятии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, яъне чунин ҷиноятҳои қасдона, ки ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои онҳо аз панҷ то даҳ соли маҳруми аз озодӣ зиёдтар аст (м. 18 КҶҶТ) иҷозат дода мешуд. Навоварӣ нисбат ба моддаи 262 КМҶ ҶШСТ далели он аст, ки мӯҳлати чунин тамдид бо қонун маҳдуд намешавад. Аммо ин навовариро мусбӣ баҳо додан душвор аст. Ба назари мо, мӯҳлати ҳадди ниҳоии ба ҳабс гирифтан дар ҷараёни баррасии судӣ бояд ба монанди тафтиши пешакӣ дар қонунгузори муайян карда шавад [227, с. 132]. Дигаргуниҳо инчунин дар самти фаъолияти судҳо дар роҳи пешгирии ҷиноятҳо ворид карда шуданд. Суди марҳилаи кассатсионӣ дар татбиқи чораҳои пешгирӣ, ҳангоме, ки қарори суд оид ба шикоятҳо ва пешниҳодҳо тибқи моддаи 124, 125 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар мавзуи шикоят интихоб кардан (интихоб накардан), тағйир додан ё бекор кардани чораи пешгирӣ бошад иштирок менамояд. Баррасии шикоят ё пешниҳод дар марҳилаи касатсионӣ бо тартиби умумии пешбининамудаи боби 32-38 КМҶ ҶТ сурат мегирад [227, с. 134].

Мақсади асосии давлатро дар низоми судӣ нишон дода, Б. Кистяковский менависад: «Мақсади ҳақиқии давлат дар чист? Ин мақсад дар амалӣ кардани манфиатҳои муштараки аъзоёни ҷомеа ифода меёбад. Бо ёрии давлат чизе ки зарур, гаронарзиш ва муҳим аст барои ҳама амалӣ мегардад. Давлат ин шакли якдилии одамон аст, ва майли он ба сохтмони шаклҳои нави якдилии мардум равона мешавад. Неъматҳои умумӣ – ҳамин аст мақсад ва вазифаи давлат» [149, с.142].

Аммо ба пешравиҳои кори судҳо нигоҳ накарда, ҳоло ҳам судҳо ба ислоҳот ниёз доранд ва инро Президенти мамлакат низ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ моҳи декабри соли 2018 қайд карда буданд. Яке аз ин камбудиҳо ин дахолати маъмурӣ ба кори судяҳо мебошад, ки ба кори озодонаи онҳо монеа эҷод мекунад. «Дар таҷрибаи давлатҳои тараққикарда, ба ҳар кас ҳуқуқи муроҷиат кардан ба судяи қонунӣ, ба судяи «худӣ» дода шудааст, ки чандин давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ онро қабул кардаанд. Аммо дар қонунгузории

мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин падида ҳануз татбиқ нашудааст. Ҳатто баръакс муқаррар шудааст, ки суди болоӣ метавонад ҳар як парвандаи қобили баррасии суди поёниро ба баррасии худ гирад ва ё ба суди дигар супорад (моддаи 39 КМҶ)» [101, с. 78].

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба фаъолияти судҳо сухан карда, вобаста ба талаботи замон тағйир додани низоми судиро талаб кард. Бояд гуфт, ки дурнамои рушди ниҳодҳои судӣ дар шакли назарияи мукаммал бояд дар пешбурди истеҳсолоти судӣ мавриди таҳқиқ қарор дошта бошад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ низоми мукаммали қонунгузории судӣ амал мекунад, аммо бо таъсири омилҳои нави ҷаҳонишавии фазои ҳуқуқӣ ин қонунҳо бояд мунтазам камбудии роҳдодашудаю таҳлил намуда, кори ниҳодҳои судиро ба сатҳи нав гузорад, то ки баробарии амалинамоии адолати судӣ боиси ба вуҷуд омадани боварии мардум ва масъулиятшиносии мақомоти судӣ гардад. Мақомоти судӣ бояд баҳри манфиати мардум пеш аз ҳама ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо дар самти озодиҳо ва манфиатҳои инсон фаъолият намояд. Дар замони муосир ва ояндаи наздик нишонаи самаранокӣ дар амалӣ шудани принсипҳои демократӣ, кафолатдиҳандаи таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ниҳоди судӣ шуда метавонад. Аз ин лиҳоз мукаммалнамоӣ ва таҳким бахшидани ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати қабул ва татбиқ намудани барномаҳои давлатии алоҳида дар ин самт вазифаи асосии минбаъд ва оянда хоҳанд шуд [238, с. 32].

Қайд кардан бамаврид аст, ки таснифоти зикршудаи низоми судӣ ҳислати нисбӣ дошта, нисбат ба ҳамаи мақомоти судӣ татбиқ шуда наметавонад. Зеро таснифоти мазкур бештар хоси судҳои салоҳияти умумӣ буда, ба онҳо тааллуқ дорад. Судҳои дигар, аз ҷумла, судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ, тавре ки қайд гардид, танҳо аз ду зина таркиб ёфтаанд. Вобаста ба ин зинаи асосии судҳои иқтисодиро Суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва Суди иқтисодии шаҳри Душанбе

ташкил медиҳад, ки зинаи олии ин судҳо Суди Олии иқтисодӣ мебошад. Нисбат ба судҳои ҳарбӣ бошад Коллегияи ҳарбии Суди Олӣ зинаи болоӣ ба шумор рафта, зинаи асосии судҳои мазкурро судҳои ҳарбии гарнизонҳои шаҳри Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ ташкил медиҳанд [128, с. 28-29].

Бо дарназардошти навовариҳои замони муосир, баъзе муҳаққиқон тақсимбандии нави судҳоро аз рӯи ваколати судҳо пешниҳод мекунанд. Аз он ҷумла М.А. Маҳмудзода менависад, ки «дар шароити кунунии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои хоси миллии таърихӣ, ахлоқию маънавӣ ташкили судҳои оилавӣ амри ногузир шудааст. Агар таъсиси судҳои оилавӣ дар саросари ҷумҳурӣ мушкилот ба вуҷуд оварад, пас ҳадди ақал дар пойтахт ташкили ин навъ судҳо бо омилҳои объективӣ алоқаманд аст» [129, с. 176].

Инкишофи низоми юрисдиксияи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тағйир додани мақомоти арбитражи давлатӣ ба судҳои ҳакамӣ ва аз он ба судҳои иқтисодӣ анҷом ёфт, раванди ташаккули ҳокимияти судии мустақил ва самаранокро инъикос менамояд. Таърих дар бораи муносибати гуногуни ҳалли баҳси байни субъектони фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад [106, с. 327].

Ғайр аз ин дар кишвар раванди рушд ёфтани қонуншиканиҳои маъмурӣ ва ба зиммаи суд вогузоштани ҳалли баҳсҳои маъмурӣ сабаб гардид, ки имрӯз бештар аз нисфи парвандаҳои дар суди умумӣ баррасишаванда парвандаҳои маъмурӣ мебошад. Аз ин сабаб, муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла Иброҳимов Солеҳҷон ва Одиназода Рамазон Сафар дар таҳқиқотҳои илмии худ пешниҳод намудаанд, ки дар Тоҷикистон шароит барои таъсиси судҳои маъмурӣ ба вуҷуд омадааст, ки мо низ онро дастгирӣ мекунем. Таъсиси судҳои маъмурӣ ва баррасии парвандаҳои маъмурӣ махсусияту нозукиҳои касбии хосро дошта, судяи марбута бо донишҳои ин самт муҷаҳҳаз метавонад онро тибқи талаботи илмӣ ба роҳ монад. Ба андешаи мо на танҳо имконият вуҷуд дорад, балки таъсиси судҳои маъмурӣ тақозои замони муосир мебошад, ки фаъолияти судҳои умумиро озодтар ва

осон гардонида, судяҳои суди умумӣ ба баррасии парвандаҳои дигар машғул мегарданд.

Қайд кардан зарур аст, ки назорати судӣ фарҳанги ҳуқуқиро инъикос мекунад ва низоми ҳуқуқии миллиро барои ҷаҳониён муаррифӣ менамояд. Фаъолияти судҳо дар асоси қонунгузории баъзе давлатҳо дар замони муосир ҳамчун сарчашмаи қонунгузорӣ маҳсуб мешавад ва ҳар як қарори онҳо ҳамчун пешниҳод (амсоли судӣ) барои таъсиси конунҳои нав дониста мешавад.

Дар моддаи 11 Кодекси мурофиаи мадании Тоҷикистон омадааст, ки дар сурати набудани қонун, суд қонунеро истифода мебарад, ки баҳси монандро танзим мекунад ва ҳангоми набудани ин гуна қонун суд баҳсро дар асоси нуқтаҳои умумӣ ва мазмуни қонунгузорӣ ҳал мекунад. Илова бар он дар ҷомеаи имрӯзаи мо принсипҳои аввалиндараҷаи ҳуқуқи фитрӣ (адолат ва озодӣ, баробарҳуқуқӣ, инсондӯстӣ ва ғ.) эътироф шудаанд. Онҳо асоси давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дар Конститутсияи Тоҷикистон мустаҳкам гаштаанд. Азбаски меъёрҳои Конститутсия мустақиман амал мекунанд (м. 10), судҳо метавонанд, дар мавриди холигии қонунгузорӣ аз таҷрибаи судӣ истифода намоянд ва саҳми худро дар эҷоди қонунҳо гузоранд [161, с. 356].

Вобаста ба вазифаи суд ҳаминро гуфтан зарур аст, ки амалисозии адолат ин ягона мақсаде аст, ки онро халқ аз ниҳодҳои судӣ талаб мекунад. Адолати судӣ яке аз зуҳуроти муҳим ва асосии амалигардонии ҳокимияти судӣ ба шумор рафта, дар фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ, мавқеи хосаро дорад, ки амалӣ карда шудани он тибқи муқаррароти Конститутсия ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ваколати мақомоти судӣ вогузор карда шудааст. Амалӣ намудани адолати судӣ ваколати истисноии мақомоти судӣ эътироф гардида, дигар мақомоти давлатӣ ҳуқуқ надоранд онро ба амал баро-ранд.

Роҳҳои асосии ба амал баровардани адолати судӣ дар қонунгузории амалкунанда, пеш аз ҳама, дар Қонуни конститутсионӣ

«Дар бораи судҳои Чумҳурии Точикистон» пешбинӣ шудааст, ки бо дарназардошти муқаррароти қонуни конститутсионии мазкур роҳҳои зерини ба амал баровардани адолати судиро зикр кардан мумкин аст:

- баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳои конститутсионӣ;

- баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳои маданӣ, ки бо ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо иртибот доранд;

- баррасии парвандаҳои вобаста ба баҳсҳои оилавӣ;

- баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ; ҳалли масъалаҳо оид ба гунаҳкории судшавандагон; нисбати шахсони дар содир намудани ҷиноят айбдор донисташуда татбиқ намудани чораҳои ҷазои бо қонун муқарраргардида; сафед намудани шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят бегуноҳ дониста шудаанд;

- баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани баҳсҳои иқтисодӣ;

- баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.

Тартиби баррасии парвандаҳои зикршуда дар доираи муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ ба танзим дароварда мешаванд. Тартиби баррасии парвандаҳои конститутсионӣ аз ин қоида истисно буда, дар доираи муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ ба танзим дароварда намешаванд. Тартиби баррасии парвандаҳое, ки ба ваколати Суди конститутсионӣ вогузор гардидаанд, дар доираи муқаррароти Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба танзим дароварда мешаванд.

Чорум, тамоми масъалаҳо вобаста ба амалӣ намудани адолати судӣ танҳо дар мурофиаҳои судӣ ҳаллу фасл карда мешаванд ва тартиби мурофиаи судӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ мутаносибан бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, маданӣ, мурофиавии иқтисодӣ ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад [128, с. 38].

Вазифаи ҳокимияти судӣ иҷро кардани меъёрҳои Конститутсия ва

қонунгузорӣ мебошад ва судяҳои суди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ мутобиқ ба он амал мекунанд. Дар роҳи ба амал баровардани адолати судӣ, вазифаи суд аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, корхонаву муассиса ва ташкилотҳо иборат мебошад ва дар ин самт онҳо ҳамчун кафили ҳуқуқдории шаҳрвандон фаъолият мекунанд. Маҳз дар доираи ҳамин ваколатҳо судҳо адолати судиро таъмин мекунанд.

Конститутсияи соли 1994 на танҳо шароити қонунӣ барои фаъолияти судҳоро таъмин намуд, балки бо роҳи тақсимбандии онҳо ба судҳои умумӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ зарурати риояи қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузории мурофиавӣ ва тобеияти судиро мувофиқи принсипи конститутсионии танҳо аз тарафи суд ба амал баровардани адолати судиро ҷорӣ намуд.

Дастгирии пайвастаи ҳокимияти судӣ аз ҷониби давлат, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷавобгӯ ба талаботи имрӯза, бо маром идома ёфтани ислоҳоти низоми судӣ ва беҳтар гардидани шароти иҷтимоии кормандони мақомоти судӣ боиси он гардид, ки ҳокимияти судӣ дар кишвар ташаккул ёфта, боварии аҳолӣ ба ин ниҳоди ҳокимияти давлатӣ рӯз аз рӯз меафзояд.

Оид ба дурнамои рушди мақомоти судӣ андешаи муҳаққиқонро таҳлил намуда қайд намудан зарур аст, ки баҳри боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти судӣ дар кишвар ва минтақаҳои он пеш аз ҳама мо бояд диққатро ба маърифати ҳуқуқии на танҳо судяҳо балки аҳолии кишвар ҷалб намоем. Беҳуда нест, ки соли 2024 соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардида, дар ҳошияи он садҳо монография ва корҳои илмиву таҳқиқотӣ анҷом дода шуд. Баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ сабаби беҳтар гаштани кори судҳо мегардад.

Барои беҳбуд бахшидан ба кори суд мо пеш аз ҳама ба корҳои маърифатноккунонии ҷомеа ва мутахассисони соҳавӣ пардозем.

Дар ин масъала бояд фаъолияти маркази таҳияи лоиҳаи қонунҳо - Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон неруманд карда шавад. Сухан

дар бораи ташкили марказҳои муҷаҳҳази таҳияи лоиҳаи қонунҳо меравад, ки Вазорати адлия яке аз чунин марказҳои расмии таҳияи қонунҳо ба шумор меравад. Мутахассисони варзида бояд барои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷалб карда шаванд. Дигар Маркази миллии қонунгузорӣ тибқи Оинномаи худ беш аз 30 самти фаъолият дорад, ки муҳимтарини он хулосаву пешниҳод барои такмили қонунгузорӣ мебошад. Ба андешаи мо, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон бояд бо қонунгузории амалкунанда кор карда, баҳри такмили он якчанд самту омилҳоро истифода намояд. Марказ бояд на танҳо ҳуқуқшиносони лаёқатманд, балки ҷомеашиносон, файласуфон, психологҳо, низошиносонро муттаҳид намояд, ки лоиҳаи қонун ва қонунҳои амалкунандаро бо роҳи омӯзиш, таҳлилу мушоҳида ва баҳсҳое ки он ба вуҷуд меоварад, таҳқиқ намуда, баҳри такмили қонунгузорӣ пешниҳод ироа намояд, ки бо мушоҳидаву таҳлилҳои сотсиологӣ, психологӣ, иқтисодӣ, асосноккунии фалсафиву назариявӣ, консепсияи қабули он муҷаҳҳаз бошад. Дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ бояд таҷрибаи таърихии ҳуқуқэҷодкунӣ, падидаву ниҳодҳое, ки ба тариқи идомат то имрӯз омада расидаанд, сабақҳои таърихӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории кишварҳои хориҷ бо Тоҷикистон амалӣ гардад. Институти мазкур метавонад сарчашмаи эҳёи фарҳанги ҳуқуқии ниёгон гардад. Махсусан сарчашмаҳои ҳуқуқии ориёӣ, зардуштӣ, исломӣ метавонанд барои миллӣ гардонидани санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, эҳёи ниҳодҳои миллии давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ роҳ кушоянд.

Азбаски Тоҷикистон дар давоми як садсола борҳо ба тағйироти ҷиддии иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва идоелогӣ дучор гардид, дар фаъолияти мақомоти судӣ низ таҷрибаи гаронбаҳои амалӣ ҳосил шудааст. Вақти он расидааст, ки ҳар як саҳифаи таърихии давлатдории миллати тоҷик ва мақомоти гуногуни он таҳлилу баррасӣ ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шавад. Мақомоти судии давраи гузариш, омилҳои таъсиррасон дар марҳилаи гузариш, диққат додан ба

парадигмаҳои куҳнаву нав, дарки онҳо ва дар шароити нав истифода бурдани онҳо натиҷаи омӯзиши амиқи онҳо хоҳад буд.

Мақомоти судӣ яке аз мақомоти ҳассос дар давраи гузаришҳо, тағйироти ҷиддии иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад. Новобаста аз таърихи куҳан ва ё давраи наву навтарин мо мушоҳида мекунем, ки мақомоти судӣ ҳамеша холигии ба вуҷудомада дар мафкура, иҷтимоиёт ва иқтисодиётро пештар эҳсос менамояд, чунки дар давраи гузариш низ суд бояд қарор қабул кунад. Вале асоси қарор чист? Санади куҳнашуда ва ё муносибатҳои нав, ки ҳанӯз қонунгузорӣ ифодаи аниқи онро инъикос накардааст. Дар ин марҳила масъалаи ошкор кардани таносуби меъёри қонун ва мақсаднокӣ (целесообразность) муҳим мегардад.

Беҳуда нест, ки аллакай чор Барномаи давлатии ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифт. Ин барномаҳо солҳои:

1) Оғози ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар таърихи давлатдории миллӣ аз солҳои 1990-1994;

2) Марҳилаи дуюми ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар солҳои 1994-2003;

3) Марҳилаи сеюми ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар солҳои 2003-2016;

4)Марҳилаи чоруми ислоҳоти судию ҳуқуқӣ аз соли 2016 оғоз шудааст.

Як қатор тадбирҳои оҷилӣ ки барои мутобиқ намудани мақомоти судӣ ба талаботи муосири ҳокимияти давлатӣ лозим буданд, мавриди амал қарор гирифтанд, вале то имрӯз ҷомеа ба ҳадафҳои асосии худ дар ин самт нарасидааст. Сабабҳои объективию субъективии ин ҳолат вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, ҳадафгузории мақсаднок дар ин самт, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа илман асоснок карда шуда бошад, мавҷуд нест. Дуюм, норасоии маблағҳои буҷавӣ барои амалӣ намудани тадбирҳои пешбинишуда сабаби асосӣ аст.

Дар ҷараёни ислоҳотҳои судии дар кишвар амалишуда ва имрӯз дар кишвар равишҳои гуногун дар муайян кардани дурнамои рушди мақомоти судӣ вуҷуд дорад.

Яке аз равишҳои бештар баҳсбарангез ин ислоҳоти мақомоти марказии судӣ аст. Тибқи ин андеша сухан дар бораи таъсиси Суди Олии ягона меравад, ки он бояд Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро муттаҳид намояд. Албатта, яке аз асосҳои муттаҳидсозӣ сарфаи хароҷот барои нигоҳдошти мақомоти марказии ин судҳо мебошад. Дар ин ҳолат Суди ягонаи Олӣ боқӣ монда, Суди иқтисодӣ дар шакли низоми ягонаи тобеъи суди олӣ боқӣ мемонад ва ё дар судҳои умумӣ басти судяи иқтисодӣ таъсиси мешавад. Баҳси мазкур ҷанбаҳои мураккаб дорад. Сухан дар бораи он меравад, ки муҳаққиқони зиёд оид ба таҷзияи суди умумӣ ва низоми суди оилавӣ ва суди маъмурӣ пешниҳодҳо кардаанд. Ин пешниҳодҳо асоснок ҳам шудаанд. Ҳар яке аз самтҳои мурофиаи оилавӣ, маъмурӣ, арбитраж ва суди иқтисодӣ, суди ҳакамӣ нозукиҳои худро дошта, тибқи талаботи самт баррасӣ мешаванд. Дар ҳолати таъсиси судҳои алоҳида дар ин самтҳо фаъолияти ҳокимияти судӣ беҳтару муфид мегардад, вале таъмини молиявӣ, бино, техника мумкин барои таҷзияи судӣ имконият намедиҳад. Ба ҳар ҳол ин гуна таҷзия, дурнамои мақомоти судӣ аст на имрӯз ва ё фардои он.

Дар ҳамин вазъият оид ба Суди Конститусионии кишвар баҳсҳо камтар ҳастанд. Ҳол он ки таҳлили руякии ҳисоботи мақомоти судии мазкур баёнгари камфаъолияти он мебошад. Дар ҳолати мавҷуд набудани шароит барои фаъолияти васеи ин мақомот, он бояд барҳам дода шуда ва ё як Раёсат ва ё коллегияи Суди олӣ мубаддал карда шавад. Дар ин ҳолат аз судяҳои олирутбаи суди конститутсионӣ ҳамчун узви коллегияҳои дигари судӣ метавон истифода бурд.

Имрӯз суди конститутсионӣ ҳамчун декоратсия дар арсаи ҳокимияти давлатӣ ба назар мерасад. Шароити муосири давлатдорӣ ва системаи тавозуни бавуҷудомада, барои ба вуҷуд омадани ғасби ҳокимият ва ё суиистифода аз ваколатҳои шохаи дигари ҳокимият имконият намедиҳад, аз ин сабаб, мавҷудияти чунин мақомот дар шароити муосири кишвар зарурат надорад.

Ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999, 2003 ва махсусан 2022 барои воқеи гардонидани тақсимоти ҳокимият хизмат намуда, як қатор тағйиротҳо мавқеи шохаҳои ҳокимияти қонунгузорӣ ва судиро ба таври назаррас тағйир доданд. Ислоҳот бояд давом дода шуда, масъалаи мустақилияти мақомоти судӣ, ҷудо кардани маблағгузории онҳо дар буҷаи кишвар, дар асоси озмун интихоб шудани онҳо ба роҳ монда шавад.

Мақомоти судӣ дар таърихи рушди худ таҷрибаи амалии бузургеро пайдо намудааст. Ин таҷриба бояд дар дурнамои рушди ин мақомот ба таври васеъ истифода шавад. Масалан таъсиси судҳои рафиқона, судҳои ҷамъиятӣ бояд аз тариқи қонунгузорӣ барои кам кардани сарбории судҳои умумӣ истифода шавад. Яке аз роҳҳои кам кардани хароҷоти буҷаи давлатӣ барои мақомот ҳамин аст. Инчунин, ин чорабинӣ метавонад пеши роҳи ришваситонӣ ва ҷиноятҳои корруптсиониро гирад.

Як қатор норасоиҳои мавҷуда дар фаъолияти судҳо низ бояд ислоҳ гардад. Яке аз камбудиҳои ҷиддӣ дар фаъолияти мақомоти судӣ мухолифати санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ байни ҳам мебошад. Ҷузъи дигари масъалаи мазкур мавҷуд набудани терминологияи устувори илмӣ ва дарҷ нагардидани мафҳуми устувор дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мебошад. Баъзан матни тоҷикии санад бо матни русии он мухолифат дорад ва ё мазмунан ва ҳаҷман моддаи мазкур дар ду забон бо якдигар мувофиқат надоранд. Ин аз камбудии техникаи қонунгузорӣ шаҳодат медиҳад.

Ин ва дигар камбудиҳо албатта, ба фаъолияти мақомоти судӣ таъсири манфӣ дошта, боиси паст шудани обруи судяҳо мегардад.

Инчунин баланд бардоштани сатҳи шуури касбии судяҳо таълим, таҳсил, тарбия ва такмили ихтисос талаб дорад. Имрӯз шароите ба вуҷуд омадааст, ки ҳайати кормандони судӣ низ барои ташаккули касб ва баланд бардоштани савияи дониши худ ба корҳои илмӣ ва таҳсилу бозомӯзӣ ҷалб карда шавад. Барои судяҳо таъсис додани курсҳои бозомӯзӣ, академияҳои соҳавӣ зарурат дорад.

Имрӯз нақши ҳокимияти судӣ дар рушди давлати демократию ҳуқуқбунёд, таъмини амалишавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии ҳар шахс ва ҳимояи манфиатҳои давлат босазо буда, ҳокимияти судӣ таҳқиқотти аслии худро баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ ва чун маҳсул ва усули он адолати судӣ иҷро менамояд.

## ХУЛОСА

Аз натиҷаҳои таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ – ҳуқуқии ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон хулосаҳои зерин матраҳ шуданд:

1.Муайян гардид, ки ҳокимияти судӣ яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки дар тавозуни байни шохаҳои ҳокимияти сиёсӣ нақши махсуси худро дорад. Ба назари мо омӯзиши ҳокимияти давлатӣ аз он ҷанба муҳиму мубрамм ба назар мерасад, ки он дар умум, фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ ва ҳокимияти иҷроияро хатми мантиқӣ мебахшад. Яъне дар ҳолати ихтиёрӣ риоя гардидани меъёрҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ тартиботи ҷамъиятӣ таъмин ва таҳким гардида, зарурати истифодаи маҷбурсозӣ ба вуҷуд намеояд. Танҳо дар ҳолати вайрон гардидани меъёрҳои дар раванди ҳуқуқэҷодкунии демократӣ ва тибқи расмиёти қонунӣ қабулшуда мақомоти судӣ фаъол мегардад [24-М].

2.Дар баробари ин, таҳқиқот ошкор намуд, ки новобаста аз мавҷудияти низоми ягонаи судӣ дар Тоҷикистон баъзе тафовутҳо дар фаъолият ва амалияи мақомоти судӣ дар минтақаву маҳалҳои гуногуни кишвар дар гузашта ҷой доштанд. Ин тафовутҳо махсусан дар марҳилаҳои пайдоиши давлат ва мақомоти судӣ, давраи зардуштӣ, исломӣ ва таърихи тошуравии тоҷикон бештар ба назар мерасид. Таҳқиқот исбот намуд, ки мақомоти судӣ дар минтақаи алоҳидаи Тоҷикистон - ҳудуди Бадахшон як қатор махсусиятҳои ба худ хос дорад. Далелҳои таърихии мавҷудияти мақомоти гуногуни амалисозандаи адолати судӣ шаҳодат медиҳанд, ки адолати судӣ дар ҳар як минтақаи кишвар ҷанбаҳои хоси амалисозии худро дошт.

3.Муайян гардид, ки таърихи ҳокимияти судӣ дар минтақаи Бадахшон бо таърихи умумии марҳилаҳои рушди ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони тошуравӣ ва минбаъд шуравию пасошуравӣ вобаста аст. Дар ҷараёни таҳқиқот кулли даврабандиҳои таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон таҳқиқ ва мувофиқати он бо рушди ҳокимияти судӣ дар

минтақаи Бадахшон таҳлил шуда, чунин даврабандии марҳилаҳои рушди ҳокимияти судӣ пешниҳод мегарданд:

1) Марҳилаи пайдоиш ва рушди низоми судӣ, ки дараҷаи баланди он қабули Эъломияи Куруши Кабир (515 п.а.м.) буд, ки бори нахуст қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи инсон шакли зоҳирии маҷмуӣ ва хаттӣ қарор гирифта дар асоси ҳамин адолати судӣ низ такмил ёфта дорои принсипҳои муайяни қонунӣ гардид;

2) Марҳилаи мавриди амал гардидани меъёрҳои «Авесто» ва умуман ҳуқуқи зардуштӣ, ниҳодҳои судии ориёӣ-зардуштӣ дар минтақаи Осиёи Миёна ва Хуросон, то замони қонунҳои Деваштич ва ҳуҷуми арабҳо ба ин сарзамин (асри VIII) давом дошт ва дар ин давра адолати судӣ аз руи арзишҳои авастоӣ амалӣ мешуд, ки бевосита дар ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ ва қонунҳои Деваштич низ инъикос ёфта буд;

3). Марҳилаи амали низоми судии исломӣ;

4) Марҳилаи мавҷудияти ҳуқуқ ва низоми судии давраи гузариш.

5) Марҳилаи ҳуқуқ ва низоми судии Шуравӣ ва фаъолият дар асоси таълиомти оилаи ҳуқуқи романо - олмонӣ;

6) Давраи амали қонунгузорӣ ва ниҳодҳои судии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз соли 1991 то имрӯз. [9-М]

4. Муайян гардид, ки ниҳодҳои баррасикунандаи баҳсҳои ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои номбаршуда аз ҳамдигар фарқ дошта, махсусияти хосро доштанд. Як қатор махсусиятҳо дар фаъолияти мақомоти адолати судӣ дар ҳудуди Бадахшон мушоҳида мешуд. Масалан дар марҳилаи сеюм – марҳилаи суди қозӣ дар Бадахшон асосан суди анъанавӣ – суди пиру халифаҳо амал менамуд. Махсусияти дигар, дар марҳилаи гузариши тошуравӣ, яке аз муҳимтарин субъектҳое, ки аҳолӣ барои баррасии баҳсҳои судӣ ба он муроҷиат менамуд, ин намояндагони артиши Россия дар Бадахшон (сардорони дастаҳои ҳарбӣ) буданд. [14-М]

5.Маълум гардид, ки дар минтақаи Бадахшони тошуравӣ, ниҳодҳои амалисозандаи баҳсҳои судӣ аз ниҳодҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, динӣ, ҳарбӣ-мустамликавӣ иборат буданд ва ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии

ин ниҳодҳо - меъёрҳои одатҳои маҳаллӣ, анъанаҳо, дар мавридҳои зарурӣ - меъёрҳои ҳуқуқи ислом, қонунгузории Россия мавриди истифода буданд. Ошкор карда шуд, ки дар давраи тоинқилобӣ дар низоми адолати судӣ, мақоми аз ҳама бонуфузро ниҳодҳои суди қозӣ, руҳониёни маҳаллӣ (пир, халифа), сардори дастаи ҳарбии Россия дар Хоруғ доштанд, ки дар ҳалли баҳсу низоҳои гуногун иштирок мекарданд. [11-М]

6. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҷрибаи судии Тоҷикистони тошуравӣ ва минтақаи Бадахшон дефинитсияҳои "амалисозии адолати судӣ" ва "адолати судӣ" коркард шудаанд, ки ба назари мо барои такмили дастгоҳи мафҳумии институти адолати судӣ муносибанд: "**Амалисозии адолати судӣ** - раванди ҳуқуқие мебошад, ки марҳилаи тосудӣ, судӣ ва дигар марҳилаҳои шикоятиву назоратиро дар бар гирифта, моҳиятан аз ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои тарафҳои баҳс иборат мебошад"; **"Адолати судӣ** – фаъолияти ба муқаррарсозии ҳақиқат дар баҳсҳои ҳуқуқӣ ва моҳиятан ҳал намудани онҳо равонашуда аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони ваколатдор, дар баъзе мавридҳо ашхоси ваколатдорнашудаи маъмурӣ, динӣ ва ҳарбӣ, аз ҷумла шахсони муътабар аст, ки донандаи меъёрҳои ҳуқуқ, қонунгузорӣ, анъана ва одатҳои ҳуқуқии маҳал мебошанд" [7, 8 -М].

7. Дар марҳилаи таърихии мавриди омӯзиш қароргирифта, суди давлатӣ дар минтақа суди қозӣ ба шумор мерафт, ки он – қозиро Амири Бухоро ба мансаб тайин менамуд. Вале қозӣ дар минтақаи Бадахшон на ҳамаи самтҳои фаъолияти қозии дигар минтақаҳои Тоҷикистонро амалӣ менамуд. Салоҳияти қозӣ низ дар баамалбарории адолати судӣ дар минтақа маҳдуд буд. Таҳқиқот маълум сохт, ки қозии тайиншуда асосан даъво ва парвандаҳоеро барои баррасӣ қабул менамуд, ки онҳо дар заминаи ҳуҷҷатҳои давлатӣ, суд ва мақомоти дигар оғоз шуда бошад; даъвоҳое, ки баъд аз баррасии онҳо ҳуҷҷати расмӣ ба тарафҳо бояд омода ва дода шавад; дар сурати розӣ набудани як ва ё ҳарду тараф аз қарори ниҳоду мақомоти дигари маъмурӣ. Аксарияти аҳолӣ низ танҳо дар сурати

лозим будани дарёфти ҳуҷҷати расмӣ ва ё ҳангоми даъво аз болои ҳуҷҷати расмӣ ба қозӣ шикояту даъво пешниҳод мекарданд. Дар баробари ин, фаъолнокии дастаи ҳарбии Россияи подшоҳӣ, ки дар минтақа, дастаҳои марзбонӣ дошт, ба фаъолияти қозӣ ба таври мунтазам дахолат мекард. Дахолати онҳо на танҳо ба тағйир додани қарори суд, балки умуман чи тавре таҳқиқот нишон медиҳад дар тамоми раванди баррасии парванда иштирок намуда, ҳатто бо имзову муҳри худ қарори қозиро тасдиқ мекарданд. Дар минтақаи Бадахшон як навъ дуҳокимияти дар амалисозии адолати судӣ вуҷуд дошт, ки танҳо бо розигии ҳарду ниҳод қарор қабулшуда маҳсуб мешуд. Ин навъ ҳамкории мақомоти судӣ бо мақомоти маъмурии ҳарбӣ ва намояндаи метрополия мебошад. Расмиёти мақбулу устувори баррасии парвандаҳо мушаххас карда нашуда буд. Дар баъзе маврид қозӣ парвандаро оғоз намуда, қарор қабул менамуд. Дар ҷараёни қабули қарор, яъне баррасии парванда сардори дастаи ҳарбӣ ва ё марзбонӣ бевосита иштирок менамуд ва розигии худро изҳор намояд, қарор аз ҷониби қозӣ қабул карда мешуд. Дар мавриди дигар, сардори дастаи ҳарбӣ даъворо қабул ва баррасӣ намуда, барои қабул намудани қарори расмӣ ба қозӣ муроҷиат менамуд. Дар ин ҳолат қозӣ парвандаро аз нав моҳиятан муҳокима намуда, қарори худро қабул мекард. Бо қабул шудани қарори қозӣ сардори дастаи ҳарбӣ низ ба нишони ризоият имзо ва мӯҳри худро дар ҳалнома мегузошт.

Хулоса, дар байни мақомоти судии Аморат ва мақомоти ҳарбию маъмурии Россия дар маҳалл ҳамкорӣ вуҷуд дошт.

8. Дар минтақаи Бадахшон як қатор мақомоти маъмурӣ ба амалисозии адолати судӣ машғул буданд. Бояд қайд намуд, ки сухани Логофет оид ба баамалбарории адолати судӣ аз ҷониби кулли мақомоти маъмурӣ нисбат ба минтақаи Бадахшон низ истифода бурдан мумкин аст. Аммо дар ин минтақа на танҳо баррасии баҳсҳо аз ҷониби ниҳодҳои маъмурӣ мушоҳида гашт, балки ҳангоми амалисозии адолати судӣ мақомоти маъмурӣ бо роҳи ришва ва дахолат кардан ба фаъолияти қозӣ манфиатҳои худро ба даст меоварданд [12-М].

9. Яке аз ниҳодҳои бонуфузи амалисозии адолати судӣ ниҳодҳои динии минтақа буданд. Қозӣ аз ҳисоби табақаи руҳониён ба вазифа тайин карда шуда, дар минтақаи Бадахшон ҳамчун судяи давлатӣ баромад мекард. Аз ин сабаб, таҳлили вазъи амалисозии адолати судӣ моро ба хулосае овард, ки намояндагони руҳониёни маҳаллӣ, яъне намояндагони мазҳаби исмоилия дар Бадахшон бо номи Пир ва халифа, ду ниҳоди муҳим дар ин самт ба шумор мерафтанд. Пир кулли баҳсҳоро байни пайравонаш баррасӣ мекард, ки ба истисноi парвандаҳои таҳти салоҳияти суди давлатӣ, кулли дигар даъвоҳо назди Пир баррасӣ мешуданд. Хариду фурӯш ва меросу ҳадяи замин низ бо розигии пир сурат мегирифт. Халифа, ки ёрдамчии Пир дар маҳалл маҳсуб мегардид, танҳо бо супориши пир метавонист баъзе баҳсҳои муҳимро низ баррасӣ намояд. Халифа дар маҳаллҳои зери тобеъияти худ метавонист аксар масоили баҳсиро баррасӣ намояд. [14-М].

Умуман ниҳоди мазкур баҳсҳои ҳуқуқиро ройгон ва ҳамчун масъулияти динӣ иҷро намуда, дар ҷараёни он ба тарбияи ахлоқиву шуури ҳуқуқии мардум низ аҳамияти бузург дода мешуд.

10.Таҳлили масъалаи иҷроиши ҳалномаҳои Пиру халифа ошкор намуд, ки талаботи ҳалномаҳои онҳо ба таври ихтиёрӣ ва ба таври оҷилӣ иҷро мешуданд. Дар ин масъала қарори қабулнамудаи намояндаи мазҳаб ба шуур ва ҷаҳонбинии динии пайравон такя менамуд. Яъне қарори қабулнамудаи намояндаи мазҳаб аз ҷониби пайравони мазҳаб ҳамчун қарори хислати динидошта қабул карда мешуд ва аз ин сабаб бе дахолати ниҳоду мақомоти беруна ва ё давлатӣ аз ҷониби гунаҳкор ихтиёрона амалӣ карда мешуд. [14-М]. Аз ҷониби дигар, ҷанбаи мусбати баррасии баҳсҳо дар назди пир. пеш аз ҳама, созишу оштии тарафҳоро ба вуҷуд меовард ва ӯ тарафҳоро ба созиш, оштӣ, ҳамдигарбахшӣ талқин мекард. Аз ин сабаб, бо баррасии шудани баҳс тарафҳо дигар нисбат ба якдигар даъво ва ё бадбинӣ надоштанд ва мардум дар ҳамсоягии якдигар зиндагонии худро давом медоданд.

11. Дар баробари мавҷудияти ниҳодҳои зикршудаи баррасии даъвоҳо, инчунин дар минтақа “Суди илоҳӣ (Худо)” амал мекард. Ин суд асосан оид ба як қатор баҳсҳои байни аҳолӣ амал мекард. Дар он аксаран роҳбарони маҳалл, ашхоси куҳансол ва бонуфузи маҳалл ба сифати судяи коллективӣ баромад мекарданд. Баъзан кулли аҳолии маҳалла, куча, деҳа метавонист ҳукми ҷазо додани шахсе ва ё гурӯҳи гунаҳкоронро қабул кунад. Масалан, ҳангоми содир намудани гуноҳи “зино” кулли ҳамсояҳо ба сифати суду шоҳид баромад мекарданд. Аксари ин гунаҳкорон бо ба даҳон гирифтани пистони духтар ва ё зани ба зино гунаҳкор ӯро хоҳар ё модар хитоб мекарданд. Аз ҷониби дигар, ҷазоҳои аз болои асп тир задан ба гунаҳкор низ яке аз ҷазоҳои ин гуна ниҳодҳои ҷамъиятӣ буд.

12. Дар давраи шуравӣ рушди мақомоти судӣ дар минтақаи Бадахшон бошад дар баробари таъсиси суди давлатии шуравӣ, инчунин судҳои рафиқона таъсис дода шуда буданд, ки ба баррасии баъзе баҳсҳои байни аҳолӣ машғул мегаштанд. Судҳои ҷамъиятӣ ва судҳои рафиқона бо сабаби камхарҷ, ё бехароҷот будан, созиш додани тарафҳо, ба зиммаи давлат нагузоштани уҳдадорӣ дар шароити буҳронӣ хароҷоти давлатиро хеле кам ва ба сатҳи поин мерасонад. [3-М].

Таъсиси Ҳокимияти шуравӣ дар ҳудуди Тоҷикистон муосир ва минтақаҳои гуногуни солҳои 1917-1930 дар бар гирифт. Дар фарқият аз минтақаҳои дигари Тоҷикистони Шуравӣ дар минтақаи Бадахшон зиддияти гурӯҳҳои зиддишуравӣ камтар ба назар мерасад, аз ин хотир Ҳокимияти шуравӣ дар ин минтақа ба таври пай дар пай устувор мегардад. Дар баробари ин мақомоти судӣ низ дар минтақа ба таври идомат таъсис дода мешавад.

13. Дар охири солҳои 80-ум ба арсаи сиёсии кишвар падидаҳои буҳрони сиёсӣ мушоҳида гардида, он боиси заиф гардидани фаъолияти судҳо мегардад. Дар сартосари кишвар муносибатҳои нави иқтисодӣ ҷорӣ гардиданд. Дар заминаи равандҳои сиёсӣ, ки аз маркази давлати Шуравӣ оғоз гардиданд, низоми судӣ дар баробари дигар сохторҳои давлатӣ ба буҳрони шадид дучор гардид, ки натиҷаи он аз ҳам пош хӯрдани низоми

судии Иттиҳоди Шуравӣ гардид. Дар солҳои 90-уми асри XX сатҳи ҷинояткорӣ дар ВМКБ хеле зиёд гардид. Дар аввали соли 1992 ба вазъияти душвор нигоҳ накарда, судҳо кори худро дар самти таъмини адолати судӣ идома доданд [10-М].

14.Таърихи фаъолияти судҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нишон дод, ки аз аввали таъсисёбӣ то ба имрӯз кормандони суд дар роҳи таъмини адолати судӣ ва паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ нақши муҳим доштанд, аммо новобаста аз муваффақиятҳо, низоми судии кишвар ҳоло ҳам ниёз ба ислоҳот ва таҷдид дорад. Мавқеи идораи суд ва нақши калидии он барои ҷомеаи муосир, судяҳоро водор месозад ки дар самти таъмини адолати судӣ масъулияти бештар эҳсос намуда, дар пешрафти ҷомеъаи солим, сулҳхоҳ ва адолатпарвар саҳмгузор бошанд.

15.Таҳқиқот маълум намуд, ки судҳо дар таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон нақши асосӣ доранд ва танҳо ҳифзи ин ҳуқуқ ва озодиҳо меъёри баҳогузории фаъолияти судҳо ба шумор меравад. Омӯзиши ин мавзуъ имкон дод, ки фаъолияти судҳо дар ноҳияҳои дурдаст мавриди таҳлил қарор дода шуда, риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар мисоли ин ноҳияҳо таҳқиқ гардад, зеро дар аксар маврид таҷрибаи дахолат кардан ба кори мақомоти судӣ маҳз дар ноҳияҳо аз тарафи ниҳодҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мушоҳида мешавад.

## ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

Аз натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои зерин барои истифода пешниҳод мегарданд:

1. Робитаи мақомоти судӣ бо аҳолӣ бояд беҳтар карда шуда, нақши аслии судҳо дар назди мардум ҳамчун ниҳоди таъмини адолат намоён бошад. Дар робита ба ин, зарур аст, алоқаи судҳо бо аҳолӣ тавассути чорабиниҳои гуногун тақвият дода шуда, махсусан таъсиси судҳои рафиқона дар корхонаву ташкилотҳо мувофиқи мақсад мебошад. Барои ин таҷрибаи ғании суди замони Шуравиро метавон васеъ истифода кард.

2. Таҷрибаи кори судҳо дар таърихи кишвар ва замони истиқлолияти Тоҷикистон, барои ташвиқ ва тарғиби тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар шакли корҳои илмӣ, монографияҳо, таҳқиқотҳои илмӣ ва дар шакли маводҳои дарсӣ таҳи карда шуда, дар мактабу донишгоҳҳо ҳамчун маводи дарсӣ васеъ истифода карда шаванд.

3. Маводи таҳқиқоти мазкур саҳифаҳои таҳқиқнашудаи илмиро дар бар гирифта, барои комил гардидани муҳтавои як қатор илмҳо: “Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон”, “Ҳуқуқи судӣ”, фанҳои ба ҳуқуқи мурофиавӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ бахшидашуда, мусоидат мекунад. Он метавонад ҳамчун маводи таълимӣ барои таҳсили судя-коромузон истифода гардад. Таҳқиқот ҳамчун маводи мукаммали илмӣ метавонад дар шакли монография барои омузиши умумии таърихи судҳо ва фаъолияти онҳо дар давраҳои гуногун ва барои таҳияи таърихи судҳои Тоҷикистон ва омӯзиши амалия ва таҷрибаи судӣ истифода карда шавад.

4. Бо назардошти он, ки соли 2024 дар Тоҷикистон ва соли 2027 дар ҳудуди ИДМ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шудааст, ва то имрӯз дар доираи он чорабиниҳои гуногун гузаронида шуданд,тарғибу ташвиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бояд аз тариқи суд ва судяҳо низ фаъолона ба роҳ монда шавад, то ин ки мақомоти судӣ низ дар ин самт саҳмгузор бошад.

5. Дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ тавсия гардид, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти судҳо низ ба роҳ монда шавад. Зарурати рақамикунонии фаъолияти мақомоти судӣ, бахусус дар ВМКБ аз вазъи ҷуғрофӣ, дар масофаи дур аз марказ қарор доштани деҳаҳои аҳолинишин, мушкилоти дастрасӣ барои ниҳодҳои судии ВМКБ иборат аст.

6. Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва дар доираи пасошуравӣ мунтазам семинарҳо, симпозиум ва конференсияҳои илмӣ-назариявӣ оид ба таҷрибаи кори судҳо ташкил ва баргузор карда шуда, маводи ин чорабиниҳо дар воситаҳои ахбори омма ва рузномаву маҷаллаҳо нашр карда шавад.

